ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

**Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

*(Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ)*

# *ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА*

***Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни***

*(Серия 2. Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин)*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

**Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni**

*(Series 2: pedagogy and Phychology, Theory and teaching methods)*

№5-6 (9-10)

Душанбе – 2021

***Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашриёҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, шомил шудааст.***

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2018 таҳти № 061/ЖР аз нав ба қайд гирифта шудааст.*

**ISSN 2708 - 5759**
**Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Почтаи электронӣ:**
vestnik.tgpu@gmail. com

**Сомонаи маҷалла:**
http: //vestnik. tgpu. tj

***Сармуҳаррир:*** *Ғаффорӣ Нуъмонҷон Усмонзода – доктори илмҳои таърих профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Муовини сармуҳаррир:*** *Мирзораҳимов Акобир Каримович – доктори илмҳои биология муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

***Котиби масъул: Одинаев А.Н.***

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР)шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст. http: //elibrary.ru*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
***Маҷидова Б.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нуъмонов М.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Иматова Л.М.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Алиев С.Н.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нуров А.*** *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Абдуллоева Р.Х.*** *– номзади илми педагогӣ, дотсент*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021***

***Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук.***

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 11 июня 2018 года за № 061/ЖР*

**Тел. :** (+992 37) 224-20-12

**Факс:** (+992 37) 224-13-83

**Электронная почта:**
vestnik. tgpu@gmail. com

**Сайт журнала:**
http: //vestnik. tgpu. tj

***Главный редактор:*** *Гаффори Нуъмонджон Усмонзоде - доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

***Зам. главного редактора:*** *Мирзорахимов Акобир Каримович - доктор биологических наук, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

***Ответственный редактор: Одинаев А.Н.***

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки. http: //elibrary.ru*

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

***Маджидова Б.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов М.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Шарипова Д.Я.*** *– доктор педагогических наук, профессор*
***Иматова Л.М.*** *- доктор педагогических наук, доцент*
***Сайфуллоев Х.Г.*** *– доктор педагогических наук, доцент*
***Алиев С.Н.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нуров А.*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Абдуллаева Р.Х.*** *- кандидат педагогических наук, доцент*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2021***

***The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.***

*The magazine is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan on June 11, 2018 for No. 061/ZhR*

**Phone:** (+992 37) 224-20-12

**Fax:** (+992 37) 224-13-83

**E-mail:** vestnik.tgpu@gmail.com

**Journal website:** http: //vestnik.tgpu.tj

***Editor-in-chief:*** *Gaffori Nu'monjon Usmonzoda - doctor of historical sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

***Deputy Editor-in-chief:*** *Mirzorahimov Akobir Karimovich - doctor of biological sciences, vice-rector on scientific works of TSPU named after S. Ayni*

***Executive Editor: Odinaev A.N.***

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

## THE EDITORIAL BOARD:

***Majidova B.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nugmonov M.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Sharipova D.Y.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Imatova L.M.*** *- doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Saifulloev H.G.*** *- doctor of pedagogical sciences, Associate Professor*
***Aliev S.N.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Nurov A.*** *- doctor of pedagogical sciences, Professor*
***Abdullayeva R. KH.*** *– candidate of pedagogical sciences, Associate Professor*

***© Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, 2021***

## МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

### ШАХСИЯТҲОИ БУЗУРГИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ / ВЫДАЮЩИЕСЯ ЛИЧНОСТИ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА


***Сайнаков С. П., Одинаев А. Н.***
Фаъолияти илмӣ - таҳқиқотӣ ва педагогии профессор Ҳайдаршо Пирумшоев ........ 7
***Солеҳов Ш.***
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо ........ 17
***Сулаймонов И. О.***
Рушди грамматикаи забони тоҷикӣ ва универсализми Шарофиддин Рустамов ........ 20
***Холназаров Р. М.***
Баъзе паҳлуҳои фаъолияти илмии профессор Ғаффор Ҷӯраев ........ 25
***Ниятбекова А.Ю***.
Главный принцип Розы Хакимовны - мудрость руководителя ........ 28
***Амаков И.Б., Аюбов Д.М.***
Муҳаққиқи дилсӯзу пуркор ........ 31
***Баротова Г. Ю.***
Педагог – это не просто, а высокая миссия сотворения личности, утверждения человека в человеке ........ 33
***Сайфуллоев Х.***
Храбрый воин, чуткий педагог и настоящий человек ........ 34
***Нуров А.***
Профессор Баён Раҳимов-муҳаққиқи педагогикаи миллӣ ва умумибашарӣ ........ 45
***Умаров У.С., Зафари У.***
Қодиров Бобоқул Абдуллоевич - тадқиқотчии илми полимерҳо ........ 51
***Азизов Ш.С., Амаков И.Б.***
Фозиле дар роҳи илм ........ 56
***Неъматов А., Умаров У. С., Сияҳаков С. М., Муҳаббатов Х. Қ.***
Набошад мурод он, ки ҷӯянда нест ........ 58
***Обидова М. И.***
Поягузори таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 64
***Умаров У.С., Раҷабов У.Х., Сияҳаков С.М.***
Нақши Барот Мирзоев дар рушди мактаби методистони физика ........ 68
***Маҷидов Ҳ., Мирзомамадов А. Г.***
Ҳамчун олими соҳаи физикаи гармӣ сабзида расид ........ 79
***Қурбонов А.Р.***
Устоди мактабдор ........ 86
***Иноятова Ш. И.***
Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист ........ 88
***Мирганова Н. Р.***
Деятельность наследников научной школы Людмилы Владимировны Успенской в наши дни ........ 90
***Раҳматуллозода С. Р.***
Муҳаққиқи ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ........ 95
***Шодии Д.***
Олими мумтоз ва инсони комил ........ 102

***Боқиев Ҳ., Фозилов С.***
Фазилатгустар.................................................................................................. 106
***Маҷидова Б.***
Фидоии илму модари дилсӯз ............................................................................... 108
***Насриддинов З.***
Дар таълиф тозакор, дар таълим навҷӯ................................................................ 110
***Абдуллоев И.***
Эҳёгари педагогикаи аҷам ва методикаи таълими муосир.......................................... 114
***Каюмова Х.Т.***
Компетентностный подход-основа организации самостоятельной работы студентов........ 118
***Кенҷаева З., Қаюмова Ҳ.***
Асосҳои равонӣ-педагогии ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён ............................ 122
***Мирзоев А.М., Умаров У.С.***
Шинос кардани хонандагон ба офатҳои табиӣ ва роҳҳои паст кардани хатари онҳо
тибқи барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии физика ................................................ 127
***Файзизода Ф.***
Гендерные особенности проявления компонентов интеллектуальной одаренности у
учащихся раннего подросткового возраста (на примере Республики Таджикистан).......... 137
***Абдуллоева З.Н.***
Особенности развития акмеологической компетентности будущих
учителей математики ......................................................................................... 143
***Сайдаҳмадова С. М.***
Нақши анъанаҳои миллӣ ва одатҳои Тоҷикистон дар тарбияи экологӣ........................ 147
***Кӯчарзода Ҳ.***
Ақидаҳои инсонмеҳварии Абдураҳмони Ҷомӣ ва таъсири он ба ҷаҳонбинии наврасон ....... 152
***Ахророва Г.У.***
Муносибати этнопедагогӣ дар раванди таълим ва тарбияи насли наврас ........................ 156
***Шарифхон А. Р.***
Таълифи китобҳои дарсии забони англисӣ тибқи низоми нави таҳсилот........................ 161

# ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ - ТАҲҚИҚОТӢ ВА ПЕДАГОГИИ ПРОФЕССОР ҲАЙДАРШО ПИРУМШОЕВ

*Сайнаков С. П., Одинаев А. Н.*
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Дар ҳифзу нигоҳдории хотираи таърихӣ ва кору пайкори ҳар қавму миллат муаррихони он халқ нақши асосиро иҷро намуда, масъул ҳам мебошанд. Дар дарозои таърих аз миёни тоҷикон муаррихоне баромаданд, ки бо асарҳои худ дар ҷаҳон машҳур гаштанд. Аммо новобаста ба ин, мо – тоҷикон то солҳои 30-юми асри XX, муассисаи касбии миллие надоштем, ки дар он махсус муаррихони касбӣ тайёр карда шаванд. Бо тақозои замон, соли 1931 Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи С. Айнӣ) таъсис дода шуд, ки ҳамзамон факултети таърихи он низ ба фаъолият сар карда, то солҳои 50-ум маҳз устодон ва мутахассисони тайёркардаи он дар ҷумҳурӣ ба таҳқиқи таърихи халқи тоҷик машғул буда, нақши калонро бозӣ карданд. Дар ин ҷода зарур аст, ки аз саромадону устодони аввалини факултет – Константин Николаевич Гаврилкин, С. Володарский, Бобоҷон Ғафуров, Баҳодур Искандаров, Аббос Алиев, Александр Александрович Семёнов, Зариф Раҷабов, П. Евсеев, В. Скорман, Н. Хижняк, А. Аксенов, К. Астафев, Эмма Абрамовна Зилберова, Ҳотам Назарзода, Усмон Мухторов ва дигарон ёдоварӣ намуд. Саҳми омӯзгорони мазкур дар таълими таърих, тайёр намудани мутахассисони таърихшинос ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ниҳоят калон буда, онҳо аз худ асарҳои арзишмандро ба мерос мондаанд, ки бузургтарин таҳқиқот дар байни онҳо «Тоҷикон» - и академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳисоб рафта, эътирофи байналмилалиро соҳиб гаштааст. Маҳз ҳамин устодон ба мактаби таърихии ДДОТ ба номи С. Айнӣ асос гузоштанд, ки дар солҳои минбаъда аз ин даргоҳи таълимию илмӣ насли ҷадиди муаррихон баромада, анъанаи гузаштагони худро идома доданд, ки яке аз онҳо профессор Ҳайдаршо Пирумшоев мебошад.

Дар қатори дастпарварони намоёну номвари факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ профессор Ҳайдаршо Пирумшоев ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Мазкур солҳои дароз дар факултети таърих ба таълими яке аз фанҳои асосию мушкилтарини соҳаи таърих – таърихнигорӣ (таърихи илми таърих) машғул буда, дар равияи мазкур дар ҷумҳурӣ пешсаф мебошад.

Ҳайдаршо Пирумшоев яке аз муаррихони маъруфи тоҷик, доктори илмҳои таърих, профессор, академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, яке аз сермаҳсултарин олимони соҳаи таърих, таърихнигорӣ ва манбаъшиносии байни олимони муосири Тоҷикистон буда, дар таҳқиқи таърихи масъалаҳои муносиботи Россия ва Осиёи Миёна, Бухорои Шарқӣ ва Помир, таърихнигории давлати Сомониён, инчунин кишваршиносии таърихии тоҷик саҳми калон гузоштааст. Осори профессор Ҳайдаршо Пирумшоевро таҳлила намуда, шахс дармеёбад, ки ӯ тибқи усулу шиори дар илми таърих маъмул *sine ira et studio* – бидуни хашму ғараз амал намуда, аз ақидаҳои ҷониби манфиатдор канор буда, ҳадафи олии худро таҳқиқ ва муаррифии воқеъбинонаи ҳаводиси таърихӣ интихоб намудааст.

Профессор Ҳайдаршо Пирумшоев бо сабк ва усули хоси худ ба доираи илмии таърихи ватанӣ ворид шуда, имрӯз соҳиби мактаби хеш буда, он аз ҷониби муаррихони касбӣ эътироф гардидааст.

Агар назаре ба таърихнигории масъалаи таҳқиқи ҳолномаи профессор Ҳайдаршо Пирумшоев намоем, ҳаёт ва фаъолияти илмии мазкур дар як қатор мақолаҳои матбуоти даврӣ ва як таҳқиқоти мукаммали илмӣ, ки ба қалами профессор М. Маликов [7] тааллуқ дорад, инъикос гардидааст. Ғайр аз ин, ба муносибати таҷлили 60-солагӣ [42] ва 70-солагии олим [40] маҷмӯи мақолаҳои ҳамкасбону

шогирдон низ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияташ аз нашр баромад, ки аҳамияти муҳими илмӣ ва хотиравӣ доранд.

Фаъолияти илмию педагогии профессор Ҳ. Пирумшоев дар таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ [25] ва таърихи факултети донишгоҳи мазкур [26] низ оварда шудааст. Инчунин фаъолияти илмию педагогии профессор Ҳ. Пирумшоев, дар як қатор мақолаҳои матбуоти даврию ҷашнвораҳо инъикос ёфтааст, ки номгӯи онҳо дар китобномаи махсуси ҷашнӣ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Сулаймоншо Ғуломшоев мураттаб шудааст, алоҳида гирдоварӣ шуданд [6].

Профессор Ҳайдаршо Пирумшоев 30 декабри соли 1944 дар деҳаи Водхуди ноҳияи Ванҷи ВМКБ, ҶШС Тоҷикистон, ИҶШС дар хонаводаи зиёӣ ба дунё омада, баъди хатми синфи 8-уми мактаби зодгоҳаш соли 1959 ба Омӯзишгоҳи педагогии Навобод дохил гардида, ҳамчун шогирди фаъол ва яке аз хатмкунандагону дастпарварони намунаи ибрат буда, айни замон дар лавҳаи хатмкунандагони беҳтарину номбардори омӯзишгоҳи мазкур сурати хотиравии ӯ ҷой дода шудааст. Ҳайдаршо Пирумшоев баъди хатми омӯзишгоҳ соли 1963 ба сафи донишҷӯёни факултети таърихи Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко дохил шуда, онро соли 1970 хатм кардааст. Ҳайдаршо Пирумшоев ҳангоми таҳсил дар факултети таърих аз лексияҳои академикҳо Баҳодур Искандаров, Мулло Эркаев, профессорон Маҷлис Одилов, Солеҳ Ғуломов ва дигарон баҳраманд гардида, баъди хатми институт ба сифати ассистент дар кафедраи таърихи ИҶШС (ҳозира кафедраи таърихи халқи тоҷик) - и ҳамин муассиса ба фаъолият идома дод [7, с. 10 – 11].

Баъди ду соли фаъолияти омӯзгории худ ба сифати ассистент Ҳайдаршо Пирумшоев соли 1972 ба аспирантура дохил мешавад. Зарур аст қайд карда шавад, ки он вақтҳо дохил шудан ба аспирантура хеле мушкил буд, зеро аз як тараф агар ҷойи кам ҷудо карда мешуд, аз ҷониби дигар сафи довталабон барои иштирок варзидан дар озмун хеле зиёд буд. Масалан, ҳамон соле, ки Ҳайдаршо Пирумшоев ба аспирантура дохил мешавад барои кафедраи таърихи ИҶШС танҳо як ҷой ҷудо гардида буд, ҳоло он ки дар кафедра боз ба ғайри ӯ 6 нафар ассистентон буданд, ки мехостанд ба аспирантура дохил шаванд. Барои ҳамин роҳбарияти кафедраро зарур омад, ки масъалаи мазкурро дар ҷаласаи худ тавассути интихоби озодона ҳал намояд. Ҳамин тариқ, дастовардҳои илмии Ҳ. Пирумшоевро ба инобат гирифта, қарори якдилона қабул шуд, ки аз байни ассистентон маҳз ӯ ба аспирантура тавсия карда шавад [7].

Дар вақти таҳсил дар аспирантура, Ҳайдаршо Пирумшоев зимни як сафари илмӣ ба шаҳри Москва ба қабули директори Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС, академик Бобоҷон Ғафуров шарафёб гардид. Бобоҷон Ғафуров масъалаи таҳсили Ҳайдаршо Пирумшоевро ба аспирантураи назди Институти шарқшиносӣ ба миён гузошт, аммо бо сабаби он ки гузариши аспирантони низоми мактабҳои олӣ ба аспирантураи низоми Академияи илмҳо бо қарори расмии Ҳокимияти Шӯравӣ манъ шуда буд, ин пешниҳоди аллома Б. Ғафуров амалӣ нагардид [7, с. 15].

Пас аз бозгашт ба Душанбе роҳбари илмии Ҳ. Пирумшоев профессор Маҷлис Одилов таъйин гардида, ба ӯ яке аз мавзӯъҳои муҳим «Шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар асарҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус»-ро ба сифати кори диссертатсионӣ пешниҳод менамояд. Бо ҳамин, равияи илмии профессори оянда, он ҳам бошад дар мушкилтарин самти таҳқиқоти таърихӣ, яъне таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ муайян гардид.

Он вақт оид ба равияи мазкури илмӣ дар Тоҷикистон мутахассисони дараҷаи илмӣ дошта ангуштшумор буданд. Аммо дар кафедраи таърихи ИҶШС-и Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко олими ҷавон Наримон Мансурович Акрамов фаъолият мекард, ки маҳз дар ҳамин равия зери роҳбарии муаррих-бостоншиноси машҳур, муҳаррири нашри русии китоби «Тоҷикон» - и Бобоҷон Ғафуров – Борис Анатолевич Литвинский рисолаи номзадиро дифоъ намуда, сентябри соли 1972 ба докторантура дохил шуда, фаъолияти илмии худро боз ҳам зери роҳбарии бостоншиноси мазкур идома медод. Тақдир корро чунин ранг бахшид, ки Наримон Мансурович Акрамов диссертатсияи доктории худро дар мавзӯи «Муҳаққиқони рус ва саҳми онҳо дар омӯзиши таърих, археология ва мардумшиносии Помир ва Наздипомир» интихоб карда буд. Ба ҳам наздик будани мавзӯъҳои ҳар ду муҳаққиқ боиси он гардид, ки оид ба бисёр масъалаҳо Ҳайдаршо Пирумшоев аз маслиҳатҳои ин ҳамкори бузургсол ва таҷрибадошта баҳраманд гардад. Дигар ин ки тавассути Наримон Акрамов Ҳайдаршо Пирумшоев бо академик Б. А. Литвинский аз

наздик шинос шуда, минбаъд аз маслиҳатҳои илмии ӯ хеле мусмир истифода намуд. Ҳамин тавр, 4 ноябри соли 1979 устод Ҳайдаршо Пирумшоев диссертатсияи номзадии худро дифоъ менамояд, ки дар он бори нахуст сатҳи инъикоси масъалаҳои муҳими шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ – ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва этникии онҳо дар асарҳои олимони тоинқилобии рус таҳлил гардида, он аз ҷониби мутахассисони касбӣ баҳои баланд мегирад. Дар заминаи таҳқиқоти мазкур солҳои 80-ум як қатор мақолаҳои илмии муаллиф ба нашр расиданд. Натиҷаи таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ бошад баъдан дар шакли рисола аз нашр баромад[11].

Солҳои 1976 – 1985 устод Ҳайдаршо Пирумшоев дар вазифаҳои муаллими калон, дотсенти кафедраи таърихи ИҶШС фаъолият намуда, солҳои 1985 – 1995 вазифаи декани факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро ба уҳда дошт. Ин давра дар таърихи ҷумҳурӣ яке аз гардишҳои тақдирсоз ба ҳисоб мерафт. Агар аз яктараф он бо саршавии сиёсати «бозсозии горбачёвӣ» алоқамандбудаи ноком ҷамъбастшуда ва таъсири худро ба ҷомеаи Тоҷикистон расонида ҳамзамон бошад, аз ҷониби дигар ин замон мусодиф аст ба воқеаи муҳим – ба истиқлоли давлатӣ расидани Тоҷикистон, ки мутаассифона баъди он ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардида, ҳатто мавҷудияти давлату ҳастии худи миллати тоҷик низ зери суол рафта буд. Аммо новобаста аз мушкилиҳо, чуноне ки ҳайати профессорону омӯзгорони он солҳои факултет ба мо нақл мекарданд, устод Ҳайдаршо Пирумшоев тавонист, ки факултетро дар ин айёми ҳассос бо сари баланд идора намояд.

Дар баробари таълиму тарбия дар Донишгоҳ, таҳқиқоти илмӣ низ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Ҳайдаршо Пирумшоев қарор гирифта, бо иштироки ӯ дар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон соли 1990 таҳқиқоти мукаммал ва аҳамияти калони илмӣ дошта, «Тоҷикистон дар асарҳои муҳаққиқони тоинқилобии рус» аз нашр мебарояд [41]. Аз ҷониби директори институти мазкур, академик Б. И. Искандаров ҷалб намудани Ҳайдаршо Пирумшоев барои навиштани асари мазкури коллективӣ, ин бевосита аз эътироф намудани мутахассиси ҷавон дар доираи илмии бонуфузтарин маркази илми таърихи ҷумҳурӣ, яъне Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш дарак медод.

Мавзӯи диссертатсияи доктории худ «Равобити мутақобили Россия ва Осиёи Миёна аз асри XVI – миёнаи асри XIX ва инъикоси он дар таърихнигории рус»-ро устод Ҳайдаршо Пирмушоев таҳти мушовирии академик Б. А. Литвинский интихоб кард, ки масъалаи ниҳоят муҳим буда, бояд охири солҳои 80-уми асри гузашта ҷамъбаст мегардид. Аммо чуноне ки қайд кардем, бо сабабҳои муайяни вазъи дохили ҷумҳурӣ ҳимояи он ба чанд соли дигар тӯл кашид.

Новобаста аз давраи мушкил соли 1992 асари олим «Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ» аз нашр баромад, ки дар он муаллиф миёни муҳаққиқон аввалин шуда, санаи дақиқи оғози ин исёни мардумиро тавассути маълумоти ҳуҷҷати бойгонӣ пешниҳод кард [12]. То ин дам дар таърихнигорӣ санаи оғози шӯриши мазкур соли 1885 муайян гардида буд, аммо тибқи маълумоти бойгонӣ устод Ҳ. Пирумшоев дақиқан исбот кард, ки ин ҳодиса соли 1888 рух додааст. Албатта, ногуфта намонад, ки пеш аз ин академик Б. Искандаров низ тибқи ҳуҷҷатҳои таърихӣ санаи сар задани шӯриши Восеъро на соли 1885, балки соли 1887 ё соли 1888 пешниҳод карда буд [1, с. 98]. Имрӯз санаи пешниҳоднамудаи профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дар таърихнигорӣ эътироф гардидааст. Пеш аз ин бошад соли 1988 ба муносибати 100-солагии «Шӯриши Восеъ» дар матбуоти даврӣ як мақолаи муаллиф бо забони русӣ аз нашр баромад, ки дар он низ ҳамин сана зикр шуда буд [10, с. 7 – 10]. Соли 1988 гузинаи русии китоб низ омодаи нашр шуд, аммо он баъдтар ба муносибати 110- солагии оғози шӯриши Восеъ аз нашр баромад [15].

Соли 1996 Ҳайдаршо Пирумшоев дар Шӯрои диссертатсионии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш диссертатсияи доктории худро бомуваффақият дифоъ кард [14]. Зарур аст ёдоварӣ намоем, ки ҳанӯз дар давраи тоинқилобӣ дар таърихнигории рус як зумра олимон ба муҳим будани таҳқиқи масъалаҳои марбути муносиботи Россия ва Осиёи Миёна каму беш таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мавзӯи мазкур дар таърихнигории Шӯравӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Аммо таҳқиқоти профессор Ҳ. Пирмушоев аввалин кори бунёдӣ дар ин самт аст. Профессор Маҳмуд Маликов дар асараш қайд менамояд, ки дар таърихнигорӣ таҳқиқоти мазкур байни асарҳои муҳаққиқини дохиливу хориҷӣ нахустин

мебошад. Монографияи мазкур барои мутахассисони соҳаи муносиботи байналхалқӣ, дипломатия ва сиёсати хориҷӣ низ мавод, маълумот ва далелҳои фаровонро пешниҳод менамояд. Профессор Маҳмуд Маликов дар асараш аз тақризи мушовири илмии профессор Ҳайдаршо Пирумшоев академик Б. А. Литвинский айнан иқтибос овардааст, ки дар он зикр гардида, ки ин диссертатсия на танҳо дар таърихнигории ватанӣ, балки дар адабиёти русзабон ва умумиҷаҳонӣ низ аввалин таҳқиқот оид ба масъалаи мазкур ба ҳисоб меравад [7, с. 50 – 51]. Профессор Ҳайдаршо Пирумшоев то охирин лаҳзаи ҳаёти академик Б. А. Литвинский бо ӯ ҳамкориҳои илмии худро ҳифз кард. Академик Б. А. Литвинский низ дар суҳбатҳои хеш, сабтҳои видеоӣ ва хусусан дар мактубҳояш ба суроғаи профессор Ҳайдаршо Пирумшоев борҳо қайд намудааст, ки аз ҳамаи шогирдони вай қобилиятноктару мустақилтарашон дар самти илм Ҳайдаршо Пирумшоев мебошад [7, с. 20].

Дар асоси таҳқиқоти мазкур асари дигари устод аз нашр баромад, ки дар он сиёсати Россия нисбат ба Осиёи Миёна дар асри XVIII баррасӣ гардидааст. Дар таҳқиқоти мазкур баробари дигар дастовардҳо муаллиф аввалин шуда, дар миёни муҳаққиқони тоинқилобию ватанӣ ба экспедидсия ва шахсияти аслии Бекович Черкасский таваҷҷуҳи бештар карда, онро муфассал инъикос намуда, муайян менамояд, ки мазкур қабординасл буда, номи аслии ӯ Давлат Кизден Мурза буда, баъди қабул намудани насрония ба хизмати маъмурияти империявии Россия медарояд [14; 13].

1 ноябри соли 1996 бо пешниҳоди академик Рахим Масов професссор Ҳ. Пирумшоев ба вазифаи мудири Шуъбаи таърихи қадим, асри миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш таъйин гардид, ки дар ин вазифаи пурмасъул то соли 2019 фаъолият намуд. Дар як муддати кӯтоҳ барои кор ва ҳамкорӣ ба Шуъба як қатор муҳаққиқони ҷавон ҷалб шуданд, ки дар қатори онҳо муаррихони варзида А. Саидов, Ҳамза Камол, шодравон М. Исоматов, С. Бобомуллоев ва ғайра буданд ва дар натиҷаи заҳмати ходимони илмии шуъба дар солҳои баъдӣ ҷилдҳои сеюм ва чаҳоруми асари бунёдии таърихи халқи тоҷик бо забони русӣ бо навбат аз нашр баромаданд.

Соли 2000 дар асоси таҳқиқоти диссертатсияи докторӣ монографияи профессор Ҳайдаршо Пирумшоев «Равобити мутақобилаи Россия ва Осиёи Миёна аз асри XVI – миёнаи асри XIX ва инъикоси он дар таърихнигории рус» аз нашр баромад [16]. Худи ҳамин сол профессор Ҳ. Пирумшоев дар фаъолияти худ жанри нав, яъне ҳолноманависию ёддоштнависиро низ таҷриба карда, дар ин сабк аввалин асари ӯ оид ба ҳаёт ва фаъолияти академик Мулло Эркаев [19] ва соли 2004 бошад асари дигар устод оид ба ҳаёт ва фаъолияти академик Аҳрор Мухторов [20] аз нашр баромаданд.

Инчунин муаллиф ба жанри кишваршиносӣ низ таваҷҷуҳ намуда, дар ин самт оид ба таърихи ноҳияи Ванҷ асарҳои алоҳидаро иншо кард [17; 18]. Дар ибтидои асри нав дар баробари ин як қатор мақолаҳо ва ду асари калонҳаҷмро бо ҳаммуаллифӣ аз нашр мебарорад, ки ба таърихи ВМКБ [2] ва таърихи шаҳри Душанбе [3] иртибот доранд.

Дар солҳои минбаъда ҳам устод таҳқиқоти илмии худро идома дода, натиҷаи заҳмати ӯ дар соли 2008 аввалин китоби мукаммали илмӣ оид ба таърихи Дарвоз [21] ва асари дигараш дар заминаи диду таҳқиқоти муаллиф оид ба воқеаҳои солҳои 90-ум [22] гардида, баъди як сол бошад асари муштараки ӯ бо ҳамроҳии профессор Маҳмуд Маликов «Россия ва Тоҷикистон: таърихи робитаҳои мутақобил» ба табъ мерасанд [23]. Қимати илмии асарҳои мазкур дар он зоҳир мегардад, ки рисолаи «Таърихи Дарвоз» нахустин таҳқиқоти мукаммал оид ба таърихи ин минтақа буда, дар асари дуюм диди муаррихи касбӣ роҷеъ ба вазъи сиёсии Тоҷикистони охири асри XX дақиқ ба назар расида, асари сеюм бошад дар таърихнигории ватанӣ нахустин таҳқиқоти бунёдӣ оид ба масъалаҳои муносибатҳои гуногунсамтаи Россия ва Осиёи Миёна эътироф гардидааст.

Чуноне ки зикр карда шуд, ҷалби мутахассисон ва хусусан фаъолияти роҳбарӣ ва ташкилотчигии профессор Ҳ. Пирумшоев ҳамчун мудири Шуъбаи таърихи қадим, асри миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш самараи нек дода, соли 2010 ҷилди чорум ва соли 2013 ҷилди сеюми асари бунёдии «Таърихи халқи тоҷик», ки аз ҷониби коллективи мутахассисони шуъба навишта шуданд, бо забони русӣ аз нашр баромаданд [4; 5]. Ҳангоми таълифи ҷилдҳои мазкур аз маълумоти манбаъҳои нодири асрмиёнагӣ ва давраи нав роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик васеъ истифода гардидааст, ки баъзеашон бори нахуст ба гардиши илмӣ ворид шуданд.

Соли 2011 асари устод бо ҳаммуаллифии академик Раҳим Масов оид ба таърихи ВМКБ дар давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон [8], инчунин дар шарикмуаллифӣ таҳқиқоти дигари олим роҷеъ ба таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз нашр баромаданд [25]. Соли 2013 китоби таърихи факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ рӯи чопро дид, ки дар таълифи он низ устод саҳми асосиро гузошт [26]. Асарҳои мазкур аз нахустин китобҳои мукаммал оид ба таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва факултети таърихи он буда, бар пояи маъхазҳои бойгонӣ, ёддошту хотира ва дигар сарчашмаҳои дасти аввал таълиф гардидаанд. Дар ин сол асари дигари илмӣ-таҳқиқотии профессор Ҳ. Пирумшоев оид ба таърихи ноҳияи Ванҷ чоп гардид [27]. Соли 2014 ба муносибати 70-солагии устод ду то маҷмӯаи мақолаҳои илмии олим аз нашр баромаданд, ки дар онҳо мақолоти ӯ роҷеъ ба масъалаҳои муҳими таърих ва таърихнигории халқи тоҷик гирд оварда шудаанд [28; 29].

Устод Ҳ. Пирумшоев таҳқиқоти худро оид ба таърихи Донишгоҳи омӯзгорӣ идома дода, соли 2016 асари дигари ӯ бо шарикмуаллифӣ аз нашр баромад, ки дар он фаъолияту комёбиҳои Донишгоҳи омӯзгорӣ дар 25 соли давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон таҳлил гардидааст [30].

Дар замони Истиқлоли давлатӣ шароит ва зарурият ба миён омад, ки баробари асарҳои соф илмӣ-таҳқиқотӣ очеркҳои таърихии оммафаҳм офарида шаванд, ки барои тарбияи насли ҷавон ва хонандаи қишрҳои мухталифи ҷомеа бошанд, то ки насли имрӯз аз таърихи гузаштагон ва фаъолияти шахсиятҳои барҷастаи худ огоҳ шавад. Зеро муаррихи асрмиёнагии тоҷик Ҳофизи Абрӯ мақсади асосӣ ва зарурияти таърихро дар сабақ бардоштан, пешбинӣ намудан, панд додан ва огоҳонидан донистааст. Дар ин самт навиштани асару очеркҳои таърихӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти абармардони миллат амри зарурист, то ки насли имрӯз ва оянда аз кирдори онҳо панду сабақ гирад. Аз ҷумла, соли 2018 бо ташаббуси ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ, академик Носирҷон Салимӣ навиштани очеркҳои илмӣ - оммавӣ оид ба ҳаёт ва фаъолияти Қаҳрамонони Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда, дар асоси он профессор Ҳ. Пирумшоев ду китобро оид ба зиндагиномаи ходимони сиёсию ҷамъиятӣ Шириншоҳ Шоҳтемур [31] ва Бобоҷон Ғафуров [32] таълиф ва аз нашр баровард. Соли 2019 асари дигари профессор Ҳайдаршо Пирумшоев оид ба ҳаёт ва фаъолияти ходими сиёсӣ, академик Бобоҷон Ғафуров аз нашр баромад, ки дар он паҳлуҳои гуногуни фаъолияти сиёсию илмии аллома, нақши ӯ дар шарқшиносии ҷаҳонӣ инъикос гардидааст. Асари мазкур дар асоси маъхазҳои бойгонӣ, ёддошту хотироти наздикон, ҳамкорон, таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ навишта шуда, дар ғафуровшиносии ватанӣ гоми навбатӣ мебошад [33].

Дар ин солҳо профессор Ҳ. Пирумшоев таҳқиқоти хешро дар масъалаи шӯриши Восеъ идома дода, дар асоси ду асари пештар нашр шудаи худ оид ба ин қаҳрамони халқи тоҷик китоби дигари мукаммалтари худро аз нашр баровард [36].

Соли 2021 асари ниҳоят муҳими устод роҷеъ ба таърихнигории давлати Сомониён ба табъ расид, ки дар он бори нахуст асару мақолаҳои илмии бахшида ба масъалаҳои давлатдории Сомониён таҳлил гардидаанд. Дар монографияи мазкур сатҳи инъикоси масъала дар асарҳои таърихию ҷуғрофии муаллифони замони Сомониён ва баъди барҳамхӯрии давлати мазкур, таҳқиқоти тоинқилобии шарқшиносони рус, даврони шӯравӣ ва муосир аз таҳлили илмӣ гузаштаанд. Дар асари мазкур ба ақидаҳои ғаразноки бархе аз муаллифони ҷумҳуриҳои ҳамсоя оид ба насаб ва давлатдории Сомониён ҷавоби илмӣ дода шудааст [35]. Дар ин сол китоби дигари устод Ҳайдаршо Пирумшоев, ки бори нахуст соли 2000 оид ба ҳаёт ва фаъолияти муҳаққиқи барҷаста, ходими сиёсӣ, академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС, доктори илмҳои таърих, профессор Мулло Эркаев чоп шуда буд, дар нашри дуюм пешкаши хонандагон гардид [34].

Соли 2021, замоне ки дар матбуоти даврӣ ва расонаҳои интернетии бархе аз кишварҳои ҳамсоя оид ба Помир сару садоҳои орӣ аз воқеият пахш шуд, рисолаи навбатии профессор Ҳайдаршо Пирумшоев оид ба тавсифи мухтасари таърих, география, масъалаҳои этникӣ ва робитаҳои минтақаи таърихию фарҳангии Помиру Бадахшон дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ аз нашр баромад. Асари мазкур ҳаҷман хурд бошад ҳам, дар заминаи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, хулоса, асару мақолоти муҳаққиқони асили насли пешин ва имрӯз иншо шуда, дар он муаллиф исбот кардааст, ки Помиру Бадахшон ҳамеша, аз ибтидои таърихи инсоният як бахши таркибии ватани аҷдодии тоҷикон мебошанд. Иловатан, муаллиф дақиқ нишон медиҳад, ки мулкҳои Помиру Бадахшон аз қадим то охири асри XIX бештари вақт мустақилияти худро нигоҳ доштаанд [37].

Истиқлоли давлатӣ зарурати ба роҳ мондани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи таърихи чандҳазорсолаи тоҷиконро аз нигоҳи нав ва берун аз таъсири чаҳорчӯбаи ҳамагуна ғоя ва чун бахши таркибии таърихи умумибашарӣ тақозо менамояд. Бароi ҳамин профессор Ҳайдаршо Пирумшоев консепсияи таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро пешниҳод намудааст, ки он дар заминаи дастовардҳои илми таърихи ватанӣ ва ҷаҳонӣ мураттаб шудааст. Мақсад аз навиштани консепсияи мазкур аз он иборат аст, ки методологияи таҳқиқи таърихи сокинони бумии минтақаи паҳновари Осиёи Марказӣ – тоҷикон ва нақши онҳо дар ташаккул ва равнақи тамаддуни башариятро муайян ва муаррифӣ намоянд. Дар консепсияи мазкур ҳадафҳои миллӣ, рушд ва таҳкими худшиносии миллӣ ба василаи таҳқиқ ва эҳтиром гузоштан ба таърих, анъанаву суннатҳои фарҳангию давлатдории тоҷикон дар мадди аввал қарор дода шудаанд [38; 39].

Ҳамин тавр, хулоса менамоем, ки дар ин мақола мо фақат асарҳои калонҳаҷми устодро овардем, аммо ба қалами ӯ боз садҳо мақолаҳои дигари илмӣ таaллуқ доранд, ки роҷеъ ба масоили дигари муҳими таъриху таърихнигорӣ ва маъхазшиносии халқи тоҷик бахшида шуда, арзиши баланди илмӣ доранд. Айни замон профессор Ҳайдаршо Пирумшоев – академики Академияи илмҳои иҷтимоӣ ва педагогии Федератсияи Россия, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, фаъолияти таълимию илмии худро дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи Славянии Россия - Тоҷикистон ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш идома дода, ба таълими шогирдон ва таҳқиқоти илмии хеш машғул мебошад.

Баробари таҳқиқоти илмӣ ба қалами профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дастуру барномаҳои таълимӣ ва китоби дарсӣ низ мутааллиқанд. Аз ҷумла, китоби дарсии «Таърихи халқи тоҷик”-и бо шарикмуаллифӣ навиштаи ӯ аз нигоҳи нав омода гардида, аз тарафи мутахассисони мактабҳои олӣ баҳои сазовор гирифтааст [9]. Барномаи таълимӣ аз фанни таърихнигории таърихи халқи тоҷик, ки аз ҷониби устод соли 2008 тартиб ва аз нашр баромад, дар миқёси ҷумҳурӣ нахустин ва айни замон ҳам ягона мукаммалтарин воситаи таълимӣ аз фанни мазкур ба ҳисоб меравад [24]. Дар ин барнома бори нахуст зуҳур, ташаккулёбӣ ва равнақи таърихнигории таърихи халқи тоҷик ба як низом ва даврабандии муайян зикр шудааст.

Профессор Ҳ. Пирумшоев солҳои 1995 то 2007 чун мудири кафедраи Таърихи халқҳои Тоҷикистон (аз соли 2007 таърихи халқи тоҷик) ва бори дуюм солҳои 2008 то 2015 мудири кафедраи мазкури Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ифои вазифа карда, ҳамзамон то соли 2019 ҳамчун дар вазифаи мудири Шуъбаи таърихи қадим, асри миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолият намудааст. Ҳангоми мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ буданаш професссор Ҳайдаршо Пирумшоев барои фаъолият ва ҳамкорӣ докторон-профессорон, мисли М. Зикриёева, М. Маликов, А. Саидов, Ҳамза Камол, С. Муҳиддинов, С. Бобомуллоевро ба кафедра даъват кард, ки дар натиҷа фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии факултет боз ҳам рушд ва ба зинаи баландтар расид. Дар ин давра дар назди кафедра шуъбаи магистартура ва шуъбаи докторантура (PhD) низ ба фаъолият оғоз карданд.

Дар давраи мазкур кафедраҳои факултет ба рушди корҳои илмии донишҷӯён низ диққат дода, раванди ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои илмӣ, озмун ва олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ дар факултет аз ибтидои солҳои 2000 аз нав оғоз ёфт, ки дар ин давра вазифаи декани факултетро дотсент Ниёзбек Давлатбеков иҷро мекард. Заҳмати декани факултет, дотсент Ниёзбек Давлатбеков, муовини декан оид ба корҳои илмӣ Ғозибек Гадоев, мудири кафедраи таърихи халқҳои Тоҷикистон Ҳайдаршо Пирумшоев, мудири кафедраи умумидонишгоҳии таърихи халқи тоҷик, дотсент Маликшо Шарипов ва устодони кафедраи мазкур – Қурбоналӣ Раҳмонов, Изатулло Неъматов дар самти омодакунӣ ва ширкати донишҷӯён дар олимпиадаҳои фаннии сатҳи ҷумҳуриявӣ буд, ки донишҷӯёни факултет пайваста дар олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявии байни донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни таърих фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегардиданд. Ҳамин тавр, аз соли 2002 сар карда, донишҷӯёни факултет танҳо сазовори ҷойҳои якум ва дуюм мегаштанд ва ин эстафетаи донишҷӯёни онвақтаи факултетро насли баъдина нигоҳ дошта, он то имрӯз идома дорад.

Ибтидои солҳои 2000-ум дар раванди корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ – омӯзгории факултет низ пешравиҳо ба назар мерасиданд. Зеро охири солҳои 90-уми асри XX дар факултет теъдоди омӯзгорони унвондор кам шуд, ки ин сабабҳои объективию субъективии худро дошт. Вобаста ба ин зарур аст, махсусан қайд карда шавад, ки дар вазифаи мудири кафедраи таърихи халқҳои Тоҷикистон (айни замон таърихи халқи тоҷик) фаъолият намудани профессор Ҳайдаршо Пирумшоев таълими таърихи халқи тоҷик ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, тайёр кардани мутахассисони унвондор низ дар факултет ривоҷ ёфт. Маҳз дар ҳамин солҳо омӯзгорони ҷавон имконият пайдо намуданд, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотии худро дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмӣ гарданд.

Садорати факултет ва кафедра баргузории конференсияҳои илмиро низ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монданд. Аз ҷумла, 30 декабри соли 2004 бо ташаббуси кафедра ва садорати факултет (Н. Давлатбеков) ва дастгирии раёсати Донишгоҳ ба муносибати 80-солагии дастпарвари факултети таърих, муаррихе, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, академик Аҳрор Мухторов конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир шуд, ки дар ин конференсия донишҷӯён маърӯзаҳои илмии академик Аҳрор Мухторов ва профессори факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Раҳим Масовро бори нахуст аз наздик шуниданд, ки ин ду олими варзида, яке дастпарвари факултет (Аҳрор Мухторов), дигаре профессори факултет (Раҳим Масов) то охирин лаҳзаи ҳаёташон робитаи доимии худро бо факултет ҳифз карда, дар корҳои илмии он ва ҳангоми таълифу дифоъ намудани диссертатсияҳо ба омӯзгорони насли ҷавони факултети таърих ёрии беғаразонаи худро дареғ надоштанд. Албатта, дар ташкил ва гузарондани конференсияи мазкур ва ба роҳ мондани робитаю ҳамкориҳои факултет бо олимони мазкур низ нақши мудири кафедра, профессор Ҳайдаршо Пирумшоев асосӣ буд.

Муддате дар ташкили конференсияҳои илмӣ нақши маҳфили илмию мубоҳисавии **«Истиқлолият ва рушди илми таърих»** хеле назаррас буд, ки он дар заминаи кафедра ташкил шуда, зери роҳбарии профессор Ҳайдаршо Пирумшоев аз моҳи апрели соли 2008 то соли 2015, яъне давраи мудири кафедра будани устод амал намуд. Дар ин муддат маҳфили мазкур бо дастгирии садорати факултет (Н. Убайдуллоев) ва Раёсати Донишгоҳ чандин конференсия ва семинарҳои илмиву назариявии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳиро бо ҷалби мутахассисони варзидаи соҳа доир намуд [26, с. 84 – 85].

Ҳамин тавр, масъалаи мазкурро ҷамъбаст намуда, ба хулоса меоем, ки:

- дар рушди илми таърихи ватанӣ ва дастовардҳои назарраси факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, нақши доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев ниҳоят муассир буда, олим бархе санаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик, аз он ҷумла санаи оғози Шӯриши Восеъро дақиқ муайян намудааст;
- дар муддати фаъолияти педагогӣ ва илмӣ-таҳқиқотии худ профессор Ҳайдаршо Пирумшоев бо дониш ва маҳорати кордонию ташкилотчигиаш соҳиби мартабаву манзалати хос гардид. Устод соли 1979 бомуваффақият рисолаи номзадӣ худро дифоъ намуда, ба шоҳроҳи илм ворид гардида, имрӯз ҳамчун олими дақиқсанҷ, таърихнигори ҷиддӣ ва соҳибмактаб эътироф шудааст;
- профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дар баробари корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ дар корҳои маъмурии Донишгоҳи омӯзгорӣ низ фаъолона иштирок намуда, қобилияти ташкилотчигиашро ба назар гирифта, ӯро соли 1985 ба вазифаи декани факултети таърихи Донишгоҳи мазкур таъйин намуданд, ки то соли 1995 дар ин мақом фаъолият намуд. Ин даврае буд, ки ниҳоят мушкил ва пур аз дигаргунсозиҳои куллӣ, яъне аз бозсозии горбачёвӣ ибтидо гирифтаву бо ба даст овардани истиқлоли комили давлатӣ анҷом ёфт. Маҳз дар ҳамин давраи тақдирсоз устод вазифаи мазкурро сарбаландона иҷро намуд. Дар баробари вазифаи роҳбарӣ ва маъмурӣ Ҳайдаршо Пирумшоев мувозӣ ба пажӯҳишу таҳқиқот машғул шуда, аксари омӯзгорони факултетро ба корҳои таҳқиқотӣ сафарбар намуд. Робитаҳои илмӣ бо Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Донишро боз ҳам қавитар намуда, як зумра муҳаққиқони забардасти ин муассисаи илмӣ барои тадрис ба факултет ҷалб шуданд, ки дар қатори онҳо академик Раҳим Масов ( ки ҳанӯз аз соли 1982 барои ҳамкорӣ бо факултет ҷалб гардид) низ буд. Маҳз дар давраи декании профессор Ҳайдаршо Пирумшоев КОА-и ИҶШС ба Раҳим Масов унвони профессори кафедраи

таърихи Тоҷикистон ва методикаи таълими они факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айниро сазовор донист;

- устод Ҳ. Пирумшоев баробари иҷрои вазифаҳои масъули мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики факултет ва мудири Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунон идомаи пешаи омӯзгорӣ умри бобаракати хешро ба таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаби таърихи тоҷикон ва тарбияи мутахассисони соҳаи илм ва омӯзгорӣ бахшидааст;

- диссертатсияи доктории вай на танҳо дар таърихнигории ватанӣ, балки дар адабиёти русзабон ва умумиҷаҳонӣ низ аввалин таҳқиқот оид ба масъалаи мазкур ба ҳисоб меравад;

- устод Ҳайдаршо Пирумшоев барои фаъолияти пурсамари педагогӣ ва илмӣ-таҳқиқотиаш соли 1998 аз ҷониби КОА-и Федератсияи Россия бо унвони профессорӣ сазовор гардид;

- ибтидои асри нав ягона олиме, ки дар факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият намуда, ба тарбияи омӯзгорони дараҷаи илмӣ машғул буд, ин профессор Ҳайдаршо Пирумшоев мебошад ва бо ҳамин мактаби махсуси худро дар таърихнигории тоҷик асос гузошт. Профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дорои мактаби хоси таърихии худ буда, таҳти роҳбарии ӯ то имрӯз зиёда аз 50 нафар аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон рисолаҳои номзадию доктории худро дифоъ кардаанд;

- профессор Ҳайдаршо Пирумшоев муаллифи беш аз 300 таълифот, аз ҷумла зиёда аз 30 монография мебошад, ки онҳо масъалаҳои умда ва мубрами таъриху таърихнигории халқи тоҷик, Россия ва Осиёи Миёнаро фаро мегиранд ва бо ҷиддияту дақиқнигорӣ миёни олимони ватаниву хориҷӣ пазируфта шудаанд. Махсусан, асарҳои бунёдии «Муҳаққиқони тоининқилобии рус оид ба шаҳрҳои Бухорои Шарқии охири асри XIX – ибтидои асри XX», «Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ», «Муҳаққиқони тоинқилобии рус оид ба сиёсати Россия дар Осиёи Миёна дар асри XVIII», «Равобити мутақобили Россия ва Осиёи Миёна аз асри XVI – миёнаи асри XIX ва инъикоси он дар таърихнигории рус», «Ванҷи ману ганҷи ман», «Таърихи Дарвоз», «Бозсозӣ: сохтем ё бохтем?», «Россия – Тоҷикистон: таърихи равобити мутақобил», «Табли озодӣ дар аҳди бедодӣ», «Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ» ва ғайра аз доираи ниҳоят васеи таҳқиқоти илмии олим ва масъалагузории ӯ дарак медиҳанд. Саҳми устод Ҳ. Пирумшоев дар таълифи асари бунёдии шашҷилдаи «Таърихи халқи тоҷик» низ калон аст;

- Истиқлоли давлатӣ зарурати ба роҳ мондани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи таърихи чандҳазорсолаи тоҷиконро аз нигоҳи нав ва берун аз таъсири чаҳорчӯбаи ҳамагуна ғоя ва чун ҷузъи таркибии таърихи умумибашарӣ тақозо менамояд ва барои амалӣ шудани ин нақша консепсияи муайян зарур мебошад ва дар ин самт низ профессор Ҳайдаршо Пирумшоев аз миёни таърихшиносони Тоҷикистон аз аввалинҳо шуда Консепсияи мукаммали таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро пешниҳод намудааст, ки он дар заминаи дастовардҳои илми таърихи ватанӣ ва ҷаҳонӣ мураттаб шудааст;

- профессор Ҳайдаршо Пирумшоев солҳои дароз узви Шӯроҳои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории КОА-и Федератсияи Россияи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (илмҳои таърих) ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (илмҳои сиёсӣ) буда, дар чандин ҳимояҳои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ба сифати муқарризи расмӣ ва ғайрирасмӣ баромад намуда, айни замон бошад узви Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории КОА-и Федератсияи Россияи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои таърих, аз рӯи ихтисосҳои таърихи умумӣ, таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ), узви Шӯроҳои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистони назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (илмҳои таърих) ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (таърихи илм) мебошад;

- профессор Ҳайдаршо Пирумшоев инчунин дар байни муаррихон аввалин шуда, ба масъалаи дарёфт ва таҳқиқи инъикоси ҳақиқат ва воқеияти таърихӣ дар ашъори шоирони тоҷик таваҷҷуҳ кардааст;

- хулас, профессор Ҳайдаршо Пирумшоев дар радифи он таърихнигороне шомил мешавад, ки дар инкишофи илми бунёдии таърихи халқи тоҷик ва Тоҷикистони соҳибистиқлол, тарбияи мутахассисони баландпояи соҳаи илми таърих нақши калидӣ доранд.

## АДАБИЁТ


1. Искандаров Б. И. Трудный путь к знанию. М., 1999. – 160 с.
2. История Горно-Бадахшанской автономной области. С древнейших времен до новейшего периода. Т. 1. Душанбе, 2005 – 494 с.
3. История города Душанбе (с древнейших времен до наших дней). Душанбе, 2004. – 296 с.
4. История таджикского народа Т. III. (XI в. – XV века). Душанбе, 2013. – 580 с.
5. История таджикского народа Т. IV. Позднее средневековье и новое время (XVI в. – 1917 г.). Душанбе, 2010. – 1124 с.
6. Китобномаи шарҳолӣ. Мураттиб Сулаймоншо Ғуломшоев. – Душанбе, 2015. – 88 с.
7. Маликов М. Призвание: историк. Душанбе, 2014. – 212 с.
8. Масов Р., Пирумшоев Ҳ. Файзи истиқлол дар «Боми Ҷаҳон». Душанбе, 2011. – 412 с.
9. Неъматов Н. Н., Нурмуҳаммади А., Мирбобоев А. К., Пирумшоев Ҳ. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дуввум. Мӯҷизаи классикии тоҷикон. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2008. – 815 с.
10. Пирумшоев Х. В памяти народной. К 100 летию востания Восе // Агитатор Таджикистана. № 9. Душанбе, 1988. С. 7 – 10.
11. Пирумшоев Х. Русские дореволюционные исследователи о городах Восточной Бухары конца XIX– начала XX вв. Душанбе, 1992. – 130 с.
12. Пирумшоев Ҳ. Таърихи омӯзиши шӯриши Восеъ. Душанбе, 1992. – 80 с.
13. Пирумшоев Х. Русские дореволюционные исследователи о политике России в Средней азии в XVIII в. Душанбе, 1996. – 110 с.
14. Пирумшоев Х. Российско-среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора наук. Душанбе, 1996. – 53 с.
15. Пирумшоев Х. История изучения востания Восе. Душанбе, 1998. – 140 с.
16. Пирумшоев Х. Российско-среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии. Душанбе, 2000. – 338 с.
17. Пирумшоев Ҳ. Замини мардхез. Душанбе, 2000.
18. Пирумшоев Ҳ. Ҷовидони дар ёдҳо. Душанбе, 2000. – 164 с.
19. Пирумшоев Ҳ. Ванҷ (очерки илмӣ-оммавӣ). М., 2002 – 610 с.
20. Пирумшоев Ҳ. Кашшофи нақди таърих. Душанбе, 2004. – 160 с.
21. Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз (аз қадим то замони муосир). – Душанбе, 2008. – 704 с.
22. Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? Душанбе, 2008. – 112 с.
23. Пирумшоев Х., Маликов М. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений. Душанбе, 2009. – 688 с.
24. Пирумшоев Ҳ. Барнома аз фанни таърихнигории таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯёни бахшҳои таърихи макотиби олӣ. Душанбе, 2009. – 60 с.
25. Пирумшоев Ҳ., Убайдуллоев Н., Маликов М., Худойдодов А. Донишгоҳи омӯзгорӣ дар масири таърихи миллат. Душанбе, 2011. – 488 с.
26. Пирумшоев Ҳ., Убайдуллоев Н., Муродов А. Нахустин маркази илму таълими таърих. Душанбе, 2013. – 304 с.
27. Пирумшоев Ҳ. Ванҷи ману ганҷи ман. – Душанбе, 2013. – 608 с.
28. Пирумшоев Х. Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. Сборник избранных статей. – Часть 1. Душанбе, 2014. – 528 с.
29. Пирумшоев Ҳ. Таърихи халқи тоҷик дар тарозуи таърихнигорӣ. – Хуҷанд, 2014. – 370 с.
30. Растагоре дар масири омӯзиши таърих. Маҷмӯа бахшида ба 70-солагии доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев. Душанбе, 2014.

31.Пирумшоев Ҳ., Убайдуллоев Н. К. Биступанҷ нахли пурсамар. Душанбе: Ирфон, 2016. – 290 с.
32.Пирумшо Ҳ., Қурбонидин А. Ширинишоҳ Шоҳтемур. Душанбе: ДДОТ, 2018. – 214 с.
33.Пирумшо Ҳ.. Бобоҷон Ғафуров. Душанбе: ДДОТ, 2018. – 251 с.
34.Пирумшо Ҳ.. Ахтари илму сиёсат. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 384 с.
35.Пирумшоев Ҳ. Ҷовидони дар ёдҳо. Ба ифтихори 110 солагии академик Мулло Эркаев (Нашри дуввум). Душанбе, 2020. – 188 с.
36.Пирумшо Ҳ. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ. Душанбе, 2020. – 425 с.
37.Пирумшо Ҳ. Табли озодӣ дар аҳди бедодӣ. Душанбе, 2018. – 353 с.
38.Пирумшо Ҳ. Помиру Бадахшон: назаре ба ҷуғрофиё ва таърихи сиёсӣ (аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав). Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – 64 с.
39.Пирумшо Ҳ. Консепсияи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик. Душанбе: Ганҷи хирад, 2021. – 34 с.
40.Пирумшо Ҳ. Консепсияи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик // Муаррих (Маҷаллаи илмӣ-назариявӣ). № 1 (25). Душанбе, 2021. С. 152 – 171.
41.Таджикистан в трудах русских дореволюционных исследователей (вторая половина XIX – начало XX в.). Душанбе, 1990. – 304 с.
42.Таърихнигор. Маҷмӯа бахшида ба 60 - солагии доктори илмҳои таърих, профессор Ҳ. Пирумшоев. Душанбе, 2004. – 155 с.

## НАУЧНО - ИССЛЕДОВАТЕЛСКАЯ И ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПРОФЕССОРА ХАЙДАРШО ПИРУМШОЕВА

*В статье рассматриваются научно-исследователская и педагогическая деятельность доктора исторических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Республики Таджикистан Хайдаршо Пирумшоева. Авторы статьи анализируя его научная деятельность приходят к выводу, что в настоящий момент профессор Хайдаршо Пирумшоев входить в числе тех историков, которые внесут в развитии фундаментальной исторической науки таджикского народа и независимости Таджикистан, а также в воспитание специалистов историков особенный вклад.*

***Ключевые слова:*** *Хайдаршо Пирумшоев, жизнь, научная деятельность, история, исследования.*

## SCIENTIFIC - RESEARCH AND PEDAGOGICAL ACTIVITY OF PROFESSOR HAYDARSHO PIRUMSHOYEV

*The article deals with the research and teaching activities of the doctor of historical sciences, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Haydarsho Pirumshoeva. The authors of the article, analyzing his scientific activities, come to the conclusion that at the moment Professor Haydarsho Pirumshoev is one of those historians who will make a special contribution to the development of the fundamental historical science of the Tajik people and the independence of Tajikistan, as well as to the education of historians.*

***Key words:*** *Haydarsho Pirumshoev, life, scientific activity, history, research.*

***Сведения об авторах:***

***Сайнаков Сайнак Парпишоевич*** *– кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории и международных отношений Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, тел: (+ 992934162099), e-mail: saynakov2012@mail.ru; saynak.rushon.saynakov@mail.ru*

***Одинаев Абдумавлон Назирович***, *старший преподаватель кафедры история таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: +992927648787 (моб.) E-mail: abdumavlon1987@gmail.com*

***About the authors:***

***Saynakov Saynak Parpishoevich*** *– Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of General History and International Relations of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, phone: (+992934162099); E-mail: saynakov2012@mail.ru; saynak.rushon.saynakov@mail.ru*

***Odinaev Abdumavlon Nazirovich,*** *Senior Lecturer of the Department of History of the Tajik People, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, E-mail: abdumavlon1987@gmail.com*

## САБТ АСТ ДАР ҶАРИДАИ ОЛАМ ДАВОМИ МО

***Солеҳов Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Устод Носирҷон Маъсумӣ аз ҷумлаи шахсиятҳои фарзонаи илмию адабӣ ва фарҳангиест, ки дар илми филологияи тоҷик ва низоми мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши мондагор гузоштааст. Зиндагиномаи устод нишон медиҳад, ки ӯ дар шароити хеле душвори солҳои 20-30 садаи ХХ, сарфи назар аз мушкилиҳои иҷтимоию хонаводагӣ ба роҳи илмомӯзӣ рафта, муваффақ гаштааст. Устод Н.Маъсумӣ зодаи деҳаи овозадори Қаратоғи Ҳисори шодмон мебошад. Ӯ соли 1915 дар ҳамин деҳа, дар хонаводаи деҳқони камбағал ба дунё омада, дар синни яксолагӣ бо сабаби марги нобаҳангом аз оғӯши гарми падар ҷудо шуда, дар тарбияи модари оқила ва босавод мемонад. Азбаски тағояш Зулфиқор дар шаҳри Самарқанд мардикорӣ мекард, аз вазъи душвори хоҳар ва ҷияни хурдсолаш огоҳ гардида, омада онҳоро ҳамроҳи худ ба Самарқанд мебарад. Н.Маъсумӣ ва модараш чанд сол ҳамроҳи тағояш дар деҳаи Бахшитеппаи наздикии шаҳри Самарқанд зиндагӣ мекунанд.1 Носирҷони наврас мактаби ибтидоиро дар ҳамин деҳа хонда тамом мекунад. Баъд ӯ ба курсҳои дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Самарқанд дохил шуда, таҳсил менамояд. Завқи илмомӯзӣ ва истеъдоди баланди ӯро устодон эҳсос намуда, ба вай таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, яке аз устодони муътабари ҳамондавраи Самарқандӣ Ҳайдар Ҳодизода ба ин ҷавони хушзеҳн таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар масири илмомӯзӣ ба вай раҳнамоӣ мекунанд.

Баъди хатми курси дусолаи муаллимтайёркунӣ Н. Маъсумиро ба ҳайси муаллим, барои кор ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ба кор мефиристанд. Муаллими ҷавон дар ин ҷо бо устодони дар ҳамон солҳо варзида ва маорифчиёни маъруфи водии Зарафшон Ҳамид Бақозода, Қутбиддин Раззоқов, Отақул Низомов ва дигарон ҳамкор мешавад. Баъди як соли дар ин ҷо кор кардани Н.Маъсумӣ устоди самарқандиаш Ҳ. Ҳодизода низ барои кор ба омӯзишгоҳи педагогии Панҷакент меояд ва бо ҳамроҳии шогирдаш ва устодони номбурда ба таълиму тадриси шогирдон машғул мешавад. Баъдан, соли 1936 Н.Маъсумӣ ба факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) дохил шуда, баъди хатми он бо тавсияи устодонаш Л. Бузургзода ва Ш. Ҳусейнзода ба кори омӯзгорӣ мепардозад. Дар як фосилаи кӯтоҳи замонӣ Н.Маъсумӣ ба шарофату дастгириҳои устодаш Л. Бузургзода дар муҳити илмӣ ва адабии ҳамон солҳо маъруфият пайдо мекунад.2 Пайваста дар матбуоти даврӣ ба нашр расидани шеърҳо ва мақолаҳои илмии забоншиносию адабиётшиносии ӯ делели ин гуфтаҳоянд. Натиҷаи ҳамон талошҳо ва кӯшишҳо буд, ки соли 1940 Н.Маъсумӣ ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта мешавад.

Дар солҳои Ҷанги ҷаҳонии дуюм Н.Маъсумӣ ба ҷои устоди ба ҷаграфтааш Л.Бузургзода дар Донишкадаи омӯзгорӣ ба таълими фанҳои забон, таърихи адабиёт ва фолклори тоҷик машғул мешавад. Ҳамин тавр, фаъолияти Н.Маъсумӣ дар Донишкадаи номбурда идома мёёбад. Вай солҳои 1948-1951 дар вазифаи мудири кафедраи забони тоҷикӣ, солҳои 1953-1965 мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва солҳои 1965-1959 вазифаи муовини ректори донишкадаро иҷро мекунад. Соли 1952 Н.Маъсумӣ барои ҳимояи рисолаи номзадӣ ба Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳозира Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург), ба назди устоди роҳнамояш, профессор А.Н. Болдирев фиристода мешавад. Ӯ соли 1954 рисолаи номзадиашро бомуваффақият ҳимоя мекунад, ки ин роҳи устодро ба пажӯҳиши проблемаҳои муҳими забону адабиёти тоҷик боз месозад. Инро ба назар гирифта, соли 1959 устод Н.Маъсумиро Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ таъин мекунанд. Ин масъулият доираи фаъолиятҳои илмӣ ва ҷамъиятии Н.Маъсумиро фарох месозад.3

Аз соли 1960 сар карда, Н.Маъсумиро ду маротиба депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва узву роҳбари чандин ҷамъиятҳои дӯстӣ бо кишварҳои хориҷӣ интихоб мекунанд.

Вай дар баробари узви ҳайати таҳририяи нашриёҳои зиёд будан, инчунин солҳои тӯлонӣ узви раёсат ва садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.4 Устод Н.Маъсумӣ солҳои зиёд ба ҳайси академик-котиби Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносоии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ дар инкишофи илмҳои гуманитарӣ дар Тоҷикистон саҳми босазо гузоштанд. Соли 1965 ба ифтихори 50 солагии ин ходими намоёни илму адабиёт ва устоди забардасти забон ва адабиёти тоҷик ҳам дар Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва ҳам дар Донишкадаи омӯзгорӣ ҳамоишҳои ботантанаи илмию адабӣ баргузор гардид, ки ин як навъ поси хотири хизматҳои устод дар соҳаи илму маорифи ҷумҳурӣ буд.

Устод Маъсумӣ олими соҳибмактаб буданд, далели ин шогирдони зиёди устоданд, ки дар соҳаҳои илму маориф ҳамроҳи эшон кору фаъолият менамуданд. Аз ҷумла, донишмандони бузурги тоҷик академик М.Шакурӣ ва Р.Ғаффоров худро шогирдони мактаби Н.Маъсумӣ медонистанд. Хизматҳои бедареғи устод Н.Маъсумӣ бо унвони Ходими хизматнишондодаи илм қадрдонӣ шудааст. Инчунин ӯро соли 1969 узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудаанд.

Фаъолияти илмии Н.Маъсумӣ серсоҳа ва гуногунпаҳлӯст. Таълифоти зиёди устод далели дар риштаҳои гуногуни илми филология дасти тавоно доштани эшон аст. Вай ҳанӯз аз соли 1936 сар карда, дар матбуот шеърҳо ва мақолаҳои илмии худро чоп мекард. Китобҳои дарсӣ оид ба фанҳои забон, адабиёт, фолклор ва корҳои илмию пажӯҳишии Н.Маъсумӣ дар солҳои баъдӣ пайваста ба нашр расида, мавриди истифодаи устодону шогирдон қарор мегирифт. Н.Маъсумӣ натанҳо китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷикро таълиф менамуданд, балки дар таҳияи барномаҳои таълимии фанҳои мазкур саҳми худро гузоштаанд. Тибқи иттилои профессор М.Исматуллоев ин олим ва омӯзгори тавоно дар риштаҳои гуногуни илмии филологияи тоҷик беш аз 25 китоб ва 200 мақолаи арзишманди илмӣ ва таълимӣ ба нашр расонидаанд, ки онҳо дар маҷмӯъ нишондиҳандаи фаъолиятҳои босамари илмию омӯзгории устод аст. Китобҳои «Нишондиҳандаҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ» (1949) , «Фолклори тоҷик» (1952), «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» (1959), «Усули таълими адабиёт дар синфҳои 5-8» (1960), «Муҳаммадҷон Раҳимӣ» (1961), «Адабиёти тоҷик дар асри ХУ111 ва нимаи аввали асри Х1Х» (1962), «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат» (1967), «Адабиёти советии тоҷик» (китоби дарсӣ, бо ҳаммуаллифии Х.Мирзозода ва Ю.Бобоев 1952) ва ғайра маҳсули фаъолиятҳои босамару гуногунҷанбаҳои Н.Маъсумӣ мебошанд5.

Устод Н.Маъсумӣ ба ҳайси яке аз муҳаррирони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (1969) дар инкишофи фарҳангнигории муосири тоҷикӣ нақши босазо доранд.6 Таҳияи ин шоҳкории луғатнигории тоҷикӣ, ки таҳти роҳнамоӣ ва иштироки бевоситаи устод сурат гирифтааст, аз тарафи донишмандони зиёд, ховаршиносону тоҷикнишинони кишварҳои гуногуни ҷаҳон эътироф ва эҳтиром гардидааст.

Н.Маъсумӣ нахустин муҳаққиқ ва кашшофи шахсият ва ашъори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ мебошад. Бо ибтикори эшон ба нашр расидани «Мунтахаботи ашъор”-и Нақибхон Туғрал барои омӯзиши амиқтару фарогиртари аҳволу осори шоир роҳ кушод, соли 1966 устод Н.Маъсумӣ бо ҳамкории М.Холов «Намунаи фолклори Афғонистон”-ро таҳия ва чоп карданд, ки баъдан дар ин замина фолклоршиносони тоҷик пажӯҳишҳои зиёди арзишмандеро ба анҷом расониданд. Бояд гуфт, ки Н.Маъсумӣ муаллифи нахустин асари ҷомеъ ва мукаммал дар фолклоршиносӣ буданд. Ҳанӯз соли 1952, вақте ки китоби «Фолклори тоҷик» (қ.1) ба нашр расид, муҳаққиқон ба он баҳои баланд дода буданд.

Соли 1966 яке аз асарҳои муҳим ва бунёдии Н.Маъсумӣ бо номи «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат» аз чоп баромад, ки он воқеан, дар фаъолиятҳои илмию пажӯҳишии муаллиф тадқиқоти марҳилавӣ маҳсуб мегардад.7 Дар қисмати аввали ин китоб муҳимтарин масъалаҳои омӯзиши адабиёти тоҷик ва дар бахши дуюми он мушоҳида ва мулоҳизаҳои муаллиф дар мавриди инкишофи забони адабӣ матраҳ мегардад. Китоби мазкур натиҷаи фаъолиятҳои тӯлонию босамари илмӣ ва омӯзгории устод Н.Маъсумӣ мебошад.

Бояд гуфт ки аз солҳои панҷоҳуми қарни ХХ сар карда, дар факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ, дар заминаи тадқиқоту таълифотҳои ҷиддию бунёдӣ, як мактаби қавии илми филологияи тоҷик ба вуҷуд омад, ки шохаи забоншиносии он бо ном ва фаъолиятҳои босамари устод Н.Маъсумӣ дар ин самт вобаста мебошад. Дар ин мактаб аз ҳамон солҳо сар карда, омӯзиши масъалаҳои гуногуни сохти грамматикии забони тоҷикӣ, проблемаҳои гуногуни сарфию наҳвии он ривоҷ гирифт. Ҷавонони зиёде зери роҳбарии устодони бузурге чун Н.Маъсумӣ рисолаҳои

номзадию докторӣ навишта, ҳимоя карданд. Дар ин замина бо марказҳои эроншиносии Русия, Озорбойҷон ва Гурҷистон ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шуд.

Дар солҳои баъдӣ мактаби илмии факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар самти забоншиносӣ зери роҳнамоии устод Н. Маъсумӣ, дар самти адабиётшиносӣ зери роҳнамоии устод Х.Мирзозода ва дар самти усули таълим бо ҳидояти устод А.Эшонҷонов инкишоф меёфт ва олимону муаллимони варзидаи зиёдеро тарбият намуда, дар хизмати илму маорифи кишвар гузошт.8

Устод Н.Маъсумӣ бо ҳамроҳии Т.Пӯлодӣ ва Б.Раҳимзода дар факултети филологияи Донишгоҳ маҳфили адибони ҷавонро роҳандозӣ намуданд, ки он дар тарбияи як қатор шоирону нависандагони маъруфи тоҷик нақши муҳим гузошт. Аз ҷумла, шоирону нависандагони шинохтаи тоҷик Ф.Ансорӣ, Б.Ҳоҷӣ, Ғ.Мирзо, Л.Шералӣ, У.Раҷаб, Қ.Киром, С.Султон, А. Атобоев, Кӯҳзод, М.Бахтӣ, К.Мирзоев, К.Насруллоев ва дигарон дастпарварони ҳамин маҳфили адабӣ ҳастанд. Устод Н.Маъсумӣ дар солҳои 60-70 садаи XX ва охири умрашон дар ин факултет аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, фолклори тоҷик дарс мегуфтанд ва дар тарбияи омӯзгорони фанҳои мазкур саҳми бевосита мегузоштанд. Дарсҳои устодро, ки бо як маҳорати нотакрори омӯзгорӣ баргузор мегардид, бисёре аз шогирдон дар ёд доранд ва дар маҳфилу суҳбатҳои дӯстона аз лексияҳои ҷаззоби Н.Маъсумӣ дар мавриди рӯзгору осори Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Бедил, Зебуннисо, Аҳмади Дониш, Савдо, Туғрал ва дигарон бо муҳаббат ёд мекунанд. Ба шаҳодати шогирдонашон устод Н.Маъсумӣ дар баробари дониши амиқу фарогири филологӣ маҳорати баланди суханварӣ, наттоқӣ ва садою овози ҷаззоб доштанд. Эшон ашъори зиёди Ҳилолӣ, Нозим, Бедил, Туғрал ва дигар шоирони бузургро аз бар медонистанд ва дар дарсу маҳфилҳои адабӣ бо камоли маҳорати суханварӣ қироат мекарданд. Ин фазилатҳои волоро устод Н. Маъсумӣ аз муаллимони нахустинашон Л.Бузургзода ва Ҳ.Ҳодизода ба мерос гирифта буданд.

Устод Н.Маъсумӣ 16 августи соли 1974 аз дунё гузаштанд, ки ин барои илми филологияи тоҷик воқеан, талафоти ҷуброннопазир буд. Баъдан, бо ибтикори шогирдону ҳамкоронашон осори илмии устод дар ду ҷилд таҳия гардид, ки он бо дастгирӣ ва пешгуфтори Президенти ҳамонвақтаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М.С.Осимӣ чанд бор ба чоп расид ба шахсият ва корномаи илмию омӯзгории устод Н.Маъсумӣ умри абад бахшид.

Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

**АДАБИЁТ**

1.Ёдномаи устод Маъсумӣ.-Душанбе: Адиб,2016,-с.8.
2.Исматуллоев М. Педагог, олим ва инсони комил// Ёдномаи устод Маъсумӣ.-Душанбе: Адиб,2016,- с. 17.
3. Масуми В.О.Ҷаҳонам ҳуснафруз аст// Ёдномаи устод Маъсумӣ.-Душанбе: Адиб,2016,- с.117.
4. Сайфуллоев А. Соҳибдилон намиранд//Маориф ва маданият, 1960, -15 май.
5. Ёдномаи устод Маъсумӣ.-Душанбе: Адиб,2016.
6.Шукуров М. Аз қуллаҳои кӯҳ ба қуллаҳои илм// Садои Шарқ, 1966,-с.83.
7.Маъсуми Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.1.- Душанбе, 1977.
8.Маъсуми Н. Асарҳои мунтахаб.Ҷ.1.- Душанбе, 1980.

## ЗАПИСЬ В НАШЕМ МИРЕ ПРОДОЛЖЕНИЕ

*Статья посвящена научной и педагогической деятельности устода Н.Масуми, который полностью посвятил свою сознательную жизнь исследованию таджикского языка, литературы и фольклора. Кроме того, он был учителем и наставником нескольких поколений таджикских филологов – преподавателей и исследователей языка и литературы.*

*Автор уделяет особое внимание фундаментальным работам Н.Масуми по классической и современной литературы. Велики заслуги устода в развитии таджикского языкознания, особенно в области лексикологии, лексикографии и стилистики. Н. Масуми внес огромный вклад в воспитании таких известных таджикских поэтов и пистелей как У.Раджаб, Л.Шерали, М.Бахти, У.Кухзод, Г.Мирзо, Х.Файзулло и других. Сегодня ярко ощущается вклад Н.Масуми в развитии различных отраслей таджикской литературы и филологической науки. Наш народ сегодня высоко ценит заслуги таких патриархов науки, литературы и системы образования республики, как устод Н.Масуми.*

**RECORDING IN OUR WORLD CONTINUED**

*The article is devoted to the scientific and pedagogical creative activities of ustod N. Masumi who devoted his full life to the research of Tajik language, literature and folklore. In addition, he was the teacher and tutor of several generations of philologists-teachers and researchers of the language and literature.*

*The author pays a special attention to the fundamental works of N. Masumi on classical and modern literature. Ustod N. Masumi plays a great role in the development of Tajik linguistics, in particular in the sphere of lexicology, lexicography and stylistics. N. Masumi made a great contribution to the education of such famous Tajik poets and writers such as U. Rajab, L. Sherali, M. Bakhti, U. Kukhzod, G. Mirzo, Kh. Faizullo and others. Today N. Masumi's contribution to the development of various branches of Tajik literature and philological science is clearly felt. Our people today highly appreciate the merits of such patriarchs of science, literature and education system of the republic as ustod N. Masumi*

***Сведения об авторе:***

***Солехов Шамсиддин Аслиддинович*** - *д.ф.н., профессор, зав. кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни: тел: (+992) 987650043; E - mail: soleh59@mail.ru*

***About the author:***

***Solehov Shamsiddin Asliddinovich*** - *Doctor of Philological science, head of the department of Theory and History of literature Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 987650043; E - mail: soleh59@mail.ru*

## РУШДИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА УНИВЕРСАЛИЗМИ ШАРОФИДДИН РУСТАМОВ

***Сулаймонов И. О.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Дар саромади забоншиносии тоҷик дар марҳалаҳои гуногуни рушди он шахсиятҳои маъруфе қарор доштанд, ки маҳз бо сайъу талоши онҳо илми мазкур ва соҳаҳои он ба дараҷаи муайяни таҳаввулот расидааст. Масалан, нақши муҳаққиқони солҳои 20–30-юми асри XX таҳти роҳбарии устод С. Айнӣ барои ташаккули забони адабии ҳозираи тоҷик, ғанӣ гардонидани он аз ҳисоби имкониятҳои дохилии забони тоҷикӣ, хусусан, аз ҳисоби лаҳҷаҳои кӯҳистон пурра гардонидани таркиби луғавии забонамон, таҳияи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва аввалин омӯзишгоҳҳову донишкадаи навтаъсиси агропедагогӣ махсус ёфтааст. Аммо насли минбаъдаи муҳаққиқони соҳаи филологияи тоҷик, ки бештар фаъолияти илмии онҳо аз солҳои 30–50-уми садаи гузашта оғоз мешавад, бо офаридани силсилаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти тараққии ҳам забон ва ҳам адабиётшиносии тоҷик маъруф гаштаанд. Устодон Л. Бузургзода, А. Деҳотӣ, С. Улуғзода, Х. Мирзозода, Т. Зеҳнӣ, В. Асрорӣ, Ш. Ҳусейнзода, Б. Ниёзмуҳаммадов ва дигарон намояндагони ин марҳалаи рушди забоншиносии тоҷик ба шумор мераванд.

Дар солҳои 50-80-уми садаи XX бошад, дар такя ба пешрафти забоншиносии рус рушди соҳаҳои ҷудогонаи забоншиносии мо, аз ҷумла лексикология бо рӯи кор омадани осори илмии М.Муҳаммадиев; грамматика ва шевашиносӣ бо таълифи осори В. С. Расторгуева, Р. Л. Неменова, А. З. Розенфелд, А. З. Каримова; грамматика, услубшиносӣ ва шевашиносӣ дар таълифоти Н. Маъсумӣ, Б. Камолиддинов, Р. Ғаффоров, Тоҷиев, М. Исматуллоев, Ғ. Ҷӯраев, А. Эшонҷонов, Н.Бозидов; бевосита доир ба мушкилоти грамматикаи тоҷик ва соҳаҳои он таҳқиқоти забоншиносон – Д.Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов ва дигарон сурат гирифтааст.

Пӯшида нест, ки грамматика илми мураккаб ва серсоҳа буда, дар таркиби он бахшҳои морфология, синтаксис ва калимасозӣ ҷойи асосиро ишғол мекунад. Ш. Рустамов фаъолияти илмии худро аз охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-уми қарни мозӣ оғоз намуда, тамоми қувваю маҳорати худро маҳз ба таҳқиқи ана ҳамин се ҷузъи асосии грамматика бахшидааст. Бисёрҷанбагии

фаъолияти илмии ӯ дар бобати офаридани рисолаву мақолоти ниҳоят муҳиме, ки ба ҳалли ягон мушкилоти грамматикаи забони тоҷикӣ нигаронида шудаанд, зоҳир мегардад.

1**) Дар бахши синтаксис**. Ш.Рустамов ҳанӯз соли 1964 дар мавзӯи «Ҷумлаҳои мураккаб бо ҷумлаи пайрави сабаб», ки дар он солҳо аз масъалаи ҳалношудаи синтаксиси забони тоҷикӣ маҳсуб меёфт, рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Муҳимтарин маълумотҳои илмию назариявӣ ва намунаҳои ҷумлаҳои мураккаб бо ҷумлаи пайрави сабаб, ки дар диссертатсия таҳлил ва коркард шуда буданд, дар матни китобҳои дарсии грамматикаи академӣ, грамматикаи нормативӣ ва китобҳои дарсӣ барои омӯзгорону донишҷӯёни ихтисосҳои филологии мактабҳои олӣ ҷой дода шудааст. Чунончи, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҷумлаи пайравашон сабаб барои шарҳ ёфтани калимаҳои ҳамнисбат ба кор рафтан ва тавассути пайвандакҳои тобеъкунандаи **азбаски, чунки, зеро, зеро ки, ки, модом ки, ба сабаби он ки, ба сабаби ин ки, аз сабаби он ки, чун** ва монанди инҳо ба сарҷумла тобеъ шудани ҷумлаи пайрав, ҷойи ҷумлаи пайрави сабаб далел шуда метавонад.

Минбаъд бо сар задани масъалаи баҳснок роҷеъ ба мушкилоти зиёде, ки дар бахши синтаксис вуҷуд доштанд: «Мувофиқати хабар бо мубтадо», «Ифодаи мубтадо бо ҷонишин», «Ифодаи мубтадо бо исм», «Иштибоҳот дар як қолаби ҷумлабандӣ ва таҳқиқи он» (Оид ба баъзе масъалаҳои забонию услубии корбасти калимаҳо чун воҳидҳои ҷудогонаи синтаксис дар романи «Сарбозони бесилоҳ"-и Фотеҳ Ниёзӣ» , «Масъалаҳои мубоҳисавии ибора ва аъзоҳои ҷумла» (Баҳс дар атрофи таърифи ҷумла – воҳиди коммуникативӣ будан ва ибора (воҳиди номинантивӣ будан, тафовути байни онҳо ва ҳамчун ҷузъи ҷумла ба кор рафтани ибора), «Ҳақиқати баҳси воҳидҳои синтаксис"(Ҷавоб ба тақризи М.Исматуллоев «Мулоҳизаҳо оид ба синтаксиси мактаби олӣ», Газетаи муаллимон, аз 15.18-январи соли 1983) , «Иборахои «ноқис ва комил», «Як қолиби иборахои исмӣ» (Шокир ном деҳқон), «Аъзоҳои иловагии ҷумла», «Аъзоҳои истисноии ҷумла», «Баёнияи истисноӣ», «Муайянкунандаи истисноӣ», «Пуркунандаи истисноӣ», «Ҳоли истисноӣ», «Доир ба истисно шудани сараъзоҳои ҷумла», «Аъзоҳои истисноӣ ва аъзоҳои чидаи ҷумла», «Ҷумлаи мураккаби тобеъ», «Ҷумлаи пайрави муайянкунанда; тобишҳои маъноӣ, воситаҳои алоқа дар он; муродифоти ҷумлаи пайрави муайянкунанда вағ.), «Ибораи сифати феълӣ», «Ибораи сифатӣ», «Ибораи масдарӣ» ва ҳоказо бо ташкили мубоҳисаи шаффофи илмӣ андешаҳои худро дар китоби «Мушкилоти синтаксис» (1988) бо овардани далелҳои асоснок баён намудааст.

**2) Дар бахши морфология**. Самти дигаре, ки дар фаъолияти илмии Ш. Рустамов мақоми муҳим касб кардааст, ҳалли масъалаҳои морфологияи забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар ин ҷода ӯ соли 1972 рисолаи арзишмандеро роҷеъ ба «Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм» анҷом дода, нақши асосӣ доштани маъноро дар муайян намудани мақоми калимаҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ муайян намудааст. Ӯ аломатҳо ва вазифаҳои махсус доштани калимаҳоро дар созмон додани нутқи комил ва дар ҷумла таъкид кардааст. Вобаста ба маънои луғавӣ ва грамматикӣ доштан Ш.Рустамов вожаҳоро ба ду гурӯҳ: мустақилмаъно (ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикӣ дошта, мафҳумро ифода мекунанд ва ба савол ҷавоб шуда дар вазифаи яке аз аъзоҳои ҷумла омада метавонанд) ва номустақилмаъно (танҳо маънои грамматикӣ дошта, маънои луғавии онҳо заиф аст; ба савол ҷавоб намешаванд; чун воситаи алоқаи грамматикӣ дар таркиби ибора ва ҷумла ба кор меравaнд ва ниҳоят, як бахши дигарашон ҷиҳати таъмини тобиши эмотсионалӣ хизмат мекунанд). Чунин тарзи таҳқиқ барои равшан гардидани мақом ва вазифаи ҳар як калима мусоидат менамояд. Муҳаққиқ мавқеи исмро дар миёни дигар ҳиссаҳои нутқ меҳварӣ арзёбӣ карда, соҳиби нишонаҳои хос будани исм (категорияи ҷамъ доштан, артикли номуайянӣ қабул кардан, воситаҳои махсуси калимасозӣ доштан ва амсоли инҳо)-ро таъкид мекунад. Ин аст, ки мақоми сифат, шумора ва феъл барин категорияҳои асосии нутқ нисбат ба исм муайян карда мешавад (Рустамов,1972).

Роҷеъ ба масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои маъноию грамматикии исм Ш. Рустамов таҳти унвони «Исм дар забони тоҷикӣ» (1975) диссертатсияи докторӣ ҳимоя намуда, таҳти унвони «Исм» (очерки грамматикӣ) соли 1981 монографияи дигари худро ба табъ мерасонад ва бо ҳамин ба масоили баҳсноки категорияҳои грамматикии исм ва нишонаҳои фарқкунандаи он нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ, раванди гузариш аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ, ба вазифаи ҳамаи аъзои ҷумла ба кор рафтани он, калимасозии исм ва ғайра ақидаҳои асоснок ва ҷолиби илмӣ баён кардааст.

Бо ҳамин фаъолияти илмии Ш. Рустамов ҳамчун муҳаққиқи соҳаи сарфшиносии тоҷик минбаъд хотима намеёбад. Ӯ бо пайдо шудани мавзӯи илмие, ки баррасии он нотамом мондааст, ба таври

фаврӣ мулоҳизаҳои худро тавассути рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ ва нашри маҷмӯаҳои илмӣ баён мекунад. Масалан, дар китоби «Мушкилоти синтаксис» мақолаҳои «Баҳси пешояндҳои таркибӣ"(1988, 132-145) ба табъ расидааст, ки онро муаллиф дар ҷавоби мақолаи Х.Ҳусейнов, ки бо номи «Пешояндҳои таркибӣ» дар маҷаллаи «Мактаби советӣ» чоп шудааст, таълиф намуда, андешаҳои худро роҷеъ ба ин масъала изҳор кардааст. Масалан, оид ба масъалаи аз ҳисоби исмҳо созмон ёфтани пешояндҳои таркибӣ чунин навиштааст: «Дараҷаи пешояндшавии ҳамаи калимаҳои номӣ як хел нест. Баъзе калимаҳо ба гурӯҳи пешояндҳо пурра гузаштаанд ва ҳоло асосан ҳамчун пешоянд истифода мешаванд. Миқдори ин гуна калимаҳо дар забони адабии тоҷик зиёд нест. Аммо қариб ҳамаи калимаҳое, ки ҳамчун пешоянди номӣ ва ё ҳиссаи номии пешояндҳои таркибӣ истифода мешаванд, комилан ба ин категория нагузаштаанд, ҳарчанд ки дараҷаи истеъмоли онҳо дар ин соҳа як хел нест. Баъзеи онҳо ҳамчун исм ва баъзеи дигарашон ҳамчун пешоянд серистеъмол мебошанд. Ин далели он аст, ки ба вазифаи пешоянд омадани онҳо ба давраҳои гуногун вобаста мебошад» (1988,143).

Муҳаққиқ ба ҳалли масъалаи дигар – шинохти калимаҳои ҳамнисбат мақолаи калонҳаҷмеро бо унвони «Калимаҳои ҳамнисбат» дар маҷмуаи мазкур нашр кардааст. Ӯ нигоштааст, ки дар таҳлилу таснифи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мақоми калимаҳои ҳамнисбат низ бузург аст. Аз ин нуқтаи назар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: дар як гурӯҳи онҳо калимаҳои ҳамнисбат оянд, дар гурӯҳи дигар истифода намешаванд (1988, 181-182). Минбаъд оид ба нақши калимаҳои ҳамнисбати «барои он», «чунон», хусусияти ҳамнисбатӣ пайдо кардани ҷонишини ин (дар шакли инаш) ва муносибати синонимӣ пайдо кардани он бо артикли –е, ва шаклҳои дигари ҳамнисбатӣ ибрози андеша намудааст (1988, 181-215).

Мубоҳисаи илмие, ки Ш.Рустамов дар атрофи ҷонишин ё исм будани вожаи **кас** ташкил кардааст, хеле ҷолиб сурат гирифтааст. Қаблан фикри забоншинос А. М. Шафоиро оид ба хусусиятҳои маъноию вазифаҳои грамматикии вожаи **кас** тавзеҳ дода, зикр менамояд, ки «кас – дар забони форсӣ чун калимаи мустақил истифода намешавад; бо қабул кардани артикл ба ҷонишини номуайянии «касе» табдил меёбад; ҳамчун калимаи ҳамнисбат истифода мешавад.(1967, 35-36). Ӯ бо овардани далелу бурҳони қотеъ ба моҳияти масъала ин гуна равшанӣ андохтааст, ки «кас ҳамчун исм предметро (шахс)-ро ба таври умумӣ ифода менамояд; категорияи грамматикии шумора ва муайяниву номуайянӣ қабул мекунад; дар калимасозии сифат ҳамчун унсури фаъоли марфологӣ маҳсуб меёбад; бо ҷонишинҳои ишоратӣ меоянд, ки ин хусусият низ хоси исм мебошад; вожаи кас бандаки изофӣ қабул мекунад, ки дар чунин ҳолатҳо аломати исмии он боз ҳам барҷастатар зоҳир мешавад; кас; калимаи касро ҳамчун калимаи ҳамнисбат ба қалам додан ва зиёда аз ин «бо ҷумлаи пайрав истифода мешавад гуфтан ғалати маҳз аст» (1988, 215-226).

Ш. Рустамов доир ба масъалаи сифат (1988, 303-305) ва сифати феълӣ (1988, 300-302) низ андешаҳои муҳимми илмӣ дорад, ки он ба сифати илова ба тадқиқоти дар ин масъала анҷом додаи Ш.Ниёзӣ ва дигарон сурат гирифтааст.

**3) Дар бахши калимасозӣ**. Шарофиддин Рустамов доир ба масъалаҳои калимасозӣ низ адешаҳои ҷолиб дорад. Бо таҳияи рисолаи «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (1972) ӯ тавонист, ки муҳимтарин роҳу усулҳои сохта шудани исмҳо: роҳи морфологӣ, роҳи морфологӣ-синтаксисӣ, роҳи синтаксисӣ-морфологӣ, роҳи луғавӣ-грамматикӣ, роҳи луғавӣ-семантикӣ ва ихтисораҳоро таҳқиқ намуда, имкониятҳои татбиқи онҳоро нисбат ба ҳиссаҳои дигари нутқ нишон диҳад. Роҳи морфологии калимасозии исмҳо усули аз ҳама сермаҳсули сохта шудани калимҳои нав баҳодиҳӣ шудааст ва бо тарзи ихтисора сохтани исмҳои навро танҳо ба исм мутааллиқ медонад. Дар пайравӣ ба Ш.Рустамов соли 1996 С.Хоркашев таҳти унвони «Калимасозии пасвандии исм дар лаҳҷаҳои ҷанубии шарқии забони тоҷикӣ» дифоъ намуд ва онро такмил дода, дар намуди монография аввал соли 2010 ва баъдтар дар шакли мукаммалтар соли 2019 ба табъ расонидааст.

Роҷеъ ба роҳи калимасозии морфологӣ – синтаксисӣ изҳори андеша намуда, Ш.Рустамов зуҳуроти гузариши ҳиссаҳои нутқро ба ҳиссаи нутқи дигар ба таври илмӣ дар робита ба таҷрибаи забоншиносони рус ва хориҷӣ, хусусан А.И.Смирнитский асоснок намуд ва ҳалли пурраи онро ба муҳаққиқони ҷавон вогузор кардааст. Дар ин росто бошад, Ш.Муҳаммадиев аз таҳқиқоти устод Ш.Рустамов илҳом гирифта, бо номи «Субстантиватсия дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (20..) рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст. Паҳлуҳои ҳанӯз наомӯхтаи калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ,

ки чун тарзи конверсия ва ё транспозитсионии вожасозӣ маъмул мебошанд, хеле зиёданд ва дар ин самт илми тоҷик таҳқиқоти тоза ба тозаро интизор аст.

**4) Оид ба мақоми забони давлатӣ ва маданияти сухан**. Падидаи дигаре, ки аз муҳаққиқи варзидаи соҳаи забоншиносӣ будани Ш. Рустамов дарак медиҳад, саҳми ӯ даркушодани гиреҳҳои чигиле, ки дар соҳаи маданияти сухан ҷой дошт, ба шумор меравад. Вай дар конференсияи илмие, ки бо ибтикори Академияи илмҳои Тоҷикистон рӯзҳои 24-25-ноябри соли 1988 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, бо маърӯза дар мавзӯи «Масъалаҳои муҳими маданияти сухан» баромад кардааст, ки муҳимтарин нуктаҳои он чунинанд:

-сифатан беҳтар намудани тадриси забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, дар ин росто бо таҳияи фарҳангномаҳои муфассали тафсирӣ такомул бахшидан ба сатҳи гуфтори кормандони телевизион ва радио, нутқи зиёиён ва ғ.

-ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ва дар робита ба ин ба забони тоҷикӣ ба роҳ мондани фаъолияти идораву ташкилотҳо ва тамоми муассисаҳои давлатӣ; ҷорӣ кардани навиштани иншо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик барои дохишавандагони мактабҳои олӣ ва ба роҳ мондани омӯзиши забони тоҷикӣ дар тамоми ихтисосҳои ғайрифилологӣ; тадриҷан ба тарзи насабсозии анъанавии тоҷикӣ гузаштан;

-ба забони русӣ додани мақоми муоширати байни намояндагони миллатҳои дигари сокини ҷумҳурӣ;

-оид ба моҳияти маданияти сухан, муносибати он бо ҳусни баён, маҳорати суханварӣ; саҳеҳу ҷолиб навиштан; иваз намудани бисёр калимаҳои иқтибосии носара бо муродифоту муодилоти тоҷикӣ; ба низом даровардани қолабҳои калимасозӣ;

-наздик овардани нутқи адабӣ ва нутқи шифоҳӣ бо мақсади рушди суханронии омма;

-доир ба баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа;

-роҷеъ ба масоили имло ва хат; истилоҳот ва ҳусни сухан бо ҳисси забондӯстию меҳри самимона нисбат ба рушди маҳорати суханварии фарзандони гуногунмақому гуногунвазифаи Ватан бо ҳарорат ҳарф задааст, аксарияти пешниҳодоти ӯ дар замони ноил шудан ба истиқлолияти миллию давлатӣ амалӣ гардиданд.

**5) Дар бахши услубшиносӣ**. Дар маҷмӯаи илмии «Забон ва замон» (1981) Шарофиддин Рустамов ҳамчун услубшинос ба арсаи илм қадам ниҳода, оид ба хусусиёти забонию услубии «Сукути қуллаҳо"-и Саттор Турсун ва ҳусни ашъори Лоиқ Шералӣ мулоҳизаронӣ кардааст. Дар фарҷоми фаъолияти илмӣ дар хусуси «Каломи Лоиқ» (2003) бо ҳамин унвон пажӯҳиши арзишманде офарида, пешкаши ҳаводорони илми забоншиносӣ гардонидааст.

Шарофиддин Рустамов олими дурандеш буданд. Охири солҳои 80-ум пояи ҳокимияти шӯроҳо торафт заифу нотавон мегардид. Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ сиёсати бозсозии горбачёвиро ҳар хел қабул ва ҳар гуна амалӣ мекарданд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон мардуми зиёд аз ҳар табақоти иҷтимоӣ, хусусан зиёиён дар зери шиори «Ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ» ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Ба гурӯҳи аввал мардуме шомил буданд, ки аз нигоҳи меҳанпарастиву садоқат ба суннатҳои миллию этникӣ назар афканда, шуҳрати ҷаҳоншумули забони тоҷикиро барқарор ва поку беолоиш будани онро таманно доштанд. Ба гурӯҳи дуюм мардуме дохил мешуд, ки воқеан, даъвати «Ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ» бароящон як шиоре, як баҳонае барои татбиқ намудани ғаразҳои сиёсӣ, ғасб намудани ҳокимият ва ба сари қудрат омадан чизи дигар набуд. Онҳо ба торҳои нозуки дили мардум нохун зада, арзишҳоеро чун забон, миллат, ватан бо ҳадафҳои нопокашон омезиш дода, одамони гумроҳро ба доми заҳрогини худ мекашиданд. Бо ин амали зишт мамлакатро ба вартаи ҳалокат мекашиданд. Хушбахтона, каҷдилон ба муроди худ нарасиданд. Шарофиддин Рустамов дар гурӯҳи аввал қарор доштанд. Ӯ дар мақоми худ ҳамчун фарзанди содиқи ватану миллат ва илми тоҷик то дами вопасинашон чун кӯҳҳои сарбафалаккашидаи Тоҷикистон устувору побарҷо монданд. Ба орзую омолашон танҳо дар замони истиқлолияти давлатию миллӣ расиданд. Ба он чи дар ҷодаи илм муваффақ гаштааст аз сабру тааммул буд аз шуълаи меҳр, ки ба забони тоҷикӣ дошт. Ин мисраъҳоро Саъдии Шерозӣ гӯиё дар ҳаққи ӯ гуфта бошад:

*Сабр бисёр бибояд падари пири фалакро,*

*То дигар модари гетӣ чу ту фарзанд бизояд.*

**АДАБИЁТ**

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик./(Муҳаррири масъул Ш.Рустамов ва диг.). -Душанбе. «Дониш». Ҷилди 1. – 1985, 356 с.; Ҷилди 2. – 1986, 372; Ҷилди 3. – 1989, 222с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик (Синтаксис). –Душанбе: Ирфон, 1970, -268с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ./ (муҳаррири масъул Ш.Рустамов). –Душанбе: Маориф, 1995. -336 с.
4. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ. / Ш. Ниёзӣ.-Сталинобод, 1954. -48с.
5. Рустамов Ш. Сложноподчинённые предложения с придаточными причины в современном таджикском литературном языке: автореф. дисс. канд. филол. наук. / Ш.Рустамов. -Душанбе, 1964. -26с.
6. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ш.Рустамов. -Душанбе: Дониш, 1968. -120с.
7. Рустамов Ш. Калимасозии факки изофат. /Ш. Рустамов // Мактаби советӣ. -1971. -№12. -С.18-22.
8. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. / Ш.Рустамов. -Душанбе: Ирфон, 1972. -88с.
9. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ш.Рустамов. -Душанбе: Дониш, 1972. -77с.
10. Рустамов Ш. Имя существительное в современном таджикском литературном языке (существительное в системе частей речи, грамматические категории, словообразование и синтаксические функции): автореф. дис… докт. фил. наук. 10.02.02 / Ш.Рустамов. -Душанбе, 1972. -83с.
11. Рустамов Ш. Исм (категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ) / Ш. Рустамов. –Душанбе: Дониш, 1981. –219 с.
12. Рустамов Ш. Забон ва замон. / Ш. Рустамов. -Душанбе: Ирфон, 1981.- 256 с.
13. Рустамов Ш. Як усули васлшавии калимаҳо. / Ш. Рустамов // Масъалаҳои забоншиносӣ. -Душанбе: Дониш, 1983. -С.79-87.
14. Рустамов Ш. Об одном способе словообразования в таджикском языке./ Ш. Рустамов // Актуальные проблемы иранской филологии. -Душанбе, 1985. -С.126-134.
15. Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис. / Ш. Рустамов. -Душанбе: Маориф, 1988.- 344 с.
16. Рустамов Ш. Масъалаҳои муҳими маданияти сухан./ Ш. Рустамов //Маҷмӯаи илмии «Маданияти сухан». -Душанбе: Маориф, 1989.- 350 с.
17. Рустамов Ш. Мақоми забон./ Ш. Рустамов. -Душанбе: Адиб, 1996. -304с.
18. Рустамов Ш. Каломи Лоиқ. / Ш. Рустамов. -Душанбе: Деваштич, 2003.
19. Рустамов Ш. Давлати Сомониён ва забони адабии тоҷик./ Ш. Рустамов. - Душанбе, 1999. -176 с.
20. Шукуров М. Хуросон аст ин ҷо./ М. Шукуров. –Душанбе: «Дониш»: 2009.- 576с.


## РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ГРАММАТИКИ И УНИВЕРСАЛИЗМ ШАРОФИДДИНА РУСТАМОВА

(К 90-летию Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни и выдающего лингвиста Шарофиддина Рустамова)


*В данной статье автор исследует основные периоды развития таджикской грамматики, в том числе развития грамматики советского периода и времен государственной независимости Таджикистана. Подчеркивается роль и заслуга выдаюшиейся языковеда – грамматиста Шарофиддина Рустамова в области развитие синтаксиса сложных предложений, классификация частей речи и место имен существительных, основные пути словообразования имен существительных, о статусе государственного языка и проблемы культуры речи, о языке и стиль художественной произведений и т.д.*



***Ключевые слова:*** *грамматика, сложнопочинённые предложения, классификация частей речи, грамматические особенности и категории имен существительных, основные пути словообразования имен существительных, статус государственного языка, культура речи, язык и стиль художественной литературы.*


## THE DEVELOPMENT OF TAJIK GRAMMAR AND UNIVERSALISM OF SHAROFIDDIN RUSTAMOV

(To the 90th anniversary of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini and the outstanding linguist Sharofiddin Rustamov)


*In this article, the author explores the main periods of the development of Tajik grammar, including the development of grammar of the Soviet period and the times of the state independence of Tajikistan. The role and merit of the outstanding linguist – grammarian Sharofiddin Rustamov in the development of the syntax of complex sentences, the classification of parts of speech and the place of nouns, the main ways of word*

*formation of nouns, the status of the state language and the problems of speech culture, the language and style of artistic works, etc. are emphasized.*

***Keywords:*** *grammar, compound sentences, classification of parts of speech, grammatical features and categories of nouns, the main ways of word formation of names*

***Сведение об авторе:***

***Искандар Сулаймонов Одинаевич*** *- к.ф.н., дотсент, заведующий кафедры теории и практики языкознания. Таджкского государственного педагогического университета имени С. Айни, Тел: (+992) 989116400; E-mail: sio61@gmail.com*

***About the author:***

***Iskandar Sulaymonov Odinaevich*** *associate professor, head of the chair of theory and practice of linguistics. Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Тел: (+992) 989116400; E-mail: sio61@gmail.com*

## БАЪЗЕ ПАҲЛУҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР ҒАФФОР ҶӮРАЕВ

***Холназаров Р. М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*

Таърихи збоншиносии тоҷик яке аз мавзуъҳои мубрами таърихи илм ба шумор рафта, дар ин мабно пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули афкори забоншиносии тоҷикро аз оғоз то ба даврони муосир баррасӣ намуда, ҷараёнҳо ва самтҳои аслии инкишофи забоншиносии тоҷикро нишон додан имконпазир аст. Яке аз бахшҳои забоншиносии тоҷик, ки бахусус дар асри XX ва оғози асри XXI ба таври сареъ ва густарда инкишоф ёфтааст, соҳаи шевашиносӣ ба шумор меравад, ки таърихи инкишофи он то кунун аз назари илм берун мондааст. Барои муайян намудани самтҳои асосии инкишофи таърихии таҳқиқоти шевашиносӣ, пеш аз ҳама омӯхтани фаъолияти илмии муҳаққиқони намоёни ин соҳа зарур мебошад, ки бар пояи он метавон таҳаввули ин соҳаи забоншиносиро муайян карда, ҷойгоҳи шахсиятҳои илмиро дар таърихи инкишофи он муқаррар намудан мумкин аст. Ҳамзамон омӯзиш ва баррасии афкори забоншиносии тоҷик, хусусан даврони навини инкишофи он, яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад, зеро маҳз дар заминаи пажӯҳиши дақиқ ва густардаи масоили гуногуни таҳқиқи бахшҳои мушаххаси забоншиносӣ манзараи умумии таърихи афкори забоншиносии тоҷикро метавон бозсозӣ ва таҳқиқ намуд. Гузаштаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар инкишофи забоншиносии тоҷик нақши чеҳраҳои илмӣ, ки дар пажӯҳиши масоили бахшҳои алоҳидаи он ва, умуман рушди соҳа хидмати беназир кардаанд, бениҳоят таъсиргузор будааст. Яке аз ин чеҳраҳои намоёни забоншиносии муосир профессор устоди шодравон Ғаффор Ҷӯраев мебошад, ки рушду тавсеаи лаҳҷашиносии тоҷик аз бисёр ҷиҳатҳо бо ному фаъолияти илмии ӯ пайванд мегардад. Бояд гуфт, ки ба зиндагӣ ва осори шодравон профессор Ғ. Ҷӯраев агарчи чанд мақола ва маҷмуа, бахусус навиштаҳои профессор Раҳматуллозода С. бахшида шуда бошад ҳам, вале аз рӯи ихлос ва садоқатмандӣ ба баъзе паҳлуҳои фаъолияти илмии устод ишораҳо хоҳем кард, зкро танҳо ба воситаи омӯхтани фаъолияти олимони соҳаи лаҳҷашиносӣ барқарор сохтани саҳифаҳои таърихи шевашиносии тоҷик имконпазир мебошад.

Устод ҒаффорҶӯраев муҳаққиқ ва олиме буданд, ки илми андӯхтаашро қиёс мекарданд, бо олимони шинохтаи Руссия, Гурҷистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Украина ва дигар кишварҳое, ки аз ҷиҳати илмӣ пешрафта буданд, ҳамкорӣ менамуданд. Луқмони ҳаким ба фарзандаш чунин панд мекунад, ки «Ба худ манигар!», яъне назар ба касоне намо, ки дар илм аз ту беҳтар бошанд, то бештар талош намоӣ барои илмандӯзӣ. Ҳамин тавр, устод Ғ. Ҷӯраев низ дар кулли он маҷолису конфронсҳо ва симпозиумҳое, ки баргузор мегардид, иштирок карда, маърузаҳое пешниҳод мекарданд, ки хеле пухтаву санҷидашуда буданд. Чуноне ки шоир фармудааст:

Арақи саъй муҳол аст, ки гавҳар нашавад,

Мерасад зарра ба хуршеди баланд охири кор.

Устод Ғаффор Ҷӯраев соли 1955 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Конибодом ва соли 1959 факултаи таъриху филологияи Институти педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченкоро (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) бо дипломи аъло хатм мекунад.

Байни солҳои 1959 ва 1961 дар ҳамин Донишгоҳ ҳамчун котиби масъули рӯзномаи «Педагоги ҷавон» (ҳоло «Омӯзгори ҷавон») ва муаллими кафедраи забони тоҷикӣ адои вазифа менамояд. Дар ҳамин вақт, яъне соли 1961 ба шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи устод Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ходими хурди илмӣ ба кор оғоз менамоянд. Ин ҳодиса тирамоҳи соли 1961 рух додааст. Устод Маҳмудов М. (рӯҳашон шод бод) номзади илми филология ва академики АИ педагогӣ ва иҷтимоии ФР бо ҳаммуалифии узви вобастаи Академияи миллии илмҳои ҶТ устод С. Раҳматуллозода дар очерки ҳасбиҳолии худ бо номи «Ғаввоси баҳри илм», ки бахшида ба 60-солагии устод Ҷӯраев навиштаанд, доир ба омадани устод Ҷӯраев ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ чунин нақл кардаанд, ки тирамоҳи соли 1961 ба муассисаи мазкур ба сифати ходими хурди илмӣ қабул карда мешаванд, ҳол он ки ҳар шахсе, ки пас аз хатми мактаби олӣ ба ин боргоҳи илм ба кор ояд, аввал бояд зинаҳои лаборантӣ ва лаборантии калонро гузарад, баъд соҳиби унвони ходими хурди илмӣ мегардад, аммо устод Ҷӯраев истисно буданд, чунки он кас ин зинаҳоро дар даврони донишҷӯияшон дар шуъбаи навташкили лаҳҷашиносӣ соли 1959 тай карда будаанд. Аз ҳамин сабаб мудири он вақтаи шуъбаи лаҳҷашиносӣ профессор О. Ҷалолов он касро ба ҳайси ходими хурди илмӣ ба кор қабул мекунанд. Бо ҳамкории устод Маҳмудов ба таҳқиқи мавзӯи «Лексикология ва лексикографияи минтақавӣ» шуруъ мекунанд. Дар натиҷаи кӯшишҳо фаъолияти пурсамари худ соли 1971 ба вазифаи нав, яъне ходими калони илмӣ гузаронида мешаванд...

Гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти устод Ғаффор Ҷӯраевро аз оғоз то поёни зиндагиаш ба бахшҳои гуногун, аз ҷумла фаъолияти илмӣ, фаъолияти илмӣ-таълимӣ ва фаъолияти ҷамъиятӣ ҷудо кардан имконпазир аст.

Фаъолияти илмӣ.“Таърихи ташаккул ва рушди илми филологияи тоҷик-менависад академик Фарҳод Раҳимӣ-, аз ҷумла бахши забоншиносӣ, бо номи бузургони гузаштаву имрӯза алоқа¬манд аст... Яке аз шогирдоне, ки дар мактаби забоншиносии муосири тоҷик парвариш ёфтааст, доктори илми филология, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Корманди шоистаи Тоҷикистон Ғаффор Ҷӯраев мебошад. Профессор Ғ. Ҷӯраев бо фосилаи андаке, гуфтан мумкин аст, тамоми фаъолияти эҷодии худро ба илми академӣ бахшидааст» .

Фаъолияти илмии профессор Ҷӯраев Ғ. ба мактаби забоншиносии профессор Расторгуева В.С., ки уфуқи наверо дар фазои забоншиносии тоҷики аҳди шӯравӣ боз намуда буд, иртиботи қавӣ дорад. Аз ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта В.С. Расторгуева ба таҳқиқи шеваҳои тоҷикӣ ҷиддан пардохта, дар баробари ин яке аз асосгузорони шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ буд, ки дар он муҳаққақони ҷавони тоҷикӣ ба таҳқиқу пажӯҳиши шеваҳои тоҷикӣ оғознамуданд. Онҳо дар мактаби таҳқиқоти шевашиносии В.С. Расторгуева ба камол расида, сипас худ асарҳои гаронбаҳое дар ин соҳа таълиф намуданд, ки дар байни онҳо профессор Ғаффор Ҷӯраев яке аз маъруфтарин забоншиносони тоҷик гардид. Таҳқиқи фаъолияти илмии проффессор Ғ. Ҷӯраев нишон медиҳад, ки самтҳо ва проблемаҳои мубрами шевашиносии тоҷики асри ХХ-ум ба таври амиқу густарда баррасӣ гашта, фазо ва муҳити илмии ин даврон мушаххас карда шавад.

Фаъолияти илмии профессор Ғаффор Ҷӯраевро вобаста ба самти таҳқиқоти ӯ метавон ба бахшҳои гуногун, аз ҷумла: а) омӯзиши масъалаҳои умумии шевашиносии тоҷик; б) лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон; в) пажӯҳиши сохтори луғавиву дастурии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ; г) тадвин ва таҳияи фарҳангҳои шевагии забони тоҷикӣр; д) таҳияи дастури гирдоварии шеваҳои тоҷикӣ ва таҳқиқу баррасии сотсиолингвистии забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намуд, ки ҳар кадоме аз онҳо дар ҷараёни инкишофи илми забоншиносии тоҷик ва забони тоҷикӣ таъсиргузор буд. Аз ҷумла, замоне ки миқдори муайяни луғати лаҳҷаҳо дар шуъба ҷамоварӣ шуд, қарор шуд ки луғати воқеии лаҳҷавӣ тартиб дода шавад, аммо дар сохтани чунин луғатҳо таҷрибаи кофӣ вуҷуд надошт, ба устод Ҷӯраев Ғ. вазифаи муайян кардани принсипҳо ва хосиятҳои тартиб додани чунин луғатҳо аз ҷиҳати илмӣ супорида шуд. Устод Ҷӯраев бо мутолиаи асарҳои олимони рус ба хусус мақолаҳову кутуби профессор Ф.П. Филин принсипи минбаъдаи луғоти минбаъдаро муайян намуданд. Маҳз бо пайгирии ҳамин принсип устод Ҷӯраев бо ҳамроҳии устод Маҳмудов намунаи «Луғати шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» дар мисоли ҳарфи «д» соли 1971 да шакли китобчаи алоҳида пешниҳод гардид.

Гуфтан ба маврид аст, ки устод Ҷӯраев принсипи системанок ва хосаро дар луғатҳои шеваи ҷанубӣ татбиқ кардан, имконнопазир мешуморид, чунки шеваи ҷанубӣ дорои ҳудуди васеъ ва

лаҳҷаҳои фаровон аст, тадвини чунини луғат нерӯи зиёди мутахассисон ва замони зиёдеро тақозо менамуд, аз ҳамин лиҳоз ба хулосае меоянд, ки луғат дорои принсипи хоса ва унсурҳои системанок бошад. Яъне ҳарчанд луғат калимоти хосаи шеваро дарбар мегирад, набояд аз калимаҳои умумихалқӣ орӣ бошад. Ҳарчанд авоил баъзе олимон ба ин равияи «мобайни"-е, ки устод пеш гирифта буданд мухолифат нишон медоданд, аммо таҷрибаҳои минбаъда дар кори луғатсозӣ худ исботгари дурустии роҳи пешгирифтаи устод буданд. Яъне бо вуҷуди луғоти шевагӣ асоси боигарии ҳар шеваро калимаҳои умумихалқӣ ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки бо равиши мазкур луғати шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар 2 ҷилд мураттаб гардид, ҷилди аввали он бо ҳаммуаллифии М. Маҳмудов ва Ғ. Ҷӯраев бо номи «Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ» дар ҳаҷми 22,5 ҷузъи чопӣ соли 1997 ба табъ расидааст. Дар гузашта чунин луғот вуҷуд надоштанд ва ин оғози таҷрибаи ҷадиде дар луғатсозии форсу тоҷик ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти илмӣ-таълимӣ. Устод Ғаффор Ҷӯраев аз оғози фаъолияти худ ба сифати устоди Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С, Айнӣ) дар таълими насли ҷавони филологҳои тоҷик саҳми арзандае гузошта, бо вуҷуди корҳои илмиву тадқиқотиашон аз таълиму тадрис дур набуданд. Эшон донишу таҷрибаву илме, ки тӯли солиёни зиёд ба кулли машаққат ба даст оварда буданд, ба дигарон меомӯзонданд. Ба шогирдоне, ки дар донишгоҳҳо доштанд, ба аспиранту доктороне, ки ба ҳайси роҳбари илмӣ буданд, таълим додаанд. Олим касе нест, ки илм дораду халос, балки касест, ки илми андӯхтаашро ба дигарон низ меомӯзад. Муаллим бояд намунаи ибрат бошад барои шогирдонаш ва устод ин масъулиятро дарк карда буданд. Вақте ки мо доир ба хислатҳои омӯзгор фикр мекунем, худамон ба чунин хулоса меоем, ки омӯзгор бояд шахсе аст, ки содиқ, хушахлоқ, меҳнатдӯст, хоксор, вафодор, неккоҳ, поктинат, бошараф, додхоҳ, албатта боилм ва хеле хислатҳои хуби дигарро доро бошад, ин ҳамаро Ғаффор Ҷӯраев доро буд ва инро шогирдони он кас тасдиқ мекунанд.

Ҳамкорон ва шогирдонашон аз эшон ҳамчун марди хоксору неккоҳ, меҳнатдӯст, поктинат, фарёдрас, меҳрубон ба хотир меоранд. «Муаллим- менависад дотсент Юлдош Сафаров- ҳинни таълим ва таълиф аз суханони мубҳам дурӣ ҷуста, ҳар сатру саҳифаҳои хушро бо воҳидҳои назаррасу дилнишин баён менамоянд... Банда дар қатори бисёр ҳидоятгару омӯзгорони ҳозиру ғоиб Додоҷон Тоҷиев, Холиқ Мирзозода, Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Носирҷон Маъсумӣ, Мукаррама Қосимова, Лившитс В. А., Воҳид Асрорӣ, Муҳаммадҷон Шукуров, Ҷонон Бобокалонова, М. Лутфул¬лоев ва чанде дигар Абдуғаффор Ҷӯраевро муаллим мехонам» .

Фаъолияти ҷамъиятӣ. Маълум аст, ки инсон мавҷудест, ки бидуни ҷомеа рушд карда наметавонад. Барои ташаккули ҳаматарафаи инсон ҷомеа нақши муҳиме дорад. Инсон, ки худ мавҷуди ҷамъиятист, барои ҳамин бевосита ё бавосита дар ҷомеа кору фаъолият мекунад ва ба он таъсиргузор мебошад.

Профессор Ғаффор Ҷӯраев низ аз зумраи касоне буд, ки таъсири амиқе ба ҷомеаи халқи тоҷик расондааст. Эшон нисбат ба ҳунару ҳунармандӣ ва театр муҳаббати беандоза доштаанд. Ҳатто солҳои 1970-1980, яъне тули даҳ сол дар шуъбаи актёрии Ҳунаристони ба номи Турсунзода ба омӯзондани нутқи саҳна ва забони тоҷикӣ машғул будаанд. Оид ба фанни тадрисии худ, яъне нутқи саҳна ва суханварӣ чанд мақолаи илмӣ, аз қабили «Маданияти нутқи актёр» , «Забон дар даҳон...» ва ғ. низ навиштаанд, то кӯмаке шавад барои донишҷӯёни ин ришта. Чи тавре ки дар боло зикр карда будем, эшон дар ҷодаи тарҷумонӣ низ қувваозмоӣ кардаанд ва дар тарҷумаи чанде аз намоишномаҳо ба забони тоҷикӣ кӯшиш кардаанд. Эшон чанд ҳикояву песаҳоро тарҷума кардаанд аз қабили: В. Гюго «Анҷело», Лабиш «Пулдон», С. Михалков «Сомбреро», Л. Баранга «Назари ҷомеа"-ро тарҷума намудаанд, ки аз ин миён «Пулдон» дар Қурғонтеппа (ҳоло Бохтар) дар театри давлатӣ ба саҳна гузошта шуда буд.

Чи тавре ки ба мо маълум аст, забон ин унсури муҳими ҷомеа ба ҳисоб меравад. Устод Ғаффор Ҷӯраев барои амалӣ намудани Қонуни забон саҳми босазое доранд, чунки беш аз чаҳордаҳ сол дар Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбар будаанд ва дар пешбарии сиёсати солими забон кӯмак расондааст. Бо сарварии ӯ якчанд қарори Ҳукумат доир ба забон ва Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари дохили кишварамон таҳия шудаанд.

Таҳлил ва баррасии фаъолияти илмии профессор Ғаффор Ҷӯраев нишон медиҳад, ки ӯ дар фазои илмии забоншиносии тоҷики даҳсолаи охири қарни гузашта ва ду даҳсолаи аввали қарни XXI ҳамчун як чеҳраи бузурги илмӣ ва донишманди саршиноси тоҷик падидар гашта, дар инкишофи илми шевашиносии тоқик аз худ нақши мондагоре барҷо гузоштааст.

**НЕКОТОРИЫЕ АСПЕКТЫ НАУЧНОЙ ДЯТЕЛЬНОСТИ ПРОФЕССОРА ГАФФОРА ДЖУРАЕВА**

*В данном статье автор рассматртвает проблемы некоториые аспекты научной дятельности профессора гаффора джураева. Надо отметит, что один из более широко изученный часть таджикской языкознании является диалектология. Чтобы правильно определить основную поправлению развития диалектологических исследований, прежде всего, необходимо зпать и изучать научную деятельность видных исследователей данной отрасли, которые позволяют точно указать состояние развития таджикского языкознания и место научных деятелей в истории развития этой науки. Один и неповторимый исследователей в области таджикской диалектологии является профессор Гаффор Джураев, что изучение научного творчества и сущности его произведений способствует определению общей развитии истории таджикской диалектологии.*

***Ключевые слова:*** *диалектология, история развития диалектология, научный деятель, научный деятельность, общественный деятельность, процесс развития таджикской диалектологии.*

**SOME ASPECTS OF THE SCIENTIFIC ACTIVITY OF PROFESSOR GAFOR JURAEV**

*In this article the author researches the problems of some aspects of the scientific activity of professor gafor juraev. It should be noted that one of the more widely studied part of Tajik linguistics is dialectology. In order to correctly determine the main correction of the development of dialectological research, first of all, it is necessary to know and study the scientific activities of prominent researchers in this field, which allow you to accurately indicate the state of development of Tajik linguistics and the place of scientists in the history of the development of this science. One of the unique researchers in the field of Tajik dialectology is Professor Gafor Juraev, that the study of scientific creativity and the essence of his works contributes to the definition of the general development of the history of Tajik dialectology.*

***Keywords:*** *dialectology, history of development of dialectology, scientist, scientific activity, social activity, the process of development of Tajik dialectology.*

***Сведения об авторе:***

***Холназаров Рухулло Мухаммадович****, к.ф.н., старший преподаватель кафедры теории и практики языкознания Таджикского государственного педагогического университета имена Садриддина Айни, E mail: ruhullokholnazarov@gmail.com*

***About the author:***

***Kholnazarov Ruhullo Muhammadovich****, Senior teache Of the Chair of Theory and Practice of Linguistics, Tajik State Pedagogical University by named after S Ayni, Тел: (+992) 937777967, E mail: ruhullokholnazarov@gmail.com*

**ГЛАВНЫЙ ПРИНЦИП РОЗЫ ХАКИМОВНЫ - МУДРОСТЬ РУКОВОДИТЕЛЯ**

***Ниятбекова А.Ю.***

*Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни*



Уже прошёл год, как ушла из жизни замечательный человек, педагог, и наставник АБДУЛЛАЕВА РОЗИЯ ХАКИМОВНА, вписавшая значимую страницу в истории системы образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Трудовую деятельность в университете Розия Хакимовна начала с 1979 года, работала лабаранткой кафедры физвоспитания. с 1980 года лабаранткой кафедры зоологии, с 1983 года - лаборанткой кафедры вичислителной математики. С 1984 года работала секретарём ректора, с 1986 года - в должности стенографистки в канцелярском отделе.

С 2001 год - Учёным секретарём университета. С 2003 года работала старшим преподавателем кафедры общей педагогики.

В 2005 году присуждена ученая степень кандидата педагогических наук. С 2006 года работала доцентом кафедры обшей педагогики.

В конце апреля 1949 года он получает депешу: «–выехать в Лауэнштейн, перейти границу и прибыть в Восточный Берлин»! Здесь в столице ГДР, он по прибытию, был арестован, мотивом ареста являлся не выполнение поручение резидента. В постановлении старшего оперуполномоченного МГБ СССР Горкина говорилась: «Рахим Бурханов - агент МГБ СССР, установил тесные связи с американской разведкой на территории Западной Германии и тем самым проявил лицемерие, поэтому обвиняется в измене Родине». Это необдуманное постановление было утверждено генерал-лейтенантом Мельником. В результате началось длительное, более чем десяти месячное расследование следственной комиссией МГБ СССР.

Не имея никаких доказательств, следователи обвинили Рахима Бурханова в сотрудничестве с Западно-Германской и Американской разведкой, игнорируя обращение ряда коллег из Германии, которые утверждали честность и порядочность Бурханова, а в его действиях отсутствие состава преступления. Несмотря на бесконечные допросы и пытки, Рахим Бурханов полностью отрицал свою причастность в шпионаже в пользу другого государства. Он постоянно утверждал, что был верен своей Родине и не изменял ей. Следственные органы и основной следователь Горкин проигнорировали факты, показания свидетелей разведгруппы Германии. Проведенные допросы не протоколировались, очные ставки со свидетелями не проводились, не было предъявлено постановление прокурора и т.д. Все попытки Рахима Бурханова опротестовать решение особого совещания при МГБ СССР от 2-го декабря 1950 года, не были приняты во внимание вышестоящим руководством МГБ СССР, потому, что вся тоталитарная система способствовала этому беззаконию.

Рахим Бурханов был приговорен к 10-ти годам заключения с отбыванием наказание в Воркутинском лагере на угольной шахте Коми АССР. Через несколько лет, в виду его болезни – туберкулезом костей, был переведен с должности мастера – забойщика стрелочником на

шахтинских железнодорожных путях. И в таких холодных и тяжелых условиях севера, он находил время, занимался творчеством, написал книгу «Самоучитель немецкого языка».

Обложку для книги сшил из своих портянок. Листы страницы образовал из рецептных бумаг, вместо чернилы применял зелёнку. Рукопись этой книги Рахим Бурханов показал позже нам студентам, когда мы учились в его группе.

Однажды Рахим Бурханов написал письмо Министру МГБ СССР А. Абакумову и просил пересмотреть его дело. В письме он разъяснил, что «донос сотрудника разведки Абдукодира Мухитдинова на меня является нечто иное, как сведение личных счетов за моей спиной, из-за неприязни ко мне. Еще с первых дней знакомства, у меня с ним не сложились отношения, он был неискренним и не пунктуальным. Однажды на обусловленной встрече, Абдукодир вместе со связником опоздали на несколько часов и сорвали поездку в Западную Германию. Об этом инциденте я был вынужден сообщить руководству. Вместо того, чтобы осознать свои ошибки, он стал мне мстить. На допросах следователей я неоднократно говорил, что по долгу службы имел право, по приглашению противостоящих сторон, вести разговор (беседу) на тему, содержащее сугубо личного характера, и ничего более».

Далее, Рахим Бурханов просил объективного пересмотра его дело на основании вышеприведенных им фактов, которые не были учтены в ходе следствия и тем самым были допущены нарушение законодательство СССР. Однако резолюция Министра была очень краткой: - «Приговор обжалованию не подлежит»! А спустя год А.Абакумов вместе с Л. Берия были расстреляны за шпионаж в пользу империалистических государств. После XX – съезда КПСС началась реабилитация миллионов безвинно осужденных граждан Советского Союза.

Пересмотрели также дело Рахима Бурханова – военного разведчика, который был осужден по доносу предателей, без всяких оснований, и безвинно провел семь лет в Воркутинском лагере, на холодном севере.

В 1956 году относительно Рахима Бурханова вышло Постановление военной коллегии и Генеральной прокуратуры СССР, где говорилось, что «в ходе следственного процесса «Особого совещания» при МГБ СССР были допущены грубые нарушения социалистического законодательства и «Постановление особого совещания» при МГБ СССР от 2-го декабря 1952 года в отношение Бурханова Рахима Мунзимовича отменить». Бурханова Р.М. немедленно освободить из мест заключения, - Решение военной коллегии и Генеральной прокуратуры СССР утверждаю: – заместитель генерального прокурора СССР – Варский.

Таким образом, Рахим Бурханов с 1949 по 1956 годы находился по предательству некоторых «друзей» в заключении. На основании протокола комиссии Президиума Верховного Совета СССР № 31 «А» от 21 июля 1956 г. освобожден со снятием судимости и полностью реабилитирован. Правда восторжествовала.

Получив копию решения об освобождении из лагеря Рахим Бурханов приехал в Москву и зашел к своему близкому другу – генералу Алимову Шахмураду. (Шахмурад – сын последнего Бухарского эмира Алимхана, друг Рахима Бурханова со времен учебы в Кёслине Германии и Военно-инженерной Академии имени Куйбышева г.Москвы). Погостив несколько дней у друга, при посещении антикварного магазина он видет статуэтку великого Й.Гёте и купит ее. Через некоторое время он пребывает в Душанбе.

Как вспоминает этот эпизод старший преподаватель кафедры немецкого языка Душанбинского пединститута Валентина Вениаминовна Сахарова: «После освобождения из лагеря у Рахима Бурханова еще на руках не была официальная справка о полной реабилитации. Рахим Бурханов зашел к тогдашнему ректору Пединститута, объяснив ситуацию, просил его разрешения о продолжении своей педагогической должности на кафедре немецкого языка. Ректор института, профессор Ариф Шукуров сказал ему, что раз тебя освободили из лагеря, то и справка о реабилитации скоро поступит. Ты можещь продолжать свою педагогическую работу».

Ректор, профессор Ариф Шукуров с честью и уважением относился к Рахиму Бурханову. Он высоко ценил талант и способности, его стойкость и мужества в войне и послевоенные годы. Во время посещения Пединститута иностранных делегаций из ГДР, ФРГ и Австрии профессор А.Шукуров всегда в качестве переводчика взял собой Рахима Бурханова.

Полутора года борьбы с фашизмом в его логове, переносив пытки в застенках «гестапо», Рахим Бурханов проявил мужество, стойкость и непоколебимую волю, верил в победе разума над безумием фашистов. Он ценил многовековую культуру немецкого народа, его достижение во всех областях мировой науки и техники, поэтому начал свою педагогическую деятельность с преподаванием немецкого языка в школах и ВУЗ-ах Таджикистана для того, чтобы довести до сознания молодого поколения о том, какой огромный вклад был внесен благородным немецким народом в мировую цивилизацию. На его рабочем столе дома всегда стояла статуэтка Гёте. Он нам студентам часто говорил: «Благодаря духа великого Гёте я пережил войну, различные тюремные пытки. Сейчас этот дух дает мне силу и энтузиазм».

После освобождения из заключения и полной реабилитации с 1956 по 1973 г. (до конца своей жизни) Рахим Бурханов продолжил свою работу старшим преподавателем кафедры немецкого языка ДГПИ имени Т.Г.Шевченко. Наряду с учебной деятельности он занимался также научно-методической работой. Он часто выступал по методическим вопросам на профессорско-преподавательских конференциях института, теоретических семинарах кафедры, писал об особенностях прямого метода преподавания немецкого языка статьи в общеинститутском сборнике и свои представления о методах воспитания молодежи в газетах республики, занимался письменной и устной переводческой деятельностью, руководил курсовыми работами и педагогической практикой студентов, читал лекции школьным учителям немецкого языка при Городском и Республиканском институтах усовершенствовании учителей.

Наряду с чтением художественной литературы, живописью, сапожного и столярного дела, фотографированием, репетиторством, его хобием был перевод с одного языка на другой. Он постоянно выполнял поручения Правителства Таджикистана, Общества дружбы и культурные связи с зарубежными странами, Интуриста Таджикистана, ректората Душанбинского госпединститута и просьбы многих друзей перевести различные материалы с таджикского, русского, узбекского языков на немецкий язык или наоборот.

Помню часто при посещении устода я застал его при переводе различных материалов на немецкий язык. Однажды я был свидетелем как он переводил выступление Народного писателя Таджикистана, Героя Таджикистана Мирзо Турсунзаде на каком-то форуме с таджикского на немецкий язык. Он показывая мне оригиналный материал и переведенный на немецкий язык текст сказал: «Видещь, в оригинальном тексте исходя из стили и нюансов таджикского языка писатель использовал в большинстве случаев сложноподчиненные предложения. Для передачи основного содержания текста, выражения и освящения таджикского колорита и языковых реалий мне придется раздробить их на две или три немецкие предложения. В данном случае, чтобы оригиналый и переводной тексты находились на одном содержательном уровне, существенную роль играют тонкое искусство переводчика, его языковая фантазия и профессиональное мастерство. Помни все это!». Конечно, эти слова устода для меня до сих пор служат как бользам.

Я был свидетелем также когда устод Рахим Бурханов перевел с русского на немецкий язык проспект выступлений молодых гидов-переводчиков из Интуриста Таджикистана, статью об аморальном повидении студента одного из вузов республики из узбекской газеты «Совет Тожикистони» на русский язык для пединститутской газеты «Молодой педагог». Поскольку в те годы у нас не было такого курса как нынешнее «Теория и практика перевода», устод пратиковал нас перевести некоторые опубликованные материалы. Однажды на занятии он сказал нам студентам четвертого курса перевести стихотворение И.Гёте «Mailied (Майский стишок)» на таджикский язык. У каждого из нас был свой вариант перевода, которых мы зачитали устоду. Он послушал все варианты переводов и одобрил нас, что такой вариант тоже приемлем. Потом он зачитал переведенный на таджикский язык уже опытным переводчиком Шерали Рахимовым данное стихотворение и опубликованное в газете «Маориф ва маданият» и сказал: «Пожалуйста, перепишите и этот вариант перевода, сравните с оригиналом и с вашим переводом. Потом делайте себе вывод, где вы допустили неточности и почему. На следующем занятии мы рассмотрим это». На следующем уроке мы поняли, что большинство из нас при переводе не учел традиции, обычаи и природные условия Германии.

Когда первый раз меня из Душанбинского горисполкома попросили осуществить устный перевод у австрийской делегации, приехавщая для сотрудничества с работниками Душанбинского текстильного комбината, я позвонил устоду и просил советы. Он ободряв меня сказал: «Не бойся. Они такие же люди как ты. Если ты где нибудь допускаешь ошибки, они уместно поправят тебя. Ты должен гордиться, что говоришь на их языке, а они не знают твоего языка». Так и было. Три дня я провел с двумя австрийцами по прядельным станкам текстилкомбината, выяснил конечно многое для себя в плане усовершенствования своего немецкого разговорного языка, некоторые отличительные австрийские варианты немецкого языка и впервые тогда узнал такое отличие, что хотя в Австрии язык является немецким, но национальность народа – австрийским.

В период работы в Душанбинском пединституте устод Рахим Бурханов написал следующие произведения:

1. Немецко-таджикский словарь (в объеме 6 тысяч слов и выражений);
2. Грамматика немецкого языка (на таджикском языке);
3. Фонетика немецкого языка (на таджикском языке);
4. Самоучитель немецкого языка (на таджикском языке).

К большому сожалению при жизни устода эти произведения, хотя были очень необходимыми для таджикской молодежи, не видели света.

Многие министерские и издательские чиновники находились под властью протекции, они узнав о его судимости, дипломатично отказали публикации этих книг, сказав, что нет латинского шрифта или нет специалиста-наборщика, понимающего немецкого языка.

Благодаря Суверенитета Республики Таджикистан и демократизации общественной жизни республики «Немецко-таджикский словарь» устода Рахима Бурханова доработан немецкими и таджикскими специалистами и расширен до 55 тысяч слов и выражений, выделено средство немецкими организациями и надеемся, что в этом году он будет издаваться в г. Душанбе. Есть надежда, что другие книги устода тоже найдут спонсоров для издания.

Устод Рахим Бурханов с чисто прозрачной натурой большого человека обучал молодежь не только познанию языков, но уделял особое внимание таким человеческим качествам как: целеустремленности, пунктуальности, искренности, чистоплотности, аккуратности и трудоспособности. Для формирования этих качеств он сам являлся примером.

Устод Рахим Бурханов немецкий язык обучал прямым методом. На занятии, на перемене, во время педпрактики, при разборе уроков, на улице, дома, т.е. везде он требовал от студентов говорить с ним только по-немецки. У его студентов формировался и вырабатывался тогда «языковое чутье». После того как студент мог бегло говорить на немецком языке, у него не было психологического языкого барьера, тогда устод обратил внимание на формирование и развитие других речевых навыков и умений как: четкое немецкое произношение, точный и адекватный перевод. Он уделял конечно особое внимание выразительному чтению, колеграфическому правописанию, а также формированию навыков работать в сотрудничестве, в коллективе и умениями управлять людьми. В результате большинство его студенты стали хорошими знатоками немецкого языка и умелыми рукаводителями в различных отраслях народного хозяйства Республики Таджикистан.

Во все времена и народности, только величайшим людям предначертана ужасная жизненная тропа, которую они должны преодолеть в борьбе за справедливость, за свободный труд и человеческих познаний.

Такой жизненный путь был предначертан и преодолен Бурхановым Рахимом Мунзимовичем. Он является гордостью таджикской интеллигенции и таджикской нации. Молодое поколение должно изучать его жизненный путь, его мужество, стойкость и трудолюбие, помнить и увековечить его память.

***Сведения об авторе:***

***Хайрулло Сайфуллоев*** *– доктор педагогических наук, профессор кафедры немецкого языка Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни, Председатель Ассоциации учителей немецкого языка Республики Таджикистан, Председатель общества дружбы «Таджикистан-Германия», член Союза журналистов Таджикистана.*

***About the author:***

***Khairullo Sayfulloev*** *- Doctor of Pedagogy, Professor of the German Language Department of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Chairman of the German Language Teachers Association of the Republic of Tajikistan, Chairman of the Tajikistan-Germany Friendship Society, member of the Union of Journalists of Tajikistan.*

## ПРОФЕССОР БАЁН РАҲИМОВ-МУҲАҚҚИҚИ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРӢ

***Нуров А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Азм намудам, ки дар бораи устоди зиндаёд Корманди шоистаи Тоҷикистон, профессор Баён Раҳимов чизе рӯи қоғаз биёрам, беихтиёр байти Махфӣ ба хотир омад:

***Дарси ишқатро баёни дигар аст,***
***Ин муддарисро забони дигар аст.***

Оре, устоди фозилу донишманд БАЁН РАҲИМОВ дар пажӯҳиши педагогикаи миллӣ, умумибашарӣ ва мактаби олӣ бо дасту дили гарм, ҳамчун дилбохтаи пешаи худ тамоми ҳастиашро бахшида буд, ки шогирдони ӯ Лутфуллозода Муҳаммад, Шарифзода Файзулло, Бандаев С.Г., Маҷидова Б.С., Нуров А. устоди зиндаёд Зубайдов У.З. ва ҳамкоронаш ва онҳое, ки аз суҳбатҳои эшон баҳравар гардидаанд, хуб медонанд. Зеро тамоми фикру ақидаи ӯ пойбасти таҳқиқу пажӯҳиши ба ин соҳаи хеле муҳими илми педагогика равона шуда буд.

Устод Баён Раҳимов зиёда аз 65 сол соли ҳаёти бобаракат ва ибратомӯзи худро сарфи кори мактабу маориф ва таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон намуда буд. Баъди хатми омӯзишгоҳи омӯзгории ш.Кӯлоб (соли 1945), таҳсилро дар институти дусолаи муаллимтайёркунии ш.Кӯлоб давом дода, онро соли 1947-ум ба итмом расонда, бо роҳхат ба зодгоҳаш ноҳияи Сари Хосор (ҳоло ноҳияи Балҷувон) бар кор фиристода шуд. Нахуст, дар мактаби миёнаи рақми ҳафти деҳаи Яккатут мудири қисми таълим таъин мегардад, сонӣ методисти шуъбаи маориф ва иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъбаи маорифи ноҳия таъин гардида, то соли 1950 фаъолият намудааст.

Дилбастагии бепоён ба касби омӯзгорӣ, меҳри илмомӯзӣ ва табиати зебоманзари Сари Хосор устод Баён Раҳимовро ба факултети табиатшиносию географияи Институти давлатии педагогии ш.Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) овард.

Соли 1953 устод институтро бо дипломи аъло хатм намуд ва комиссияи имтиҳони давлатӣ ӯро барои таҳсил ба аспирантура тавсия кард.

Устод Баён Раҳимовро ҳангоми иҷрои вазифаи омӯзгорӣ ва ҳам мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Сари Хосор будан ва инчунин солҳои донишҷӯӣ як проблемаи муҳими рӯз ором намегузошт. Ин ҳам бошад, тадқиқи проблемаи тарбияи кӯдакони синни хурди мактабӣ дар оила буд. Ана ҳамин ҳиссиёти ҷуяндагӣ ӯро ба аспирантура раҳнамун сохт. Давраи пурташвиш, бедорхобию ковишҳои олими оянда аз ҳамин ҷо ибтидо гирифт. Воқеан, заҳмату ранҷи чандсолаи ӯ бенатиҷа намонд. Ҳамин худгудозӣ дар арсаи илм буд, ки Баён Раҳимов соли 1962 дар Шӯрои ҳимояи рисолоҳои номзади ва доктории назди Университети давлатии Тошканд дар мавзӯи «Тарбияи малака ва одатҳои рафтори маданӣ дар бачагони синни хурди мактабӣ дар оила» бо муваффақият рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Бояд гуфт, ки он солҳо дар соҳаи педагогика унвондорҳо ангуштшумор буданд ва дар ҷумҳурӣ Баён Раҳимов сеюмин касе (баъди Орифӣ М.О. ва Гимельщтейн И.П.) маҳсуб мешуд, ки дар соҳаи педагогика сазовори унвони илмӣ гардида буд:

Фаъолияти илмӣ-педагогии профессор Баён Раҳимов хеле фароху доманадор буд. Ба қалами ӯ зиёда аз 60 номгӯйи асарҳои хурду калони илмӣ-методӣ ва зиёда аз 200 мақолаю гузоришҳо таааллуқ доранд. Аз ин шумор 8-асари илмӣ-методӣ, монография ва китобҳои дарсиро ташкил медиҳанд.

Устод зиёда аз 100 мақолаю баромадҳо ба воситаи радио ва телевизион доранд. Бояд тазаккур дод, ки як вақтҳо радиои тоҷик як барнома бо номи «Маҷаллаи адаб», «Фарзанд азиз-одобаш аз он азизтар» пахш менамуд, ки Баён Раҳимов муаллифи доимии он буд.

Таъкид ба маврид аст, ки профессор Баён Раҳимов дар се самти илми педагогика кори тадқиқотии назаррас анҷом додааст. Яке аз онҳо рӯ овардан ба ганҷи пурбаҳои педагогикаи ниёгон, афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик буд.

Дар ин роҳи наҷибу шарафманд ва масъулиятнок зиёда аз 65 сол заҳмат кашида, кори хайр ва тадқиқоти пуарзишеро ба сомон расондааст. Ҳанӯз 63 сол муқаддам устод Баён Раҳимов мақолаи илмӣ-тадқиқотии худро таҳти унвони «Баъзе масъалаҳои муҳими тарбиявӣ дар асарҳои классикони адабиёти тоҷик ва эҷодиёти даҳонакии халқ» дар маҷмӯаи илмии аспирантҳо ҷилди 4-ум соли 1958 ба нашр расонида буд. Дар ин тадқиқоти арзишманд, муҳаққиқи борикбин таъкид намудаанд, ки «Мутаассифона, ин кӯшиши педагогии халқи тоҷик, ки дар хазинаи маданияти он як ганҷинаи пурбаҳо мебошад, то ҳанӯз пурра ва васеъ омӯхта нашудааст». (3.20).

Муҳаққиқ барои тадқиқи ин проблемаи муҳими миллӣ, ки дар он шароити солҳои 50-60-уми қарни XX барои ҷумҳурии мо хеле зарур буд, даст задааст. Аз ҷумла, «Баъзе масъалаҳои тарбиявӣ дар «Саодатнома» ва «Рушноинома»-и Носири Хусрав, Баъзе масъалаҳои тарбиявӣ дар «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ», «Баъзе масъалаҳои тарбиявӣ дар «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ, Баъзе масъалаҳои тарбия дар «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, Таъсири эҷодиёти даҳонакии халқ дар тарбия намудани малака ва одатҳои маданӣ дар кӯдакон ва ғайра».

Натиҷаи ҳамин аст, ки олими нуктадон то рӯзҳои охирини ҳаёт (2014) оид ба ин ганҷинаи пурбаҳои халқ тадқиқот бурда, асарҳои зиёде пешкаши ташнагони педагогикаи миллии тоҷик гардондааст. Устод мактаби худро созмон дода, як зумра олимони ҷавонро тарбия намуда ба воя расонидааст.

Сабаби ба тадқиқи педагогикаи миллии тоҷик даст задани профессор Баён Раҳимов аз он сарчашма мегирад, ки дар барномаи таърихи педагогика (даврони Шӯравӣ) оварда шуда буд, ки «…ба инобат гирифта шудааст, ки дар институтҳои педагогии республикаҳои бародарӣ курсҳои махсус доир ба таърихи мактаб ва афкори педагогии мутафаккирони он хонда мешаванд».

Ғайр аз ин илова ба семинарҳои муқаррарӣ, семинарҳои махсус аз таърихи педагогикаи ҳамон халқ тавсия карда мешавад.

Вале аз сабаби ба ин масъала аҳамият надодани мудирони кафедраҳои педагогика ва психологияи донишгоҳ ва донишкадаҳои омӯзгорӣ, маркази таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва набудани барномаи таълимию китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ, омӯзишгоҳҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ таълими ин фан аз доираи назар берун монд. Ин вазъият ба он оварда расонд, ки дар давоми даҳсолаҳо донишҷӯёни донишгоҳ, донишкада ва омӯзишгоҳу коллеҷҳои омӯзгории тоҷик аз таърихи мактабу маориф ва афкори педагогии гузаштагони худ бенасиб монданд.

Бо шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон (9 сентябри соли 1991) ба муҳаққиқон имконият даст дод, ки ба педагогикаи миллии тоҷик ҷиддӣ машғул шаванд. (Раҳимов Б.Р., Афзалов Х.С., Лутфуллозода М., Ф.Шарифзода, Паҳлавонов А., Қодиров Қ.Б., Қодиров К.Б., Нуров А., Ҳалимов А., Маҷидова Б.А., Файзализода Ҷ.Х. ва дигарон).

Хушбахтона, профессорон Афзалов Х. ва Раҳимов Б. соли 1994 китоби дарсии «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик»-ро ба табъ расонданд.

Муаллифон дар ин китоб кӯшиш намуданд, ки муаллимони ояндаро бо таърихи кори тарбия, мактаб ва афкори педагогии халқи тоҷик шинос намуда ба тайёрии касбии онҳо кӯмак расонанд, то ки онҳо аз ин ганҷинаи маънавӣ баҳравар гардида, дар кори ҳаррӯзаи таълиму тарбияи насли наврас аз он истифода намоянд.

Дар китоб бори аввал ба таври муфассал нишон дода шудааст, ки таърихи тарбия, мактаб ва афкори педагогии халқи тоҷик хеле қадима буда, ба қарнҳои пеш аз милод мерасад ва роҳи тӯлонии инкишофро аз сар гузаронида, хусусан дар замони пайдоиши дини Зардуштӣ ва китоби муқаддаси мардуми форсу тоҷик «Авасто» тақвият ёфт ва аз асрҳои XIV сар карда, то замони мо ба авҷи камолоти худ расид, ниёзмандиҳои мардумро дар соҳаи тарбия ва таълими фарзандон қонеъ намуд ва дар пешрафти назария ва амалияи таълиму тарбия мактабу оила таъсир расонид.

Ҳазорон фарзандони халқи тоҷик дар асоси афкори педагогии мутафаккирони бузурги халқи тоҷик асрҳои аср дар рӯҳи ахлоқи ҳамида, ватандӯстӣ, некӣ ва накӯкорӣ, олиҳимматӣ, инсонпарастӣ,

меҳнатдӯстӣ, меҳру шафқат ба ятимону бенавоён, пирону барҷомондагон тарбия ёфта, барои халқу ватани хеш хизмати шоиста кардаву мекунанд.

Дар китоб омадааст, ки аз ин рӯ, омӯзиши таърихи мактаб ва афкори педагогии халқи тоҷик дар баланд гаштани маданият ва такомули маҳорати педагогии муаллимони оянда кӯмаки босазое хоҳад расонд. Муаллими оянда дониши андӯхтаи худро доир ба ин фан метавонад дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ эҷодкорона истифода барад. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик ба муаллимон масъалаҳои муҳимтарини педагогиро равшан намуда, таҷрибаи таърихии кори мактаб ва маорифи халқи тоҷикро бо далелҳо нишон медиҳад. Дар асоси он муаллимонро бевосита ба кори амалии мактаб омода менамояд.

Афкору андешаҳои таълиму тарбиявии мутафаккирони Шарқ барои эҳёи педагогикаи миллӣ, дарки дурусти урфу одатҳои суннатӣ доир ба тарбия ва ахлоқи солим дар ҷомеа басо судманд мебошад.

Хусусан, дар давраи ҳозира, ки қатъиян талаб дорад дар радифи баланд бардоштани маърифати ҷавонон пояи маънавиёти ахлоқи онҳоро низ мустаҳкам гардондан лозим аст.

Мутафаккирони халқи тоҷик дар соҳаи тарбияи насли наврас басе ранҷҳо кашида, дар тӯли қарнҳо аз илми ахлоқ баҳри беканоре ба вуҷуд оварданд, ки он дастранҷи ахлоқии онҳо зинаҳои бешуморро тай намуда, то замони мо аҳамияти худро нигоҳ доштанд.

Чунки ахлоқи ҳамида дар ҳар давру замон оинаи беғубори ботин ва бори ғизои маънавии судбахши рӯҳу ҷони мардум буд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир мардум ба омӯхтани ахлоқномаҳои бузургон эҳтиёҷи бештаре пайдо кардаву ба он рӯ оварданд. Хусусан, ба он афкоре, ки дар ибтидо дар шакли панду андарзҳо (пандномаҳо, андарзномаҳо) арзи ҳастӣ карда, марҳами дардҳои ниҳонии миллат гардиданд. Аз ин рӯ, афкори педагогии бузургони тоҷик, ҳамчун падидаи нав мавриди тадқиқоти таҳқиқотчиёни муосири миллат қарор гирифта, рисолаҳои нахустин эҷод гардиданд.

Аз тарафи дигар, дар қатори педагогикаи миллии тоҷик афкори педагогии мутафаккирони бузург ҳамчун меҳвари таълиму тарбия дар ташаккули ахлоқи ҳамида хизмат карда истодааст. Чунки мутафаккирони бузург дар асоси таҷрибаи ҳаёт системаи ниҳоят мавзуни таълиму тарбияро пешкаш намуданд, ки насли инсон дар пояи он тарбия ёфта ба камол расид. Аз ин рӯ, мероси ғании гузоштаи ниёгон дар ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими тарбияи насли наврас ва ҷавонон имрӯз ҳам ёрии амалӣ расонида истодааст, «чӣ тавре дар халқ мегӯянд: «Гузашта чароғи роҳи оянда аст».

Бинобар ин, падару модарон, муаллимон ва аҳли ҷомеа бояд саъю кӯшиш намоянд, ки насли наврас тарбияи шоиста гирад, то ки умри хеле каму кӯтоҳи худро беҳуда зоеъ насозанд.

Ҳамин тавр, муҳаққиқон Х.Афзалов, Б.Раҳимов дақиқназарона қайд кардаанд, ки афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик чӣ тавр ниёзмандиҳои мардумро дар соҳаи таълиму тарбияи фарзандон қонеъ гардонида дар пешрафти назария ва амалияи таълиму тарбия дар мактабу оила таъсир расониданд.

Дар асарҳои мутафаккирони бузурги халқи тоҷик беҳтарин фазилат ва хислати инсонӣ ба монанди: дӯстӣ, рафоқат, бародарӣ, ҳамдастӣ, кушодарӯӣ, хушахлоқӣ ва хушфеълӣ тарғиб карда шудааст.

Силсилаи пандномаҳои бузургон пояҳои ниҳоят устувори пурҳикмати тарбиявӣ буда, панду ҳикмат ва андарзҳои пуртаровати онҳо аз таҷрибаи рӯзгор ва табиати рӯҳи халқамон сар зада, ҳамчун мактаби бузурги тарбия хизмат карда истодаанд. Бахусус, дар шароити кунунии ҷумҳуриямон, ки имрӯз аз баракати нусрати истиқлолият ва соҳибихтиёрии Тоҷикистони азиз, ки ин ҳикматҳо аз нав дар қалби халқи мо ҷӯш зада истодаву эҳё гардида истодаанд.

Чунки қариб фазилат, сифат ва хислатҳои инсоние нест, ки бузургони мо дар бораи дар насли наврас ва ҷавонон тарбия намудан ва ташаккул додани онҳо сухан нагуфта бошанд. Зеро ки онҳо мехостанд насли навраси замонро бо ақлу фаросат, хушахлоқу хушрафтору кирдор, бо раҳму шафқат, некдилу боадолат, хушмуомилаю боиффат бинанд.

Бо ақидаи муаллифон паҳлӯи дигаре, ки дар асарҳои мутафаккирон мақоми муҳимро ишғол менамояд, ин тарғиби ҳақиқатпарастӣ, тарбияи адлу инсон, ақлу хирад, ҳастии худро баҳри хайру эҳсон бахшидан, тарбия намудани ҳисси бародарӣ, вафодорӣ, ватандӯстӣ, тарбияи ҷавонмардӣ, характер, ирода, шараф ва номус, иффат ва шарму ҳаё, тарбияи нафс, ба ақл тобеъ кардани он,

инчунин мубориза ба муқобили нафси саркаш, ҳарисӣ, ҳиллагарӣ, кинагирӣ, бахилӣ, рашк, ҳасад мебошад.

Масъалаҳои инсонпарварӣ, дӯстӣ ва рафоқат, тарбия намудани ҳисси раҳму шафқат ба бечорагон, ятимон ва барҷомондагон, хусусан бо пирон бо ҳурмат, бо ҷавонон бо насиҳат, бо тифлон бо шафқат, бо заифон бо раҳмат, бо халқ бо эҳсону мурувват муносибат намудан низ аз доираи назари онҳо берун намондааст.

Муҳаққиқон Х.Афзалов ва Б.Раҳимов аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуданд, ки мутафаккирони мо ташаккули шахси комилро бе тарбияи чунин сифатҳо ба монандӣ: сабру тоқат, таҳаммул, аз гуноҳи якдигар гузашта тавонистан, тарбия намудани ҳисси эҳтиром ва таваҷҷӯҳ, ҳиммат ва имон, иззату икром, муҳаббат ба инсон, раҳму шафқат, адлу инсоф, боадолатӣ ва солеҳӣ, тарбияи лутф, сулҳу субот, ҳикмату ризоият, файз ва аз дили ҳар як фард барҳам додани ифротгароӣ, ғараз, бухлу кина, ҳасад, ғоратгарӣ ва ғайраро дар худ тасаввур карда наметавонистанд.

Асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик саршори қоидаҳои рафтори наврасон ва ҷавонон мебошад. Дар онҳо: одоби нишастану хестан, таом хӯрдан, либос пӯшидан, ба меҳмонӣ рафтан, сафар кардан, хусусан бо нияти зиёрат кардани устодону пирони хирад, баислоҳи нуқсони худ кӯшиш кардан, нафс ва ҳирси худро куштан, аз дурӯғгӯӣ, савганди дурӯғ хӯрдан, аз хӯрдани ҳаққи ятимон даст кашидан, дар худ ташаккул додани ҳисси қаноатмандӣ, сидқу вафо, бо одамон унс гирифта тавонистан, барҳам дода тавонистани хашму ғазаб ва монанди инҳо ифода ёфтаанд.

Тарбияи некдилӣ, шикастанафсӣ, фурӯтанӣ, бо роҳи ҳалол ба даст овардани ризқу рӯзӣ, озори кас нахостан, афтодаро дастгирӣ кардан, ба беҳудагӣ роҳ надодан, ҳоҷати касро баровардан, ба меҳнати кас даст дароз накардан, поси неъмат доштан, дар кор ба танбалӣ роҳ надодан, ба амонати кас хиёнат накардан ва ғайра низ дар осори бузургонамон мақоми муҳимро ишғол менамояд.

Дар асарҳои панду ахлоқии бузургонамон масъалаҳои тарбияи оилавӣ, хусусан муносибати байни падару модар ва фарзандон, уҳдадории падару модар дар назди фарзандон ва уҳдадории фарзандон дар назди падару модар, аҳли оила, хешу пайвандон ва дигарон низ ҷои муҳимро ишғол менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки муносибати байни устоду шогирд ва шогирду устод низ аз доираи назари он муаллифон берун намондааст.

Ҳамин тавр, наврасону ҷавонон ва умуман аҳли ҷомеа асарҳои бузургонамонро мутолиа намуда, бисёр чизҳоро дар бораи худ кашф менамоянду ҳисси инсонгароӣ дар онҳо боло мегирад ва саъю кӯшиш менамоянд, ки бисёр хислат, феълу атвор, рафтору кирдорашонро тағйир диҳанд. Магар аз ин беҳтар чизе буда метавонад?

Дар китоби «Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик», ки онро Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати китоби дарсӣ барои донишҷӯёни Донишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ тавсия намудааст; (Б.Раҳимов ва А.Нуров) Муаллифон кӯшиш намуданд, ки тарбиядиҳандагонро бо асосҳои назариявӣ ва амалии педагогикаи миллии тоҷик шинос намуда, дар заминаи ҳамин ба онҳо ёрӣ расонанд, ки дар баробари педагогикаи анъанавӣ аз роҳу восита ва методу тарзҳои тарбиявии тавсия намудаи педагогикаи этникӣ ва халқӣ дар таълиму тарбияи насли наврас, дар муассисаҳои томактабию мактаб ва оила самаранок истифода бурда, сифати баланди таълиму тарбияро таъмин намоянд.

Бо ҳамин мақсад, дар китоб асоснок карда шудааст, ки педагогикаи миллии тоҷик яке аз пуртаъсиртарин соҳаи илми педагогика буда, дар ташаккули сифатҳои неки ахлоқи насли наврас ва ҷавонон мақоми муҳим мебозад. Чунки он аз ҳаёти худи ҳамон халқ сарчашма гирифта, рӯҳи ҳамон халқ, орзуву омоли ӯро ифода мекунад.

Барои ҳамин ҳам, мардум кӯшиш менамоянд, ки тавсияҳои педагогикаи халқӣ ва роҳу равишҳои тавсия кардаи онро дастури амалии кори тарбиявии худ намояд, зиндагӣ, рафтору кирдор, хулқу одоби худ ва фарзандонро мутобиқи тавсияҳои он ба роҳ монанд.

Аз тарафи дигар, дар китоб асоснок карда шудааст, ки педагогикаи миллӣ пайвандгари наслҳо мебошад, чунки ҳар он чи ки нишонаи ҳастии инсон аст ба монандӣ: арзишҳои олии инсонӣ, фалсафаи ҳаёт, фаҳмиши моҳияти зиндагӣ, орзуву омол, идеали иҷтимоӣ ва дигарҳо, ки дар ташаккули шуур, маишат, урфу одат, анъана, расму таомул, ахлоқу одоб мақоми муҳим мебозанд ва

воситаи тавонои тарбия мебошанд, асоси педагогикаи миллиро ташкил мекунанд. Ҳамаи онҳо андӯхтаи рӯҳи ҳамон халқ ва ақлу заковати ӯст.

Барои ҳамин ҳам, бо андешаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: **«Агар касе гузаштаи аҷдоди худро надонад, инсони комил нест».** Ё худ **«Фарде, ки аз сарчашмаҳои суннатҳои аҷдодӣ ғизо намегирад, аз фарҳанги қадимаву ғановатманди гузаштагон баҳравар намегардад…чун дарахтест, ки аз решаи ҳаётбахш канда шудааст»[1.10].** Инро бояд насли имрӯзаи мо донад ва барои аз худ кардани он талош варзад. Дар ин роҳ педагогикаи халқӣ хизмати босазое карда метавонад.

Аз тарафи дигар, ҳар як миллат психологияи хоси худ, рӯҳияи хоси худро дорад, ки бидуни онҳо самаранокии кори таълиму тарбияро баланд бардоштан аз имкон дур аст. Онҳо бошанд, инъикоси худро дар анъанаҳои миллӣ, расму таомул, урфу одат, дар эҷодиёти даҳонакии халқ аз ҷумла, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ, афсонаву достонҳои халқӣ пайдо кардаанд, ки як воситаи муҳими тарбия мебошанд.

Ин гуфтаҳо далели ба моҳияти калон соҳиб будани педагогикаи миллии тоҷик мебошад. Муаллифон ҳам ба ҳамин такя карда, ба кор карда баромадани проблемаҳои асосии педагогикаи миллии тоҷик машғул шудаанд ва кӯшиш намудаанд, ки проблемаҳои педагогикаи миллиро дар асоси системаи педагогикаи умумӣ (педагогикаи мактабӣ) ҳамоҳанг сохтан кор карда бароянд. Ин тамоман муносибати нав аст ва дар кор карда баромадани проблемаҳои педагогикаи миллии тоҷик.

Аҳамияти ин китоб боз аз он иборат аст, ки он барои пай дар пай ба амал баровардани нишондодҳои «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи мактаби миллӣ», инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ёрӣ расонад.

Хусусан, барои ба тарбия рӯҳи миллӣ бахшидан ва таъсири тарбиявии онро пурқувват намудан зарурияти ба педагогикаи миллии тоҷик рӯ овардан лозим меояд.

Ин ҳам ба зарурияти омӯхтани педагогикаи миллии тоҷик шаҳодат медиҳад. Чунки маҳз педагогикаи миллӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои миллӣ дар кори таълиму тарбия ба назари эътибор гирифта шуда, анъана ва расму одатҳои пешқадами миллӣ дар кори таълиму тарбия истифода бурда шавад.

Муаллифон инчунин асоснок намуданд, ки дар рафти азнавсозии ҳаёти ҷомеа маҷмӯи қоида ва меъёри таълиму тарбия дар ҳаёти инсон омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан он ҷанбаи педагогие, ки асоси онро афкори педагогии мардум ташкил менамояд.

Самти дигари таҳқиқоти устод Баён Раҳимовро педагогикаи умумибашарӣ ва педагогикаи мактаби олӣ ташкил медиҳад. Тазаккур бояд дод, ки роҷеъ ба фарогири масъалаҳои муҳими замони муосир дар ин бахш низ осори пурарзиш ва мондагоре таълиф намудаанд. Аз ҷумла, «А.С. Макаренко дар бораи таълиму тарбия» (Душанбе, «Маориф», 1991, 7,8 ҷузъи чопӣ).

Дар ин китоб таъкид шудааст, ки сабаби ба таҳлили афкори педагогии А.С. Макаренко ҳусни таваҷҷӯҳ пайдо кардани муаллиф аз он иборат аст, ки дар назария ва амалияи педагогӣ қариб масъалае нест, ки А.С. Макаренко доир ба он сухан наронда бошад. Аз ҷумла дар бораи: тарбияи оилавӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ҷисмонӣ, тарбияи коллективӣ ё худ тарбия дар коллектив, тарбия дар мактаб, тарбияи характер, ирода, ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ, тарбияи шуур ва ҳис, тарбия намудани ҳисси шараф ва ӯҳдадорӣ, вазифашиносӣ ва интизомнокӣ, тарбияи ҷисмонӣ, моҳият ва мавқеи одоби педагогӣ, анъана ва арзишҳои миллӣ, услуб ва маҳорати педагогӣ, роҳи перспективӣ, таъсири индивидуалӣ ва параллелии педагогӣ, қонуни ҳаракати коллектив, моҳияти принсипи оптимизм ва гуманизм дар комёбии инсон, методҳои баҳодиҳии ба рафтору кирдор ва фаъолияти хонандагон, методҳои ҷазодиҳӣ ва ҳавасмандгардонӣ аҳамияти обрӯ дар тарбия алоқаи таълим бо ҳаёт ва истеҳсолот, мақсад ва методҳои тарбия, мантиқӣ воситаҳои тарбиявӣ, тарбияи ростқавлӣ ва ростгӯӣ, ҳурмат намудани шахсияти тарбиягирандагон ва ғайра.

Аз тарафи дигар, донишҷӯён афкори педагогии А.С. Макаренкоро ҳангоми таълими педагогика, психология, таърихи педагогика ва методикаи таълими фанҳои гуногун меомӯзанд. Ғайр аз ин падару модарон, муаллимон, мураббиёни кӯдакистонҳо, мураббиёни ҷавон дар истеҳсолот ва дигарон ба таври васеъ аз афкори педагогӣ ҳам истифода мебарад.

Аз тарафи сеюм таҷрибаи зиндагӣ нишон медиҳад, ки ба бисёр масъалаҳои ҳаётан муҳими таълиму тарбия танҳо таҷрибаи ҳаёти ва назарияи илмии дар пояҳои ҳақиқат ва реалият асос ёфта роҳи тарбияи навро муайян карда, дар баробари ҳамин пояҳои анъанаҳои кӯҳнашударо шикаста метавонанд. Бинобар ин А.С. Макаренко тамоми ҳаёти худро ба кори амалии педагогӣ бахшида дар асоси он системаи педагогии худро кор карда баромадааст.

Китоби дигаре, ки ба қалами профессор Баён Раҳимов тааллуқ дорад, «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии таълим дар донишкадаҳои олӣ» (бо ҳаммуаллифи Э.Я. Ямоқов) мебошад.

Ин асар заҳмати 30-солаи муаллифон буда, соли 1986 нашр шудааст. Китоб дастури илмӣ-методӣ буда, 6,5 ҷузъи чопӣ аст.

Ин аввалин асарест, ки бо забони тоҷикӣ дар бораи масъалаҳои муҳимтарини баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори таълим дар донишгоҳҳои олӣ баҳс мекунад. Муаллифон дар ин соҳа тадқиқоти чуқур ва ҳаматарафаро анҷом дода, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки нуқтаи назари худро бо далелҳои ҳаётӣ асоснок намоянд. Бо ҳамин мақсад муаллифон на танҳо ба асарҳои илмиву методӣ, таҷрибаи ташкили кори таълим дар донишгоҳҳои омӯзгории пойтахт рӯ овардаанд, балки кӯшишу амали шӯроҳои илмӣ ва илмӣ-методии донишгоҳ, факултетҳо, кафедраҳои алоҳидаро на танҳо кафедраҳои методикаи таълими фанҳои алоҳида, балки кафедраҳои назариявиро низ аз назари таҳлил гузаронида дар асоси тадбирҳои андешида ва натиҷаҳои ба даст овардаи онҳо, инчунин ошкор намудани камбудиву нуқсонҳои дар роҳи баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори таълиму тарбия содир кардаи онҳо, тавсияҳои худро пешниҳод кардаанд. Тавсияҳои муаллифон имконият медиҳад, ки устодон дар корҳои таълиму тарбия, аз як тараф, ба дараҷаи максималӣ аз камбудиҳо эмин бошанд, аз тарафи дикар, сифату самаранокии кори таълиму тарбияро баланд бардоранд. Инчунин ба тарзи эҷодӣ ба ҷустуҷӯи роҳҳои аз ҷиҳати илмӣ-методӣ баланд бардоштани самаранокии кори таълиму тарбия машғул шаванд.

Чунки дар шароити ҳозира-қайд гардидааст дар дастури илмӣ-методӣ аз бисёр ҷиҳат суръати пешрафти ҷараёни иқтисодӣ, маънавӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти мо ҳам ба такмили кори таълиму тарбия дар донишгоҳҳои олӣ вобаста аст. Он яке аз шартҳои баланд бардоштан ва такмил додани маҳорати педагогӣ ҳам ба шумор меравад.

Ғайр, аз ин муаллифон дар асоси таҷрибаи кори зиёда аз 30-солаи худ дар донишгоҳи олӣ ин масъалаҳоро аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок карда, роҳҳои асосии дар амал татбиқ намудани онҳоро дар кори таълиму тарбия нишон додаанд.

Дар дастури илмӣ-методӣ инчунин моҳияти ташкили илмии меҳнат, ки барои баланд бардоштани самаранокии ҳар як намуди фаъолият, аз ҷумла фаъолияти таълимӣ, зарур аст, хеле хуб нишон дода шудааст.

Муаллифон ба ақидаи академик Бабанский Ю.К. такя намуда, таъкид кардаанд, ки самаранокии таълим талаб мекунад, ки айни ҳол аз байни вариантҳои гуногуни таълимдиҳӣ, ҳамон вариантеро хоста гирифтан лозим аст, ки вобаста ба тайёрии донишҷӯён, мӯътадил сарф намудани вақт ва қувва дар шароити мавҷудаи таълим ба самаранок ҳал намудани масъалаҳои таълиму тарбия ба таври максималӣ ёрӣ расонида тавонад.

Хулоса, педагогикаи милли тоҷик, педагогикаи умумибашарӣ ва педагогикаи мактаби олӣ ба он ёрӣ мерасонад, ки пояи таълиму тарбия дар асоси ягонагии диалектикии омилҳои миллӣ ва умумибашарӣ бунёд ёбад. Ин ба насли наврас ва ҷавонон аз як тараф хубтар дарк намоянд, аз тарафи дигар ҳис кунанд, ки онҳо субъекти тамаддуни ҷаҳонанд.

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон «Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед». Душанбе, 2005, 48 с.
2. Х.Афзалов, Б.Раҳимов «Таърихи педагогикаи халқи тоҷик» Душанбе, «Маориф», 1994, 189 с.
3. Очеркҳо оид ба филологияи тоҷик. Маҷмуи илмии аспирантҳо. Ҷ.4, Сталинобод, 1958 с.20-54.
4. Б.Раҳимов, А.Нуров. «Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик». Душанбе, «Шарқи озод», 2008. 295 с.
5. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. Душанбе, 1995.



***Сведения об авторе:***

***Нуров Абдубоки** - доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: город Душанбе, р-н Фирдавси, ул. Крупской-2 16/4.*

*Тел: (+992) 918878141, E-mail: A.Nurov1953@mail.ru*

***About the author:***

***Nurov Abduboki** - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Pedagogy and Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: Dushanbe city, Firdavsi district, st. Krupskaya-2 16/4. Phone: (+992) 918878141, E-mail: A.Nurov1953@mail.ru*

# ҚОДИРОВ БОБОҚУЛ АБДУЛЛОЕВИЧ - ТАДҚИҚОТЧИИ ИЛМИ ПОЛИМЕРҲО

***Умаров У.С., Зафари У.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Вақте ки дар бораи фаъолияти илмии олим - омӯзгор сухан меравад маъмулан пурсида мешавад, ки ӯ дар тӯли фаъолияти худ чӣ корҳоеро ба сомон расонидааст, чӣ миқдор корҳои илмӣ, илмӣ - методӣ нашр намудааст, осори илмиаш чӣ гуна аст ва амсоли инҳо. Посухи ин пурсишҳо феҳрасти осори илмӣ ва илмию методии устод Бобоқул Қодиров аст, ки дар он беш аз 170 номгӯй осори илмӣ ва илмию методӣ зикр ёфтааст [1, с.130].

Ба қалами устод БОБОҚУЛ ҚОДИРОВ беш аз 170 номгӯй корҳои илмӣ ва илмию методӣ тааллуқ доранд, ки зиёда аз 30-тои онро дастурҳои методӣ ва васоити таълимӣ ташкил медиҳанд. Аз маҳсули кори устод ҳам хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳам омӯзгорон ва ҳам донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ баҳра мебардоранд.

Фаъолияти илмӣ ва илмӣ - методии устод Бобоқул Қодиров хеле васеъ буда, ба масоили умдаи таҳқиқотии физикаи полимерҳо ва таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ бахшида шудааст.

Инак, равияи аввал ва фарохи корҳои илмӣ-методии устод масоили умдаи таҳқиқотии физикаи полимерҳо мебошад. Устод Бобоқул Қодиров солҳои тӯлонӣ роҳбари корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ-супоришӣ мебошад. Таҳти роҳбари ӯ бо ҳамкории дотсентон Ҷабборов А.Ғ., Ҷуманбоев Ҳ., муаллими калон Сайфиддинов М. дар назди факултети физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ лабораторияи илмӣ таъсис дода шуд.

Таҳти сарварии устод Бобоқул Қодиров дар давраи солҳои 1984-1987 байни Академияи ҳарбии муҳофизати химиявии шаҳри Маскав ва Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко, инчунин дар давраи солҳои 1990-1991 байни Донишгоҳи омӯзгорӣ ва заводи ферментатсияи тамокуи шаҳри Панҷакент корҳои илмии таҳқиқотии шартномавии хоҷагӣ сурат гирифтааст, ки устод роҳбари илмии ин корҳоро ба ӯҳда доштанд. Дар ин давра таҳти роҳбарӣ ва иштироки бевоситаи эшон дар заводи тамокуи шаҳри Панҷакент асбобҳои намии тамокуро ченкунандаи ЭКВТ-1, ЭКВТ-2 ва ЭКВТ-3-ро сохта, мавриди истифода қарор доданд.

Мувофиқи дархости Академияи ҳарбии муҳофизати химиявии ба номи Маршали Иттиҳоди Шӯравӣ С.К. Тимошенко (ВАХЗ)-и шаҳри Москва доир ба мавзӯи «Таъсири шиддати механикӣ ва муҳитҳои фаъоли физикӣ ба хосиятҳои мустаҳкамӣ, диффузионӣ ва сорбсионии пардаҳои полимерӣ» таҳқиқоти илмӣ - таҷрибавӣ гузаронида шудааст. Пардаҳои фторполимерии гуногун (Ф-4, Ф-10, Ф-5-, Ф-100) таҳти таъсири моеъҳо (компонентҳои сӯзишвории киштиҳои кайҳонӣ) бо таъсири шиддатҳои муханикӣ деформатсия карда мешуданд. Дар ҳолатҳои гуногуни физикӣ, коршоямии ин фторполимерҳоро вобаста аз таъсири омилҳои гуногуни фаъоли физикӣ омӯхта, пас хулосабарорӣ мекарданд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ навъи чунин фторполимерҳо барои истифода дар ҷузъҳои киштиҳои кайҳонӣ тавсия карда шудааст.

Дар натиҷа бо Академияи ҳарбии муҳофизати химиявии шаҳри Москва (ВАХЗ) барои таҳқиқоти хосиятҳои сорбсионии як қатор пардаҳои фторполимерӣ шартномаи ҳамкорӣ баста шуданд. Мувофиқи шартномаи мазкур дар лабораторияи таъсисдодаи устод Бобоқул Қодиров дар мавзӯи «Исследование физико-механических свойства полимеров в зависимости от их структуры и внешних воздействий» солҳои 1985-1987 корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурда мешуд. Дар ҳамин замина асосҳои назариявӣ ва эксперименталии ҳодисаи адсорбсионии моддаҳои хурдмолекула дар полимерҳо (адсорбентҳо), табиати ноқисиҳои (микродеффектҳои) системаҳои полимерӣ ва тағйирёбии онҳо бо таъсири муҳитҳои фаъоли физикии беруна таҳқиқ карда шуданд.

Бо ҳамкории дотсенти кафедраи физикаи назариявӣ Ҷабборов А.Ғ. дастгоҳи эксперименталие сохта шуд, ки бо асбобҳои электронии замони муосир ҷиҳозонида шуда буд. Тавассути ин дастгоҳ хосиятҳои сорбсионии пардаҳо фторполимерӣ ва наххои полимерӣ, инчунин вобастагии сохтори наххои полимерии ВИОН АН-1 аз унсурҳои фаъоли химиявии таркибашон таҳқиқ карда шуданд.

Раванди адсорбсионӣ дар соҳаҳои гуногуни техника, махсусан дар технологияи химиявӣ нақши муҳим мебозад. Чен кардани чунин параметрҳои сорбсионии фторполимерҳо ҳаҷми адсорбсионии калонтарин (ҷамъи ҳаҷми микродефектҳо), энергияи тавсифотии сорбсионӣ (андозаи эффективии микродефектҳо), дараҷа микроноқисиҳо ва тақсимоти микродефектҳо аз рӯйи андоза дар фторполимерҳо хеле муҳим буданд. Устод Бобоқул Қодиров дар ҳамкорӣ бо Ҷабборов А.Ғ. доир ба ин масъала дар маҷаллаҳои илмӣ як зумра мақолаҳо таҳия ва нашр намуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯзаҳо кардаанд. Дар ҳамин давра, як қатор мақолаҳои илмии устод аз чоп баромаданд [2-6].

Равияи дуюми корҳои илмӣ-методии устод Бобоқул Қодировро «Методикаи ташкилу гузаронидани корҳои лабораторӣ аз физика» ташкил медиҳад. Корҳои лабораторӣ - манбайи дониш, методи таълим ва воситаи аёният мебошанд ва онҳо дар дарсҳои ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои амалӣ бо мақсадҳои зайл ташкил карда (гузаронида) мешаванд: а) дар хонандагон ташаккул додани маҳорати мушоҳида ва маънидод кардани ҳодисаҳо, чен кардани бузургиҳо ва ғ.; б) шинос кардани хонандагон бо сохт ва амали асбобҳо; в) ба хонандагон омӯхтани санҷиши қонунҳо дар амал; г) муайян кардани доимиҳои физикӣ ва ғ.

Фаъолияти тӯлонӣ дар кафедраи физикаи умумӣ устодро ба хулосае овард, ки донишҷӯён ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ аз сабаби нарасидани маводи таълимӣ бо забони тоҷикӣ душворӣ мекашанд. Аз ин рӯ устод тасмим гирифт, ки барои донишҷӯён доир ба иҷрои корҳои лабораторӣ маводи таълимӣ таҳия намояд. Устод бо ҳаммуаллифии ҳамкорон доир ба ин масъала як зумра маводи таълимӣ таҳияву нашр ва дастраси донишҷӯён гардонид, аз қабили [7-9]. Донишҷӯёни факултетҳои физикаю риёзиёти донишгоҳҳои ҷумҳурӣ аз ин маводҳои таълимӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Равияи сеюми корҳои илмӣ-методии устод Бобоқул Қодировро «Санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон ва донишҷӯён аз физика» ташкил медиҳанд. Санҷидани ҷараёни донишандӯзии шогирдон яке аз ҷузъиёти муҳими раванди таълим аст. Пурсиши шифоҳӣ на ҳама вақт санҷиши муттасили донишандӯзии ҳар як хонанда ё донишҷӯро пурра таъмин карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, устод дар амалияи кори худ системаи мураттаби амалигардонии санҷиши мустақилонаи кори щогирдонро ҷорӣ намудааст. Аз тарафи устод маҷмӯаи супоришҳои мустақилона («Супоришҳои санҷишӣ аз физика» бо ҳаммуаллифии М. Шерматов ва Қ. Ҷонобилов (рӯҳашон шод бод), -Душанбе: 1990) тартиб дода шудааст. Ҳангоми ташкилу гузаронидани чунин усули санҷиш мустақилияти хонандагону донишҷӯён бештар мушоҳида мегардад. Чунин супоришҳои санҷиширо устод дар ҳама навъҳо ва зинаҳои дарс истифода мебарад.

Усули дигари санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон аз физика ташкилу гузаронидани корҳои санҷишӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили раванди таълими физика дар як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии ҷумҳурӣ устод Бобоқул Қодиров ба хулосае омад, ки омӯзгорони физикаи ин муассисаҳои таълимӣ дар мавриди интихоби масъалаҳо барои кори санҷишӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо барои санҷидани сатҳи дониши шогирдонашон аксар вақт матни корҳои санҷиширо аз як ё ду намуна (вариант) тартиб медиҳад. Табиист, ки ин усули санҷиш сатҳи донишу малакаҳои шогирдонро дақиқ ошкор намекунад. Ба ақидаи устод гузаронидани корҳои санҷишӣ он вақт самараи дилхоҳ медиҳад, ки ҳангоми иҷрои он мустақилияти пурраи шогирдон таъмин карда шавад. Барои ин матни корҳои санҷиширо дар 5 ё 6 намуна тартиб додан ба мақсад мувофиқ аст. Ин имкон медиҳад, ки шогирдони дар як миз нишаста супоришҳои гуногун (ҳархела)-ро иҷро кунанд. Ҳар як намунаи кори санҷишӣ бояд се навъи масъалаҳо (сифатӣ, ҳисобӣ ва графикӣ)-ро дарбар гирад. Устод хуб дарк намудаанд, ки барои амалӣ гардидани ин ақида, ба омӯзгорони физикаи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дастури методӣ ба забони тоҷикӣ вуҷуд надорад. Ҳамин буд, ки устод бо ҳамкории омӯзгори шинохтаи ҷумҳурӣ, омӯзгори физика дар гимназияи №53-и шаҳри Душанбе устод Тӯрақул Ҷумъаев дастури методии «Корҳои санҷишӣ аз физика»-ро (-Душанбе: Маориф, 1993) дар асоси барномаи таълимии физика барои синфҳои 7 - 11-и

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълиф намуда, тавассути нашриёти «Маориф» нашр ва дастраси омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ гардониданд. Дар дастури мазкур мавзӯъҳои барномаи таълимӣ (барои ҳар як синф) гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, дар он корҳои санҷишии синфҳои 7-8 асосан 4 мавзӯъ, синфи 9 - 5 мавзӯъ, синфи 10 - 7 мавзӯъ ва синфи 11 - 5 мавзӯъҳои калони барномавиро дарбар мегирад. Намунаҳои корҳои санҷишии мураттабгардида асосан барои синфҳои муқаррарӣ (беравия) пешбинӣ шудаанд. Як қисм аз ин намунаҳоро барои синфҳои равиядор низ истифода кардан мумкин аст. Тазаккур бояд дод, ки дастури мазкур ду маротиба нашр гардид, вале талабот ба он ҳоло ҳам хеле зиёд аст.

Таҳқиқоти минбаъдаи устодон Бобоқул Қодиров ва Тӯрақул Ҷумъаев оид ба масъалаи мазкур собит намуд, ки ин усулҳои санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон низ санҷиши муттасили донишандӯзии ҳар як хонандаро таъмин карда наметавонад. Санҷиши тестии дониши хонандагон имкон медиҳад, ки санҷиши муттасил ва умумии дониши хонандагон, инчунин такрору устуворгардонии маводи таълимӣ таъмин гардад. Аз ин лиҳоз, устод бо ҳамкории Тӯрақул Ҷумъаев якчанд намунаи супоришҳои санҷишӣ-тестӣ тартиб дода, тавассути маҷаллаи «Маърифат» (№3-4, соли 1996 ва №7-8 соли 1997) ва маҷмӯаи «Имрӯз ва фардои як мактаб» (-Душанбе: 1999) дастраси омӯзгорони физикаи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурӣ гардониданд. Оид ба ин масъала дастури таълимии устод (бо ҳамкории дотсент Т. Ҷумъаев) таҳти унвони «Супоришҳои санҷишӣ-тестӣ аз физика» мураттаб ва нашр гардид.

Равияи чоруми корҳои илмӣ-методии устодон Бобоқул Қодировро коркарди методикаи барқарор намудани робитаи таълими физика бо фанҳои дигар мебошад. Оид ба ин масъала таҳти роҳбарии устод Бобоқул Қодиров тӯли солҳои 2011-2016 дар факултет кори илмӣ–таҳқиқотии фармоишии «Робитаи физика бо дигар фанҳои илмӣ–табиӣ дар раванди таълим (дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ)» бурда шудааст.

Робитаи байнифаннӣ барои ташаккул додани тасаввуроти ягона оид ба ҳодисоти табиат хизмат намуда, ба хонандагон барои истифода намудани дониши худ мавриди омӯзиши фанҳои дигар ва ҳини меҳнати муфиди ҷамъиятӣ кӯмак мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар барномаи физика, дар охири ҳар як боб номгӯйи робитаи байни фанҳо дода шудааст, ки онҳоро ҳангоми омӯзиши боби додашуда амалӣ гардонидан тавсия карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот устод ба хулосае омад, ки мавриди барқарор намудани робитаи байни фанҳо чунин самтҳои асосиро ҷудо намудан мумкин аст: вақти омӯзиши фанҳои гуногунро чунон бояд муқаррар намуд, ки омӯзиши як фан хонандагонро ба омӯзиши фанҳои дигар тайёр намояд; мафҳумҳои илмӣ бояд ба ташаккулёбии шахсияти хонандагон ва маҳорату малакаҳои умумии онҳо мувофиқат намоянд; муносибати ягона ба ташаккул додани мафҳумҳои умумӣ ва маҳорату малакаҳои амалӣ; талаботи ягона ба азхудкунии дониш ва маҳорату малакаҳои умумӣ; ҳангоми омӯзиши як фан васеъ истифода намудани дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагон, ки мавриди омӯзиши фанҳои дигари таълимӣ азхуд кардаанд; бартараф намудани такрор ҳангоми омӯзиши ҳамон як мавод дар дарсҳои фанҳои омехта; нишон додани умумияти методҳои таҳқиқотие, ки дар илмҳои гуногун истифода мешаванд ва ошкор намудани хусусияти онҳо; ошкор намудани алоқамандии ҳодисаҳое, ки дар дарсҳои фанҳои гуногун (физика, химия, биология, география ва ғ.) омӯхта мешаванд, нишон додани ягонагии олами материалӣ.

Дар идомаи таҳқиқот устод усулҳои зайли барқарор намудани робитаи байни физика ва фанҳои дигарро тавсия намудааст: вобаста ба омӯзиши мавзӯи нав, истифода намудани донишҳои дар дарсҳои фанҳои гуногун азхудкардаи хонандагон; ҳал кардани масъалаҳое, ки дар онҳо татбиқи дониши аз фанҳои дигар азхуднамудаи хонандагон лозим мешавад; гузаронидани корҳои озмоишӣ, ки дар онҳо татбиқи умумии донишҳои хонандагон лозиманд; ташкил ва гузаронидани саёҳатҳои тавсифоти байнифаннидошта; гузаронидани дарсҳои такрорию ҷамъбастӣ, ки мавриди гузаронидани онҳо ҳамаи донишҳои оид ба ин ё он масъала, дар раванди омӯзиши фанҳои гуногун азхудкардаи хонандагон, ба як дониши ягона табдил дода мешаванд.

Дар ҳамин замина чандин навиштаҳои устод Бобоқул Қодиров, бо ҳаммуаллифии ҳамкорон, аз қабили: «Содержание межпредметных связей физики и математики»; «Тавсияҳои роҷеъ ба ташкилу гузаронидани шабнишиниҳои мазмуни робитаи байнифаннӣ дошта»; «Робитаи физика бо таълими меҳнат дар омӯзиши мавзӯи: «Ҳодисаҳои ҳароратӣ»»; «Ташкили машғулиятҳои мазмуни робитаи

байнифаннидошта (физика, табиатшиносӣ ва география)»»; «Нақши робитаи байни якдигарии фанҳои табиатшиносӣ дар ташаккули маҳорати дарккунии хонандагон»; «Имконятҳои барномаи таълимии физика дар барқарор намудани робитаи байни фанҳои таълимӣ»; «Истифодаи донишҳои химиявии хонандагон дар дарсҳои физика»; «Робитаи байнифаннии курси физикаи мактабӣ бо фанҳои дигар»; «Омӯзиши назарияи мавҷии рӯшноӣ ва тасдиқи таҷрибавии он»; «Робитаи химия бо фанҳои табиатшиносӣ»; «Робитаи физика бо варзиш»; «Нақши робитаи байнифаннӣ дар инкишофи маҳорат ва малакаҳои умумитаълимии хонандагон»; «Ташаккули тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон тавассути истифодаи маводи таърихӣ» ва ғ. нашр гардидаанд.

Равияи панҷуми корҳои илмӣ-методии устод Бобоқул Қодировро таҳияи нақшаи кории машғулиятҳои физикаи умумӣ ҳам барои таҳсилоти рӯзона ва ҳам барои таҳсилоти ғоибона ташкил медиҳад. Дар ҳамин замина устод бо ҳаммуаллифии ҳамкасбонаш маводи зеринро таҳияву нашр кардааст: «Плани кории машғулиятҳо аз курси физикаи умумӣ (механика)» (бо ҳаммуаллифии М. Шерматов, - Душанбе: 1989); «Плани корӣ аз физикаи умумӣ» (барои шӯъбаи ғоибона) (бо ҳаммуаллифии профессор Т. Солеҳов (- Душанбе: 2000) ва ғ.

Равияи дигаре, ки дар корҳои илмӣ-методии устод Бобоқул Қодиров ба назар мерасад – ин бо китоби дарсӣ таъмин намудани раванди таълими курси физикаи умумӣ мебошад. Дар ҳамин радиф устод китобҳои дарсии зеринро таҳияву нашр ва дастраси шогирдон гардонидааст: «Асосҳои физикаи квантӣ» (бо ҳаммуаллифии дотсент Турсунов Н.Ю., -Душанбе: 2012). Китоби дарсии мазкур асосҳои назарияи квантии қонунҳои афканишоти ҳароратӣ, сохти атом ва асосҳои физикаи ядрои атомро дарбар мегирад. Китоб ба донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва омӯзгорони ҷавон тавсия карда мешавад; «Оптикаи геометрӣ ва мавҷӣ» (-Душанбе: 2015). Китоби дарсии мазкур мутобиқи барномаи таълимии физикаи умумӣ таълиф шуда, доир ба бобҳои зерини фасли «Оптика» маводи ҷолибу хонданиро дарбар мегирад: Тафсилоти мухтасари инкишофи ақидаҳо доир ба табиати рӯшноӣ; Оптикаи геометрӣ; Интерференсияи рӯшноӣ; Дифраксияи рӯшноӣ; Поляризатсияи рӯшноӣ; Таъсири мутақобилаи мавҷҳои электромагнитӣ бо модда. Аз китоби дарсии мазкур донишҷӯёни факултетҳои физикаю математика ва муҳандисии мактабҳои олии Ҷумҳурӣ ба таври васеъ истифода карда метавонанд; «Маҷмӯаи масъалаҳои тестӣ аз физика» (ба ҳаммуаллифии Умаров У.С. ва Авезова Г.Р.-Душанбе: 2015). Маҷмӯаи мазкур тибқи барномаи физикаи мактабӣ тартиб дода шуда, намунаи ҳалли масъалаҳои тестӣ ва масъалаҳои тестиро барои ҳалли мустақилона аз фаслҳои гуногуни физика дарбар мегирад. Дастури мазкур ба хонандагоне, ки барои ба мактабҳои олӣ дохил шудан тайёрӣ мебинанд, тавсия карда мешавад.

Равияи дигари корҳои илмӣ-методии устод Бобоқул Қодиров бевосита ба таъмини омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурӣ бо маводи методиву таълимӣ таллуқ дорад. Устод Бобоқул Қодиров ҳамчун олими нуқтасанҷи илми физика бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ робитаи устувори корӣ дорад. Дар натиҷаи ин робита ӯ ба хулосае омад, ки омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурӣ аз нарасидани васоити методӣ бо забони модарӣ душворӣ мекашанд. Бинобар ин, эшон бо ҳамкории ҳаммаслаконаш барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурӣ васоити методиро бо забони тоҷикӣ таълиф намуд. Метавон чанде аз рисолаҳои таълифкардаи эшонро чун муште аз хилвор ном бурд, ки аз фаъолияти илмию методии устод гувоҳӣ медиҳанд: «Корҳои санҷишӣ аз физика» (бо ҳаммуаллифии Т. Ҷумъаев, -Душанбе: 1993). Соли 1995 ин дастури методиро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзгорон аз нав ба чоп тавсия намуд, ки тавассути нашриёти «Маориф» нашр шуд; «Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика» (бо ҳаммуаллифии Т. Ҷумъаев ва М Шерматов, -Душанбе: 1995); «Супоришҳои санҷишӣ – тестӣ аз физика» (бо ҳаммуаллифии Т. Ҷумъаев, -Душанбе: 1996), Стандарти фанни физика барои синфи X (-Душанбе: 2013) ва ғайраҳо.

Бар замми ҳамаи нигоштаҳои боло як нуктаро зикр накарда наметавонем. Устод Бобоқул Қодиров як шуғли дӯстдошта, ба қавле як «хобби» дорад, ки он шоҳмотбозист. Дар ин ҷода устод ба комёбиҳои назаррас низ ноил гаштааст, вале аз ҳама кори хайру мондагоре, ки эшон ба сомон расонидааст – ин ҷамъоварӣ ва ба низоми муайян даровардани чакидаҳо аз назму насри адибон ва андешаҳо дар бораи олами асрорангези шатранҷ ба ҳисоб меравад. Устод ҳамаи ин чакидаву андешаҳоро дар шакли як китоби мукаммал таҳти унвони «Васфи шатранҷ» (-Душанбе: 2014) таҳияву нашр ва дастрасу ҳаводорони ин бозии сеҳрнок гардонидааст. Дар сарсухани ҳамин китоб

устод чунин нигоштааст: «Шатранҷ барои олим – олами илм, барои ҳунарвар – соҳаи ҳунар, барои варзишгар – майдони пурғавғои варзиш ва барои умум дунёи сеҳрнок мебошад. Олами сухан ва олами шатранҷ, ҳарду олами нидоҳо мебошанд». Ҳақ ба ҷониби устод аст. Дар ҳақиқат, тӯли тараққиёти ҷомеаи инсонӣ шатранҷ аз бозии шахсони алоҳида ба бозии дӯстдоштаи кулли аҳли башар мубаддал гаштааст.

Ин буд муште аз хирвори ганҷҳои ранҷбурди устод Бобоқул Қодиров. Ҳақ ба ҷониби шоир, ки гуфтааст:

*Наёмад кас андар ҷаҳон, к-ӯ бимонд,*
*Магар он, к-аз ӯ некӯ бимонд.*

Бо боварӣ метавон гуфт, ки маҳсули ранҷи ганҷофари устод Бобоқул Қодиров монанди асалест ва он то ба имрӯз коми донишҷӯёни макотиби олӣ, хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ширин мекунад.

## КОДИРОВ БОБОКУЛ АБДУЛЛОЕВИЧ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ В ОБЛАСТИ ПОЛИМЕРОВ

*В статье рассказывается о научно-педагогической деятельности кандидата технических наук, профессора Кадырова Бобокула Абдуллоевича. Им были написаны более 170 научно-методических работ, более 30 из которых являются учебно-методическими пособия, предназначенные для широко круга аудитории. Его читателями являются и учащиеся среднеобщеобразовательных учреждений, и учителя, и студенты высших учебных заведений. Научная и научно-методическая деятельность Бобокул Кадырова обширна, и затрагивает важнейшие аспекты исследования физики полимеров и преподавания физики в среднеобщеобразовательных учреждения и ВУЗ-ов. Непосредственно под его руководством с участием доцентов Джаборова А.Г., Джуманбоева Х. и старшего преподавателя Сайфиддинова М. при факультете физики ТГПУ имени Садриддина Айни была организована научная лаборатория.*

***Ключевые слова:*** *полимер, физика, направление, факультет, исследование, лаборатория, устройство, журнал, статья, ученик*

## KODIROV BOBOKUL ABDULLOEVICH - RESEARCHER OF THE OF POLYMERS AREA

*The article describes the scientific and pedagogical activities of the candidate of technical science, Professor Kodirov Bobokul Abdulloevich. He wrote more than 170 scientific and methodological works, more than 30 of which are educational and methodological manuals, intended for a wide range of audiences. Its readers are students of secondary educational institutions, teachers, and students of higher educational institutions. The scientific and scientific-methodological activity of Bobokul Kadyrova is extensive, and affects the most important aspects of the study of polymer physics and the teaching of physics in secondary educational institutions and universities. Directly under his leadership, with the participation of associate professors Dzhaborov A.G., Dzhumanboev H. and senior teacher Saifiddinov M. at the Faculty of Physics of TSPU named after Sadriddin Aini, a scientific laboratory was organized.*

***Keywords:*** *polymer, physics, direction, faculty, research, laboratory, device, journal, article, pupil*

### АДАБИЁТ

1. Роҳнаварди шоҳроҳи илм. / У.С. Умаров – Душанбе, 2017. - 130 с.
2. Кодиров Б.А. Развитие дефектности в полимерных пленок под действием механических напряжений и физически активных сред. / Б.А. Кодиров // Пластмассы 10, 1977. -С. 13-14.
3. Кодиров Б.А. Оценка дефектности полимерных материалов диффузионными методами. / Б.А. Кодиров // В сб: Диффузное явления в полимерах, часть 1. – Рига, 1977. - С.19-21
4. Кодиров Б.А. Влияние механических деформаций и технологической ориентации на развитие сквозной микро дефектности в полимерных плёнках. / Б.А. Кодиров // Изв. Акад. наук Тадж. ССР. №1, 1985. - С. 73-75
5. Кодиров Б.А. Влияние технологических факторов на образования микродеффектности в фторсодержащих полимерных материалов. / Б.А. Кодиров // Доклад АН Тадж. ССР, 32, №4, 1989. - С. 241-243
6. Қодиров Б.А. Сорбияи буғҳои гептан дар фторполимерҳо. / Б.А. Қодиров // Пайёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2007. - С. 14-15

7. Қодиров Б.А., Халилов М. Саҳеҳияти ченкуни дар корҳои лаборатории (тавсияи методӣ). / Б.А. Қодиров. – Душанбе: ДГПИ, 1988. - 57 с.
8. Қодиров Б.А. Кори лабораторӣ доир ба курси махсуси «Усулҳои таҳқиқи сохтор ва хосиятҳои ҷисмҳои сахт ва полимерҳо» (дастури методӣ). / Б.А. Қодиров. – Душанбе: ДДМТ, 2004. - 66 с.
9. Қодиров Б.А. Корҳои лабораторӣ аз электрик ва магнетизм. / Б.А. Қодиров. – Душанбе: Сабрина – К, 2015. - 108 с.

***Саведения об авторах:***

***Умаров Умар Сулаймонович*** *– директор научно-исследовательского Института «Естественно-математических наук и совершенствование методики их преподавания» при Таджикском государственного педагогическом университете имени С. Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 933 94 93 28.*

***Зафари Умар*** *– старший преподаватель кафедры теоретической физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 927 26 36 45.*

***About the author:***

***Umarov Umar Sulaymonovich*** *– director of the Research Institute «Natural and mathematical sciences and improvement of the methods of their teaching» at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 935 94 93 28.*

***Zafari Umar*** *– Senior Lecturer, Department of Theoretical Physics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 927 26 36 45.*

# ФОЗИЛЕ ДАР РОҲИ ИЛМ

***Азизов Ш.С., Амаков И.Б.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Дар соҳаи илму маориф, хусусан, дар илми иқтисодиёти Тоҷикистон то имрӯз корҳои назаррасе ба сомон расидааст, ки дар он саҳми олимони соҳаи мазкур басо назаррас ба чашм бармехӯрад. Таҷрибаи дарси зиндагонӣ собит сохтааст, ки ҳар кӣ дар роҳи илм рафт, дар ин самт сидқ варзид ва комёб гардид, ҳамеша номаш ба некӣ вирди забони мардум хоҳад монд.

АЗИМҶОН НАСИМОВ низ аз зумраи он нафароне мебошанд, ки умри пурбаракоти хешро дар роҳи пажӯҳишҳои илмӣ паси сар намуда, дар ин ҷода саҳми босазои худро гузоштаанд. Устод дар радифи инсонҳое қарор дорад, ки рӯзгори хешро бидуни маърифат ва шинохти асолати зиндагонии маънавӣ тасаввур карда наметавонанд. Вақте дар бораи маърифати фалсафаи ҳастӣ ва ҳаёти инсонӣ андеша мекунем, аз рӯзгори хеш ҳамеша шукргузорем, ки зиндагонӣ ва фаъолияти моро дар канори чунин инсонҳои некному соҳибилм ва донишманди асил ҳамроҳ сохтааст, ки ин боиси шукргузорист. Бо номи ин олими фозил на фақат таърих ва умуман илми иқтисод, балки тадқиқоти амалӣ дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ пайвандии қавӣ дорад. Бо қалами устод зиёда аз 150 мақола, 4 монография ва якчанд маҷмӯаҳои таълимию методӣ таалluқ дорад. А.Насимов асарҳои илмии зеринро таълиф намудаанд: «Ҳавасмандии моддӣ ва меҳнат, нақши онҳо дар инкишофи иқтисод» (1968), «Фондҳои ҷамъиятии истеъмол» (1962), «Труд, продукты, стоимость» (1997), «Масъалаҳои иқтисодии тарзи сотсиалистии ҳаёт» (1985), «Истеҳсолот асосӣ некуаҳволии халқ» (1983), «Асосҳои идоракаунии маориф» (2008), «Менеҷмент дар соҳаи маориф» (2011), «Ислоҳот ва рушди маориф» (2008), «Маърифати маориф» (2008), «Рынок: план или алтернатива» (2010), «Луғати тафсирии иқтисодии тоҷикӣ-русӣ – англисӣ» (2016), «Маориф асоси такмил ва рушди инсон» (2016), «Маориф асоси ташаккул, ташкил ва рушди инсон» (2021). Устод аз ҷумлаи инсонҳои комилу олимони фозил, донишмандони фарҳехтаи замон маҳсуб гардида, марди зарофатхӯ, суханшиноси нодир ҳастанд. Азимҷон Насимов дар саҳнаи корзори

зиндагӣ бо неруи ақлу хирад, фазилату ахлоқу маънавият, ба ҳастии илми иқтисодиёти мамлакат умри тоза бахшидааст.

Азимҷон Насимов 20 майи соли 1936 дар деҳаи Искодари ноҳияи Айнии вилояти Суғд таваллуд шуда, пас аз хатми мактаби миёнаи зодгоҳашон соли 1950 ба техникуми молияи ш.Душанбе дохилшуда, соли 1954 онро бо муваффақият хатм намуданд. Худи ҳамон сол Донишгоҳи иқтисоду молияи шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) дохил шуда, онро соли 1959 бо дипломи аъло хатм намудаанд.

Устод соли 1963 рисолаи номзадиро дар мавзуи «Фондҳои ҷамъиятии истеъмол», дар Шурои диссертатсионии Донишгоҳи милли Тоҷикистон дар шаҳри ш.Душанбе дифоъ намудаанд ва соли 1965 аз ҷониби Комиссияи Олии Атетсатсионии (ВАК) ИҶШС ба устод унвони дотсенти дода шуд.

Азимҷон Насимов бо дилбастагии хосае, ки аз оғоз ба илми иқтисод доштанд, роҳи таҳқиқу пажӯҳишро дар ин самт бо муҳаббат ихтиёр намуда, бо номи марди накуному хирадманд дар миёни хосу ом машҳур гардидаанд. Сафари илмии пурпечутоб дар ҷодаи илму маърифат барояшон муваффақият овард.

Устод дар тӯли ҳаёти ибратбашх ва пурбаракати худ дар якчанд муассисаҳои гуногуни мамлакат фаъолият намудаанд. Аз ҷумла, дар солҳои 1958-1961 ҷонишини директори техникуми молиявӣ-омории ш.Орҷоникидзеобод (имрӯза Ваҳдат), солҳои 1961-1964 аспиранти кафедраи иқтисоди сиёсии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳозира ДМТ), муаллими калони кафедраи иқтисоди сиёсӣ, солҳои 1965-1970, муовини ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин оид ба таълими шабона буданд. Аз соли 1970 инҷониб Азимҷон Насимов фаъолияти худро пурра дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ ба роҳ монданд. Солҳои 1970-1979 ҳамчун дотсенти кафедраи умумидонишгоҳи иқтисодиёти сиёсӣ, аз 24-уми апрели соли 1979 то 24-уми апрели соли 1981 мудири кафедраи умумидонишгоҳи иқтисодиёти сиёсӣ, соли 2004 то соли 2009 мудири кафедраи иқтисод ва идоракунии факултети математика буданд.

Бо ташаббус ва меҳнатҳои пурмашаққати устод моҳи сентябри соли 2009 факултети «Иқтисодиёт ва идоракунии маориф» дар сохтори донишгоҳ таъсис дода шуд. Аввалин роҳбарии ин факултети навтаъсис, ки бар души устод буда, то соли 2013 ҳамчун декан фаъолият намудаанд. Аз соли 2013 мушовири ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, пайваста дар вазифаи профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ то ҳол фаъолият менамоянд.

Дониш ва маҳорату малакаи кордонии ин шахси наҷибро ба назар гирифта, соли 1995 ӯро вакили мардумӣ дар маҷлиси намояндагони Ҳукумати ш.Душанбе интихоб намуданд ва то соли 2000 содиқона адои вазифа намудаанд. Соли 2000 ба устод Азимҷон Насимович унвони Ходими хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Соли 1968 ба устод бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» ва ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Меҳнати пурсамари софдилонаи Азимҷон Насимов воқеан боиси истиқбол аст. Ҳаминро ба инобат гирифта, мавсуфро бо медалҳои «100 солагии В.И.Ленин», «100 солагии партияи Комунистии Тоҷикистон», инчунин аз ҷониби Кумитаи партиявии камунистии Федератсия Россия бо медалҳои «Ленин», «Сталин» ва «100 солагии комсомол» сарфароз гардонидаанд. Устод дар корҳои ҷамъияти ҷумҳури фаъолона иштирок намуда, аз соли 2010 то ҳол котиби ҳизби коммунистии Тоҷикистон, раиси дӯстии халқҳои Тоҷикистону Кореяи Шимолӣ буда, дар барқароркунии сохти давлати конститутсионӣ дар Тоҷикистон саҳми назарас гузоштаанд.

Саҳифаҳои ҳаёти Азимҷон Насимов хеле рангин аст, зеро дар тӯли фаъолияти меҳнатии хеш ба он кас муяссар гардид, ки дар анҷуманҳои ҷумҳурявию байналмилалӣ ва дар дигар конфронсҳо ширкат намуда, дар мавзӯъҳои мубрами илми иқтисод баромад кунанд.

Азимҷон Насимов ҷиҳати ба кор гирифтани сабку равиши хоса дар илми иқтисодиёт таҳқиқоти зиёдеро рӯи кор овардааст. Қайд кардан зарур аст, ки устод яке аз шахсиятҳои маъруф ва олими барҷастаи кишварамон дар соҳаи илму маориф ва иқтисодиёт мебошанд. Ҳамзамон дар тӯли фаъолияти хеш бо роҳбарии устод чандин нафар номзадҳои илм, рисолаҳои номзадии худро бо муваффақият дифоъ намудаанд. Ғайр аз ин, устод бо умри пурбаракати хеш бо чандин нафар академикҳо, профессорону дотсентон, докторҳою номзадҳои илми умедбахши ватандусту хештаншинос, меҳнатдусту маорифпарвар, эҳсонкору хайрхоҳро дар ҷодаи ҳаёт сабақ омӯзонидаанд. Устод Азимҷон Насимов баробари ба шогирдон, омӯзгорон, омӯзонидани илми иқтисодиёт боз ҳидоят менамоянд, ки онҳо дар ҷодаи ҳаёт ва фаъолияти касбиашон наврасону чавонони миллатро дар руҳияи меҳанпарастиву хештаншиносӣ, илмомӯзиву забономӯзӣ ва пос доштани забони модарӣ, саодатмандию шарафмандӣ, хизмати содиқона намудан баҳри ватану миллат ҳидоят кунанд. Ҳалолкориву ҳақгӯӣ, болотар аз ҳама, камоли шахсии устод меҳрашро дар дили дӯстону ҳамкорон ва пайвандону шогирдон гарму фурӯзон сохтааст. Устод чун ҳидоятгари чароғи маърифати илми иқтсоди дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисос саҳми беназир

дошта, дасти зиёдеро низ дар ин самт рост намуда онҳоро ба ҷодаи илми роҳнамоӣ кардаанд, ки месазад гӯем:

***Чароғи ҳарду олам олимонанд,***
***Ба маънӣ олимон шамъи ҷаҳонанд.***

Устод Азимҷон Насимов ҳамчун омӯзгори соҳибназар ва олими номвар дар ҳавзаҳои илмии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар шинохта шуда, чун устоди ташкилотчӣ ва шахси масъулиятшинос эътироф гардидаанд. Шахсияти Азимҷон Насимов воқеан шоистаи таҳсин аст. Мо аз тақдири хеш басо мамнун ҳастем, ки бо чунин омӯзгор, инсони покдилу покниҳод, тарбиятдида, шикастанафсу фурӯтан ва таҷрибаандӯхта ҳамкор ҳастем ва чунин Устод дорем. Фурӯтаниву шикастанафсии Азимҷон Насимов на намоишкорона, балки табиӣ ва ба фитрати инсонияш хос аст, устод дорои нӯши масаррат буда, маҳрум аз неши мазаррат аст.

Албатта, корномаҳои илмиву ҷамъиятӣ ва саҳми назарраси Азимҷон Насимовро метавон аз ин фарохтар тафсир кард, аммо ҳадафи ин нигошта баёнгари он аст, ки устод ба унвони як нафар марди кордону масъулиятшинос, бобати пешрафту равнақи илми иқтисод талош варзидааст.

Бояд гуфт, ки воқеан дар доираи як мақолаи кӯчак наметавон тамоми паҳлӯҳои фаъолияти серсоҳаву пурғунҷоиш ва достони одамияти устод Азимҷон Насимовро фаро гирифт ва ё худ кулли асарҳои эшонро нақду баррасӣ кард. Ҳар он чи ин ҷо гуфтем, муштест аз хирвори кору пайкори ин олими пуркор.

## НАБОШАД МУРОД ОН, КИ ҶӮЯНДА НЕСТ

***Неъматов А., Умаров У.С., Сияҳаков С.М., Муҳаббатов Х.Қ.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Таърихи башар дар ҳама давру замон собит намудааст, ки мояи бузургдошти ҳар як инсон, пеш аз ҳама илму дониш, хираду маънавиёт ва заковати бепоён мебошад. Маҳз илму маънавиёт ва фазилату тавонмардии асил аст, ки инсонро ба мартабаҳои баланд ва ҷойҳои шоиста мерасонад. Корбасти илм метавонад ҳар як инсонро ҷаҳоншиносу шуҳратёр гардонад. Агар ба масири пайнамудаи инсоният дар муддати чанд садсолаи охир дар риштаҳои пажуҳишӣ ба таври воқеӣ назар афканем, дармеёбем, ки фанҳои дақиқу табиатшиносӣ ва илмҳои марбут ба ин равия миёни халқиятҳои гуногун мавқеъ ва ҷойгоҳи махсуси худро доро буданд.

Дар ин самт ҳеҷ ҷойи шакку шубҳаи дигаре нест, ки мутахассисону коршиносони илмӣ яке аз бартариҳои асосии пешрафту комёбиҳои арзишманди риштаҳои илмию истеҳсолии солҳои 80-уми қарни гузаштаро дар мутобиқсозии самараноки илм бо истеҳсолот ва иҷрои мақсадноки корҳои пажуҳишӣ диданд.

Бо дахли паҳлуи дигари ин масоили умдаи ҷомеъа, агар аз дидгоҳи таърих каме чуқуртар назар афканем, маълум мегардад, ки мавҷи татбиқи шоҳкориҳои илм бо истеҳсолот муҳаррики асосии манбаъҳои иқтисодиро дар бар гирифта, боиси афзун шудани садҳо корхонаи бузурги истеҳсолӣ ва тавлиди бештари барномаҳои дигари иқтисодию саноатӣ низ гардидааст.

Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Россия, Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ, Шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ, Академияи муҳандисии ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи муҳандисии байналхалқӣ, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии Тоҷикматлубот, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҳамид Маҷидов аввалин фарзанди марди маорифпарвар ва яке аз нахустмуаллими водии Алмосӣ Раҳимов Маҷид мебошад.

Ӯ 15 июли соли 1946 дар деҳаи Истонии ноҳияи Ҳисор ба дунё омадааст. Ҳамид Маҷидов соли 1962 ба факултаи физикаю математикаи Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко дохил гардида, соли 1967 онро бо ихтисоси муаллими физика ва фанҳои умумитехникӣ хатм намуд.

Соли 1967 Ҳамид Маҷидов ба аспирантураи кафедраи физикаи умумии Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко аз рӯи ихтисоси «Физакаи гармӣ ва физикаи молекулӣ» дохил гардид.

Тадқиқоти худро Ҳамид Маҷидов ҷамъбаст намуда, моҳи декабри соли 1972 дар Шӯрои диссертатсиониии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикстон) дар мавзӯи «Гармигузаронии эфирҳои мураккаби кислотаи сирко дар фишор ва ҳароратҳои баланд» рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика гардид. Соли 1978 ба Ҳамид Маҷидов унвони илмии дотсенти кафедраи физикаи умумӣ дода шуд. Дар лабораторияи илмӣ-тадқиқотии таъсисдодаи худ дотсент Ҳамид Маҷидов ҳамроҳи аспиратон ва унвонҷӯйҳо ба тадқиқи хосиятҳои гармофизикии як қатор ҷисмҳои сахт, моеъҳо ва газҳо машғул гардид ва натиҷаҳои тадқиқоти худро ба шакли мақолаю маърӯзаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногуни кишвар ва берун аз он чоп намуд.

Баъди чопи мақолаҳои илмӣ лабораторияи илмӣ-татқиқотии таъсисидодаи дотсент Ҳамид Маҷидов шӯҳрати умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ пайдо намуд.

Дар давоми солҳои 1978-1990 дар лабораторияи илмӣ-тадқиқотии «Физикаи гармӣ ва физикаи молекулавӣ»-и кафедраи физикаи умумии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко таҳти роҳбарии дотсент Ҳамид Маҷидов хосиятҳои гармофизикии катализаторҳои донагии истеҳсолкардаи Пажуҳишгоҳи кимиёи амалии шаҳри Ленинград (Санкт-Петербурги ҳозира) вобаста ба ҳарорату фишор дар муҳитҳои газии гуногун ва дар шароити вакуум тадқиқ карда шуданд.

Бо назардошти натиҷаҳои илмии бадастовардаи устод Ҳамид Маҷидов ва шогирдонаш лабораторияи илмӣ-тадқиқотии таъсисдодаи ӯ бо қарори Шӯрои илмӣ ба лабораторияи проблемавии «Физикаи гармӣ ва физикаи молекулавӣ»-и донишкада табдил дода шуд ва дар он доир ба тадқиқи хосиятҳои гармифизикии ҷисмҳои сахт, моеъҳо ва газҳо Мактаби илмии тайёркунии физикҳои ватанӣ ташкил карда шуд.

Соли 1990 Ҳамид Маҷидов дар мавзӯи «Хосиятҳои гармифизикии системаҳои донагии барои тақсим намудани сӯзишвориҳои моеи яктаркиба истифодашаванда» дар Пажуҳишгоҳи энергетикаи ядрои Академияи улуми Белоруссия рисолаи доктириро дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ сазовор гардид.

Баъди ин 11-уми ноябри соли 1991 ба унвони илмии профессори кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев сарфароз гардид.

Дар лабораторияи проблемавии таъсисдодааш профессор Ҳамид Маҷидов корҳои тадқиқотии донишҷӯён, аспирантон, докторантонро ба роҳ монд ва дар он устодони дигар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон коромӯзӣ менамуданд.

Бо сарварии профессор Ҳамид Маҷидов ба унвони доктори илмҳои техникӣ як нафар, номзадҳои илмҳои техникӣ, физика ва математика зиёда аз 15 нафар ва номзади илмҳои педагогӣ 5 нафар сазовор шудаанд.

Профессор Ҳамид Маҷидов дар мамлакатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, ИМА, Испания, Олмон, Чехословакия, Австрия ҳамчун олими барҷаста шинохта шудааст ва мақолаву рисолаҳои илмии он дар маҷаллаҳои эътиборноки ин мамлакатҳо чоп гардидаанд.

Қисми зиёди мақолаҳои илмии профессор Ҳамид Маҷидов дар маҷаллаҳои бонуфузи Руссия, Белоруссия, Тоҷикистон, Озарбойҷон - «Журнал физической химии», «Инжинерно-физический журнал», «Теплофизика высоких температур», «Нефт и газ», «Приборостроения», «Маърӯзаи Академияи илмҳои Тоҷикистон», «Ахбороти Академияи илмҳои Тоҷикистон» чоп гардиданд.

Профессор Ҳамид Маҷидов зиёда аз 440 мақолаҳои илмӣ, васоити таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ чоп намуда, муаллифи якчанд ихтирооту таклифотҳои оқилона мебошад. Аз китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва дастурҳои методии олим донишҷӯён, аспирантон, устодони мактабҳои олӣ ва омӯзгорону хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Ӯ муаллифи китоби дарсии «Физика» барои синфҳои 7,8,9,10 ва «Нуҷум» барои синфи 11-и мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ мебошад.

Бо қалами профессор Ҳ. Маҷидов васоитҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ «Асосҳои физикаи гармӣ» (1992), «Асосҳои физикаи молекулӣ ва термодинамика» (1986), «Газҳои реалӣ, моеъҳо ва

ҷисмҳои сахт» (1990), «Нишондодҳои методӣ доир ба корҳои лабораторӣ аз механика ва физикаи молекулӣ» (1997), «Электромагнитизм, оптика ва физикаи квантӣ (нишондодҳои методӣ) оид ба корҳои лабораторӣ)» (1997), «Оптика ва физикаи квантӣ» (нишондодҳои методӣ доир ба корҳои лабораторӣ)» (1992), «Асосҳои механика, физикаи молекулӣ ва термодинамика» (2004), «Асосҳои физикаи квантӣ» (2002), «Асосҳои электродинамика, оптика ва физикаи квантӣ» (2007), «Физика. Саволҳои тестӣ»(2015), «Консепсияҳои табиатшиносии муосир. Саволҳои тестӣ» (2014), «Кори мустақилонаи донишҷӯён» (2009), «Кори мустақилонаи донишҷӯён аз физикаи молекулӣ ва асосҳои термодинамика» (2011), «Физика (дастури таълимӣ – методӣ барои донишҷӯёни шӯъбаи ғоибона)» (2011), «Нишондоди методӣ доир ба корҳои лабораторӣ аз физика» (2011), «Консепсияҳои табиатшиносии муосир. Нашри дуюм бо иловаҳо» (2011), «Асосҳои физикаи квантӣ» (2012), «Корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз электродинамика» (2013), «Корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз физикаи квантӣ» (2013), «Физика. Дастури таълимӣ – методӣ доир ба корҳои лабораторӣ» (2012), «Стандарти фанни «Физика» барои синфи IX» (2013), «Стандарти фанни «Нуҷум» барои синфи XI» (2013), «Барномаи таълимӣ ва нақшаи намунавии тақвимии «Физика» барои синфи IX» (2013), «Барномаи таълимӣ ва нақшаи намунавии тақвимии «Нуҷум» барои синфи XI» (2013) ва ғайраҳо навишта шудаанд.

Ӯ инчунин муаллифи барномаи намунавӣ ва китоби дарсӣ аз фаннҳои «Консепсияҳои табиатшиносии муосир» барои ихтисосҳои иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ ва гумманитарии мактабҳои олии ҷумҳурӣ, стандарти давлатии фанни физика барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ, барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва китоби дарсии «Техникаи гармӣ» мебошад.

Аз машғулиятҳои лексионӣ, таҷрибавӣ ва амалии устод Ҳ. Маҷидов донишҷӯён хеле қаноатманданд. Дар пурсишҳои ҳарсолаи донишҷӯёни донишгоҳ «Баҳои устод аз нигоҳи донишҷӯён» профессор Ҳамид Маҷидов баҳои баландтаринро сазовор мегардад.

Соли 2012 дар ҷамъбасти рейтинги устодони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон профессор Ҳамид Маҷидов ҷои аввалро ишғол намуд. Ҳар сол дар ҷамъбасти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҷои аввал насиби профессор Ҳамид Маҷидов мегардад.

Солҳои 1980-1990 дар студияи таълими «Дониш»-и телевизиони Ҷумҳуриявӣ аз физикаи мактабӣ ва физикаи умумӣ барои мактаббачагон ва донишҷӯёни ғоибхон дарс медод.

Профессор Ҳамид Маҷидов дар семинари ҷумҳуриявии таъсисдодаи маркази идораи «Лоиҳаи ислоҳоти системаи маорифи Тоҷикистон» дар мавзӯи «Ҷомеаи муосир ва талабот ба нақшаю барнома ва китобҳои нави дарсӣ», ки 16-17-уми марти соли 2006 гузаронида шуд, фаъолона ширкат варзида, дар сексияи физика баромад карда андешаҳои судбахши худро нисбати барнома ва китобҳои дарсии физика барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ баён намуд. Дар ин семинар профессор Ҳ. Маҷидовро раиси муаллифони китобҳои дарсӣ аз фанни «Физика» интихоб намуданд. Таҳти сарварии ӯ китобҳои дарсӣ аз ҳисоби маблағгузории бонки Осиёи Рушд барои синфҳои 7,8,9,10,11 таълиф шуданд ва муаллифи 4 – тои он (синфҳои 7, 8, 9, 10) Ҳамид Маҷидов мебошад.

Корҳои илмии Маҷидов Ҳ. аҳамияти стратегӣ дошта, дар системаҳои кайҳонӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Дастгоҳҳои таҷрибавие, ки профессор Маҷидов Ҳамид барои ченкунии хосиятҳои гармифизикии моддаҳо сохтааст, дар бисёр лабораторияҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил самаранок истифода бурда мешаванд.

Профессор Ҳамид Маҷидов якчанд сол бо заводи таҷрибавии истеҳсолии алюминии тозагиаш хеле баланд, ҳамкорӣ менамояд. Пешниҳодҳо ва дархостҳои олим оид ба истеҳсоли алюминии баландсифат дар якчанд мақола ҷамъбаст шудааст.

Натиҷаҳои таҷрибавии бадастовардаи профессор Ҳамид Маҷидов ва шогирдонаш дар адабиётҳои марказии давлати Шӯравӣ ва Руссия, ки бо номи «Теплопроводность жидкостей и газов», издательство Стандартов, М., 1978, «Справочник по теплопроводности жидкостей и газов», Издательство Энерго-издат. М., 1990 дохил гардиданд ва ба онҳо дараҷа (категория)-и «Рекомендуемые справочные данные» дода шудааст.

Бо ташаббуси профессор Ҳамид Маҷидов соли 2003 дар ДДОТ ба номи Қандил Ҷӯраев конференсияи илмӣ-амалии умумиттифоқӣ дар мавзӯи «Хосиятҳои гармифизикии моеъҳо ва газҳо» гузаронида шуд.

Профессор Ҳамид Маҷидов бо маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои бонуфузи байналхалқӣ, умумииттифоқӣ, ҷумҳуравӣ ба монанди конференсияи чоруми умумииттифоқӣ доир ба хосиятҳои гармифизикии моддаҳо (Минск, 1978), конференсияи 7-уми умумииттифоқӣ доир ба хосиятҳои гармофизикии моддаҳо (Тошканд, 1982), маҷлиси умумииттифоқӣ доир ба «Методҳои аналитикии ҳисобкунии протсесҳои гармӣ - ва массаивазкунӣ» (Душанбе, 1986), кон-ференсияи мактаби теплофизикии умумииттифоқӣ (Тамбов, 1988), конференсияи 8-уми умумиитттифоқӣ доир ба хосиятҳои гармифизикии моддаҳо (Новосибирск, 1988), Конференсияи 4-уми илмӣ-техникии умумииттифоқии «Таъмини метрологии ҳароратҳои баланд» (Харков, 1990), конференсияи 10-уми мактаби гармофизикии умумииттифоқӣ (Тамбов,1990), Мактаб-семинари байналхалқии «Реофизикаи системаҳои ғайримувозинатӣ» (Минск, ИТМО,1991), конференсияи 8-уми байналхалқии «Муодилаи ҳолат» (Элбурс, 1992), конференсияи 9-уми хосиятҳои гармифизикии моддаҳо (Махачқалъа, 1992), конференсияи байналхалқии мактаби гармофизикӣ (Тамбов,1992), конференсияи илмӣ-амалии умумииттифоқии «Хосиятҳои гармофизикии моеъҳо ва газҳо» (Душанбе, 1993), конференсияи илмии Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷти-моии Россия (апрели 2009, Масква) конференсияи байналхалқӣ дар мавзӯи «Ҳамкории байналҳалқии мактабҳои олӣ: таҷриба, имконият ва татбиқи низоми кредитии таҳсилот (2009, ДДТТ, Душанбе), конференсияи байналхалқӣ бахшида ба 100-солагии зодрӯзи Академик С.У. Умаров «Масъалаҳои муосири физика» (Душанбе, 2008), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Физикаи муҳитҳои конденсионӣ» (апрели 2009, Душанбе), конференсияи шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ (июли 2010, Душанбе), конференсияи байналмилалӣ дар Донишгоҳи кооператсияи матлуботи Белгород (майи 2010, Белгород), конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагону донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табию риёзӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ» (майи соли 2012, Душанбе), конференсияи байналмилалӣ «Актуальные проблемы совре-менной науки» (апрели 2015, Душанбе), конференсияи ҷумҳуриявӣ «Применение современных технических средств в обучении предмета технологии» (май, 2014, Душанбе), «Девятая международная тепло-физическая школа» (октябр, 2014, Душанбе) ва ғайраҳо баромад намудааст.

Ҳамид Маҷидов дар яке аз Донишгоҳҳои бонуфузи Тоҷикистон -Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ба номи С. Айнӣ) то соли 1987 ба ҳайси ассистент, муаллими калон, дотсент кор карда, аз соли 1987 то соли 1994 сарварии кафедраи физикаи умумиро ба ӯхда дошт.

Ҳамид Маҷидов дар давраи сарвариаш кафедраро ба яке аз кафедраҳои беҳтарини Иттиҳоди Шӯравӣ табдил дод. Кафедра дорои лабораторияи илмӣ-тадқиқотӣ ва лабораторияҳои таълимии ба таври замонавӣ таҷҳизонидашуда гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аксарияти устодони кафедраи «Физикаи умумӣ» таҳти роҳбарии профессор Маҷидов Ҳамид рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дифоъ намуда, соҳиби унвонҳои доктори илмҳои техникӣ, номзади илмҳои физикаю математика ва илмҳои техникӣ гардиданд.

Ҳоло шогирдони дараҷаи илмидори профессор Ҳамид Маҷидов дар ҷумҳурӣ ва берун аз он кору фаъолият намуда истодаанд.

Барои намуна метавон ёдовар гашт: Сафаров М.М. – доктори илмҳои техникӣ, профессори ДДТТ-и ба номи М. Осимӣ, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Зубайдов С.- мудири шӯъбаи илми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Неъматов А., номзади илмҳои физикаю математика – дотсенти кафедраи «Физикаи умумӣ» – и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои техникӣ, шодравон, дотсент **Нуриддинов З.,** номзади илмҳои техникӣ, дотсент Муҳаббатов Х. – мудири кафедраи «Физикаи таҷрибавӣ» -и факултаи физикаи ДДОТ баноми Садриддин Айнӣ, Сияҳаков С. – номзади илмҳои техникӣ, дотсент мудири кафедраи «Физикаи умумӣ» -и факултаи физикаи ДДОТ баноми Садриддин Айнӣ, дотсент, номзади илмҳои педагогӣ Мирзоев Р.Р. – сардори департаменти таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ), номзади илмҳои педагогӣ Раҳмонқулов М. – корманди департаменти таълими ДДТТ мебошанд.

Аз соли 1994 профессор Ҳамид Маҷидов ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ) бо таклифи раёсати он ба кор гузашт.

Профессор Ҳамид Маҷидов дар ДДТТ худро ҳамчун шахси донишманд, ташаббускор ва роҳбари эҷодкор нишон дода, дар вазифаҳои ноиби ректор доир ба таълиму тарбия, ноиби ректор доир ба корҳои илмӣ, декани факултаи «Тиҷорат ва гумрук», «Сардори департаменти таълим», мудири кафедраи «Математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ» фаъолият намудааст. Таҳти роҳбарии ӯ донишкада ба татбиқи нақшаҳои таълимии нав аз рӯи 11 ихтисос гузашт.

Профессор Ҳамид Маҷидов талаботҳои иқтисоди бозоргониро ба эътибор гирифта як қатор низомномаҳоро оид ба амалӣ гардонидани нақшаҳои таълимии нав, барномаҳои таълимӣ, аттестатсияи донишҷӯён ва устодон, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ кор карда баромад.

Профессор Ҳамид Маҷидов барномаи комплексиро оид ба тарбияи донишҷӯён кор карда баромад, ки дар системаи мантиқии кори қисми таълим, деканат, сарпараст ва ташкилотҳои ҷамъиятии донишҷӯён ба эътибор аз ӯ гирифта шудааст. Асосҳои консепсияи тарбиявии тартибдодашударо методологияи тайёркунии мутахассисони соҳаи иқтисодиёт, тиҷорат, технология ва гумрук дар шароити иқтисоди бозор-гонии Тоҷикистони мустақил ташкил менамоянд.

Таҳти роҳбарии профессор Ҳамид Маҷидов дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон лабораторияи илмӣ-тадқиқотии «Технологияи тайёркунии хӯроки омма ва нӯшокиҳо» таъсис дода шуд ва дар ин лаборатория таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ устодони донишкада, аспирантон ва донишҷӯён ба иҷрои рисолаҳои номзадӣ ва дипломӣ машғул буданд.

Дар ин лабораторияи илмӣ таҳти роҳбарии профессор Ҳамид Маҷидов аз гиёҳҳои Тоҷикистон 31 номгӯй чойҳо ва иловахӯришҳои табобатӣ тайёр карда шуданд ва барои онҳо соли 2000-ум идораи давлатии патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба донишгоҳ «Шаҳодатнома ба нишони молӣ» дод.

Аз моҳи сентябри соли 1999 профессор Ҳамид Маҷидов бо мақсади баланд бардоштани ҷараёни таълиму тарбия ба вазифаи декани факултети «Тиҷорат ва гумрук» гузаронида шуд. Бо роҳбарии ӯ таълиму тарбия дар факултети «Тиҷорат ва гумрук» ба дараҷаи хеле баланд бардошта шуд.

Профессор Ҳамид Маҷидов солҳои 1994 – 1999 раиси Шӯрои илмӣ-методӣ, шӯрои илмӣ-техникии донишгоҳро ба ӯҳда дошт ва кори ин Шӯроҳоро дар сатҳи хеле баланд ба роҳ монд. Ӯ аъзои Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон доир ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои физикаю математика, аъзои Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав доир ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ, 5 сол аъзои Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ оид ба гирифтани дарҷаҳои илмии номзади илмҳои физикаю математика ва номзади илмҳои техникӣ буд.

Бо ташаббуси профессор Ҳамид Маҷидов, дар факултети «Тиҷрат ва гумрук»-и донишгоҳ семинари илмӣ-методии мунтазам амалкунанда таъсис дода шуд ва дар давраи декани факултаеt буданаш роҳбарии онро ба ӯҳда дошт.

Дар ҷаласаҳои ин семинари илмӣ-методӣ масъалаҳои методии ҳалталаби кафедраҳои факултет муҳокима ва ҳаллу фасл карда мешуданд.

Профессор Ҳамид Маҷидов дар тарбияи кадрҳои илмӣ-педагогӣ соҳаҳои физикаю педагогика саҳми калон дорад ва ба чандин рисолаҳои номзадию докторӣ барои гирифтани дараҷаи илмии номзадӣ ва доктори иилмҳои техникӣ, физикаю математика ва педагогӣ оппонентӣ намудааст.

Бо ташаббуси профессор Ҳамид Маҷидов дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2004 конференсияҳои илмӣ-методӣ дар мавзӯъи «Усулҳои самарабахши таълими фанни консепсияҳои табиатшиносии муосир» ва «Таълими фанҳои табиатшиносӣ» гузаронида шуданд.

Профессор Ҳамид Маҷидов аз моҳи майи соли 2008 вазифаи сардори Департаменти таълими ДДТТ-ро ба ӯҳда дошт. Дар ин вазифаи пурмасъул пурсамар фаъолият карда, кӯшиш ба харҷ дод, ки сатҳи дониши донишҷӯён ва сифати тайёркунии мутахассисон беҳтар гардад.

Бо ин мақсад профессор Ҳамид Маҷидов дар татбиқи самарабахши низоми нави таҳсилот-низоми кредитии таҳсилоти Аврупоӣ саҳми арзанда гузошта истодааст.

Барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаби низоми кредитии таҳсилот аз соли 2008 сар карда профессор Ҳамид Маҷидов дар назди департаменти таълим семинари илмӣ-методии доимо амалкунандаро таъсис дод ва сарварии онро ба ӯҳда дошт.

Дар ин семинар худи ӯ мунтазам бо маърӯзаҳои илмӣ-методӣ баромад менамуд. Дар семинари илмӣ-методии моҳи октяби соли 2010 баргузор гардида, ӯ бо маърӯзаҳо дар мавзӯъҳои «Омилҳои асосии тайёр намудани бакалаврҳо дар низоми кредитии таҳсилот» ва «Тарзи гузаронидани машғулиятҳои маҳфилҳои фаннӣ ва санҷиши хаттӣ дар низоми кредитии таҳсилот» баромад намуд.

Доир ба татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар ДДТТ профессор Ҳамид Маҷидов тадқиқот бурда, барои ҳаллу фасли ҷанбаҳои алоҳидаи он устодони донишгоҳро ҷалб карда истодааст.

Аз соли 2010 то соли 2012 профессор Ҳамид Маҷидов сарварии кафедраи «Математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт ва дар ин мӯҳлат ӯ потенсиали илмии кафедраро хеле баланд бардошт, ҳар сол дар ҷамъбасти корҳои илмӣ – тадқиқотӣ кафедра дар донишгоҳ ҷои аввалро ишғол менамуд.

Профессор Ҳамид Маҷидов таҷрибаи ДДТТ-ро доир ба усули татбиқи самарабахши низоми кредитии таҳсилоти Аврупоӣ ба воситаи маърӯзаҳояш дар конференсияҳои илмӣ, илмӣ - методӣ, илмию амалии байналхалқию ҷумҳуриявӣ ва мақолаҳояш дар рӯзномаи «Набзи Тоҷикматлубот», «Омӯзгор» ва маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва давлатҳои дигар пешниҳод намуда истодааст.

Ҳоло таҳти роҳбарии профессор Ҳамид Маҷидов устодону унвонҷуйҳо, магистрҳо доктороне PhD, аспирантони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садридин Айнӣ (шаш нафар), аз пажуҳишгоҳи физикаю техникаи ба номи Султон Умаров-и АМИ ҶТ (1 нафар), аз Донишгоҳи давлатии Бохтар баноми Н.Хисрав (1-нафар), аз Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ (10-нафар) рисолаҳои номазадӣ иҷро карда истодаанд, баъзеашон рисолашонро дифоъ намуда баъзеашон дар арафаи ҳимоя қарор доранд.

Айни ҳол профессор Ҳ. Маҷидов вазифаи профессори кафедраи «Физикаи умумӣ ва таҷрибавӣ»-и ДДОТ ба номи Садриддин Айниро ба ӯҳда дорад.

Профессор Ҳамид Маҷидов чандин сол раиси «Гурӯҳи коршиносони фанни физика» ва аъзои «Шӯрои Миллии таҳсилот»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва дар беҳтар гардидани сифати китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ доир ба физика саҳми арзанда гузошта истодааст.

Хизматҳои профессор Ҳамид Маҷидов-ро дар инкишофи илм ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ ба эътибор гирифта, Ҳукумати ҷумҳурӣ 4-уми сентябри соли 1991 ӯро бо унвони фахрии «Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон» сарфароз гардонид.

Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, профессор Ҳамид Маҷидов академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Россия, Акакдемики байналхалқии мактабҳои олӣ, шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои байналхалқии мактабҳои олӣ, Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи муҳандисии байналхалқӣ, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии Тоҷикматлубот мебошад. Хизматҳои ӯ инчунин бо тӯҳфаи хотиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба муносибати рӯзи муаллимон, соли 2006), ифтихорномаҳои фахрии Кумитаи марказии иттифоқи касабаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Кумитаи марказии комсомоли ҷумҳурӣ, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, Тоҷикматлубот, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, рузномаи «Маориф ва маданият» қадр карда шудаанд.

Ҳар касеро баҳри коре офаридаанд ва инсон дар кадом ҷодае фаъолият накунад, тавассути муносибати оқилона ва дониши амиқу меҳнати ҳалол соҳиби обрӯю эътибори ҳамкасбону аҳли ҷомеа мегардад. Соҳаи илм яке аз соҳаҳое мебошад, ки аз ҳазорон тан танҳо яке метавонад ба он ворид шуда сазовори номи «олим» гардад. Ҳамид Маҷидов аз зумраи ашхосест, ки тавонистааст ба уқёнуси беканори илм ғӯта зада, таи солиёни зиёд дар илми муосири Физикаи гармо ва асосҳои назарияи техникаи гармӣ, педагогикаи тоҷик, бахусус дар самти методикаи таълими фанҳои табиатштносию риёзӣ бо дастовардҳои илмии худ ба яке аз олимони тавонои касбӣ шӯҳрат ва маҳбубият пайдо намояд. Устод Маҷидов Ҳ. дар фаъолияти илмӣ ва методии хеш дар тарбия ва камолоти силсилаи зиёди омӯзгорон ва олимони соҳаи педагогикаю методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ саҳми босазо доранд. Эшон дар пешбурди соҳаи физикаи муҳитҳои конденсионӣ, методикаи таълими физика, педагогика, ҳиссаи арзанда гузоштаанд.

Афроде, ки дар илм ва таълиму тадрис даст доранд ва умри азизи хешро сарфи ин роҳ кардаанд, ба хуби медонанд, ки таҳқиқоти илмӣ ва тадрису таълим чи ҳунари нозуку душвор аст ва то чи андоза ниёз ба сабру тоқат ва назму диққат доранд. Маҷидов Ҳ. дар таҳқиқи масъалаҳои беҳдошти кори таълиму тарбия дар макотиби олӣ, рушду нумӯи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ хизматҳои шоиста ба анҷом расонидаанд.

Олими шинохта, устоди варзида ва ташкилотчии хуб профессор Ҳамид Маҷидов на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз он ҳам сазовори обурӯ ва эҳтироми зиёд аст:

***Гарчи дуру ёқуту лаъл дар ҷаҳон қиматтар аст,***
***Гарчи ноёбу гарон аз ҳар чизу беш гавҳар аст.***
***Илм лекин гавҳаре бошад, нагардад ҳеҷ тамом,***
***Панди устод аз ҳама ганҷинаҳо болотар аст.***

Беле, шинохти шахсият, арҷгузорӣ ва қадр намудани меҳнату заҳматҳои бунёдкоронаи симоҳои барҷаста ва шинохта, аз ҷумла олимони маъруф, омӯзгорони эҷодкору навоварони соҳаи илму маориф, тарғиби ҳаёт ва фаъолияти ибратомӯзи онҳо барои ҷавонон, бахусус омӯзгорони оянда аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

Имрӯзҳо низ профессор Ҳ.Маҷидов кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муассисаҳои миёнаи умумӣ дар сатҳи зарурӣ баланд бардошта шавад. Ӯ дар маҷалаю рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ доир ба баланд бардоштани сифати таълим ва амали гардидани талаботҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мақолаҳо чоп намуда истодааст. Дар маҷалаи «Маорифи Тоҷикистон» ва рӯзномаи «Омӯзгор» доир ба аз байн бурдани камбудиҳою норасоиҳои дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба таълими низоми кредитии таҳсилоти аврупоӣ ҷой дошта ва роҳҳои бартараф кардани онҳо мақолаҳои методӣ чоп намуда пешниҳоди умум гардонида истодаанд.

**АДАБИЁТ**

1. Эмомалӣ Раҳмон. Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат.-Душанбе, 2009с.
2. Научно-практическая конференция по теплофизическим свойствам жидкостей и газов. Душанбе 28-30 октября 1993г. Тезиси докладов.
3. Кашшофи қуллаи мурод. Душанбе, «Матбуот», 2016, ---саҳ.
4. Мищенко С.В., Кузмин С.Н. Расчет теплофизических свойств веществ. –Варонеж 1991г.
5. Энергетикаи Тоҷикистон, дирӯз, имрӯз ва фардо.-Душанбе, 2006с.
6. Олими дақиқпазир ва устоди фозил. /Ба муносибати 60-солагии профессор М.Сафаров/ – Душанбе,2012.-308 саҳ.

## ПОЯГУЗОРИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Обидова М. И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Таҳсилоти инклюзивӣ ҳамчун падидаи нави ҷомеаи имрӯза зодаи истиқлол мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумат ва Вазорати Маориф ва илм ба таҳсилоти инклюзивӣ аз оғози солҳои 2000 таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ, таҳсилоти тиббӣ-офиятбахшӣ, мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбии омӯзгорӣ, мактабҳои ёрирасон ва махсусгардонидашуда, мутахассисони соҳавӣ, аз ҷумла логопедҳо, олигофренопедагогҳо, сурдопедагогҳо, тифлопедагогҳо, табибон, муҳақиқон, кормандони пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ташкилотҳои байналмиллалӣ ба тадқиқи масъалаҳои ба таҳсил фаро гирифта шудани бачагони имкониятҳои маҳдуд ва талаботҳои махсуси таҳсилотидошта ҷалб шуданд. Тадқиқотчиён ва олимони варзида ба омӯзиши масъалаи таҳсилоти инклюзивӣ, яъне таҳсилоти фарогир, ки раванди таълиму тарбия ва маълумотгирии ҳамаи табақаҳои кӯдаконро дар бар мегирад аз ҷиҳати назариявӣ диққат дода вазъияти мавҷудбударо омӯхтанд, дар кишвар таҳияи санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқӣ, барномаҳо, дастуру китобҳои дарсӣ оғоз шуд.

Дар таҳияи Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015, барномаҳои таълим, таҳияи дастур ва китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ, энсиклопедияи таҳсилоти фарогир саҳми доктори илмҳои педагогӣ, профессор Бибиҳафиза Маҷидова хеле назаррас аст.

Бибиҳафиза Маҷидова дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз соли 1970 фаъолият карда аз аспирант, ассистент, муаллими калон, дотсент то ба унвони профессорӣ расидааст. Зиёда аз 45 соли умри бобаракати худро ба омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти томактабӣ бахшида, қариб 20 сол мудирии кафедраи таҳсилоти томактабиро ба ӯҳда дошт. Аз оғози солҳои 1990 то ин ҷониб профессор Маҷидова Бибиҳафиза дар баробари масъалаҳои зикргардида ба тадқиқи масъалаи омода кардани кадрҳои педагогӣ барои мактабҳои ёрирасон машғул аст, зеро омода намудани мутахассисони ихтисосҳои сурдопедагогика, логопедия ва олигофренопедагогика, маҳз дар заминаи кафедраи тарбияи томактабӣ ташкил шуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи тайёр кардани кадрҳои педагогӣ барои мактабҳои ёрирасон, ки дар онҳо хонандагони имконияти маҳдуди шунавоӣ, ақлию зеҳнӣ ва нутқронидошта ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд дар ибтидо ва миёнаи асри XX дар марказҳои илмии собиқ иттиҳоди шуравии шаҳрҳои Москва, Свердловск, Новосибирск, Алмаато, Киев, Минск, Тошкент ба роҳ монда шуда буд ва аз ҳисоби шаҳрвандони ҷумҳуриҳои сотсиолистӣ, аз ҷумла Тоҷикистон барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани ношунавоён, нобиноён, олигофренҳо, логопадҳо мутахассис-омӯзгор тайёр менамуданд. Довталабони зиёд барои дар мактабҳои олии марказӣ таҳсил кардан ҳуҷҷат пешниҳод мекарданд, аммо холҳои гузариш барои ихтисосҳои дефектология, сурдопедагогика, логопедия, тифлопедагогика хеле баланд буд, зеро ин ихтисосҳо дар он давра ба қатори ихтисосҳои бонуфуз дохил мешуданд ва теъдоди хеле ками доништалабони тоҷикзабон имконияти таҳсилу тадрисро доштанд.

Гарчанд шахсони нуқсонҳои шунвоидошта, нобиноён, нуқсонҳои нутқидошта низ ба мактабҳои олии марказӣ фаро гирифта мешуданд, ки баъд аз соҳиби диплом шудан дар соҳаҳои гуногун

метавонистанд ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул гарданд. Боиси таасуф аст, ки на ҳамаи хатмкардаҳо фаъолияти омӯзгориро ба ӯҳда гирифтанд, аз ин рӯ, чунин ихтисосмандон ангуштшумор буданд ва ба кишвари худ баргашта дар мактабҳои ёрирасон, мактаб-интернатҳо, хонаҳои кӯдакон ба ҳайси омӯзгор ба кору фаъолият шурӯъ мекарданд. Таҳсил дар чунин муассисаҳо ба забони русӣ ба роҳ монда шуда буд, ба хонандагони ин муассисаҳо фанҳои таълимӣ аз ҷумла, алифбои Брайл барои нобиноён ва алифбои дактелӣ барои ношунавоён бо забони русӣ омӯзонида мешуд. Мушкилот дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ мавҷуд буданд.

Бо шарофати истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди мактабҳои олии кишвар ихтисосҳои нав аз ҷумла ихтисосҳои махсус таъсис ёфтанд. Баъд аз пош хурдани давлати шуравӣ, собиқ ҷумҳуриҳо роҳи мустақилиятро пеш гирифтанд ва пӯшида нест, ки дар ин роҳ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мушкилот ба вуҷуд омад, алалхусус дар соҳаи маориф. Бинои аксарият мактабҳо кӯҳна ва корношоям гаштанд, омӯзгорон тарки мактаб намуданд, аксарият ба дигар давлат кӯч бардоштанд. Дар қатори онҳо мутахассисони соҳаи дефектология низ буданд, ки вазъи ташкил намудани таҳсилоти хонандагони имконияти махсусдоштаро мушкил намуд.

Вазъи ба таҳсилу тадрис фарогирии кӯдакони имконияти маҳдуддошта ва кам будани мутахассисон ва омӯзгорони мактабҳои ёрирасон давлату ҳукуматро ба ташвиш овард. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мутахассисони соҳаи дефектологияро таъсис ва тайёр намудандро гузошт. Барои иҷро намудани ин супориш ва баҳисобгирии таъминоти кадрӣ соли 1992 дар ДДПД ба номи Қ.Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) факултети педагогика, назди кафедраи тарбияи томактабӣ ихтисоси олигофренопедагогика таъсис дода шуд. Дар ташкили кори таълимӣ хатмкардаҳои факултети дефектологияи мактабҳои олии марказӣ Тоҷибоева Л.М, Юсупова М.С. саҳми калон гузоштанд, барномаҳои фаннӣ ва маводҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ аз тарафи аъзоёни кафедра Маҷидова Б., Нарзуллоева М. ва дигарон таҳия гардид, довталабон ба сафи донишҷӯён қабул шуданд, кор оид ба омода намудани мутахассисон-олигофренопедагогҳо ба роҳ монда шуд.

Дар назди ҳамин кафедра соли 2006 бо ташаббуси бевоситаи профессор Бибиҳафиза Маҷидова ҳамкорӣ бо филиали Тоҷикистонии ташкилоти байналмиллалии «Бунёди мадад» ба роҳ монда шуд, ки аз рӯи лоиҳаи таҳсилоти инклюзивӣ омӯзгорони кафедра дар семинарҳои омӯзиши ширкат варзида оид ба татбиқи лоиҳаи таҳсилоти инклюзивӣ дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ дониши худро такмил доданд.

Дар аввал теъдоди ками донишҷӯён ба ин ихтисос дохил шуданд, хатмкардаҳои аввалин аз рӯи ин ихтисос ҳоло дар мактабҳои олӣ, миёнаи касбӣ, мактабҳои ёрирасон ба ҳайси омӯзгор ва мутахасис кор ва фаъолият менамоянд, аз ҷумла, Рамазонова Р., Шодмонов Ш., Хоҷаева Г. ва дигарон.

Соли 2009 дар шуъбаи рӯзона факултети педагогика ихтисоси сурдопедагогика кушода шуд, ки он 12 нафар тоҷикдухтаронро аз ноҳияҳои гуногуни кишвар ба таҳсил фаро гириф, 10 нафари онҳо тибқи квотаи Президентӣ ба донишгоҳ қабул шуда буданд, ва баъди хатми таҳсил ба кӯдакони имконияти маҳдуди шунавоидошта яъне сустшунаво, камшунаво ва ношунаво дар муассисаҳои махсус кору фаъолият менамуданд.

Бо мақсади бо мутахассиси касбӣ таъмин намудан кафедраи тарбияи томактабӣ бо мактаб интернати ҷумҳуриявии бачаҳои кари ноҳияи Рудакӣ ҳамкории мутақобиларо ба роҳ монад. Омӯзгор-мутахассисони мактаб Аловатшоев Ҷ. ва Қувватов С. бо кафедра ҳамкорӣ намуда, таълими фанҳои тахассусиро ба ӯҳда гирифтанд.

Минбаъд дар шуъбаи таҳсилоти ғоибона низ ихтисоси сурдопедагогика ва олигофренопедагогика таъсис гардиданд, ки дар онҳо мутахассисони соҳа духтур-логопед Бобохоҷаева Ф.А., Раҳимова Р.А., Одинаева Л., Аловатшоев Ҷ ва дигарон ҷалб шуданд ва онҳо дар коркарди барнома, нақшаҳои таълимии ихтисосҳо саҳм гузоштанд.

Дар раванди тайёр намудани мутахассисони соҳаи педагогикаи махсус мушкилот дар қабули донишомӯзон ва таъмин намудани онҳо ба ҷои кори доимӣ дар муҳити деҳот буд. Ин вазъиятро ба ҳисоб гирифта дар донишгоҳ аз соли 2012 – 2013 ихтисосҳои ҳамгиро: сурдопедагогика – информатика, олигофренопедагогика – таърих, логопедия – таҳсилоти ибтидоӣ ташкил карда шуданд. Хатмкунандагони ихтисосҳои номбурда дар баробари гирифтани ихтисоси якум мутахассиси соҳаи сурдопедагогика, олигофренопедагогика, логопедия инчунин имконияти дар мактабҳои миёна ба ҳайси омӯзгори фанҳои таълимии информатика, таърих ва омӯзгори синфҳои ибтидоӣ шуданро пайдо карданд.

Соли хониши 2015-2016 дар заминаи кафедраи таҳсилоти томактабӣ кафедраи нав бо номи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир таъсис дода шуд, ки мудирии онро дефектолог, н.и.п., дотсент Рамазонова Р. ба ӯҳда дорад. Баъд аз таъсис ёфтани факултети нав бо номи психология ва таҳсилоти фарогир кафедраи педагогикаи махсус ва фарогир бо ҳайати аъзоёнаш ба тобеъи ин факултет гузаронида шуданд.

Айни замон иқтидори илмии кафедра аз ҳисоби доктори илми педагогика профессор Маҷидова Б., номзадҳои илми педагогика, дотсентон Рамазонова Р., Дадобоева М., муаллимони калон Қувватов С., Мирзоева С., ассистентҳо Маҳмадиева М., Салямова Д., хатмкардаҳои магистратура Қурбонов Д., Алиев Р., Ҳасанов Х., Усмонов М., Хоҷаева У. пурқувват гаштааст, ки онҳо дар пешрафти соҳа ҳиссагузор хоҳанд шуд.

Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти иҷтимоии маъюбон», Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015 ва дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ имконияти бо кор таъмин шудани мутахассисони ҷавонро беҳтар гардонидааст. Таҳлили раванди донишомӯзӣ, таҷрибаомӯзӣ, дарсҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки донишҷӯён имрӯз ба таълиму тарбияи кӯдакони имконияти маҳдуддошта таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамоянд.

Дар муассисаҳои таҳсилотӣ тариқи шартномаи дутарафа кафедраи пойгоҳӣ дар мактаб-интернати кӯдакони ношунавои ноҳияи Рӯдакӣ, мактаби миёнаи умумии №№24, 72, марказҳои табобатию офиятбахшии Чорбоғ, кӯдакистони №151 ташкил шудааст, ки барои баргузории дарсҳои амалӣ ва таҷрибаомӯзии таълимию омӯзгорӣ хеле қулай мебошанд.

Тибқи маълумотҳои таҳқиқотии солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 миллион аҳолӣ 146 ҳазор нафар одамони имконияти маҳдуддошта ҳаёт ба сар мебаранд, ки 12500 нафарашонро бачаҳои то 16 сола ташкил мекунанд, ки ба таълиму тарбия ниёз доранд. Дар низоми таҳсилотии ҷумҳурӣ айни замон амал мекунанд: 5 муассисаҳои томактабӣ барои кӯдакони синни томактабии имконияти маҳдуддошта, ки дар он 730 нафар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, 66 мактаб – интернатҳо, аз ҷумла: 14-мактаб-интернатҳои иҷтимоии шакли омехта; 13- мактаб –интернатҳо барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта; 5-муассисаи шакли санаторидошта барои кӯдакони дорои бемории сил. Дар умум ба ин муассисаҳо 2227 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд, ки 1798 нафари онҳо имконияти маҳдуд ва талаботи махсуси таҳсилотӣ доранд. Инчунин бояд қайд кард, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ марказҳо барои кӯдакони дорои нуқсонҳои гуногун аз тарафи шахсони алоҳида ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ташкил ва фаъолият намуда истодаанд.

Кӯдаконе, ки дорои дараҷаи сабуки нуқсонҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, биноӣ, нутқӣ дар муассисаҳои таълимӣ –кӯдакистон ва мактабҳои умумии миёна ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, чунин вазъият имкон дод, ки дар муассисаҳои таълимии кишвар таҳсилоти инклюзивиро ба роҳ монда шавад.

Бо кӯмак ва дастгирии профессор Бибиҳафиза Маҷидова пояи методии таҳсилоти инклюзивӣ мустаҳкам шуда истодааст. Омӯзиши фанни таълимӣ «Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ» ба нақшаи таълимии ихтисосҳои махсус ва таҳсилоти томактабӣ ворид шудааст.

Профессор Маҷидова Бибиҳафиза худ муаллифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ мебошанд. Зиёда аз 300 номгӯи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, мақолаҳои илмиро ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, амалӣ гардонидани таҳсилоти инклюзивӣ, ташаккули шахсияти ва психологияи волидайнӣ бахшидааст. Дар таҳия ва тартиб додани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ оид ба таҳсилоти инклюзивӣ аъзоёни кафедраро роҳнамоӣ намуда, дастаҷамъона китобҳои «Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ», «Донишномаи таҳсилоти инклюзивӣ», «Асосҳои логопедия», «Фарзандон ҳама азизанд»-ро таълиф намуданд. Муаллими калон Қувватов С. дар ҳаммуалифи бо дефектолог Раҳмонов З. аз донишгоҳи Хуҷанд китоби «Олегофренопедагогика барои мактабҳои олӣ», «Таълими забони ишора», «Имою ишора»-ро бо забони давлатӣ таҳия намуданд. Ҳоло аз рӯи ин китоб ҳам дар мактаби махсус ва ҳам дар донишгоҳҳо алифбои дактелиро меомӯзанд. Дотсент Рамазонова Р. китоби «Асосҳои дефектология»-ро таҳия намудааст, ки донишҷӯёни ҳамаи ихтисосҳо онро ҳамчун китоби асосӣ аз рӯи тахассус истифода мебаранд, омӯзгорон Обидова М., Дадобоева М. дар ҳаммуалифи китоби

«Сурдопсихология», «Логопсихология» ва дастури таълимӣ ро таҳия намудаанд, ки мавриди истифодабарӣ мебошад.

Ҳоло зери роҳбарии профессор Бибиҳафиза Маҷидова зиёда аз 20 нафар рисолаи номзадӣ ва докторӣ дифоъ намуданд, ки 50 фисади мавзӯъҳои тадқиқотӣ маҳз ба масъалаи таҳсилоти инклюзивӣ бахшида шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Маҷидова Б. Таҳсилоти фарогир дар низоми таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ. Маводи конференсияи IV байналмиллалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он».- Душанбе, 2018. саҳ.139- 146.
2. Маҷидова Б. Фалсафаи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ва дурнамоии он дар маорифи кишвар. ДДОТ Конференсияи «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир барои барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Душанбе-2019. С.13-22.
3. Обидова М.И. Аз таърихи таъсис ёфтани ихтисосҳои махсус. Маводи конф. ҷум. дар мавзӯи «Нақши Консепсияи таҳсилоти фарогир дар омода кардани мутахассисони соҳаи педагогикаи махсус дар донишгоҳҳои олӣ ва ҷалби бачагони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилотӣ», ДДОТ ба номи С.Айнӣ Душанбе, 2019. 46-52.
4. Обидова М.И. Подготовка кадров и методобеспечение системы специального (инклюзивного) образования. Международная конференция на тему «Инклюзия-путь к равноправию: обучение педагогов принципам инклюзивного образования»14-15 мая 2021 года г.Душанбе.


## ОСНОВАТЕЛЬ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


*Инклюзивное образование как новое явление в современном обществе зародилось в годы независимости Республики Таджикистан. При составлении нормативно- правовых документах, учебниках и учебно- методических пособиях, учебных программ по подготовке специалистов для вспомогательных и инклюзивных школ большой вклад был внесён профессором Маджидовой Б. С её непосредственной помощью и поддержкой при Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни в начале на факультете педагогики были открыты специальности дефектология, сурдопедагогика, логопедия, в дальнейшем с открытием нового факультета психологии и инклюзивного образования подготовкой будущих специалистов для инклюзивных школ была возложена на преподавателей кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования. За небольшие годы существования кафедры под руководством профессора Маджидовой Б. были изданы учебники, учебные пособия, также подписаны ряд соглашений с международными организациями по проблемам инклюзивного образования. Под руководством профессора Маджидовой Б. ведётся научно –исследовательская работа по проблемам инклюзивного образования.*



***Ключевые слова:*** *инклюзивное образование, подготовка специалистов, ведение научно-исследовательской работы, издание учебников и учебно-методических пособий.*


## FOUNDER OF INCLUSIVE EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


*Inclusive education as a new phenomenon in modern society originated during the years of independence of the Republic of Tajikistan. In the preparation of legal documents, textbooks and teaching aids, training programs for the training of specialists for auxiliary and inclusive schools, a great contribution was made by Professor Majidova B. With her direct help and support at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, at the beginning at the faculty pedagogy, the specialties of defectology, deaf pedagogy, speech therapy were opened, and later, with the opening of a new faculty of psychology and inclusive education, the training of future specialists for inclusive schools was entrusted to teachers of the department of special pedagogy and inclusive education. For the short years of the existence of the department, under the guidance of Professor Majidova B., textbooks, teaching aids were published, and a number of agreements were signed with international organizations on the problems of inclusive education. Under the guidance of Professor Majidova B., research work is being carried out on the problems of inclusive education.*



***Key words:*** *inclusive education, training of specialists, research work, publication of textbooks and teaching aids.*

***Сведение об авторе:***
***Обидова М.И.** –Доцент кафедры общей и педагогической психологии Таджикского государственного педагогического Университета им.С.Айни, E-mail: munira6464@mail.ru*
***About the author:***
***Obidova M.I.** –Associate Professor of the Department of General and Pedagogical Psychology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: munira6464@mail.ru*

## НАҚШИ БАРОТ МИРЗОЕВ ДАР РУШДИ МАКТАБИ МЕТОДИСТОНИ ФИЗИКА

***Умаров У.С., Раҷабов У.Х., Сияҳаков С.М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*



Профессор Барот Мирзоев дар рушду нумӯи таълими физикаи мактабӣ саҳми беандоза доранд. Устод дар пешбурди соҳаи методикаи таълими физика тавассути рисолаву дастурҳо ва мақолаҳои сершумори илмӣ – методии худ ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Эшон 12 марти соли 1941 дар яке аз деҳаҳои хушманзару табиаташ фусункори водии Зарафшон – Шаватки Поён ба дунё омадаанд.

Ҷавонии Барот Мирзоев дар ин мавзеъ ба қавли Лоиқи бузург «бекасу танҳо, бо дарав, бо хӯшачиниҳо» гузаштааст, чунки ӯ дар синни чаҳорсолагӣ аз навозишу меҳрубониҳои падар маҳрум гардид. Падари эшон солҳои аввали ташкилёбии давлати Шӯравӣ дар водии Зарафшон ба касби омӯзгорӣ машғул буд. Кӯҳансолони деҳ нақл мекунанд, ки қиблагоҳи Барот - Мирзобек Ёров яке аз аввалин омӯзгорони мактаби Шӯравӣ буда, солҳои зиёде дар хонаи бачагони деҳаи Лангари ноҳияи Айнӣ заҳмат кашида, шогирдони зиёдеро тарбия намудааст.

Ба вазнинии рӯзгор нигоҳ накарда, «… андӯҳу ғамро пушти сар карда» модар бо сад орзуву умед «нахӯрдаву напӯшидаву бо сад ранҷ…» ӯро «… бигрифта зери пар» калон мекард. Вай орзуи ягона дошт, ки Бароти ӯ бо пайроҳаи падар рафта, давомдиҳандаи касбу кори падар шавад, зеро модар хуб медонист, ки мероси хубу бебаҳои падар барои фарзанд – ин касби ӯст.

Баҳри амалӣ гардидани орзуву ниятҳояш модар Баротро барои идома додани таҳсил ба мактаб – интернати рақами 1-и маркази ноҳия мефиристад. Дар мактаб Барот бо баҳои хубу аъло таҳсил мекард. Ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна диққати Бароти хурдсоли ташнаи илмро бештар фанҳои дақиқ ба худ ҷалб менамуданд. Ӯ соли 1959 мактаби миёнаро бо баҳои аъло хатм намуда, ҳамон сол баҳри идомаи таҳсил, бо фотеҳаи неки модар ба шаҳри Душанбе раҳсипор мегардад. Хушбахтона, худи ҳамон сол Барот Мирзоев имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супурда, ба сафи донишҷӯёни бахши физикаи факултети физикаю риёзиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (феълан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуданд.

Панҷ соли таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аввали солҳои шастум, ки ба қавли устод Лоиқ «таҳсил ба донишкада хуб аст, гуворост», бомуваффақият гузаштанд. Баъди хатми ин боргоҳи ҳунар қобилияту истеъдоди Баротро ба инобат гирифта, маъмурияти донишгоҳ эшонро барои кор ба муассисаи илмӣ тавсия намуд, вале ӯ бо амри дил касби омӯзгориро пеша намуданд.

Устод Барот Мирзоев дар мактаби миёнаи рақами 2-и ноҳияи Вахш ба ҳайси омӯзгори физикаи синфҳои 6-10 ба кор таъйин гардиданд. Омӯзгори ҷавон аз рӯзҳои аввали кор ба ин касб аз таҳти дил машғул шуда, дар мактаб кабинети намунавии физика, маҳфили «Физикони ҷавон»-ро ташкил карда, ба ҷустуҷӯи методҳои беҳтар гардонидани сифати таълими физика камар бастанд. Бо ташаббус ва ибтикори эшон дар мактаб сафи дӯстдорони фанни физика зиёд гардида, шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба ин илми пурасрору аҷиб афзун гардид. Дар ҳамин давра Барот Мирзоев аз таҷрибаи амалии худ дар саҳифаҳои матбуоти педагогӣ мақолаҳои илмӣ – методӣ менавиштанд. Эшон ба таҷрибаи амалии худ такя карда, исбот намуданд, ки дар таълими физика ҳалли масъалаҳои сифатӣ нақши басо муҳим дорад. Истифодаи ин гуна масъалаҳо сифати таълими физикаро беҳтар

гардонида, шавқу ҳавас ва майлу рағбати хонандагонро нисбат ба ин фан афзун мекунад, тафаккури онҳоро инкишоф дода, донишашонро амиқ ва устувор мегардонад.

Устод пас аз ҳашт соли кор дар мактаби миёна ба шӯъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) дохил мешаванд. Қобилият ва истеъдодашонро ба инобат гирифта, моҳи феврали соли 1972 эшонро ба кафедраи физикаи умумии донишкада (баъдан кафедраи «Методикаи таълими физика») ба кор даъват намуданд. Барот Мирзоев дар кафедра ба ҳайси лаборант, ассистент, муаллими калон кор карда, то ба вазифаи мудири кафедра ва профессорӣ расидаанд.

Солҳои аввали дар Донишкадаи омӯзгории пойтахт кор карданашон, дониши амиқ, таҳқиқоти мубрами соҳаи методикаи таълими физика, меҳнатдӯстӣ, ҳалолкорӣ барин хислатҳои Барот Мирзоев диққати методисти номдори Шӯравӣ Андрей Павлович Рымкевичро ба худ ҷалб намуд. Бо маслиҳат ва тавсияҳои ин марди наҷиб як қатор мақолаҳои илмӣ – методии Барот Мирзоев дар китоби «Методика преподавания физики»-и нашрияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) ба номи А.И. Гертсен, ки ба методикаи ҳалли масъалаҳои сифатӣ бахшида шуда буданд, нашр гардиданд. Баъдтар, соли 1979 Барот Мирзоев таҳқиқоти худро ҷамъбаст намуда, дар Шӯрои диссертатсионии ин донишкада доир ба мавзӯи «Аҳамият ва мавқеи масъалаҳои сифатӣ дар таълими физика» [1] таҳти роҳбарии олими маъруф А.П. Рымкевич рисолаи номзадӣ дифоъ менамоянд.

Ба қалами устод Барот Мирзоев беш аз 120 номгӯй корҳои илмӣ ва илмӣ- методӣ тааллуқ доранд, ки қариб 40-тои онҳоро дастурҳои методӣ ва васоити таълимӣ ташкил медиҳанд. Аз маҳсули кори устод ҳам омӯзгорону хонандагони макотиби миёна ва ҳам донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ баҳра мебардоранд. Барот Мирзоев аз зумраи он олимонеанд, ки пурмаҳсул буда, маҳсули ранҷи эшонро дигарон истифода мекунанд. Мақолаҳо, дастурҳо ва васоити таҳиякардаи устод ба дарди омӯзгорони физикаи макотиби миёна мехӯранд ва мушкили онҳоро осон мегардонанд.

Фаъолияти илмӣ - методии устод Барот Мирзоев хеле васеъ буда, ба масъалаҳои умдаи таълими физикаи мактаби миёна, ташаккулу инкишофи тафаккури физикӣ бахшида шудааст.

Инак, равияи аввал ва фарохи корҳои илмӣ – методии устодро истифодаи масъалаҳои сифатӣ дар таълими физика ташкил медиҳад. Устод ба таҷрибаи амалӣ - омӯзгории бисёрсолаи хеш такя карда, собит намуданд, ки дар таълими физика ҳалли масъалаҳои сифатӣ мавқейи муҳимро ишғол менамоянд. Истифодаи ин гуна масъалаҳо сифати таълими физикаро беҳтар гардонида, шавқу ҳаваси хонандагонро ба ин фан афзун мегардонад, тафаккури онҳоро ташаккул дода, донишашонро амиқ ва устувор менамояд. Аз ин рӯ, устод аз таҷрибаи кори худ оид ба истифодаи масъалаҳои сифатӣ дар таълими физика беш аз 50 мақолаву васоити методӣ таҳия намуда, тавассути маҷаллаҳои «Физика в школе», «Маърифати омӯзгор» ва маҷмӯаҳои дигар [9, с.14] дастраси омӯзгорон гардонидаанд. Оид ба ин масъала рисола (монография)-и устод «Качественные задачи в обучении физике» [8] назаррас аст. Мавриди зикр аст, ки рисолаи мазкур бо тақризи дотсентони Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Маскав Л.В. Королева, Н. Журавлёва ва муаллим - методисти мактаби миёнаи рақами 61-и шаҳри Киев Гороновская В.Т. нашр гардидааст. Рисолаи мазкурро соли 1991 нашриёти «Просвещение» барои чоп ба нақша гирифта буд. Дар рисолаи мазкур оид ба истифодаи масъалаҳои сифатӣ дар дарсҳои физикаи синфҳои 7 ва 8 аз таҷрибаи бисёрсолаи кори муаллиф тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки методӣ пешниҳод шудааст. Дастури мазкур ба омӯзгорони физика ва донишҷӯёни донишгоҳҳои олӣ тавсия шуда, дар он доир ба аҳамият ва мавқейи масъалаҳои сифатӣ, инчунин методикаи ҳалли ин гуна масъалаҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда, дар таҷрибаи кори мактабҳои ҷумҳурӣ санҷида шудаанд.

Равияи дигари корҳои илмӣ - методии устод Барот Мирзоевро «Тарбияи шавқу ҳаваси хонандагон ба фанни физика» ташкил медиҳад. Кор дар мактаби миёна, омӯзиш ва таҳқиқу таҳлили кори мактабҳо устод Барот Мирзоевро ба хулосае овард, ки тағйир додани методҳои таълими физика, боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши хонандагон аз физика, пеш аз ҳама ба бедор кардан ва ташаккул додани шавқу ҳаваси онҳо ба асосҳои илмии фанни мазкур вобаста аст. Омӯзгорони физикаи мактабҳои тоҷикии ҷумҳурӣ аз сабаби барои хонандагон мавҷуд набудани адабиёти илмӣ – оммавӣ аз физика ба забони тоҷикӣ душворӣ мекашанд. Хонандагон мавзӯъҳои барномавиро бо хондани танҳо китобҳои дарсӣ ҳамаҷониба азхуд карда наметавонанд. Чунин камбудиҳои соҳаи таълими физикаро ба инобат гирифта, устод бо силсиламақолаҳои ба синну соли хонандагони мактаб мувофиқ дар рӯзномаи дӯстдоштаи мактабиён «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») баромад карда, методҳои ба бачагони синни мактабӣ дастрас намудани илми физикаро

пешниҳод намуданд. Оид ба ин масъалаи умдаи таълими физика, мақолаи устод дар маҷаллаи «Народное образование» [9, с.14] низ нашр гардид. Ногуфта намонад, ки муаллифи асари аввалин ва ягонаи илмӣ - оммавӣ аз физика ба забони тоҷикӣ барои мактабиён устод Барот Мирзоев мебошанд. Дар ҳақиқат, барои хонандагони хурдсоли тоҷик ба ғайр аз китоби Барот Мирзоев «Салом, физика!» [3], ки бо теъдоди ниҳоят кам нашр шудааст, ба забони модарии онҳо дигар адабиёти илмию оммавӣ вуҷуд надорад.

Равияи сеюми корҳои илмӣ - методии устод Барот Мирзоев «Истифодаи санҷиши программавӣ дар таълими физика» мебошад. Яке аз камбудиҳои дарси имрӯза - паст будани самараи методҳои мавҷудаи санҷиши дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон мебошад. Пурсиши шифоҳӣ, корҳои мустақилона ва санҷишӣ, санҷиши муттасили донишандӯзии ҳар як хонандаро таъмин карда наметавонад. Санҷиши программавӣ бошад, имкон медиҳад, ки камбудиҳои зикрёфта то андозае бартараф гардида, санҷиши муттасил ва умумии дониши хонандагон, инчунин такрору мустаҳкамкунии маводи таълимӣ таъмин гардад. Ғайр аз ин, бо истифодаи санҷиши программавӣ омӯзгор имкон пайдо мекунад, ки бо сарфи ками меҳнат ва вақт дурустии иҷрои супоришҳоро санҷида, ба ҷараёни раванди донишандӯзии хонандагон ислоҳоту тағйирот дохил намояд. Ҳамин буд, ки устод бо ҳамкории дотсент П. Раҷабов дастури таълимии «Супоришҳои программавӣ аз физика» [7]-ро дар асоси барномаи таълимии физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифодаи китобҳои дарсии мавҷуда, таълиф намуданд. Маҷмӯаи супоришҳои дар ин китоб дохилшуда ва истифодаи онҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки санҷиши донишро мураттаб гардонад. Хонандагон бошанд, ҳангоми иҷрои ин супоришҳо методҳои худназораткунӣ ва таҳкими донишро ёд мегиранд. Маҷмӯаи мазкур зиёда аз 1342 саволу масъалаҳои гуногунмазмунро дарбар мегирад, ки ба маводи барномавии физикаи мактабӣ бахшида шудаанд. Барои ҳар як савол ё масъала 2-5 ҷавоб оварда шудааст, ки танҳо яке аз онҳо ба савол ҷавоби мувофиқ аст. Аз хонанда талаб карда мешавад, ки ҷавоби мувофиқро интихоб намояд. Савол ва масъалаҳои маҷмӯаро омӯзгор метавонад дар ҳамаи зинаҳои дарс: такрори маводи гузашта бо мақсади тайёр кардани хонандагон ба омӯзиши маводи нав, мустаҳкамкунӣ ва корҳои мустақилонаи хонандагон, инчунин дар машғулиятҳои берунисинфӣ ба таври васеъ истифода барад. Дастури мазкурро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия намудааст.

Равияи чоруми корҳои илмӣ – методии устод Барот Мирзоев «Ҳалли масъалаҳо аз физика» мебошад. Омӯзиши курси физикаи мактабиро бе ҳалли масъалаҳо тасаввур кардан нашояд. Ҳалли масъалаҳо ҷузъи таркибии аксари машғулиятҳо дар таълими физика мебошад. Мувофиқи талаботи барномаи таълимӣ ва тавсияи маъхазҳои методӣ қариб сеяки вақти барои омӯзиши курси физикаи мактабӣ пешбинишуда, махсусан дар синфи 10-11 барои ҳалли масъалаҳо сарф карда мешавад. Ин бесабаб нест, зеро ки мустақилона ҳал кардани масъалаҳо хонандагонро барои фаҳмидани ҳодисаҳову қонунҳои физикӣ ва дар амалия истифода бурда тавонистани онҳо ҳидоят мекунад. Масъалаҳои физикӣ ҳамчун воситаи таълиму тарбия буда, ҳалли онҳо дар донишандӯзӣ, татбиқи дониш ва инкишофи маҳорату малака, мақсад ва методи таълим мебошад. Аз ин лиҳоз, устод Барот Мирзоев бо ҳамкории устодони шодравон Ҳ. Ҷумъаев ва А. Норқулов оид ба «Ҳалли масъалаҳои физикӣ» [10] панҷ васоити методӣ таҳия намуда, дастраси донишҷӯён ва омӯзгорони мактабҳои ҷумҳурӣ гардониданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки талабот ба ин васоити методӣ то ҳол кам нашудааст. Омӯзгорони физикаи мактабҳо барои дастрас намудани ин васоит доимо ба кафедраи «Методикаи таълими физика»-и Донишгоҳи омӯзгорӣ муроҷиат мекунанд. Оид ба ин масъалаи муҳими таълими физика нашриёти «Маориф» чопи дастури профессор Барот Мирзоевро таҳти унвони «Методикаи ҳалли масъалаҳо аз физика» ба нақша гирифта буд.

Яке аз равияи дигаре, ки ҷузъиёти асосии корҳои илмӣ - методии профессор Барот Мирзоевро ташкил медиҳад - ин таҳқиқу таҳлили мазмун ва сохтори дарсҳои физика мебошад. Солҳои тӯлонӣ чанде аз омӯзгорони кафедра таҳти сарварии Барот Мирзоев мазмун ва сохтори дарсҳои физикаро таҳқиқ намуда, натиҷаҳои корҳои илмӣ-методии худро тавассути рисолаҳои илмӣ - методии «Плани дарсҳои физика. Қисми 1» [6], «Навъҳои дарси физика» [5], «Дарсҳои физика» [4], 10 мақола дар ҳафтаномаи «Омӯзгор», зиёда аз 15 мақола дар маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» [9, с.17] дастраси донишҷӯён ва омӯзгорони физикаи мактабҳои миёна гардониданд. Дар тавсияномаҳои мазкур навъҳои гуногуни дарси муосир, тарзҳои ташкили фаъолияти омӯзгору хонандагон, инчунин коркарди методии ҳамаи мавзӯъҳои физикаи синфҳои 7-8 инъикос ёфтанд. Рисолаи «Дарсҳои физика» [4]-ро ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст.

Равияи дигаре, ки дар корҳои илмӣ - методии профессор Барот Мирзоев ба назар мерасад - ин таҳияи барномаҳои таълимии физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактабҳои асосӣ мебошад. Устод Барот Мирзоев дар таҳия намудани «Барномаи физика барои синфҳои 7-11» (Душанбе, «Маориф», 1994) ва «Барномаи физикаи мактаби асосӣ» (Душанбе, 1999), «Барномаи физика барои синфҳои 7-11» (Душанбе, «Матбуот», 2002), ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Конспексияи маълумоти миёнаи умумии Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ва «Консепксияи мактаби миллии Тоҷикистон» мураттаб гардидаанд, саҳми арзанда доранд [9, с.17].

Як қатор мақола ва васоиту дастурҳои методии профессор Барот Мирзоев ба монанди: «Таҷрибаҳои намоишӣ аз физика» (Душанбе, ДДОД, 1991), «Маълумотнома аз физика» (Душанбе, ДДОД, 1990), «Мустақилият воситаи бедорукунии эҷодиёти хонандагон» (Душанбе, 1988, бо ҳамкории Т. Шукуров), «Супоришҳо барои кори мустақили студентон» (Душанбе, ДДОД, бо ҳамкории П. Раҷабов ва Ҳ. Ҷумъаев), «Мазмун ва методикаи гузаронидани факултативи «Муодилаҳои дифференсиалӣ» дар мактаби миёна» (Душанбе, ДДОД, 1991, бо ҳамкории М. Арабова), «Истифодаи маводи электроэнергетикаи Тоҷикистон дар таълими физика» (Душанбе, ДДОД, 1991, бо ҳамкории У. Умаров), «Маҳфили зарифон» (Ҳафтаномаи «Омӯзгор», №8, 1991, бо ҳамкории У. Умаров), «Кори мустақидонаи хонандагон аз физика барои синфҳои 7-8» (Ҳафтаномаи «Омӯзгор», 1993), «Хусусиятҳои таълими физика дар мактаби нӯҳсола» (маҷаллаи «Маърифат», 3-4, 1996), «Фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои 7-8 дар дарсҳои физика» (маҷмӯаи «Имрӯз ва фардои як мактаб», Душанбе, 1999), «Хусусиятҳои таълими физика дар мактаби асосӣ ва касбӣ» (маҷмӯаи «Имрӯз ва фардои як мактаб», Душанбе, 1999) ва ғайраҳо ба масъалаҳои гуногуну умдаи таълими физика дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудаанд [9, с.17-18].

Шодравон Барот Мирзоев дар қатори корҳои илмӣ – методӣ, таълимию тарбиявӣ, инчунин дар корҳои ҷамъиятии донишгоҳ низ фаъолона ширкат меварзиданд. Эшон муддати 10 сол вазифаи декании факултети физикаро ба ӯҳда доштанд. Ба таърихи 50-солаи факултети физика назар афканда, бо боварии том метавон гуфт, ки солҳои сарварии факултетро ба ӯҳда доштани Барот Мирзоев солҳои рушду пешравӣ ва инкишоф ба шумор мераванд. Ин солҳо дар факултет таълифи васоити таълимию методӣ бо забони тоҷикӣ вусъат ёфта, таълифи рисолаҳои дипломӣ ва корҳои озмунии донишҷӯён ба роҳ монда шуд. Дар тӯли ин солҳо бо ташаббус ва ибтикори шодравон Барот Мирзоев кафедраю лабораторияҳои нав, тахассусҳои нави омӯзгорӣ (физикаю астрономия, физикаю информатика) ташкил ёфта, системаи муайяни чараёни таълиму тарбия ба роҳ монда шуд [11].

Албатта, ҳамаи ин такопӯву ранҷу заҳмат баръабас нарафтанд, зиндагиномаи устод чун китоби пурмӯҳтавои зиндагист барои мо шогирдон. Ин китоби пурмӯҳтавои зиндагии устоди шодравон Барот Мирзоев мо шогирдонро сабақ омӯхта, ба самти рӯшноӣ ҳидоят менамояд ва номи ӯро ҷовидонӣ мегардонад, чунончи Анварӣ гуфта:

***Эй, замон фаръи зиндагонии ту,***
***Зиндагонит ҷовидонии ту.***

Пас аз марги нобаҳангоми устод Барот Мирзоев бо ташаббуси шогирдон ва дӯстони эшон маҷмӯае таҳти унвони «Меҳрнома» - ҳамчун вафономае дар бораи зиндагиномаи устод ба табъ расид. Маҷмӯаи мазкур хотираҳои дӯстону пайвандон, ҳамкасбону ҳамсабақон ва шогирдони устоди зиндаёд Барот Мирзоевро дарбар мегирад. Гарчанде ба гуфти хоҷа Ҳофизи Шероз:

***Насими субҳ вафономае, ки бурд ба дӯст,***
***Зи хуни дидаи мо буд, муҳри унвонаш.***

Боиси тавассуфи мо шогирдон ва дӯстон аст, ки худи устод Барот Мирзоев ин «Меҳрнома» [9] - вафономаи шогирдону дӯстонро надиданд.

Дар ҳамин маҷмӯа шахсе, ки аз хурдӣ бо устоди зиндаёд Барот Мирзоев як ҷо калон шудаву як ҷо таълим гирифтаанд, собиқ сармуҳаррири маҷаллаи «Тоҷикистон», номзади улуми фалсафа, дотсент, шодравон Даврон Ашӯров аз даврони кӯдакиву наврасии худу Барот Мирзоев ёдовар шуда менависад: «Барот Мирзоев ҳанӯз аз хурдӣ мубориза беамон буд ва кӯшиш мекард, ки дар ҳама ҷодаҳо тираш ба ҳадаф расад ва хок нахӯрад… Ӯ яке аз аввалин номзадҳои илм ва профессори аввалин аз деҳаи мо буд. Ҳамдиёронамон ӯро барои заҳматҳояш дар соҳаи илм ва барои фурӯтаниву хоксориаш басо эҳтиром мекарданд ва бо номи ӯ ифтихор доштанд» [9, с. 20].

Роҳбари илмии устод, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.П. Рымкевич ба шогирдаш Барот Мирзоев чунин баҳо додааст: «… Барот Мирзоев - Перелмани тоҷикон аст …» [9, с. 26].

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи АТТ Мансур Нӯъмонов дар бораи ҳамкасбашон Барот Мирзоев чунин ибрози андеша кардаанд: «Бузургтарин хизмати профессор Барот Мирзоев дар он аст, ки ӯ унсурҳои таркибии масъалаҳои физикиро муайян карда, масъалаҳои сифатиро дар мадди аввал гузошт» [12, с. 9].

Собиқадори соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини директории литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, омӯзгори дараҷаи олӣ Тӯрақул Ҷумъаев дар ситоиши ҳамкорашон Барот Мирзоев чунин андешаронӣ кардаанд: «Дар шахси Барот Мирзоев ман пайвандгари мактабу донишгоҳро мебинам» [12, с. 10].

Шоири маҳбуби халқ, Арбоби ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон устод Собир Султон дар ситоиши дӯсти қарин Барот Мирзоев андешаҳои худро тавассути ин шеър иброз кардаанд:

***Хоксорӣ баски дар симои туст,***

***Ин нишони фазли беҳамтои туст.***
***Таҷриба андӯхта аз рӯзгор,***
***Гаштаи аз беҳтарин омӯзгор…*** [9, с. 22-23]

Ҳамсабақи устоди зиндаёд Барот Мирзоев, дотсенти кафедраи физикаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ А. Раҳматов аз даврони донишҷӯиашон ёдоварӣ карда менависад: «Барот Мирзоев ҳангоми таҳсил худро ҳамчун як фарди хоксору меҳрубон, ниҳоят меҳнатдӯст ва донишҷӯи серталаб ба аҳли донишҷӯён нишон додаст» [9, с. 40].

Шогирди устод Барот Мирзоев, муовини сардабири рӯзномаи «Ҷумҳурият» Қ. Мадалиев аз давраҳои мактабхонии худ, ки устод Барот Мирзоев дар синфи онҳо роҳбари синф буда, аз фанни физика дарс мегуфтаанд, ёдоварӣ карда менависад: «… худи устод барои мо – шогирдон намунаи ибрат буд…» [12, с. 10].

Дӯст ва ҳамкори устод Барот Мирзоев собиқ мудири кафедраи «Методикаи таълими физика»-и ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, дотсент Ҳусейн Ҷумъаев дар бораи дӯсти содиқашон чунин гуфта буданд: «Барот Мирзоев дар ҳақиқат дӯсти содиқ буданд. Садоқатро дар дӯстӣ мепарастиданд. Эшон дӯсти ҷонӣ буданд, на забонию нонӣ» [12, с. 10].

Профессори кафедраи физикаи эксперименталии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Бобоқул Қодиров ба фаъолияти илмӣ-методии устод Барот Мирзоев баҳои баланд дода, зикр кардаанд: «Барот Мирзоев ба хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ бо забони барои онҳо фаҳмо илми шавқовару аҷиб ва пурасрор – физикаро муаррифӣ кардаанд» [9, с. 28].

Шогирди дигари устод, омӯзгори физикаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 16-и ноҳияи Айнӣ, омӯзгори дараҷаи олӣ М. Саидов аз даврони донишҷӯии худ дар факултети физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ёдоварӣ карда, менависад: «Ман аз устод Барот Мирзоев ба ғайр аз сабақ, боз меҳнатдӯстӣ, ҳалолкорӣ, пуртоқатӣ, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ ва ҷавонмардӣ барин хислатҳои наҷиби инсониро низ омӯхтаам, ки дар давоми кору зиндагиам лозим шудаанд» [9, с. 43].

Дотсенти кафедраи физикаи умумии ДМТ, шогирди устод Убайдулло Шоимов, ки пас аз хатми донишгоҳ бо устод Барот Мирзоев паҳлӯ ба паҳлӯ дар факултети физика кору фаъолият кардааст, дар бораи устод нигоштааст: «Ин шахс марди ғамхору дилсӯз ва мушфиқу меҳрубон буда, бе таълим, бе мактаб, бе маориф ҳаёташонро тасаввур карда наметавонистанд. Тамоми дороии маънавию ахлоқии худро сарфи шогирдонашон сохта буданд» [9, с. 49].

Ҳамаи гуфтаҳои боло бори дигар собит менамоянд, ки дарвоқеъ устоди зинданом Барот Мирзоев дар зиндагии худ мақоми воло ва мартабаи баландеро касб намуда будаанд. Муҳимтар аз ин, эшон бо хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва иншои як зумра мақолаву маҷмӯъа ва васоиту дастурҳои таълимию методӣ номи худро дар ҷаридаи таърих ба таври ҷовидони сабт кардааст.

Шодравон Барот Мирзоев то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт дар хидмати халқу Ватан буданд, вале сад дареғу сад афсӯс, ки эшон дар лаҳзаҳои ниҳоят зарур бо мо падруд гуфтанд. Гарчанде ки аъзоёни кафедраи «Методикаи таълими физика»-и ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва омӯзгорони физикаи собиқ гимназияи 53-и шаҳри Душанбе кори устодро давом дода, як қатор рисолаву мақолаҳои илмиву методӣ дар маҷаллаву рӯзномаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба нашр расонида бошанд ҳам, вале ҷойи устод Барот Мирзоев холист. Дар ҳар як навиштаҳои аъзоёни кафедра ва омӯзгорони физикаи гимназияи 53-и шаҳри Душанбе ҳаққи устодии Барот Мирзоев хеле калон аст.

**АДАБИЁТ**


1. Мирзоев Б. Значение и место качественных задач в процессе обучения физике в 6-7 классах средней школы. / Б.Мирзоев // Аврореферат дисс. канд. пед. наук. Ленинград, 1979. - 16 с.
2. Мирзоев Б. М. Маҳфили зарифон. / Б. М. Мирзоев, У. С. Умаров // «Омӯзгор». – 1991, № 52.
3. Мирзоев Б. Салом, физика! / Б. Мирзоев – Душанбе: Маориф, 1984. – 120 с.
4. Мирзоев Б. Дарсҳои физика. / Б. Мирзоев, А. Норқулов, Ҳ. Ҷумъаев. – Душанбе: Маориф, 1999. – 128 с.
5. Мирзоев Б., Норқулов А., Ҷумъаев Ҳ. Навъҳои дарси физика. / Б. Мирзоев, А. Норқулов, Ҳ. Ҷумъаев. – Душанбе: Маориф, 1992. – 72 с.
6. Мирзоев Б. Плани дарсҳои физика (дастури методӣ қисми 1). / Б. Мирзоев, А. Норқулов, Ҳ. Ҷумъаев. –Душанбе: Маориф, 1988. – 72 с.
7. Мирзоев Б. Супоришҳои программавӣ аз физика. / Б. Мирзоев, П. Раҷабов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 200 с.
8. Мирзоев Б. Качественные задачи по физике (Пособие для учителей). / Б. Мирзоев. – Душанбе, 1992. – 112 с.
9. Ҷумъаев Ҳ.Қ. Меҳрнома (Маҷмӯаи ҷашнӣ бахшида ба 60-солагии зодрӯзи профессор Барот Мирзоев). / Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2002. – 62 с.
10. Мирзоев Б. Ҳалли масъалаҳо аз физика (иборат аз 5 қисм). / Б. Мирзоев, А. Норқулов, Ҳ.Ҷумъаев. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 1989. – 300 с.
11. Ҷумъаев Ҳ.Қ. Олими нуктасанҷ ва омӯзгори асил (Рисолаи маърифатӣ-оммавӣ). / Ҳ.Қ. Ҷумъаев, У.С. Умаров. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2011. – 28 с.

12. Умаров У.С. Дар ситоиши профессор Барот Мирзоев. / У.С. Умаров // Маводи конференсияи илмӣ-методии байналхалқӣ дар мавзӯи «Такмили мазмун, методҳо ва васоити омӯзиш дар раванди таълими фанҳои табиию риёзӣ», бахшида ба 20 солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 80-солагии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, ёбдуб ба 70-солагии аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими физика Барот Мирзоев. – Душанбе: ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, 2011. – С. 3-11.

## ВКЛАД БАРОТ МИРЗОЕВА В РАЗВИТИИ МЕТОДИЧЕСКОЙ ШКОЛЫ ФИЗИКОВ

*В статье рассматривается научно-педагогическая деятельность кандидата педагогических наук, профессора Барот Мирзоевича, неоценимый вклад учёного и его научной школы в развитие отечественной методики преподавания физики. Им были написаны более 120 научно-методических работ, где почти 40 из них составляют учебно-методические пособия, предназначенные для широко круга аудитории. Его читателями являются и учащиеся среднеобщеобразовательных учреждений, и учителя, и студенты высших учебных заведений. Научно-методическая деятельность Барот Мирзоевича затрагивает проблемы методики преподавания физики в средних общеобразовательных учреждениях республики, развитие физического и творческого мышления учащихся. Одно из научно-методических направлений, которое избрал Мирзоев Б.М. является всестороннее изучение роли и места качественных задач в преподавании физики. По этому вопросу им были написаны ряд статей в журналах «Физика в школе», «Познание учителя» и др., издана монография «Качественные задачи в обучении физике», которая является настольной книгой учителя физики. Другое направление научно-методической деятельности профессора является разработка методики решения задач по физике, учебных программ и методика организация и проведение внеклассных работ по физике. Под его непосредственным руководством свою научную деятельность начали аспиранты кафедры «Методики преподавания физики» Умаров У.С. и Бегимов Х.Х.*

***Ключевые слова:*** *юные физики, качественные задачи, преподавание физики, научная деятельность, научно-методическая работа, физическое мышление, программные задания, решение задач, урок физики, учебная программа, основная школа, профессиональная школа.*

## BAROT MIRZOEV - FOUNDER OF THE METHODOLOGICAL SCHOOL OF PHYSICS

*The article examines the scientific and pedagogical activity of the candidate of pedagogical sciences, professor Barot Mirzoevich, the invaluable contribution of the scientist and his scientific school to the development of the domestic methods of teaching physics.*

*He wrote more than 120 scientific and methodological works, where almost 40 of them are teaching aids intended for a wide range of audiences. Its readers are students of secondary educational institutions, teachers, and students of higher educational institutions. The scientific and methodological activity of Barot Mirzoevich touches upon the problems of the methods of teaching physics in secondary educational institutions of the republic, the development of the physical and creative thinking of students. One of the scientific and methodological directions, which was chosen by Mirzoev B.M. is a comprehensive study of the role and place of qualitative problems in teaching physics. On this issue he wrote a number of articles in the journals «Physics in school», «Knowledge of the teacher», etc., published the monograph «Qualitative problems in teaching physics», which is a handbook for a physics teacher. Another direction of the professor's scientific and methodological activity is the development of methods for solving problems in physics, curricula and methods for organizing and conducting extracurricular activities in physics. Under his direct supervision, post-graduate students of the Department of Physics Teaching Methods Umarov U. S. began their scientific activities and Begimov Kh.Kh.*

***Keywords:*** *Young physics, qualitative tasks, teaching physics, scientific activity, scientific - methodical work, physical thinking, program tasks, decision of tasks, lesson of physics, educational program, basic school, professional school.*

***Саведения об авторах:***

***Умаров Умар Сулаймонович*** *– директор научно-исследовательского Института «Естественно-математических наук и совершенствование методики их преподования» при Таджикском государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес**:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 933 94 93 28.*

***Раджабов Умед Хушвакович*** *– заведующий кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 933 21 17 21.*

***Сияхаков Сафарали Мирзоевич*** *– заведующий кафедры общей физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес**:** 734003,*

*Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 93 408 78 46.*
***About the author:***
***Umarov Umar Sulaymonovich** – director of the Research Institute «Natural and mathematical sciences and improvement of the methods of their teaching» at the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 935 94 93 28.*
***Rajabov Umed Khushvakovich** – Head of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 933 21 17 21.*
***Siyhakov Safarali Mirzoevich** – Head of the Department of General Physics, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 93 408 78 46.*

## МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ОЯНДАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН

***Маҷидова Б., Обидова М.И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Масъалаҳои асосии пешрафти илми педагогика ва саҳми он дар рушди нумуъи маорифу маълумотгирии аҳли кишвар ба таҳқиқу баррасии гузашта ва алоқаманд намудани он ба талаботҳои пешрафти ҷомеа муҳим аст. Омӯхтан, таҳлилу баррасии арзишҳои фарҳангию маънавӣ вобаста ба талаботи ҷомеаи пешраванда, мутобиқ гардонидани он таҳҳавулоти илмро тавассути таҳқиқотҳои илмии таърихию фалсафӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, педагогию психологӣ таъмин карда метавонанд. Махсусан муайянсозии мавқеи таърихи мактабу маориф, ғоя ва назарияҳои тарбиявию таълимии он дар рушди педагогикаи муосир доманадор, печида ва мураккабу гуногунҷабҳа мебошад. Ба доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи илмҳои педагогии СССР Иброҳим Обидович Обидов (1923-2011) муяссар шудааст дар таҳқиқотҳои илмӣ-педагогии худ мавқеъ ва ҷойгаҳи таърихи педагогикаро дар рушди педагогикаи муосир, манзалати онро ба таҳқиқотҳои педагогии анҷомрасида ва минбаъд анҷомшаванда пайгирӣ намояд.

Солҳои охир баъзе шахсон ба он муътақид ҳастанд, ки таҳқиқи мактабу маориф, афкори педагогии ниёгон ба таҳқиқоту баррасӣ ниёз надорад ва мо насли ҷавони донишомӯзро зиёдтар ба ёдгирӣ дар заминаи технологияҳои навину замонавӣ ҷалб намоем, ки ин рӯйдод дар бисёр кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ карда мешаванд. Вуруд гардидани насли ҷавон ба ҷомеаи иттилоотӣ ба тайёрии касбии омӯзгорони муосир алоқаманд аст, ки бояд онҳо соҳиби донишҳои амиқу самарабахши таърихии назариявӣ ва амалӣ бошанд. Набояд фаромӯш кард, ки гузаштаро надониста ба воқеияти имрӯзаи донишу касбомӯзии насли имрӯз баҳо додан душвор аст. Омӯхтан ва таҳқиқи падидаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ба пешрафти илми педагогика мусоидат менамояд. Омӯзиши мероси таърихӣ ба муҳаққиқон имконият медиҳад воқеа ва ҳодисаҳои сиёсӣ, фарҳангӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва ба таҷрибаи таълимӣ, тарбиявӣ, маълумотгирии имрӯзу фардои насли ҷавон алоқаманд карда шавад. Чунин робитаи мантиқӣ ва ногусастаниро дар мероси илмӣ-педагогии устод И.О.Обидов дида мешавад, ки минбаъд дар таҳқиқотҳои шогирдону пайравони мактаби илмии устод зиёд инъикос ёфтааст.

Дар арафаи ҷашни 90 солагии устод И.О.Обидов витсе президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор И.Х.Каримова ва доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафар Сулаймонӣ таъкид намудаанд, ки *«Худ таърих буд ва таърихро ҳам офарид ва ҳам онро таҳқиқу пажӯҳишу бознигарӣ кард, роҳҳои пурпечутоб ва мушкилиҳои онро баррасӣ намуд. Садҳо шогирдонро тарбият кард, дар саргаҳи навиштани таърихи педагогика ва маориф нишаст ва тарбияти нерӯи мутахассису коромадро авлавият бахшид. Бо шогирдон роҳҳои рушди*

*мактабу маорифро раҳнамоӣ кард, садҳо мақола ва даҳҳо китобҳо аз худ ҷой гузошт, ки он нишонгари сипос ва эҳтиром ба ин Ватан ва марзу буми он мебошад».*

Аз соли 1980 то 2005 дар шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон 115 рисола таълиф гардидааст, ки беш аз 50 фоизи он ба масъалаи таърихи педагогика ва афкори педагогӣ таалluқ дорад. Аз ин 16 нафар дар кишварҳои дигар ва 18 нафар рисолаи доктории худ бо роҳбарии академик Иброҳим Обидов дифоъ кардаанд. Аз ин 15 рисола ба масоили умумии мактаб, маориф, таърихи маорифи дар манотиқи мухталифи кишвар тааллуқ дорад.

Китобҳои ҷудогонаи монографӣ 12 номгӯй ва 2 китоби дигар ба забони инглисӣ ва форсӣ- дарӣ таълиф гардидаанд.

Бо роҳбарии бевоситаи устод солҳои 1980-2005 55 рисолаи номзадӣ ва 13 докторӣ дифоъ шудаанд. Дар рисолаҳо ва китобҳои таълифгардида кулли масоили педагогӣ, мактабу маориф, муассисоти фориғазмактабӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Академик И.Обидов 22 ноябри соли 1941 дар хати вазнинтари ҷанг- дифои пойтахти кишвар ш. Маскав иштирок намуда Ғалабаи бузурги халқро дар соҳили дарёи Элба пешвоз гирифтааст ва то охир соли соли 1945 дар ҳайати аортиши доимоамалкунандаи шӯравӣ дар Германия хизматро ба анҷом овардааст.

Иштирок дар муҳорибаҳои ҷангӣ, ҷароҳат бардоштану боз дар фронт идома додани хизмати ҷангиро И.Обидов ҳамчун роҳи босамару омӯхтани забонҳои русӣ ва олмонӣ истифода намуда минбаъд дар фаъолияти ташкилотчигӣ-идоракунии муассисаҳои давлатӣ, иҷрои тадқиқотҳои илмӣ забони русиро зиёд мавриди истифодабарӣ қарор додаанд.

Ба забони русӣ навиштани китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, роҳбарӣ ба рисолаҳои илмӣ, гузоришу маърӯзаҳо дар конфронсу ҷаласаҳои илмӣ дар сатҳи умумииттифоқию байналмилалӣ барои баррасии таърихи маорифи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои дигари муаррифии дастовардҳои кишвар дар ин мавзӯъ буд, ки баъдар ва ё ҳамзамон устод онҳоро ба забони тоҷикӣ таълиф намудаанд. Китобҳое, ки ба забони тоҷикӣ дар даврaҳои мухталифи таърихӣ навиштаанд, аз дидгоҳи таърихнигорӣ ҷолиб ва муфид мебошанд, ки дар онҳо бори аввал саҳифаҳои рангини таърихи маорифи Тоҷикистон мавриди бахрабардорӣ қарор гирифтаанд.( История развития народного образования Таджикской ССР (1917-1967): дис. док пед.наук.; Развитие народного образования в Таджикской ССР в послевоенный период (1946-1955): дис. канд. ист. наук; История развития народного образования Таджикской ССР (1917-1967); Расцвет народного образования в Советском Таджикистане; Просвещение и педагогическая мысль в Таджикистане с древнейших времён до наших дней; Развитие народного образование и педагогической мысли в Таджикистане за годы Советской власти; Философия и истории образования: учебное пособие для студентов педагогических вузов Республики Таджикистна ва ғайраҳо). Роҷеъ ба рушд ва дастовардҳои халқи тоҷик дар пешрафти мактабу маориф устод дар маҷаллаҳои умумиитттифоқӣ, ки дар арсаи байналмилалӣ арзишманд ҳисобида мешуданд, мақолаҳои зиёд таҳия ва нашр намуданд. Ба монанди: Общеобразовательная школа и проблемы подготовки учительских кадров в Республике Таджикистна.//Известия Академии педагогических и социальных наук; Из истории педагогического образования в Таджикистане. // Советская педагогика; Народное образование в Таджикской ССР за 60 лет. // Советская педагогика; Научно-педагогические учреждения Таджикистана. //Советская педагогика; От неграмотности ко всеобщему среднему образованию. // Советская педагогика; Развитие народного образования в Таджикистане за годы Советской власти // Советская педагогика; Таджикской национальной школе 50 лет // Советская педагогика ва ғайраҳо.

Дар соли 2006 дар ҳаммуаллифӣ бо А.А.Михайлов китоби «Фалсафа ва таърихи маориф» бо забони русӣ чоп шудааст, ки дар он ба хонанда маълумоти муфассал ва арзишманд дар бораи афкори педагогии халқи тоҷик пешкаш карда шудааст. Устод ҳамеша дар андешаи он буданд, масъалаи таърихи мактабу маориф дар маркази диққати муҳаққиқон қарор гирад, чунки он як ниҳоди иҷтимоӣ аст, ки дар ташаккулёбии маънавиёти инсон нақши муҳим дорад.

Бояд қайд кард, ки дар давоми ҳаёти пурғановати худ Иброҳим Обидов вобаста ба масъалаҳои муҳими соҳаи маориф, фарҳанг, афкори педагогӣ 12 монаграфияи калонҳаҷм навиштааст, муаллиф ва ҳаммуаллифи 3- китоби дарсӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик ва хрестоматияи он 2 китоби дарси

барои мактабҳои олӣ мебошад, зиёда аз 750 мақолаҳо дар матбуоти даврии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар чоп гардидаанд. Аз соли 2004 то рӯзҳои охири ҳаёт дар вазифаи Президенти Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Русия дар Тоҷикистон фаъолият намуданд.

Аз раванди омӯзишии мероси илмӣ-педагогии устод И.Обидов чунин бармеояд, ки ӯ муаррихи соҳаи педагогикаи касбӣ, назария ва амалияи таълиму тарбия ва таърихи маорифи кишвар чун мутахассиси илми таърих фаъолият намуда яке аз шинохтатарин муаллифони китобҳои таърих барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактабҳои олии кишвар мебошанд.

Таҳқиқи таърихи педагогикаи халқи тоҷик ба таҳқиқи таърихи афкори классикони адабиёти тоҷику форс таъвам бо ҳам алоқаманд мебошад. Осори пурмуҳтавои онҳо чун маводи таълиму тарбиявӣ дар мактабу мадрасаҳо истифода мешуданд. Масъалаи мазкур низ дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва роҳбарии устод ба рисолаҳои таърихӣ-педагогии шогирдон назаррас мебошад (Маҷидова К. А. «Афкори педагоги Зайниддин Маҳмуди Восифӣ»; Охунова С.Ҳ. «Афкори педагогии Абуали Ибни Сино» ва ғайра).

Чи тавре, ки аз омӯзиш ва таҳлили мероси илмӣ-педагогии устод бармеояд, гирдоварии маводҳои эмпирикии зиёд ва коркарди онҳо имконият додааст самтҳои ба вуҷуд омадаи соҳаи педагогикаро дар таърихи низоми маорифи Тоҷикистон вобаста ба зинаҳои таҳсилотӣ: таҳсилоти томактабӣ, мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ (аз маҳви бесаводӣ то таҳсилоти миёнаи умумӣ), ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, таҳсилоти ғоибона ва мактаби коргарҷавонон, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва тайёр намудани омӯзгорон барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот, таърихи мактаб-интернатҳо, ба таҳсил фарогирии занону духтарон ва ғайра мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Таҳқиқотҳои устод имрӯз замина барои таҳқиқотҳои навин дар муқоиса ва дарёфти технологияҳои кори таълиму тарбиявӣ хизмат карда метавонад.

Дар солҳои директорӣ дар дохили бинои Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ осорхонаи мактабу маорифро таъсис медиҳанд. Тайи солҳои роҳбарии устод зиёда аз 190 корҳои илмиву методӣ, дар ҳаммуаллифӣ китоби дарсии «Таърихи Тоҷикистони Шуравӣ» барои хонандагони синфи 7-8 (1963-1965), «Таърихи Тоҷикистони Шуравӣ» бо ҳаммуаллифи бо Ф.Репа барои хонандагони синфи 4 (1964-1967), «Хрестоматияи таърихи РСС Тоҷикистон» барои синфҳои 7-10 дар ҳаммуаллифии А.Мухторов (1966-67)- ро ба чоп расониданд. Китоби таҳқиқотии «Очерки мухтасари таърихи маорифи халқи Тоҷикистон»-ро дар соли 1965 нарш менамоянд ба таҳқиқи мукаммали «Таърихи тараққиёти маорифи халқ дар РСС Тоҷикистон (1917-1967)» оғоз мекунад. Ин китоб ҳамчун рисолаи илмӣ бо забони русӣ чоп мешавад. Иброҳим Обидов хулоса ва таҷрибаи сисолаи худро рӯи қоғаз оварда дар баробари муайян намудани роҳу усули тайкардаи сохтори маорифи ҷумҳурӣ баҳри вусъат додани он андешаҳои судмандеро пеш мегузоранд. Ин рисола таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ва олимони як қатор ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди шуравиро ба худ ҷалб менамояд ва бо баҳои хуб арзёбӣ мешавад.

Дар вақти таҳсил дар омӯзишгоҳи педагогӣ (1936-1939) истеъдоди Иброҳим Обидовро ба навиштан ва эҷод кардан устодони соҳибсалиқа муайян карда буданд ва баҳри такмил додан ӯро муҳаррири рӯзномаи деворӣ таъин карданд. Ин истеъдод сол аз сол боз ҳам такмил ёфт ва услуби хосаи худро пайдо кард. Дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои даврӣ мақолаҳои хонданбоби устод чоп мегардид. Дар соли 1966 Иброҳим Обидов аъзои Шӯрои журналистони ИҶШС интихоб мешаванд.

Соли 1968 хизматҳои илмии Иброҳим Обидовро ба назар гирифта узви вобастаи Академияи илмҳои педагогии Иттиҳоди Шуравӣ итихоб мекунанд. Тайи солҳо (аз соли 1968 то 1990 ба ҳайси узви вобастаи АИП ва аз соли 1990 то охири умр ба ҳайси академики АИП) мактабу маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Россия муаррифӣ мекарданд. Дар як сол ду маротиба дар маҷлиси калони Академияи илмҳои педагогии СССР дар ш.Москва бо маърӯзаҳо оид вазъи соҳаи маориф ва илми педагогика баромад мекарданд.

Соли 1969 Иброҳим Обидов ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон аввал дар вазифаи дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик, баъди дифои рисолаи докторӣ дар мавзӯи «Таърихи инкишофи маорифи халқ дар Тоҷикистон (1917-1970)» дар Шӯрои дифои Институти илмӣ-тадқиқотии назария ва таърихи педагогикаи Академияи илмҳои педагогии СССР дар шаҳри Москва, дар вазифаи декани факултети баланд бардоштани ихтисоси директорони мактаб, минбаъд дар

кафедраи педагогикаи умумӣ аз соли 1980 то соли 2006 дар вазифаи мудири кафедра ва то охири умр дар вазифаи профессори кафедра кор ва фаъолият мекард.

Соли 1997 китоби дарси барои мактабҳои олӣ «Афкори педагогии мутафаккирон» ба забони ӯзбекӣ дар ҳаммуаллифи бо Ҷ.Тошматов аз чоп мебарояд. Аз фанҳои педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика барномаҳои таълимӣ таҳия мегардад.

Намунаи ғамхории устодро дар тайёр намудани мутахассисони соҳибкасби соҳаи гуногун дар таъсиси факултаи индустриалӣ - педагогӣ дар ДДОД ба номи Т.Г.Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) мебинем. Устод тавонистанд зарурияти омода намудани омӯзгорони таълими меҳнатро ба ММТУ, техникумҳо ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ дар назди мақомотҳои идоракунии соҳаи маориф, маъмурияти донишгоҳ исбот намуд ва аҳамияту зарурияти ташкилу баргузории корҳои махсуси таълиму тарбиявиро ба ҷавонони ояндасоз, коргарону мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбӣ арзёбӣ намуданд. Дар натиҷа аввал кафедраи методикаи таълими фанҳои умумитехникӣ (таҳти роҳбарии М.И. Ниниашвилӣ, И.В.Карамзин, Р.Х. Ахмедзянов) таъсис шуд ва иштироки хонандагогни тоҷик дар Намоишгоҳи дастовардҳои хоҷагии халқ дар ш.Москва таъмин гардид. Аз тарафи донишомӯзони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникии №1 ва 5 макети стансияҳои электрикӣ дар шароити баландкӯҳи Тоҷикистон ба маърази тамошо гузошта шуд ва онҳо собит намуданд, ки дар омӯзиши касбҳои коргарӣ аз ҳамсолони худ дар доираи республикаҳои иттифоқӣ ақиб намонанд.

Сарварони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар маркази такмили ихтисоси директорони мактабҳо дар назди кафедраи педагогика бо ташаббус ва дастгирии И. Обидов таъсис ва фаъолият менамуд, то ҳозир лексияҳои пурмазмуну ҳаловатбахш ва замонавию арзишманди устодро оид ба масъулиятшиносию садоқат ба кори омӯзгориро фаромӯш накардаанд. Дар лексияҳои устод навгониҳои илмӣ, далелу мисолҳои зиёди илмию амалӣ, ки аз таҷрибаи роҳбарӣ ба Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон, Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисоси омӯзгорон гирд оварда шуда буданд, мақсаднок ва саривақтӣ ба шунавандагон дастрас карда мешуданд.

Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон давраи мураккабу печидае дар тамоми ҳаёти кишвар, аз он ҷумла амалия ва назарияи таълиму тарбия, бозсозии мазмуну муҳтавои таҳсилот, нигоҳи нави илмӣ-методӣ дар таҳқиқотҳои муосир ба миён омаданд. Маҳз дар ҳамин давраи ҳассос, ки асоси бозътимоди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии барои рушди ҷомеа созгор гузошта мешуд, устод И.Обидов ба тайёр кардани мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ камари ҳиммат бастанд. Маҳз дар ҳамин солҳо бояд асоси бозътимоди давлатдорӣ, рушди худшиносии миллӣ гузошта мешуд, ки бе он ба мустақилияти воқеӣ расидан номумкин буд. Аз шоҳид ва иштироки раванди эҳёи давлатдории нави авлодони қариб ҳазорсолаи заҳри бедавлатиро чашида ва шахсе, ки худ муҳаққиқи таърихи мактабу маорифи миллат буд, масъулияти ҷиддиро талаб мекард. Устод И.Обидов ҷиддан ба тарбияи донишҷӯён, таваҷҷуҳ намуда ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии унвонҷӯёну докторантҳои соҳаи педагогика, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ машғул буданд, ба зиммаи худ гирифтанд, ба самтҳо мазмуну муҳтаво, роҳу усулҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ назари нав ворид намуданд.

Таҳқиқи таърихи мактабу маориф роҳҳои сипаригардидаи илми педагогӣ дар Тоҷикистон дар фикру андеша ва баррасиҳои устод боқӣ монданд. Ҳама вақт таъкид мекарданд, ки илми таърихи педагогика ва назарияю амалияи он бояд бо дастовардҳо ва муваффақиятҳои ҷомеаи муосир дар якҷоягӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гиранд, то дар раванди ҷаҳонишавии таҳсилот, то мактабу маорифи ҷомеа тавонад мушкилоту осебҳои рӯзмарраи соҳаи таълиму тарбия, таҳсилоту маълумотгирии насли имрӯз бартараф гардад. Шояд чунин андеша аз таҷрибаи бисёрсолаи устод сарчашма гирифта буд, ки таҳқиқоту эҷодкории педагогӣ бояд ҳамсафару ҳамрадиф бошанд, то ба пешрафти мактабу маориф, истифодаи технологияҳои нави таҳсилотӣ, воридшавии технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ ва дигар омилҳо ба дигаргунсозиҳои олами маънавии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мардуми кишвар бо таври мусбат мусоидат намояд.

Устод хуб дарк мекарданд, ки ҷаҳонишавӣ, воридшавии фарҳанги муосир, тағйирёбии муносибати хурду бузург ба кори таълиму тарбиявӣ зарурияти таҳқиқотҳои нав, махсусан, таҳқиқотҳои гурӯҳиро ба миён меорад, ки дар он гурӯҳҳои корӣ, муассисаҳои илмӣ- таҳқиқотӣ, марказҳои таълимӣ, донишгоҳу донишкадаҳои таҳсилоти олии касбӣ ширкат карда метавонанд. Баргузории чунин таҳқиқотҳо имконият медиҳанд барои ҳалли мушкилотҳои глобалӣ мусоидат намуда, ҳамгироии соҳаҳои педагогика, махсусан, назария ва амалияи методикаҳои таълими фанҳо, асосҳои психологии онҳоро таъмин менамояд. Таъсисёбии КОА назди дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишонаҳои пешрафт ва арзёбию баррасии таҳқиқотҳои илмии кишвар, аз ҷумла мактабу маориф, таҳсилоту омӯзиш аст, ки дар баргузорӣ ва амалӣ гардидани ғояҳои миллӣ ва умумибашарии таълиму тарбия дар низоми маорифи замони гузаштаю имрӯза ҳиссагузор аст.

Агар ман имрӯз дар ҷодаи илму таълим, таҳқиқоту таълифот қадре ҳам ба пешрафту дастовардҳо ноил шуда бошам, бешак натиҷаи он баҳраест, ки аз кӯмаку дастгирӣ, маслиҳату машварати муфиди устод И.Обидов бармеояд.

Камина бо амри тақдир чун дигар унвонҷӯёни соҳаи илми педагогика дар соли 1982 ба мададу дастгирии устод И.Обидов ва зери роҳбарии илмии Б.Раҳимов рисолаи номзадӣ ва дар соли 2004 рисолаи доктории худро (зери машварату маслиҳати И.Обидов) дар Шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаҳои илми номзад ва доктори илми педагогӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дифоъ намудам.

Таъсису сарварии Шӯрои мазкур дар солҳои 1979-2005 зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи илмҳои педагогии СССР И.Обидов дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Узбекистон, Россия, Туркманистон, Казоқистон ва ғайраҳо нақши муҳим бозидааст. Шӯрои мазкур аз соли 1979 то соли 2004 127 нафар олимонро сазовори дараҷаи илмии номзад ва доктори илми педагогӣ намудааст.

67 соли умри бобаракати худро ба фаъолияти омӯзгорӣ, таҳқиқу баррасии масъалаҳои мактабу маориф, шогирдони зиёдеро барои хизмати халқу ватан, таҳқиқу пешбурди илми педагогикаи тоҷик бахшид, ки кулли онҳо на танҳо дар Тоҷикистон, инчунин собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди шуравӣ кору амали инсонгаронаи устоди худро идома медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Диссертационный совет: Тематика защищенных кандидатских и докторских диссертаций по педагогической науке (1980-2005гг.) /Сост. Обидов И.О.; ред. Сулаймони С.И. – Душанбе, 2006. – 31с.
2. Каримова И.Х., Сулаймонӣ С. Гузаштаро таҳқиқ ва ояндаро равшан месохт. Дар маводи «Саҳми академик Иброҳим Обидов дар таҳқиқ ва рушди мактабу маориф».- Душанбе, 2013. 206 с.
3. Маҷидова Б. Тадқиқи рушди масъалаҳои таҳсилоти томактабӣ аз нигоҳи академик Обидов Иброҳим. Ҳафтаномаи «Омӯзгори ҷавон» 2018.
4. Обидова М. Роҳ ба сӯи илм. Дар маводи «Саҳми академик Иброҳим Обидов дар таҳқиқ ва рушди мактабу маориф».- Душанбе, 2013. 206 с.


## ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ ПЕДАГОГИКИ И ПРОСВЕТИТЕЛЬ БУДУЩЕГО ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА


*С особой теплотой вспоминается старшее поколение преподавателей, ученых каждый из них - личность высокой культуры создававшие атмосферу взаимоуважения, доверие к будущему и бескорыстной помощи к студентам, молодым ученым в приобщении к ценностям педагогической науки.*

*С приходом на кафедру педагогики, в конце семидесятых годов двадцатого века, доктора педагогических наук, профессора, академика Академии педагогических наук СССР Обидова Ибрагима Обидовича наступила время активной подготовки научных кадров-аспирантов, докторантов и соискателей по различным направлениям (общая педагогика, история педагогики, школоведение, профессиональная ориентация, социальная педагогика и т.п.).*

*Педагогическая и научно-исследовательская деятельность И.Обидова обширно и многогранно. Свою педагогическую деятельность он начал работая простым школьным учителем, и достиг всех высот и ступеней в науке, доктора педагогических наук, профессора, академика АПН СССР. Научно-исследовательскую деятельность И.Обидова можно назвать науковедением, которое посвящено вопросам истории, теории и практики становления и развития образования Таджикистана во всех периодах его развития в последнем столетии.*

*Глубоко вникая в проблемы воспитания и обучения он способствовал развитию педагогической науки, активно призывал ученых педагогов к сбору материалов по народной педагогике, написанию учебников по истории педагогики Таджикистана, организацию и проведению экспериментальных исследований во всех отраслях педагогической науки. В своих работах и лекциях студентам, аспирантам и практическим работникам образования особо отмечал о необходимости связи теории с практикой воспитательно-образовательной работы во всех звеньях системы образования.*



***Ключевые слова:*** *педагогическая наука, научно-исследовательская деятельность, подготовка научно –педагогических кадров, история педагогики, история, теория, практика, становление, развитие, связь теории, система образования.*

## RESEARCHER OF THE HISTORY OF PEDAGOGY AND EDUCATOR OF HE FUTURE EDUCATION OF TAJIKISTAN

*The older generation of teachers, scientists, each of them - a personality of high culture, who created an atmosphere of mutual respect, trust in the future and selfless help to students, young scientists in familiarizing with the values of pedagogical science - is remembered with special warmth.*

*With the arrival at the Department of Pedagogy, at the end of the seventies of the twentieth century, Doctor of Pedagogy, Professor, Academician of the Academy of Pedagogical Sciences of the USSR Obidov Ibragim Obidovich, the time has come for active training of scientific postgraduate students, doctoral students and applicants in various areas (general pedagogy, history of pedagogy, school studies , vocational guidance, social pedagogy, etc.).*

*Obidov's pedagogical and research activities are extensive and multifaceted. He began his teaching career working as a simple school teacher, and reached all heights and levels in science, doctor of pedagogical sciences, professor, academician of the USSR Academy of Pedagogical Sciences. Obidov's research activities can be called science studies, which is devoted to the history, theory and practice of the formation and development of education in Tajikistan in all periods of its development in the last century.*

*Deeply delving into the problems of education and training, he contributed to the development of pedagogical science, actively encouraged academic teachers to collect materials on folk pedagogy, write textbooks on the history of pedagogy in Tajikistan, organize and conduct experimental research in all branches of pedagogical science. In his works and lectures to students, graduate students and practical education workers, he especially noted the need to link theory with the practice of educational work at all levels of the education system.*

***Keywords:*** *pedagogical science, research activity, training of scientific and pedagogical personnel, history of pedagogy, history, theory, practice, formation, development, connection of theory, sestema of education.*

***Саведения об авторах:***

***Маджидова Бибихафиза*** *- доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 985 83 19 03*

***Обидова Мунира Ибрагимовна*** *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел .: (+992) 777 07 01 82*

***Information about the authors:***

***Madzhidova Bibihafiza*** *- Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Pedagogy and Inclusive Education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 985 83 19 03*

***Obidova Munira Ibragimovna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (+992) 777 07 01 82*

## ҲАМЧУН ОЛИМИ СОҲАИ ФИЗИКАИ ГАРМӢ САБЗИДА РАСИД

***Маҷидов Ҳ., Мирзомамадов А. Г.****

*Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ*

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Донишандӯзӣ асосан аз айёми хурдсолӣ сурат мегирад. Агар қобилияти кӯдак баҳри донишандӯзӣ равона карда шавад, он самараи хуб медиҳад. Дар ташаккули зеҳнии кӯдак бори аввал муҳити оилавӣ роли асосиро мебозад.

Агар кӯдак бинад, ки аҳли хонадон ба омӯзиши илму дониш машғуланд, ӯ низ ба онҳо пайравӣ намуда, барои омӯзиш ва азбар намудани дониш кӯшиш ба харҷ медиҳад. Баъдан дар ташаккули зеҳнии кӯдакон саҳми устодони аввалин роли хеле калон мебозад.

Маҳмадалӣ Сафаров яке аз шахсоне мебошад, ки дар оилаи солиму маърифатпарвар тарбия ёфтааст, тақдир ба ӯ устодони бомаҳорату варзидаро насиб гардонид ва дар зиндагӣ ба мақсадҳои наҷиби худ расид.

Дар тарбияи Маҳмадалӣ саҳми падари бузургвораш Маҳмадӣ Сафаров хеле калон мебошад ва дар вохӯриҳо бо он кас шахси маърифатпарвар буданашон бараъло маълум мегардид. Ако Маҳмадӣ (ёдаш ба хайр) дар ҳақиқат ҳам одами бомаърифат, хушсӯҳбат, чеҳрахандон, меҳмондӯст буда, ҳамеша арзи сипос менамуданд, ки ман дар тарбияи фарзанди он кас саҳмгузорӣ карда истодаам.

Орзуҳои падари Маҳмадалӣ ҷомаи амал пӯшиданд ва ҳамеша аз муваффақиятҳои фарзанди худ сарбаландона фахр менамуданд.

Ҳақ ба ҷониби устоди сухан ва панду насиҳат Саъдии Шерозӣ, ки фармудааст: агар падар мурраби шавад, фарзанди қобил ба воя мерасад:

***Дар муҳаббат дурри ашкам гавҳари дил мешавад,***
***Чун мураббӣ шуд падар фарзанд қобил мешавад.***

Маҳмадалӣ Сафаров баъди хатми Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко аввал дар мактаби №4-и шаҳри Норак ба ҳайси муаллими фанҳои физикаю математика ба кор даромарда, баъдан баҳри сайқал додани донишҳои тахассусиаш ба донишкадаи хатмнамудааш барои давом додани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиаш гузашт.

Дар донишкадаи омӯзгорӣ ӯ аввал дар вазифаҳои лаборанти калон, ассистент ва муаллими калони кафедраҳои факултетҳои физика ва математика кор кардааст.

Ҳангоми кор дар донишгоҳ ӯ ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмию методӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, дар маҷаллаҳои методии ҷумҳуриявӣ доир ба методи-каи таълими физика аз натиҷаҳои тадқиқоти худ мақолаҳо ба чоп мерасонид.

Ҳангоми сӯҳбат бо ӯ ба ман маълум гардид, ки Маҳмадалӣ дар дил мақсадҳои хеле зиёде дорад ва мехоҳад дар майдони илм қувваозмоӣ намояд.

Ҳақ ба ҷониби Биноӣ, ки фармудааст:

***Ба манзил расад он касс, ки поянда бод,***
***Беҳӣ ёфт он касс, ки ҷӯянда бод.***

Бо мақсади иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ Маҳмадалӣ соли 1980 ба шӯъбаи ғоибонаи аспирантураи кафедраи физикаи умумии факултети физика дохил гардид ва таҳти роҳбарии банда ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ шурӯъ намуд.

Мавзӯи рисолаи номзадии Маҳмадалӣ Сафаров дар соҳаи «Физикаи гармӣ» муайян карда шуд.

Дар як муддати кӯтоҳ М.Сафаров амали кори дастгоҳҳои таҷрибавие, ки дар лабораторияи илмӣ-тадқиқотии таъсисдодаи ману шогирдонам «Физикаи молекулӣ ва физикаи гармӣ» барои чен кардани хосиятҳои гармифизикии моддаҳо мавҷуд буданд, шинос гардида, дар он тастгоҳҳо ченкуниро оғоз намуд.

Дар аввал аспирант Сафаров М.М. ба тадқиқи гармигузаронии як қатор эфирҳои содда, ки мавриди тадқиқоти лабораторияи илмӣ-тадқиқотӣ қарор гирифта буд, оғоз намуд. Гармигузаронии эфирҳои содда вобаста ба ҳарорат дар фишорҳои баланд тадқиқ карда шуданд.

Доир ба натиҷаҳои бадастоварда оид ба гармигузаронии эфирҳои содда вобаста ба ҳарорат ва фишор якчанд мақолаҳо бо ҳаммуаллифии М.Сафаров дар маҷал-лаҳои илмӣ аз чоп баромаданд.

Рӯз аз рӯз маҳорати тадқиқотчигии Сафаров М. М. такмил меёфт ва ба кори лабораторияи илмӣ-тадқиқотии мо аспирантону унвонҷӯйҳои нав ба мисли Зубай-дов С., Неъматов А, Нуриддинов З, Сияҳаков С.М., Абдуҳамидова З. ва ғайраҳо ҳамроҳ мегардиданд.

Натиҷаҳои тадқиқотҳои аспирантону унвонҷӯйҳо доир ба тадқиқи хосиятҳои гармифизикии моддаҳо вобаста ба ҳарорат дар фишорҳои баланд дар ҳолатҳои моеъгию буғӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ - «Маърӯзаҳои Академияи улуми Тоҷикистон», «Журнал физической химии», «Теп-лофизика высоких температур», «Инженерно-физический журнал», «Приборо-строения», «Нефть и газ», инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳои ҷумҳуравию байналхалқӣ аз чоп баромадан гирифтанд ва лабораторияи илмӣ-тадқиқотии мо шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд.

Аз гӯшаю канорҳои мамлакатҳои дунё (ШМА, Чехославакия, Франсия, Англия ва ғайраҳо) ба суроғаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко доир ба натиҷаҳои бадастовардаи лабораторияи тадқиқотии мо мактубу дархостҳо омадан гирифтанд.

Баъди чунин шӯҳратёбӣ бо қарори Шӯрои илмии Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко лабораторияи илмӣ-тадқиқотии мо ба лабораторияи проблемавии «Физикаи молекулавӣ ва физикаи гармӣ» табдил дода шуд.

Дар шӯҳратёбии лабораторияи проблемавии «Физикаи молекулавӣ ва физикаи гармӣ» саҳми М.М. Сафаров беандоза калон мебошад.

Соли 1978 ректори донишкада, узви вобастаи АУ ҶТ, доктори илми география, профессор Ҷӯраев Қ.Ш. (руҳашон шод бод) манро ба дафтари кории худ хонда, мактуберо ба ман дода, «шинос шавед» гуфтанд. Ман бо мактуб шинос гардидам ва он аз Пажӯҳишгоҳи давлатии химияи амалии шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петер-бург) ирсол гардида буд. Дар ин мактуб дарҷ шуда буд: «Мо аз маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ мақолаҳои профессори донишкадаи Шумо Ҳ.Маҷидов ва шогирдони ӯро хонда ба хулосае омадем, ки дар донишкадаи Шумо тадқиқи хосиятҳои гармифизикии моддаҳо дар сатҳи баланди илмӣ гузаронида мешавад. Мо мехоҳем, ки бо лабораторияи тадқиқотии профессор Ҳ.Маҷидов (он вақт ман профессор набудам) шартномаи хоҷагиро ба имзо расонем, то ки дар лабораторияи ӯ хосиятҳои гар-мифизикии катализаторҳои донагии истеҳсолкардаи мо баҳри кори киштиҳои кайҳонӣ тадқиқ карда шавад. Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки барои бастани шартнома Ҳ.Маҷидовро ба Пажӯҳишгоҳи давлатии химияи амалии ш.Ленинград ба сафари хизматӣ фирис-тонед».

Баъди мактубро хонданам мӯҳтарам Ҷӯраев Қ.Ш., савол доданд: «Ту аз ӯҳдаи иҷроиши супориши онҳо баромада метавонӣ-мӣ?». Ман ҷавоб додам: ҳа метавонам.

Баъди ин сӯҳбат профессор Ҷураев Қ.Ш. манро ба сафари хизматӣ ба Пажуҳишгоҳи давлатии химияи амалии шаҳри Ленинград фиристоданд ва баъди баргаштанам маро «Профессори ҷавон» ном мебурдагӣ шуданд. Ман ба устод Ҷӯраев Қ.Ш. гуфтам: Устод ҳоло ман дотсентам ва манро ин тавр ном набаред. Дар ҷавоб гуфтанд: ман боварӣ дорам ба наздикӣ ту профессор мешавӣ.

Манро дар ин пажуҳишгоҳ мудири шӯъбаи он, доктори илмҳои техникӣ, профессор Картавченко Александр Василевич (ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд, руҳашон шод бод) қабул намуданд.

Дар сӯҳбат бо А.В.Картавченко маълум гардид, ки дар лабораторияҳои корхонаи онҳо катализаторҳои донагии ковоки дар таркибашон металлҳои гуногундоштаро (металлҳо фаъолияти катализаторҳоро баланд мебардоранд) бо андозаю шаклҳои гуногун истеҳсол менамоянд. Ҳангоми ҳисобкунии майдони ҳароратӣ дар сатҳи берунию дохилии системаҳои кайҳонӣ қиматҳои таҷрибавии хосиятҳои гармифизикӣ (гармигузаронӣ, гармиғунҷоиш ва ҳароратгузаронӣ) катализатори истифодашавандаро дар шароити вакуум, муҳитҳои газии гуногун дар фишору ҳароратҳои баланд донистан зарур будааст. Инчунин ба онҳо қиматҳои таҷрибавии хосиятҳои гармифизикии катализаторҳо дар шароити кайҳон лозим аст.

Ман ба А.В.Картавченко ва дигар кормандони шӯъбаи ӯ гуфтам, ки дар лабораторияи тадқиқотии мо ҳоло чунин дастгоҳҳои таҷрибавии ба ченкунии хосиятҳои гармифизикавии катализаторҳо мувофиқ мавҷуд нестанд ва барои иҷрои кори Шумо мо бояд дастгоҳҳои мавҷударо мутобиқ карданамон зарур аст ва баъзеи дигарашонро сохтан лозим меояд.

Баъди гуфтугузори тӯлонӣ мо ба хулосае омадем, ки баҳри иҷрои фармоиши онҳо шартномаи хоҷагиро ба имзо расонем.

Вобаста ба талаботҳои шартномаи басташуда дар лабораторияи проблемавии таъсисдодаамон, дастгоҳҳои нави таҷрибавӣ барои ченкунии гармигузаронӣ ва ҳароратгузаронии моддаҳои донагию хокагӣ дар шароити вакуум ва муҳитҳои газии гуногун дар ҳароратҳои (то 1100 $^{o}$С) ва фишорҳои баланд то 100 атм сохта, ба истифода дода шуданд.

Барои коркард ва сохтани ин дастгоҳҳои таҷрибавӣ устодони кордону бомаҳорати факултети физика Двойкин Е.П. ва Богданов А.И. ба кори лаборатория ҷалб карда шуданд.

Дар гузаронидани ченкунии гармигузаронӣ ва ҳароратгузаронии катализа-торҳои донагӣ саҳми М. Сафаров ва С. Зубайдов хеле калон мебошад. Баъди ба даст овардани натиҷаҳои таҷрибавӣ доир ба гармигузаронӣ ва ҳароратгузаронии катализаторҳо дар шароити вакуум ва муҳитҳои газии гуногун маълум гардид, ки аз онҳо хулосаҳои илмии назаррас баровардан мумкин аст.

Инро ба эътибор гирифта мавзӯи рисолаҳои номзадии аспирантон Сафаров М.М., Зубайдов С. ва рисолаи доктории худамро доир ба тадқиқи хосиятҳои гармифизикии катализаторҳои донагӣ муайян намудам ва дар Шӯрои илмии донишкада тасдиқ кунонидем.

Тадқиқоти хосиятҳои гармифизикии катализаторҳо давом меёфт, Пажуҳишгоҳи давлатии химияи амалии ш. Ленинград барои тадқиқ катализаторҳои нав истеҳ-солкардаи худро пешниҳод мекард.

Аспирантон М.Сафаров ва С.Зубайдов доир ба хосиятҳои гармифизикии катализаторҳои донагӣ рисолаҳои номзадии худро навишта, барои дифоъ пешниҳод намуданд.

Соли 1986 М.Сафаров дар мавзӯи «Хосиятҳои гармифизикии оксиди алюминии донагӣ вобаста ба консентратсияи массавии иридий ва рутений» дар Шӯрои диссертатсионии Донишкадаи механикаи дақиқ ва оптикаи Ленинград барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ бо муваффақият дифоъ намуд. Муқарризони илмии расмии рисолаи номзадии М.Сафаров доктори илмҳои техникӣ, профессор Мустафоев Р.А. (аз шаҳри Боку) ва номзади илмҳои техникӣ, дотсент Волков Д.П. буданд ва ба натиҷаҳои илмии рисолаи Сафаров М. баҳои баланд доданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки саҳми олимони барҷастаи ш. Ленинград, Арбоби илм ва техникаи Россия профессор Дулнев Г.Н. ва профессор Картавченко А.В. барои ба муваффақиятҳои калон ноил гардидани лабораторияи таҷрибавии мо ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ барои Тоҷикистон хеле калон мебошад.

Профессор Дулнев Г.Н. раиси Шӯрои диссертатсионии Донишкадаи механикаи дақиқ ва оптикаи Ленинград ва муқаррizи расмии рисолаи номзадии Зубайдов Сайдаҳмад буданд. Мо шогирдон бо чунин устод фахр мекунем.

Профессор Дулнев Г.Н. ҳоло ба сини 90 расида давлати пирӣ меронанд ва аз фанҳои «Синергетика» ва «Физикаи гармӣ» машғулиятҳо гузаронида истодаанд.

Профессор Картавченко А.В. ҳамчун намояндаи Пажӯҳишгоҳи химияи амалии шаҳри Ленинград 16 сол лабораторияи проблемавии моро маблағгузорӣ намуданд ва дар рисолаи доктории ман ҳамчун намояндаи ташкилоти муқарриздиҳанда тақризи арзандае навишта буданд (руҳашон шод бод).

С. Зубайдов рисолаи номзадии худро дар Шӯрои диссертатсионии донишкадаи нафт ва гази Ҷумҳурии Озорбойҷон дар мавзӯи «Хосиятҳои гармифизикии оксиди алюминии донагӣ вобаста ба консентратсияи массавии кобалт ва никел» дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ сазовор гардид.

Бо заҳмати зиёди кормандони лабораторияи проблемавӣ доир ба хосиятҳои гармифизикии катализаторҳои донагӣ, ки асоси онҳоро оксиди алюминии донагӣ ташкил медод дар шароити вакуум, муҳитҳои газии гуногун, дар муҳити буғи сери об, таҳти шиддати механикӣ натиҷаҳои назарраси таҷрибавӣ дар ҳудуди калони тағирёбии ҳарорат ба даст оварда шуданд. Доир ба натиҷаҳои бадастовардашуда дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷумҳуриявию Иттиҳоди Шӯравӣ мақолаҳои ҷамъбастии зиёде аз чоп бароманд ва дар конференсияю симпозиумҳои байналхалқию умуми-иттифоқӣ маърӯзаҳо карда шуданд.

Натиҷаҳои бадастовардашударо ман дар рисолаи доктoриам ҷамъбаст намуда, соли 1990 дар Шӯрои бонуфузи диссертатсионии Пажуҳишгоҳи энергетикаи ядрои Академияи улуми Белорус дар мавзӯи «Хосиятҳои гармифизикии системаҳои донагии барои тақсимкунии моеъии яктариба истифодашаванда» дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ сазовор гардидам.

Аз ин муваффақиятҳои кормандони лабораторияи проблемавӣ М.М.Сафаров илҳом гирифта, тадқиқотро доир ба ченкунии хосиятҳои гармифизикии моеъҳои (сӯзишвориҳои) барои системаҳои кайҳонӣ истифодашаванда давом дод. Ҳамин тавр, кормандони лабораторияи проблемавӣ барои иҷрои рисолаи доктории дуюм замина фароҳам оварданд. Бо мақсади ҳимояи рисолаи докторӣ соли 1992 М.М.Сафаров ба вазифаи ходими калони илмии кафедраи «Физикаи умумӣ» гузаронида шуд. Дар ду соли адои ин вазифа Маҳмадалӣ доир ба рисолаи доктoриаш натиҷаҳои хеле назаррас ба даст овард. Бо маслиҳатҳои ман (мушовири рисолаи докторӣ) натиҷаҳои бадастовардаашро доир ба хосиятҳои гармифизикии сӯзишво-риҳои техникаи ракетӣ ва эфирҳои содда дар ҳудудҳои васеи ҳарорату фишор ҷамъбаст намуда, соли 1994 дар Шӯрои диссертатсионии Пажуҳишгоҳи

энергетикаи ядрои Академияи улуми Белорус рисолаи докториашро дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои техникӣ мушараф гардид.

***Бе азми дурусту саъйи комил,***

***Касро нашавад мурод ҳосил.***

Ҳамин тавр, дар лабораторияи проблемавии таъсисдодаамон рисолаи доктории дуюм тайёр карда шуда, бо муваффақият дифоъ гардид.

Дар лабораторияи проблемавӣ аспиранту унвонҷӯйҳо, ба монанди Нуриддинов З., Неъматов А., Зубайдов С., Халилов М.Т., Сияҳаков С.М. ва дигарон тадқиқи хосиятҳои гармифизикии эфирҳои мураккаби кислотаи фталат, маҳлуҳои полимерҳо, эфирҳои содда ва майдони ҳароратии донаҳои катализаторҳоро ҳангоми сӯзиши сӯзишвории ракетӣ тадқиқ намуда, рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ва физикаю математика ноил гардиданд.

Баъдтар дар ин лабораторияи проблемавӣ унвонҷӯйҳо ва аспирантон Саидов Н. аз кафедраи физикаи Донишгохи аграрии Тоҷикистон, Сияҳаков С.М., Муҳаббатов Х. (мудирони кафедраҳои физикаи умумӣ ва эксперименталӣ Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) рисолаҳои номзадии худро дифоъ намуданд ва номзади илм гардиданд.

Ҳоло унвонҷӯйҳо Исмонов Ф. ва Шукрихудоев Х. дар ин лаборатория рисолаҳои худро тадқиқ намуда, барои дифоъ омода намуда истодаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар сохтану таъсиси дастгоҳҳои таҷрибавӣ барои тадқиқи хосиятҳои гармифизикии моддаҳо саҳми устодони шодравон Двойкин Е.П. (муаллими калони кафедраи методикаи таълимии физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) ва Богданов А.И. (дотсенти кафедраи физикаи назариявии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) хеле калон аст.

Двойкин Е.П. дар таҳлили натиҷаҳои таҷрибавии хосиятҳои гармофизикии каталлизаторҳои донагӣ саҳми арзанда доранд. Бо ҳаммуаллифии ин ду нафар устодони шодравон (Двойкин Е.П. ва Богданов А.И.) якчанд мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ чоп намудем.

Дар тарбияи М.Сафаров, ҳамчун доктори илм сабзида расидани ӯ профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Озорбойҷон Гусейнов К.Д. (роҳбари илмии рисолаи номзадиам), Двойкин Е.П. ва Богданов А.И. низ саҳмгузоранд.

Ҳангоми гузаронидани тадқиқотҳо дар лабораторияи проблемавии мо зарурияти ченкунии зичии эфирҳои содда ба миён омад. Бо ин мақсад Сафаров М.М. ба муддати 3 моҳ ба лабораторияи тадқиқотии профессор Гусейнов К.Д. ба шаҳри Боку ба коромӯзии илмӣ фиристонида шуд.

Дар ин муддат бо кӯмаку дастгирии профессор Гусейнов К.Д. Сафаров М.М дар дастгоҳи таҷрибавии лабораторияи он кас зичии эфирҳои соддаро вобаста ба фишору ҳарорат чен намуд ва натиҷаҳои назаррас ба даст овард ва он натиҷаҳо ба рисолаҳои доктории Сафаров М.М. дохил гардиданд.

Ҳамин тавр, саҳми профессор Гусейнов К.Д. дар инкишофи мактаби илмии таъсис додаи мо ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогии ҷумҳурии мо хеле калон мебошад.

Баъди дифои рисолаи докторӣ М.Сафаров ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба кор гузашт ва то соли 1998 дар вазифаи мудири кафедраи «Физикаи таҷрибавӣ»-и ин донишгоҳ адои вазифа намуд.

Аз соли 1998 то имрӯз М.Сафаров дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ аввал дар вазифаи мудири кафедраи «Стансияҳои электрикӣ ва техникаи гармӣ», баъд дар вазифаи мудири кафедраи «Техникаи гармӣ ва таҷҳизотҳои гармидиҳӣ» кору фаъолият карда истодааст.

Сафаров М.М. дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон пайваста ба корҳои таълимию тарбиявӣ корҳои илмӣ-тадқиқотиро низ ривоҷ медиҳад.

Устодони ҷавонро дар ин донишгоҳҳо ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб намуда, як қатор проблемаҳои илмиро ҳаллу фасл намуд. Таҳти роҳбарии олими пухтакор М.Сафаров 52 нафар аспирантону унвонҷӯйҳо рисолаҳои номзадӣ ва 4 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаҳои илмии номзади илмҳои техникӣ ва доктори илмҳои техникӣ ноил гардиданд.

Ҳамин тариқ, дар ҷодаи тадқиқи хосиятҳои гармофизикии моддаҳо М. Сафаров ба устодӣ расиданд.

***Ба шогирдӣ ҳар он кас шод гардад,***
***Бувад рӯзе, ки худ устод гардад.***

Дар натиҷаи меҳнати бобаракат М.Сафаров бо унвонҳои илмию фахрӣ қадр карда шуд.

Ба ӯ дараҷаи илмии профессори кафедраи «Техникаи гармӣ ва таҷҳизотҳои гармидиҳӣ»-и Донишгоҳи техники Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дода шуд. Соли 2003 маркази ҳолноманависии шаҳри Ню-Йорк профессор М.Сафаровро ҳамчун «Одами сол» интихоб намуда, бо медали тиллоӣ сарфароз гардонид.

Ӯ академики Академияи муҳандисии Ҷумҳури Тоҷикистон, академияи Ню-Йорк, дорандаи Ҷоизаи тиллои ISESCO-2008 дар соҳаи физика, медали тиллои ба номи В.И.Блинников ва нишони фахрии ММПИ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.




Хизматҳои ӯ дар соҳаи маорифи ҶТ хеле калон буда, соли 2006 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали « Хизмати шоиста» қадр карда шуд.



Маҳмадалӣ Сафаров ташкилотчии хуби соҳаи илм, роҳбари пухтакору ташаббускор ба шумор меравад.

Ӯ мактаби илмии худро таъсис дод ва бо ташаббуси ӯ дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ Шӯрои диссертатсионӣ доир ба дифои рисолаҳои номзадӣ барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ ва физикаю математика таъсис ёфт (аз соли 2003 то соли 2007 вазифаи котиби илмии онро ба ӯҳда дошт) ва дар он 13 нафар аспирантону унвонҷӯйҳо рисолаҳои илмии худро дифоъ намуда, ба дараҷаи илмии номзади илм соҳиб гардиданд.

Дар мактаби илмии таъсисдодаи профессор Сафаров М.М. номзадҳою докторҳои илм сабзида расиданд.

Ӯ муаллифи зиёда аз 685 корҳои илмӣ ва илмию методӣ, аз ҷумла монография, мақолаҳои илмӣ, васоитҳои таълимӣ, ихтирооту таклифҳои оқилона мебошад.

Профессор Сафаров М.М. бо шогирдони худ дар конференсияҳои байналхалқию ҷумҳуриявӣ бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуда, ба оламиён натиҷаҳои тадқиқотҳои худро шинос менамояд.

Профессор М.Сафаровро дар мамлакатҳои дунё ҳамчун олими соҳаи физикаи гармӣ хеле хуб мешиносанд ва олимони машҳури ин соҳа ба корҳои илмии ӯ баҳои сазовор додаанд.

Ҳамин тавр, профессор М.Сафаров ҳамчун олими соҳаи физикаи гармӣ сабзида расид ва дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ дар ҷумҳурӣ саҳми арзанда дорад.

Ҳоло М.Сафаров ба ҳайси ҳамкор дар вазифаи профессори кафедраи физикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ кору фаъолият намуда истодаанд. Мо ҳамкорон ва шогирдон бовариии комил дорам, ки таҳти роҳбарии профессор Сафаров М.М. дар пешрафти илми энергетикаи Тоҷикистон ва тайёр намудани мутахассисони ин соҳа саҳми босазо гузошта мешавад.

***Он, ки гоҳе мезадам дар обу оташ хешро,***
***Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.***

Профессор М.М.Сафаров ба синни мубораки 69 расида, ба камолоти воқеии пажӯҳишгарию тадқиқот қадам гузоштанӣ аст. Ман ҳамчун устод (роҳбари илмии рисолаи номзадӣ ва мушовири илмии рисолаи доктoриаш) хоҳони онам, ки Маҳмадалӣ Сафаров боз сад соли дигар ҳамин хел шахси миёнасоли ботадбир бимонад ва комёбиҳою натиҷаҳои боз ҳам зиёдтар ҳаёти хуррамонаю бурдборонаашро зеби дилҳо бахшанд. Илова бар он профессори мӯҳтарам доимо дар иҳотаи дӯстону шогирдон, наберагону хешовандон бо табъи болида баҳри шукуфоии илму маърифати ватани маҳбубамон фаъолият баранд. Мавриди зикр аст, ки сухани Соиби бузургвор гӯё пурра ба Маҳмадали Сафаров бахшида шуда бошад:


## КАК УЧЕНЫЙ В ОБЛАСТИ ТЕПЛОВОЙ ФИЗИКИ

*Жизнь и деятельность выдающихся и известных деятелей, известных ученых, творческих и новаторских педагогов в области науки и образования, признание и признание их творческой деятельности имеют большое воспитательное значение для молодежи, особенно будущих учителей.*

*Данная статья посвящена многолетней деятельности одного из самых известных ученых Республики Таджикистан и за рубежом, авторитетного и точного ученого в области теплофизики, доктора технических наук, профессора Сафарова Махмадали Махмадиевича.*

## *SCIENTIST IN THE FIELD OF THERMAL PHYSICS*

*The life and work of outstanding and famous figures, famous scientists, creative and innovative teachers in the field of science and education, recognition and recognition of their creative activity are of great educational importance for young people, especially future teachers.*

*This article is devoted to the long-term activity of one of the most famous scientists of the Republic of Tajikistan and abroad, an authoritative and accurate scientist in the field of thermophysics, Doctor of Technical Sciences, Professor Mahmadali Mahmadievich Safarov.*



***Сведения об авторах:***

***Хамид Меджидов** – ученый и техник Таджикистана, академик Международной академии наук, профессор кафедры экспериментальной физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

*Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 501103944.*

***Мирзомамадов Алимамад Гулмамадович** – к.т.н., доцент кафедры общей физики Таджикского государственного педагогического университета имена Садриддина Айни*

***Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 501103944. E-mail: ptuh1985@mail.ru*

***About the authors:***

***Hamid Majidov** - Scientist and technician of Tajikistan, academician of the International Academy of Sciences, professor of the Department of Experimental Physics of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Address: 121 Rudaki Avenue, Dushanbe city, 734003, Republic of Tajikistan, Somoni district. Tel.: (+992) 501103944.*

***Mirzomamadov Alimamad Gulmamadovich** - Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of General Physics of the Tajik State Pedagogical University*

*named after S. Aini. Address: 121 Rudaki Avenue, Dushanbe city, 734003, Republic of Tajikistan, Somoni district. Tel.:(+992)501103944. E-mail: ptuh1985@mail.ru*

## УСТОДИ МАКТАБДОР

***Қурбонов А.Р.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгориив Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



САТТОРОВ ТОҲИРҶОН доктори илми биология, профессори кафедраи зоологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, соли 1947 дар ноҳияи Конибодоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Соли 1969 шӯъбаи биология ва химияи факултети табиатшиносию ҷуғрофияи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко-ро хатм кардааст. Баъди хатми донишкада аз моҳи августи 1969 то июни 1970 дар мактаби миёнаи № 2 шаҳри Норак дар вазифаи омӯзгори биология ва химия кору фаъолият намудааст. Аз соли 1970 то 1971 дар сафи собиқ Артиши Шуравӣ адои хизмат намудааст. Пас аз адои хизмати Ватан-Модар аз соли 1972 то 1976 ба ҳайси ассистенти кафедраи зоологияи ДДОТ фаъолият намуда, ба донишҷӯён дарс гуфтааст. Соли 1977 ба аспирантураи назди Пажӯҳишгоҳи зоологияи АИ Ҷумҳурии Украина дохил шуда, онро соли 1980 хатм намуда, соли 1981 дар шаҳри Киев рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Хазандаҳои Тоҷикистони Шимолӣ» дар Шӯрои олимони Институти зоологияи академияи илмҳои Ҷумҳурии Украина сарбаландона ҳимоя намудааст. Дар солҳои 1982–1985 муаллими калон, н.и.б. ва аз соли 1985 дотсенти кафедраи биологияи умумии факултети география, аз соли 1985 то 1998 мудири кафедраи биологияи умумии факултети география ва минбаъд аз соли 1998 дар факултети биология дар вазифаҳои дотсент, мудири кафедра, декани факултети биология кору фаъолият намудааст. Ҳамзамон устод дар баробари корҳои таълимӣ ба тадқиқот ва омӯзиши герпетофаунаи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ машғул шуда, маводҳои илмӣ ҷамъоварӣ намуд. Новобаста аз иҷрои вазфиаҳои мухталиф дар донишгоҳ устод Сатторов Т. дар соли 1994 таҳқиқи хусусиятҳои фаунаи хазандаҳоро дар ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуда, рисолаи докториро дар мавзӯи «Хазандаҳои ҷанубӣ-шарқии Осиёи Марказӣ» дар Шӯрои илмии Пажуҳишгоҳи зоологияи АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дифоъ намуд. Пас аз ҳимояи рисолаи докторӣ соли 1995 унвони профессорро гирифт. Дар асоси аз нав аттестатсия намудан ба Сатторов Т. аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии Россия аз 1.04.2005 дипломи доктори илмҳои биология тахти № 45 дода шудааст.

Аз соли 1998 то 2009 дар вазифаи декани факултети биология, солҳои 2009-2010 муовини ректор оид ба корҳои таълимии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2010-2013 муовини ректор оид ба такмили ихтиссос ва бозомузии кадрҳои ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва аз соли 2013 то соли 2017 дар вазифаи мудири кафедраи зоология кору фаъолият намудааст. Айни замон бошад дар вазифаи профессори кафедраи зоологияи факултети биологияи донишгоҳи мазкур ба таълиму тарбияи кадрҳои илмӣ ва омода намудани кадрҳо дар соҳаи биология (зоология) машғул аст.

Сатторов Тоҳирҷон баъди хатми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 48 соли ҳаёти худро ба фаъолияти омӯзгорӣ пайвастааст, ки аз он расо 45 солашро бевосита дар Донишгоҳ сарфи таълиму тарбияи мутахассисони баландихтисоси соҳаи илм ва маориф бахшидааст. Дар тӯли фаъолияти мунтазаму самараноки педагогиаш аз зинаи ассистенти кафедра то ба дараҷаҳои илмии номзади илми биология, доктори илми биология ва унвонҳои илмии дотсенту профессори кафедра расидааст. Ӯ ҳамчун роҳбари илмӣ ва аъзои Шӯрои ҳимояи рисолаҳои номзадию докторӣ ва аъзои Шӯрои илмии Институти зоология ва паразитологияи Академияи илмҳои ҷумҳурии Тоҷикистон дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ-омӯзгории соҳаи биология хизмати шоиста кардааст.

Сатторов Т. илми биологияи тоҷикро борҳо дар хориҷи кишвар (Чехословакия, Англия, Италия, Киев, Минск, Ашхобод, Тошканд, Эрон) ва ғайра муаррифӣ кардааст.

Профессор Сатторов Т. фаъолияти омӯзгории хешро бо корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-методӣ пайваста пеш мебарад. Зиёда аз 250 мақолаҳои илмӣ ва илмию методӣ, панҷ дастури таълимӣ, як монография, се китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ ва китоби дарсии фанни зоология барои синфи 8-уми мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, ки кулли хонандагон аз он истифода мебаранд, ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Ҳоло асари «Хазандаҳои Тоҷикистон»-ро дар ҳаҷми 35 ҷузъи чопӣ омада намуд ва китоби дарсии «Зоологияи сутунмӯҳрадорон»-ро барои донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ чоп намудааст. Таҳти роҳбарии устод Сатторов Т. шаш нафар муҳаққиқони ҷавон рисолаи номзадии худро дифоъ намудаанд. Ду нафари дигар таҳти роҳбарии устод тадқиқотҳои илмӣ бурда истодаанд.

Устод Сатторов то имрӯз мақолаҳо ва китобҳои бисёреро ба чоп расонидаанд, аммо мо танҳо маводҳои дар муддати 5 соли охир ба чоп расонидаи Устодро барои хонандагон пешниҳод менамоем:

«Роҳнамои фанни зоология синфи 8-ум». Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.- Душанбе: «Маориф» 2018.-136 с.-ISBN 978-99947-1-575-6.

Красная книга Таджикистана раздел пресмыкающихся издательство «Ганҷ нашриёт» Душанбе 2017 г. 250-310 с.

«Гуногунии биологии Тоҷикистон» Ахбороти АИБМО №1 ш. Душанбе- 2017 с. 45-52.

«Асосҳои таълимоти эволютсионӣ». Нашриёти «Замон. Душанбе -2019. 242 саҳ.

«Зоология». Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. (Нашри сеюм бо тағйиру иловаҳо). Душанбе: Маориф, 2019.-224 саҳ.

«Таҳлили зоогеграфии герпетофаунаи водии Ҳисор». Маводҳои конференсия VII – уми Байналмиллалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 3-4 октябри 2019). Ст.122.

«Современное состояние и меры охраны псамофильных видов герпетофауны Таджикистана». Маводҳои конференсия VII – уми Байналмиллалии «Хусусиятҳои экологии гуногунии биологӣ» (Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 3-4 октябри 2019). Ст.240-241.

«Виды самостоятельной работы студентов по дисциплине физиология человека». Известия ТО МАНВШ № 2. Душанбе -2020. С.58-63.

«История исследования ящериц из рода ящурок (Eremias) юго-западного Таджикистана». Вестник педагогического университета. Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. № 1(10-11) Душанбе – 2021. Ст.441- 443.

«Дастури методӣ оид ба ҳайвоноти хордадор». Нашриёти «Табъу нашр» Душанбе-2021. 105 саҳ.

«Машғулиятҳои амалӣ-лабораторӣ аз зоологияи сутунмӯҳрадорон». Китоби дарси барои донишҷӯёни факултетҳои табиатшиносӣ. Нашриёти «Табъу нашр» Душанбе-2021. 284 саҳ.

«Зоологияи муҳрадорон». Китоби дарси барои донишҷӯёни факултетҳои табиатшиносӣ. Нашриёти «Торус» Душанбе-2021. 428 саҳ.

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии барои мактабҳои таълимашон бо забони русӣ. (Нашри сеюм бо тағйиру иловаҳо). Душанбе: Маориф, 2021.-238 саҳ.

Профессор Сатторов Т. мактаби герпетологии худро ташкил намуда, ба таҳқиқи герпетофаунаи ҷумҳурӣ ҷавонони зиёдро дар атрофи худ ҷалб намудааст. Дар баробари омӯзиши хазандагон ба таҳқиқи усулҳои (методҳои) таълими биология машғул аст. Ӯ [амасола ба рисолаи хатм ва магистрии донишхуён ва корҳои илмӣ тадқиқотии омӯзгорони ҷавон роҳбарӣ мекунад. Таҳти ро[барии ӯ шаш нафар устодон (Абдуллозода Ҳ, Кобулов Б, Хидиров Х. ва Домуллоева З, Эргашев У, Мирзобаҳодурова Ш.) рисолаи номзадии худро дифоъ намудаанд ва 4- нафари дигар (Шо[зода А., Нахмудиннов Т,. Абдиев У., ва Давлатзода А.) рисолаи номзадии худро та[ия ва омода намуда, ба дифоъ тайёр карда истодаанд.

Ин аст, ки фаъолияти босамари омӯзгорӣ ва илмии Т.Сатторовро ба инобат гирифта, 14-уми майи соли 2002 Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ ӯро дар асоси озмун ба аъзогии узви пайвастаи Академияи илмҳои байналмиллалии мактабҳои олӣ дар Шаҳри Москва интихоб намудааст.

Мақсади асосии тадқиқоти илмии профессор Сатторов Т. аз омӯзиши системавии хусусиятҳои биологию-экологӣ, генезис, таснифот, таснифоти кариологӣ, зоогеография, истифодаи оқилона ва ҳифзи фаунаи хазандагони Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар конфронсҳо ва симпозиумҳо дар Венгрия Чехословакия, Англия, Эрон, Ашқобод, Киев, Санкт- Петербург, Москва, Тошканд ва ғайра борҳо иштирок намуда, илми биологияи (зоология) тоҷикро муаррифӣ намудааст.

Профессор Тоҳирҷон Сатторовро ҳайати устодону шогирдони донишгоҳ ҳамчун шахси бофарҳанг, муҳаққиқи меҳнатдӯст ва хоксору ғамхор мешиносанду ҳурмат мекунанд. Барои хизматҳои шоён дар рушду нумӯи илму маорифи тоҷик бо ифтихорномаҳои Кумитаи Марказии ЛКСМ Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2001 бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардонида шудааст.

## ЗИНДАВУ ҶОВИД МОНД, ҲАР КӢ НАКӮНОМ ЗИСТ…

***Иноятова Ш. И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*



Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун боргоҳи адабу хирад барои ташаккул ва камолоти маънавии ҷомеа саҳми боризу назаррас дорад. Олимону устодони ин донишгоҳ бо дастовардҳои илмию таълимии хеш дар арсаи ҷаҳон номи донишгоҳҳро машҳур сохтаанд. Ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, лаёқатманду сазовор ва дархури эҳтиёҷоти ҷомеа ҷаҳду кӯшиш менамоянд.

Дар қатори шахсиятҳои номвар, ки бо истеъдоди фитрӣ ва хизматҳои шоиста дар ҷомеа соҳибмақом гаштаанд, кору фаъолият намудан барои ман боиси ифтихору сарфарозист. Ман ҳамчун лаборанти кафедраи химияи Донишгоҳи омӯзгорӣ фаъолияти худро аз моҳи феврали соли 1993 оғоз намудам. Аз ҳамон рӯзҳои аввали корӣ дастгирию роҳнамоии устодони кафедра ба мисли муҳтарам Солиев Л., Маҷлисова Г., Ҳотамов А.,Назиров Г., ва чанде дигаронро эҳсос намуда, аз донишу мукаммалу малакаи кории эшон таҷриба андӯхтам. Муҳити солиму созандаи кафедраи химия, покизагиву ҳусни ният ва ахлоқу одамияти омӯзгорони он сабаби солиёни дароз дар ин кафедра кору фаъолият карданам гардид. Бо пешниҳоди устодон соли 2007 раиси Шурои занони факултаи химия таъин шуда, аз соли 2017 то инҷониб ҳамчун ҷонишини декан оид ба корҳои тарбиявии факултаи химия адои вазифа менамоям. Таи ин солҳо аз ҳидояту маслиҳатҳои муфиди устодон дар анҷоми масъулияти ба дӯш доштаам истифода намудаам.

Ба хусус, аз ҷаҳони андешаҳои ноб ва маҳорату кордонии устоди зиндаёд, профессор Солиев Лутфулло, ки пайваста ғамхори шогирдону ҳамкорон буданд, баҳра бурдаам.

Барои ман ҳадяи тақдир буд, ки муддатҳо бо ин марди хирад, ки дар ҷаҳони илму маорифи тоҷик нақши муассир дорад ва ҳамчун кимиёшиноси маъруф, доктори илмҳои химия, профессор, арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики шӯъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ шинохта шудаанд, ҳамкорӣ намудаам.

Устод СОЛИЕВ ЛУТФУЛЛО солҳои 1966–1969 аспиранти Институти химияи умумӣ ва ғайриорганикии АИ ҶШС Украина (ш. Киев), 1970–1989 ходими хурди илмӣ, ходими калони илмӣ ва ходими пешбари институти мазкур, 1989–1997 дотсент ва профессори кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев, 1997–1998 декани факултети химия, 1998–2007 муовини ректори донишгоҳи номбурда оид ба корҳои илмӣ буд. Аз моҳи феврали соли 2007 то соли 2015 мудири кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ, аз 31-уми декабри соли 2015 то охири умр профессори кафедраи номбурда буд. Ӯ яке аз муаллифони ҷараёни нави илмӣ дар химия - муайян намудани мувозинатҳои фазагӣ дар системаҳои бисёртаркибаи обӣ-намакӣ, назария ва амалияи химияи ғайриорганикӣ тадқиқоти илмӣ бурдааст. Лутфулло Солиев

ҳамчун профессори номвари кишвар, муаллифи зиёда аз 540 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 3 монография, 5 китоби дарсӣ, 16 дастури таълимӣ, 13 ихтироот мебошад. Дар конференсияҳои илмӣ ва илмию методии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо маърӯзаҳо баромад кардааст. Ҳамаи ин дастовардҳои илмӣ ва саҳми профессор Лутфулло Солиевро дар тайёр намудани мутахассисони илмӣ-омӯзгорӣ ба эътибор гирифта, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2000 бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон», соли 2002 бо унвони фахрии «Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон"қадрдонӣ карда шуд.

Устод бо хизматҳои шоёни худ дар ҷоддаи илм мавқеи хосса доштанд, дастоварду кашфиётҳои ӯ аз ҷониби олимони ҷаҳонӣ эътироф гардида, бо медалу ифтихорномаҳо аз ҷумла, бо медали «1500-солагии шаҳри Киев» (1983) ва «Ихтироъкори СССР» (1988) сарфароз гардидааст. Ҳамчунин, профессор Солиев Лутфулло бо «Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф» ва аз ҷониби Академияи илмҳои табиатшиносии Федератсияи Россия бо ҷоизаи «Асосгузори мактаби илмӣ» қадр карда шудааст.

Бо вуҷуди олими намоёну шинохта буданашон профессор Солиев Лутфулло ниҳоятан инсони хоксору рӯшанзамир ва дарёдилу покниҳод буданд. Ба ҷамъи ҳамкорону шогирдон бо эҳтирому тавозӯъ муносибат намуда, дар ҳалли мушкилоти кору зиндагӣ бо маслиҳату насиҳатҳои падарона дастгиру роҳнамо буданд. Дар симои устод ҳар кадоми мо-шогирдон падари маънавии худро медидем. Воқеан, маҳз ғамхориҳою сахтгириҳои устод боис шуд, ки аксари устодони кафедраи химияи Донишгоҳи омӯзгорӣ рисолаҳои илмӣ ҳимоя намуда, номзади илм гардиданд. Устод дар тарбияи шогирдон хеле масъулиятшинос буда, ҳамеша барои равнақи донишу малакаи онон кӯшишу ҷаҳд доштанд. Ҳатто то лаҳзаи вопасини ҳаёташон аз андешаи тадрису тарбияи шогирдон барканор набуданд. Ҳар рӯзи кории мо –ҳамкорон бо ҳолпурсӣ аз устод Солиев Лутфулло оғоз гардида, бо талқину маслиҳатҳои пурҳикмати эшон ба анҷом мерасид. Барои ҳар кадоми мо – ҳамкорону шогирдон устод раҳнамою муттакко буданд.

Мегӯянд, ки соҳибдилон қаблан реҳлати худро аз олам дарк мекунанд. Чанд рӯз қабл аз маргашон устодро дар утоқи корияшон дидам, ки ба нуқтаи номаълуме андешамандона дида дӯхтаанд. Ҳатто ворид гардидани маро пайхас накарданд, вақте маро диданд, бо ҳамон одати ҳамешагияшон «Биёед Шарофатбону» - гӯён нимхез шуданд. Чаро ин қадар андешамандед муаллим? - пурсон шудам ман. Устод бо лабханд ҷавоб доданд, ки - «Дар бораи зиндагӣ, роҳи сипаришудаи ҳаётам меандешам. Одамӣ ҳамеша дар тӯли умр бояд дар бораи ҳаёту маргаш фикр кунад, омода шавад. Охир одаму дам гуфтаанд».

Гӯё устод бо ин гуфтаҳо мо ҳамкорону шогирдонро аз рафтани бемаҳали худ огоҳу омода мекардаанд…. Афсӯс, ки пеши марг ҳамагӣ бечораем..

Даргузашти устоди соҳибмактаб, шахсияти комил ва олими камназир, профессор Солиев Лутфулло на танҳо барои Донишгоҳи омӯзгорӣ, балки барои илму маорифи тоҷик талафоти бузурге ҳаст.

Ёди устоди арҷманд барои ҳамаи ҳамкорону шогирдон азизу гиромӣ ҳаст ва ман аминам, ки минбаъд низ бо фотеҳаи неки устод ва барои ризояти рӯҳи муборакашон кору пайкори эшонро шогирдонашон идома дода, дар ҷодаи илму маърифат боз ҳам дастболо мегарданд.

Равонатон шод бод муаллими азиз!

# ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАСЛЕДНИКОВ НАУЧНОЙ ШКОЛЫ ЛЮДМИЛЫ ВЛАДИМИРОВНЫ УСПЕНСКОЙ В НАШИ ДНИ

***Мирганова Н. Р.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни*



Факультет русского языка и литературы был основан в 1937 году. В 2021 году факультету исполняется 84 года. Первый выпуск факультета состоялся в 1941 году в количестве 14 человек. Из стен факультета вышло более десятка тысяч дипломированных специалистов. Выпускники факультета работают в основном в системе просвещения учителями, воспитателями средних специальных и высших учебных заведений не только в Республике Таджикистан, но и за рубежом. Факультет даёт гуманитарное образование и это позволяет выпускикам трудиться в области журналистики, в системе радио и телевидения, в разных государственных органах. Среди них есть выдающиеся деятели, крупные учёные, писатели, и ведущие корреспонденты ОРТ, СМИ. Первым заведующим кафедрой русского языка и общего языкознания был профессор Б.И. Алборов.

Большой вклад в развитие и становление факультета внесли Нина Викторовна Рекутина, работавшая в течение 15 лет деканом факультета, Тахохов Борис Александрович, Хашимов Рахим Ибрагимович, Успенская Людмила Владимировна и многие другие. Представленная статья посвящается человеку, которая оставила после себя незабываемую большую научную школу.

ЛЮДМИЛА ВЛАДИМИРОВНА УСПЕНСКАЯ – профессор, лингвист, воспитатель, известный учёный, которая приехала в Республику Таджикистан в 1935 году и завоевала авторитет в республике. Успенская Л.В. имела таджикско-русское воспитание. Именно не русско- таджикское, а таджикско- русское, так как она в свои молодые года, в 21 год приехала обучать таджикских детей межнациональному языку – Русскому. Именно в Таджикистане она занималась преподавательской, научной, практической деятельностью.

Людмила Владимировна Успенская родилась 11 сентября в 1909 году в Ленинграде (ныне Санкт Петербург) в семье служащих. Преподавательский талант, наверное, Людмила Владимировна унаследовала у матери, так как она была учительницей, а отец – бухгалтером. После окончания в 1928 году средней школы год проработала учительницей в сельской школе, а в 1929 году поступила в Ленинградский университет на филологический факультет (позже данный университет был переименован на лингвистический институт). Во время учёбы Успенская Л.В. неоднократно приезжала в Таджикистан на языковую практику, и когда она ехала на поезде познакомилась со своим будущим мужем Мухаммадкосимом Зулфикаровым. После окончания в 1932 году высшей школы Людмила Владимировна преподавала русский язык в учительских курсах в Шахринавском районе Республики Таджикистан. Переехала в Москву в декабре 1933 года и пробыла там по сентябрь 1934 года, преподавала таджикский язык на Высших курсах национальной стенографии Всесоюзный Центральный институт культуры СССР. Любовь к таджикскому народу, любовь к таджикскому языку, к парню таджику не покидала её, и с 1935 по 1993 гг. переехала в Душанбе. Дочь Зайнаб, в неспокойные годы республики, позвала мать к себе в Санкт Петербург. Последние годы своей жизни она жила на земле, где родилась. 23 октября 2000 года Людмила Владимировна Успенская покинула этот мир. Похоронена она на Серафимовском кладбище Санкт Петербурга.

Трудовая деятельность Людмилы Владимировны Успенской началось еще до поступления в вуз. С октября 1935 – сентябрь 1937 проработала переводчиком республиканской газете «Точикистони сурх». В 1937 году мужа Успенской Л.В. расстреливают как врага народа. Спустя 19 лет, в 1956 году, она получает извещение о его реабилитации.

В Сталинабадский педагогический институт имени Т.Г.Шевченко она приходит на работу в марте 1938 года на должность старшего преподавателя таджикского языка. С июля 1943 года

работала Учёным секретарём Таджикского филиала АН СССР, по совместительству работала в педагогическом институте.

В 1945 – 1949 Успенская Л.В. училась в аспирантуре Таджикского филиала АН ССР.С 6 апреля 1950 года защитила кандидатскую диссертацию на тему: «Каратагский говор таджикского языка» при Институте русского языка и Московского отделения языка и мышления имени Н.Я. Марра АН СССР. После успешной защиты кандидатской диссертации была назначена на должность старшего научного сотрудника Института языка и литературы АН Таджикской ССР. В июле 1956 года получила учёное звание доцента. В 1960 году по конкурсу перешла на штатную должность в Душанбинский государственный педагогический институт имени Т.Г.Шевченко (ныне Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни) на должность доцента кафедры современного русского языка и общего языкознания.

В 1961 году была назначена заведующей кафедры методики преподавания русского языка и литературы ДГПИ им. Т.Г. Шевченко. С сентября 1973 года заведовала кафедрой современного русского языка и общего языкознания. Только спустя 9 лет в 1982 году по собственной просьбе, была переведена на должность профессора вышеназванной кафедры. 58 лет проработала в Республике Таджикистан, из них 55 лет в ДГПИ им. Т.Г. Шевченко.

Таджикско-русская женщина, носитель не только русского, но и таджикского языков, профессор Людмила Владимировна Успенская является основателем возрождения и развития сопоставительной типологии русского и таджикского языков. Под её руководством были подготовлены десятки кандидатов наук. Среди них лингвисты, учёные Мошеев И.Б., Хашимов Р.И., Тахохов Б.А., Абдуллоева М.Н., Джураев Г., Махмудов М., Королёва А.И. и многие другие. В 1968 году ВАК СССР присвоил учёное звание профессора.

Факультет русского языка и литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни в 2010 провёл Международную научно-исследовательскую конференцию, посвящённую 100 - летию Людмила Владимировна Успенской.

Л. В. Успенская является автором учебников русского языка для 4-8 классов. Годами в средних общеобразовательных учебных заведениях обучали русскому языку в республике. Учебники неоднократно переиздавались с переработками, изменениями и дополнениями.

Научно-методические, научно-исследовательские труды Людмилы Владимировны Успенской:

Успенская Л.В. – Каратегинский говар таджикского языка. Сталинабад. Изд. АН Таджикской ССР, 1956.-С.126.

Успенская Л.В. Грамматика русского языка для таджикской восьмилетней школы – Ч.1.Фонетика и фонология для 5-7 классов. - Душанбе, Учпедгиз Тадж ССР, 1962.-С.274.

Успенская Л.В. Вопросы методики преподавания русского языка в школах и вузах с таджикским языком обучения. Сборник статьей под редакцией Успенская Л.В. - Душанбе, 1970.

Успенская Л.В. Учебник для 6 класса. Русский язык с таджикским языком обучения. – Душанбе: «Маориф», 1974. –С.159.

Успенская Л.В. Учебник для 4 класса. Русский язык с таджикским языком обучения. –Душанбе: «Ирфон», 1974. – С.164.

Успенская Л.В. Русский язык: Учебник для 4-5 классов с таджикским языком обучения. – Душанбе: «Маориф», 1976. –С.79.

Успенская Л.В. Методическое руководство к учебнику русского языка для 4 класса таджикской школы. – Душанбе: «Маориф», 1976. –С.79.

Успенская Л.В. Русский язык для 6-7 классов школ с таджикским языком обучения. Учебное пособие . – Душанбе: «Маориф», 1981. –С.253.

Успенская Л.В. Русский язык для 5 класса с таджикским языком обучения. – Душанбе: «Маориф», 1986. – С.199.

Успенская Л.В. Русский язык: Учебник для 8 класса школ с таджикским языком обучения. – Душанбе: «Маориф», 1990. –С.143.

Успенская Л.В. Русский язык: Учебник для 7 класса школ с таджикским языком обучения. – Душанбе: «Маориф», 1994. –С.144.

Особую главу в истории факультета занимает заслуженный деятель науки Таджикской ССР профессор Людмила Владимировна Успенская, автор учебников русского языка для таджикской школы, выдержавших 15 изданий, и одна из составителей и редакторов двуязычного русско-таджикского словаря. Она подготовила одиннадцать кандидатов наук, а несколько её учеников стали докторами наук, профессорами.

О Жизни, трудовой, научной- исследовательской, воспитательной деятельности таджикско-русской женщины – Людмилы Владимировны Успенской можно говорить «Не жизнь её прошла, а она прошла по жизни, оставляя добрые незабываемые следы: и, сеяла разумное, доброе, вечное». Словами поэта можно сказать о ней «мы разные, нас много разных, но есть для всех один итог. Стань по- особому прекрасным и будь по-своему высок. Себя, решая как задачу, найди в ответе кто же ты, и в том к чему ты предназначен, достигни главной высоты!». Эти слова вполне справедливы и к Л.В. Успенкой.

Неизгладимый след в истории факультета русского языка и литературы, оставили несколько прекрасных людей, талантливых преподавателей, ушедших от нас в расцвете своих сил (затронув историю факультета, грех не вспомнить тех, кого нет рядом с нами и о тех, кто трудится по сей день). Вспомним, Дмитрия Георгиевича Савельева, бывшего заместителя декана по учебной работе, который в течение семнадцати лет работал на факультете, старшего преподавателя кафедры русской и зарубежной литературы Анатолия Федоровича Фролова, создателя и руководителя уникального студенческого клуба «Наш современник». Вспомним наших дорогих, близких нашему сердцу Мукимову Нодиру Мураткуловну, Собирову Лютфи Негматовну, Ульихину Зинаиду Васильевну, Бекташеву. Студенты во главе со своим любимцем Анатолием Федоровичем писали и ставили талантливые постановки. Аналогов этому клубу у нас по республике не было. Задолго до перестройки этот клуб очень остроумно высмеивал глупость и пошлость нашего быта. Постановки клуба были искромётны, дерзки, высокохудожественны.

Много и плодотворно трудились на факультете ныне покойный профессор Владимир Васильевич Каракулаков, работавший проректором института, потом заведующим кафедрой русского языка и общего языкознания, доцент Владимир Алексеевич Попов, в течение многих лет руководивший кафедрой русской и зарубежной литературы, великолепный специалист по советской литературе, ведущий преподаватель этой же кафедры доцент Ольга Тимофеевна Сазонова, любимица студентов, поражавшая аудиторию своей эрудицией и утонченностью манер Александр Николаевича Шусер и Александра Григорьевна Лисицкая, профессор Семен Теодорович Вайман, на чьи лекции приходили студенты и из других факультетов.

Нельзя не вспомнить прекрасных педагогов Инессу Аркадьевну Глуховскую, Татьяну Алексеевну Анисимову, Надежду Ивановну Семашко, Евгения Семеновича Неживого, Фаину Моисеевну Альтшуллер, Ванду Витольдовну Яблонскую, Виктора Андреевича Туркова, Александра Григорьевича Мухина, Наргизу Валиевну Губайдуллину, Марию Эдуардовну Майер, Павла Никифоровича Лазеева. Много сил и энергии отдал для студентов Алексей Алексеевич Морозов, который работал деканом факультета в течение трех лет.

В течение многих лет на факультете работали известные учёные Неля Константиновна Щепетова - зав. лабораторией ТаджикНИИПН, Эля Николаевна Кушлина и Светлана Николаевна Шарипова, Анна Павловна Кострикина, старшие преподаватели Лариса Васильевна Норова, Татьяна Константиновна Сенюшкина, Геннадий Григорьевич Исаев.

Хотелось бы вспомнить, что в 1980- х годах на шести кафедрах факультета работали 120 преподавателей и сотрудников. Среди них педагоги старшего поколения доценты И. С. Фрейдкина, М.Л. Михлина, В.С. Абдуллаева, старшие преподаватели Д.Г. Резник, Л. А. Свирид, З.С. Слуцкая, Б.С. Любавина, Р. К. Шовкопляс, А. И. Суровикина, М. Н. Махмадаминова. Известные учёные, доктора наук, профессора, заведующие кафедрами доценты И. Б. Мошеев и Р. И. Хашимов, А. Л. Спектор, заведующие кафедрами доценты Ф. Н. Морозова, А. О. Талибов, Н. М. Мукимова, доценты З. В. Ульихина , Е.Н. Богданова, М. В. Кострикова, С.И. Рындина, Г. С. Журавлева, Т. Б. Пушкарь, Т. А. Фадеева, В. Г. Чигрина, О.Д. Харлампиди, Л. Х. Исаева, Н.Н. Бессонова, В.Г. Мельник, Л.И. Фролова, С. Д. Касымова, С. Б. Нарзикулова, старшие преподаватели В.И. Синкин, С.М. Фрадкина, Н. П. Южанина, О. К. Паринова и многие другие.

Но это прошлое факультета. И каким бы оно не было славным, дела коллектива оцениваются его современным состоянием.

В 1996 году на базе факультета русского языка и литературы был основан Российско - Таджикский (Славянский) Университет. И только спустя 4года при романо-германском факультете, в 2000 году, было открыто отделение русского языка и литературы, первый выпуск которого состоялся в 2005 году в количестве 58 человек. И в 2006 году второй раз возродился факультет русского языка и литературы, деканом факультета стал доктор филологических наук, профессор Нозимов Абдулхамид Абдулалимович.

В настоящее время деканом факультет является кандидат педагогических наук Ниятбекова Абреза Юсуфбековна. На факультете функционируют три кафедры: кафедра современного русского языка и общего языкознания – заведующим кафедрой является кандидат педагогический наук, доцент Мирганова Нигина Рауфовна, кафедра русской и мировой литературы – заведует кафедрой кандидат филологических, доцент Валиев Нурали Умарович и кафедра методики преподавания русского языка и литературы – заведует кафедрой кандидат педагогических наук Сафарова Мавджигул Рахимовна.

Коллектив факультета по многим параметрам является одним из лидеров среди других факультетов университета. На факультете работают кандидат филологических наук, доцент Газиева Мавлюда Исломовна, кандидат филологических наук, доцент Камолова С.Дж., кандидат филологических наук, доцент Бобоева Г.И., Лауреат Всемирного конкурса педагогов-русистов, филолог-лингвист Сайфутдинов Ренат Муссоевич, старшие преподаватели Мадиева Мухаббат Камоловна, Умурзакова Зулфия Ахмаджоновна, кандидат филологических наук Эшназарова Сарвиноз Маматовна, кандидат педагогических наук Кувватова Саломат, Исломова Джамиля Мадисломовна, Бакаева Мехринисо Тугаловна, Субхонкулова Сурайё Акбаралиева, Кахорова Мавзуна Бобоевна, Субхонкулова Наргис Акбаралиевна, Мусоева Шахноза Юнусовна, Тешаев Сфарали Окилович, Холназарова Нигора Нуруллоевна, Маркарьян Милена Артуровна, Нигораи Сафарали, Кулиев А.А., Наврузов Аброр Хасаналиевич, Маджидов Шодмон Ильхомиддинович, Бедилова Мафтуна Хусейновна, Исмоилджоновна Наргис Тургунбоевна, Камолова Гулру.

Надо отметить, что на факультете, кроме таджикских студентов, обучаются студенты из Туркменистана, Узбекистана, Казахстана, Киргизстана, были также из Афганистана и Ирана.

Профессорско – преподавательский состав факультета ведет научно – исследовательскую работу по разным проблемам в области лингвистики, лингводидактики и литературоведения. Сотрудники выступают с докладами на внутривузовской, республиканской и международной конференциях. Ежегодно издают научные и учебные пособия, статьи. Из крупных работ преподавателей факультета следует отметить учебники и пособия для студентов, подготовленных Миргановой Н.Р., Газиевой М.И., Мадиевой М.К., Умурзаковой З.А., Сайфутдиновым Р.М. Валиевым Н.У.

Факультет тесно сотрудничает с Представительством Рос сотрудничества в Таджикистане Российским центром науки и культуры в г. Душанбе, РТСУ, ТГИЯ им. С.Улугзаде, ТНУ, КГПУ им. А.Рудаки.

Преподаватели факультета, руководят научной работой студентов, магистров, проводят различные воспитательные и научные мероприятия. Факультет, как правило, занимает первые места.На каждой кафедре работают кружки «Русское слово», «Литератор», «Любители русского языка». Хорошо выступают наши студенты на городских и республиканских олимпиадах по специальности «Русский язык и ЛИТЕРАТУРА» и «Русский язык и ЛИТЕРАТУРА в национальной школе».

Преподаватели много работают со студентами, передают им свои знания, свою увлеченность филологией и педагогикой, научной работой.

Преподаватели факультета в постоянном поиске новых форм работ, от чего-то отказываются, что-то становится традицией, к чему-то возвращаются через некоторое время.

Мы рады, что рейтинг нашего факультета весьма высокий, и делаем все, чтобы он поднимался еще выше.

Хотелось бы отметить, что факультет к 80-летию провёл грандиозный международный фестиваль на тему: «И мы сохраним тебя русская речь», с участием всех представителей факультетов русского языка и литературы вузов республики.

### ЛИТЕРАТУРА

1.Материалы научно-практической конференции «Актуальные проблемы совершенствования преподавания русского языка в школах Таджикистан», посвящается 100-летию профессора Л.В. Успенской. Изд. ТАУ, Душанбе-2010.-С 328.

2.Успенская Л.В. Основные структурные особенности современного таджикского языка про сравнению с русским языком.Материалы первой Международной научной конференции по вопросам улучшения преподавания русского языка в национальных школах. Ташкент, 1958.- С. 40

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ НАСЛЕДНИКОВ НАУЧНОЙ ШКОЛЫ ЛЮДМИЛЫ ВЛАДИМИРОВНЫ УСПЕНСКОЙ В НАШИ ДНИ

*В статье автор рассматривает научно-методическую, научно-практическую и воспитательную работу, профессора Л.В.Успенской, и её достижения как основоположника сопоставительной грамматики в Таджикистане. Также анализируется история факультета русского языка и литературы и деятельность профессорско-преподавательского в настоящее время. Автор констатирует, что факультет русского языка и литературы был основан в 1937 году. В 2021 году факультету исполняется 84 года. Первый выпуск факультета состоялся в 1941 году, было подготовлено 14 человек. Из стен факультета вышло более десятка тысяч дипломированных кадров различного профиля. Выпускники факультета работают в основном в системе просвещения учителями, воспитателями средних специальных и высших учебных заведений не только в Республике Таджикистан, но и за рубежом. Факультет даёт гуманитарное образование и это позволяет выпускникам трудиться в области журналистики, в системе радио и телевидения, в разных государственных органах. Среди них есть выдающиеся деятели, крупные учёные, писатели, и ведущие корреспонденты ОРТ, СМИ.*

*Особо необходимо отметить Людмилу Владимировну Успенскую – профессора, лингвиста, воспитателя, известного учёного, которая приехала в Республику Таджикистан в 1935 году и завоевала авторитет в республике. Успенская Л.В. имела таджикско-русское воспитание. Именно не русско - таджикское, а таджикско- русское, так как она в свои молодые годы, в 21 год приехала обучать таджикских детей межнациональному языку – Русскому. Именно в Таджикистане она занималась преподавательской и научно - практической деятельностью.*

*В настоящее время преподаватели факультета в постоянном поиске новых форм и методов работ, от чего-то отказываются, что-то становится традицией, к чему-то возвращаются через некоторое время, поэтому наследники научной школы Людмилы Владимировны Успенской всегда в научно-методических, научно- практических и воспитательных поисках.*

***Ключевые слова:*** *ТГПУ, основные, структура особенность современный, типология, русский язык, профессор, доцент, наука, факультет, Людмила Владимировна Успенская, лингвист, таджикско-русское воспитание.*

## ACTIVITIES OF THE HEIRS OF THE SCIENTIFIC SCHOOL OF LYUDMILA VLADIMIROVNA USPENSKOY IN OUR DAYS

*In the article, the author examines the scientific-methodical, scientific-practical and educational work of Professor L.V. Uspenskaya and her achievements as the founder of comparative grammar in Tajikistan. It also analyzes the history of the faculty of Russian language and literature and the activities of the faculty at the present time. The author states that the Faculty of Russian Language and Literature was founded in 1937. In 2021, the faculty turns 84. The first graduation of the faculty took place in 1941, 14 people were trained. More than ten thousand graduated personnel of various profiles have graduated from the faculty. Faculty graduates work mainly in the education system as teachers, educators of secondary specialized and higher educational institutions, not only in the Republic of Tajikistan, but also abroad. The faculty provides a liberal arts education and this allows graduates to work in the field of journalism, in the radio and television system, in various state bodies. Among them are outstanding personalities, prominent scientists, writers, and leading correspondents of ORT and the Mass media.*

*It is especially necessary to note Lyudmila Vladimirovna Uspenskaya - professor, linguist, educator, famous scientist, who arrived in the Republic of Tajikistan in 1935 and won authority in the republic. L.V. Uspenskaya had a Tajik-Russian upbringing. Precisely not Russian-Tajik, but Tajik-Russian, since in her young years, at the age of 21, she came to teach Tajik children the interethnic language - Russian. It was in Tajikistan that she was engaged in teaching and scientific and practical activities.*

*Currently, the teachers of the faculty are constantly looking for new forms and methods of work, they refuse something, something becomes a tradition, they return to something after a while, therefore, the heirs of the scientific school of Lyudmila Vladimirovna Uspenskaya are always in scientific and methodological, scientific practical and educational searches.*

***Keywords:*** *TGPU, basic, structure, feature modern, typology, Russian language, professor, associate professor, science, faculty, Lyudmila Vladimirovna Uspenskaya, linguist, Tajik-Russian education.*

***Сведения об авторе:***

***Мирганова Нигина Рауфовна*** *– кандидат педагогических наук, доцент, начальник отделом науки и инновации Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(992)900525232, e-mail.Niginaraufovna@mail.ru*

***About an author:***

***Mirganova Nigina Raufovna*** *- candidate of pedagogical sciences, associate professor, chief by the department of science and innovation of the Tadjik state pedagogical university of the name Садриддина Ainy, tel. :(992) 900525232, e-mail.Niginaraufovna@mail.ru*

## МУҲАҚҚИҚИ ГАНҶИНАИ ПУРФАЙЗИ ЗАБОНИ МОДАРӢ

***Раҳматуллозода С. Р.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



***Лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ганҷинаи пурфайзи забони модарӣ ба ҳисоб меравand***

**Э.РАҲМОН**

Доктори илми филология, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, «Ҷоизаи Мавлавӣ»-и Бунёди байналмилалии забони тоҷикии форсӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон **Абдуғаффор Ҷӯраев** бештар аз 60 сол риштаи ҳаёти худро бо лаҳҷашиносӣ пайваст.

ҒАФФОР ҶӮРАЕВ 10 майи соли 1937 дар маҳаллаи Зарбеди ҷамоати Пӯлодони ноҳияи Конибодом ба дунё омадааст. Эшон соли 1955 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Конибодом ва соли 1959 факултаи таъриху филологияи Институти педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченкоро (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) бо дипломи аъло хатм мекунад.

Солҳои 1959-1961 дар Институти мазкур ба сифати котиби масъули рӯзномаи бисёртиражаи «Педагоги ҷавон» ва муаллими кафедраи забони тоҷикӣ адои вазифа менамояд. Соли 1961 ба шӯъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон (АМИТ) ба сифати ходими хурди илмӣ ба кор қабул гардида, соли 1971 ба вазифан ходими калони илмӣ гузаронида мешавад.

Солҳои 1979-1981 дар сектори Афғонистони Институти шарқшиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст, аз соли 1982 то соли 1986 дар Афғонистон ба сифати тарҷумон фаъолият намудааст. Пас аз адои сафари хориҷӣ боз ба Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакӣ омада, аввал ҳамчун ходими калон, сипас ходими пешбар, ходими сарвар ва мудири шуъбаи лаҳҷашиносӣ ифои хизмат намудааст. Соли 1996 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаи роҳбари дастгоҳи кории Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шуда, то соли 2010 дар ин вазифа фаъолият намудааст. Аз соли 2010 то охири ҳаёт дар Институти

забон ва адабиёти баноми Рӯдакии АМИ ҶТ ба ҳайси сарходими илмӣ фаъолияти худро идома медиҳад.

Ғ. Ҷӯраев соли 1969 дар шаҳри Тифлис дар мавзӯи «Лахчаҳои арабҳои тоҷикзабон» диссертатсияи номзадӣ ва дар соли 1993 дар мавзуи «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» диссертатсияи докторӣ дифоъ намудааст. Ба тадқиқотҳои номбурдаи Ғаффор Ҷӯраев эроншиносон ва шарқшиносони шинохтаи русу гурҷӣ, аз қабили академики Академияи илмҳои иттиҳоди шуравӣ Г.В. Серетели, профессорон Ҷ.Ш. Гиунашвили, В. Ғ. Аҳвледиани, Л.Н. Тушишвили, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд, И.М. Оранский, А.Л. Хромов ва дигарон баҳои баланд додаанд.

Ҳамчун яке аз муаллифони асари панҷҷилдаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» соли 1989 сазовори «Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника» гардидааст.

Воқеан, Ғ. Ҷӯраев баробари ба шуъбаи лаҳҷашиносӣ ба кор омаданаш ба масъалаи ҷамъоварию таҳқиқи сарвати луғавии лаҳҷаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Дере нагузашта дар «Рӯзномаи муаллимон» бо номи «Доир ба ҷамъ овардан ва омӯхтани луғати шеваҳои забони тоҷикӣ» мақолаи калони ӯ ба табъ мерасад.

Чун дар охири солҳои 50-ум ва аввали 60-уми қарни гузашта зарурати ҷамъ овардану омӯхтани луғати лаҳҷаҳои забонҳои миллии Иттиҳоди Шуравӣ пайваста ба миён гузошта мешуд, Ғ. Ҷӯраев ҳам бори нахуст дар лаҳҷашиносии тоҷик мубрамии ин масъаларо таъкид намуда, дастуруламали ҷамъ овардани луғати лаҳҷаҳо лозим дониста, дар ҳаҷми 6 ҷузъи таълифӣ ҳанӯз дар соли 1962 мураттаб гардида, зиёда аз сӣ мавзуъ ва бештар аз якуним ҳазор саволномаро дарбар мегирифт, ки бо ҳаммуаллифии М.Маҳмудов соли 1982 ба шакли китоби алоҳида ба табъ расид.

Вақте ки дар шӯъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ захираи муайяни луғати лаҳҷаҳо ба вуҷуд омад, қарор карда шуд, ки дар мисоли шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ луғати воқеии лаҳҷавӣ тадвин гардад. Маҳз бо ҳамин мақсад, намунаи луғати шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар мисоли ҳарфи «д» бо ҳамдастии М. Мамудов сохта шуда, соли 1971 дар шакли китобчаи алоҳида ба муҳокимаи аҳли илму адаб пешниҳод гардид. Ба намунаи «Луғати шеваи ҷанубӣ» (ҳарфи «д») донишмандони маъруфи замон, аз қабили В.С. Расторгуева (Москва), И.М. Оранский, А.З. Розенфелд (Ленинград), Ж. Лазард (Фаронса), Аҳмад Шафоӣ (Боку), Лоренс (Олмон), Л.В. Успенская ва Р.Л. Неменова (Душанбе), нависандаи маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода ва дигарон тақриз фиристонида, усули пешгирифтаи лаҳҷашиносони тоҷикро маъқул шумориданд.

Муҳаққиқи барҷасти Ғ. Ҷӯраев татбиқи ҳамаҷонибаи принсипи системанок ва хосаро барои шеваи ҷанубӣ, ки ҳудуди васеъ ва лаҳҷаҳои зиёдро фаро мегирад, имконнопазир мешуморад, зеро тадвини чунин луғат қувваи ниҳоят зиёди мутахассисон ва солҳои тӯлониро тақозо менамояд. Ӯ ба хулосае меояд, ки луғат бояд ба усули хоса асос ёфта, унсурҳои системанокро низ бояд дарбар гирад, яъне дар он эътибори асосӣ ба калимаву ибораҳои хоси шева нигаронида шавад ҳам, воҳидҳои луғавии умумихалқӣ низ сарфи назар намешаванд. Маҳз бо ҳамин равиш луғати шеваи ҷавубии забони тоҷикӣ дар ду ҷилд мураттаб гардид, ки ҷилди аввали он бо ҳаммуаллифии М. Маҳмудов ва Ғ. Ҷӯраев бо номи «Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ» соли 1997 дар ҳаҷми 22,5 ҷузъи чопӣ ба табъ расид. Ин луғатро метавон оғози таҷрибаи нави луғатсозӣ дар таърихи лексикографияи форсу тоҷик ҳисобид, зеро назири он дар гузашта ба вуҷуд наомада буд.

Ғ. Ҷӯраев на фақат дар поягузории соҳаи нави луғатсозии тоҷик аз нахусткашшофон ба шумор меравад, балки дар таҳқиқ ва бунёдгузории лексикологияи регионалии тоҷик низ дар сафи аввал қарор дорад. Сабаб дар он аст, ки то солҳои ҳафтодум муҳаққиқон ба тасвири сохторҳои савтию сарфии лаҳҷаҳо маҳдуд монда, агар зарур донанд, ба бахши лексика як назари умумӣ меафкананд. Танҳо баъди он ки ҷамъоварии саросарии сарвати луғавии лаҳҷаҳо оғоз ёфт ва ғояи тадвини луғатҳои лаҳҷавӣ ба нақша даромад, зарурати таҳқиқи лексика ҳамчун микросистемаи баробарҳуқуқи лаҳҷа ба миён омад. Ба ин кор Ғ. Ҷӯраев ҳанӯз ҳангоми тадқиқи лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон, ки дар солҳои шастум сурат гирифта буд, иқдом карда буд. Муаллиф бори нахуст дар лаҳҷашиносии тоҷик равияи тадқиқи лексикологиро пеш гирифта, қабатҳои лексикию семантикии таркиби луғати лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабонро аз назари таҳқиқ мегузаронад.

Дар солҳои ҳафтодум дар равиши таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дигаргунии куллӣ рух доданд. Дар шуъбаи лаҳҷашиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ҳамзамон таҳқиқи

ду мавзуи муҳим - тадвини луғати шеваи ҷанубӣ ва пажуҳиши муназзаму муқоисавии системаҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва лексикии лаҳҷаҳои мазкур ба нақша гирифта шуд.

Устод Ғ. Чӯраев, ки бевосита ба гурӯҳи луғатсозон роҳбарӣ мекард (ба ин гурӯҳ, М. Маҳмудов, Б. Бердиев ва Ҷ. Раҳматуллоев шомил буданд), ба мавзуи дуюм, ки сарварии онро устоди ҳамаи лаҳҷашиносони тоҷик, эроншиноси маъруф, профессор В.С. Расторгуева ва мудири шуъба, забоншиноси шинохтаи тоҷик, профессор Р. Ғаффоров ба уҳда доштанд, низ ҷалб гардида, таҳқиқи бахши лексика ба зиммаи ӯ вогузошта шуд.

Чун таҳқиқи илмии муназзами лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо равиши ягона ва ҳамоҳангии бахшҳо бояд сурат мегирифт, баробари он қарор карда шуд, ки аввал лоиҳаи мавзуъ таҳия гардад. Ниҳоят ин лоиҳа соли 1973 ба табъ расид, ки бахши «Лексика»-и онро Ғ. Ҷӯраев навиштааст ва бо тадқиқоти худ, ки ҳаҷми он бештар аз 22 ҷузъи таълифиро ташкил медиҳад, ба холигоҳи лаҳҷашиносии тоҷик хишти нахустинро гузошт ва ин холигоҳ баъдтар бо пажуҳишҳои лаҳҷашиносони дигар Т. Мақсудов, Ш.Исмоилов, М. Кабиров, С.Раҳматуллозода М. Қаҳҳоров, С. Узбеков, Н. Гадоев, Р. Сангинова, И.Сулаймонов, С.Юсупова, М.Каримова ва чанде дигар такмил ёфт.

Тадқиқи Ғ.Ҷӯраев, ки қисми асосии ҷилди аввали асари панҷҷилдаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷики»-ро ташкил дода, соли 1980 ба табъ расид, тасвири лексикаи шеваи ҷанубиро ҳамчун системаи яклухт дарбар мегирад. Назар ба қайди муаллиф чунин усул, ки дар шевашиносии тоҷик бори нахуст таҷриба карда мешавад, ба характери тадқиқи системаи умумии лаҳҷаҳои ҷанубӣ мусоидат менамояд.

Бо тадқиқи худ профессор Ғ. Ҷӯраев исбот намуд, ки ба лексикаи шева на ҳамчун «маводи сохтмонӣ», балки чун қисми таркибии як системаи муайян муносибат бояд кард. Ӯ исбот намуд, ки шеваи ҷанубӣ на фақат бо хусусиятҳои фонетикию грамматикӣ, балки бо аломатҳои лексикӣ ҳам ба забони адабӣ ва шеваҳои дигари шевагӣ муқобил гузошта мешавад ва дурустии таснифоти профессор В.С. Расторгуеваро, ки дар пояи омилҳои фонетикию морфологӣ қарор гирифта буд, тасдиқ кард.

Нуктаи олии андешаҳои назариявии Ғ. Ҷӯраев дар рисолаи доктории ӯ, ки таҳти унвони «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» соли 1993 дифоъ гардид, ҷамъбаст ёфтааст. Бе муболиға метавон гуфт, ки агар Ғ. Ҷӯраев дар муайян кардани равияи нави луғатсозии тоҷик - лексикографияи регионалӣ (минтақавӣ) саҳми асосӣ гирифта бошад, бо рисолаи доктории худ ба ҷодаи нави лексикологияи тоҷик - лексикологияи регионалӣ бунёд гузошт. Рисолаи доктории Ғ. Ҷӯраев ба китоби ӯ дар бораи лексикаи шеваи ҷанубӣ асос ёфта бошад ҳам, онро як асари тоза ва аз ҷиҳати назариявӣ қавии муаллиф ҳисоб кардан мумкин аст ва ҳангоми дифоъ аз тарафи муқарризони расмию ғайрирасмӣ ҳамин тавр ҳам арзёбӣ гардида буд. Хусусан, масъалаҳои мақоми калима дар таркиби луғати шева, мафҳуми калимаҳои умумихалқӣ, калимаҳои хоси шева (диалектизмҳо) ва меъёрҳои муайян кардани онҳо, нақши субстрат дар ташаккули лексикаи лаҳҷа ва ғайра дар пояи баҳсу мунозира ва пайравӣ бо муҳокимаронии лаҳҷашиносони маъруфи рус, ҳамчун Р.И. Аванесов, Л.И. Баранникова, Ф.П. Филин, Ф.П. Сороколетов, О.И. Блинова, Г.Г. Мелниченко, муҳаққиқони забону шеваҳои тоҷикӣ М.С. Андреев, А.З. Розенфелд, А.Л. Хромов, М.Маҳадов ва дигарон тафсил ёфтаанд. Маҷмуан дар ин асар ба чор масъала диққати ҷиддӣ дода шудааст: 1. Тавсифи умумии таркиби луғати лаҳҷа. 2. Сарчашмаҳои асосии ташаккул ва инкишофи таркиби луғати лаҳҷа. 3. Системаи мавзуии таркиби луғати лаҳҷа. 4. Системаи семантикии таркиби луғати лаҳҷа. Хушбахтона, рисолаи мазкур бо номи «Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ» (2017) нашр гардид, ки туҳфаи арзандае барои забоншиносон мебошад.

Профессор Ғ. Ҷӯраев дар тадқиқи сохторҳои фонетикию морфологии лаҳҷаҳо ҳам саҳми муносибе дорад. Баъд аз чопи мақолаҳои «Баъзе хусусиятҳои шеваи Ворух» (1965,) ва «Доир ба ҷамъбасти экспедитсияи водии Фарғона» (1965) ба тадқиқи муназзами лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон даст зад. Ғ. Ҷӯраев дар ҷустуҷӯйи ин қавм ба нуқоти гуногуни Осиёи Миёна сафар карда, ниҳоят дар сари арабҳои тоҷикзабони атрофи Қаршӣ (Арабхона, Қамашӣ, Ҷенав) ва арабҳои Шаҳритус (Айваҷ) ва Қубодиён қарор гирифт. Муҳаққиқ дар тӯли се сол (1964 - 1967) диссертатсияи калонҳаҷмеро дар бораи лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон таҳти роҳбарии устод Н. Маъсумӣ анҷом дод ва баъд аз муҳокимаю мулоҳизаҳо соли 1969 дар шаҳри Тбилиси ба ҳимояаш муваффақ гардид.

Бо вуҷуди он ки ҳангоми муҳокима (1967) тадқиқоти Ғ. Ҷӯраевро ҳамзамон ба чоп тавсия намуда буданд, он соли 1975 бо номи «Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон» дар шакли нисбатан фишурда (15 ҷузъи чопӣ) аз тарафи нашриёти «Дониш» ба табъ расид. Дар лаҳҷашиносии тоҷик, ҳангоми таҳқиқи гурӯҳи лаҳҷаҳои ҳамгун қаблан ду усул истифода мешуд; яке усули омехта, ки тафовутҳои лаҳҷавӣ дар рафти таҳқиқ ошкор карда мешуданд, дигаре усули ба таври мукаммал омӯхтани яке аз лаҳҷаҳои марказӣ ва дар қиёси он баррасӣ намудани хусусиятҳои асоситарини лаҳҷаҳои дигар.

Устод Ғ. Ҷӯраев дар таҳқиқи лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон, асосан, ба усули аввал такя карда бошад ҳам, усули дуюмро низ (махсусан, дар боби фонетика) сарфи назар накардааст. Ба ин тартиб ӯ тавонист хусусиятҳои ду лаҳҷаи аз ҷиҳати генетикӣ мутобиқ, ки дар фосилаи дур аз ҳам (яке дар Ҷумҳурии Узбекистон ва дигаре дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) интишор доштанд, тасвир намояд.

Бояд бигӯем, ки лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон дар ҳалқаи лаҳҷаҳои дигари шевагӣ қарор гирифта бошанд ҳам, бо ҷиҳатҳои хоси худ дар байни онҳо гурӯҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд. Ҳатто ҳодисаҳои забоние, ки бо шеваҳои дигари шевагӣ умумианд, дар лаҳҷаҳои мазкур, аксаран, ба таври хоса ҷилвагар мешаванд. Вале мо ин ҷо танҳо онҳоеро зикр менамоем, ки то тадқиқоти Ғ. Ҷӯраев дар лаҳҷаҳои дигари шевагӣ ба қайд гирифта нашуда буданд.

**Дар боби фонетика:**

1) Фонемаи **о** бо ду навъ тобиши фонетикӣ истеъмол мешавад: аввалан, он ҳамчун садоноки лабии қатори қафо ва нимфарох тақрибан дар ҳамаи лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабони атрофи Қаршӣ мушоҳида мегардад. Сониян, он дар нутқи баъзе одамони калонсол дар лаҳҷаи Арабхонаи Қаршӣ гоҳо хеле фарох талаффуз шуда, хусусияти лабии худро сусттар мекунад ва дар ин ҳол аз ҷиҳати оҳанг ва вазъияти забону лабҳо ба овози ***а- и*** забони форсӣ монанд мешавад. Чунончи: **ка̄р**-кор, **муа̄мале** - муомила, **ка̄ле** - кола, **ла̄чак** - лочак, **пӣра̄р** - перор, **ма̄л** - мол, **Ка̄са̄н** - Косон ва ғайра.

2) Фонемаи **а** дар лаҳҷаи арабҳои тоҷикзабони Шаҳритус ҳам дар як шароити фонетикӣ ду навъ тобиши акси якдигарро ифода менамояд: аз як тараф, баъзан кашишдор ва фарох талаффуз ёбад, аз тарафи дигар, айнан дар ҳамин вазъият кӯтоҳ талаффуз гардида, ҳолати муқаррарии худро ҳамчун дар забони адабӣ нигоҳ медорад. Чунончи: пърсида:***гй*** ё пурсидагӣ, хонда:***гй*** ё **хондагӣ**, **а:дир** ё **адир**, **ша:риф** ё **шариф** ва ғайра.

3) Барои лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон дифтонгҳои **ау, оу, еу, ей** хос мебошанд: **саудо** - савдо, **нау** - нав, **даулат //деулат** - давлат, **ҷау// ҷеу** - ҷав, **мейл** - майл, **мейда** - майда ва ғайра.

4) Ба ивази ҳамсадоҳои арабӣ (зол, изғи, зод, зе, сод, S-и сенуқта, син) дар нутқи арабҳои тоҷикзабон овозҳои махсуси нӯгизабонӣ пайдо шудаанд, ки аз ҷиҳати талаффуз ба фонемаҳои **с** ( ث) «сеи мусалласа» ва **з** (ذ ) «зол» наздикӣ доранд ва Ғ. Ҷӯраев дар китоби худ бо графемаҳои *«S»* ва «*Z*» ишора кардааст. Ин ҳамсадоҳо, ба қавли муаллиф, бо ҳамсадоҳои S - с ва Z - з мувозӣ ба кор бурда мешаванд. Мисли: **Муsтафо** - Мустафо, **Sобир** - Собир, **миsол** - мисол, **райиs** - раис, ***h*офи*ȥ*** - ҳофиз, **На*ȥ*ар** - Назар, ***ȥ*амин** - замин, ***عаȥиȥ*** - Азиз ва ғайра. Ин овозҳо, назар ба ишораи муаллиф, ҳатто калимаҳои соф тоҷикӣ (мисли **зад, расид**) ва ӯзбекӣ (**буғӯз, салқин**)-ро низ фаро мегиранд.

5) Овозҳои ҳалқии ҷарангдори ع(айн) ва h (ҳои ҳуттӣ) чун дар забони арабӣ садо медиҳанд: **عид** - ид, **عайб** - айб, **баعд** - баъд, **عазим** - азим, **hаром** - ҳаром, **hурмат** - ҳурмат, **Фатhилло** - Фатҳулло ва ғайра.

**Дар боби морфология:**

1) Дар лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон ба ғайр аз бандакҷонишинҳои умумитоҷикие, ки дар қаринаҳои фонетикии **-ам, -ат, -аш, -ум, -ут, -уш, -им, -ит, -иш** ва **-ем, -ет, -еш** ба назар мерасанд, ҳамчунин шаклҳои **их // ух / ех // ах** (барои ҳамаи шаклҳои ҷамъу танҳо) ва **-е** (барои шахси сеюми танҳову ҷамъ фақат дар лаҳҷаи Қамашии Қаршӣ) корбаст мегарданд. Масалан, муддао аз китобих (ё **китобух, китобах, китобех**) китобам, китобат, китобаш ё китобамон, китобатон, китобашон гуфтан аст. Ба кадом шахс ё шумора тааллуқ доштани бандакҷонишин аз рӯйи бандаки феълӣ ё хабарӣ фаҳмида мешавад. Масалан: **гуф, ки ту-ра, худ-их мегирум** - гуфт, ки туро худам мегирам; **шумон қайи ҳамроҳо-йих мерен?** - шумоён бо ҳамроҳатон меравед?; **ду-йе да калхӯс кор карсот** - дуяш дар колхоз кор карда истодааст ва ғайра.

Ғ.Ҷӯраев кӯшиш кардааст, ки шаклгирии ин навъи бандакҷонишинҳоро ҳамчун натиҷаи роҳи инкишофи мустақилонаи лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон ба қалам диҳад. Аз ҷумла «их»-ро ӯ ба ихтисоршавии таркиби муайяншавандаю муайянкунандаи навъи «китоби худ» (>их) маънидод

мекунад. Ин далел бо он тақвият дода мешавад, ки дар лаҳҷаҳои ҳазораҳои Афғонистон шакли нисбатан пурраи ин таркиб (китоби ху) истифода мешавад.

2) Дар лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон баръакси забони адабӣ ва аксари лаҳҷаҳои дигари тоҷикӣ ҳангоми аз асоси замони гузашта сохтани асоси замони ҳозира дар як қатор феълҳо ҳодисаи бадалшавии овозҳо рух намедиҳад. Аз ҷумла, як силсила феълҳо, ки дар асоси замони гузашта бо ҳамсадоҳои хт, фт хотима меёбанд, дар асоси замони ҳозира низ овози «х» ва «ф»-ро аксар вақт нигоҳ медоранд. Чунончи: **андохт** - асоси замони гузашта - **дох** - асоси замони ҳозира, **фурӯхт** - асоси замони гузашта - **фурӯх** - асоси замони ҳозира ва ғайра.

Дар боби синтаксис ибораи ғайриизофие, ки ҷузъҳои тобеъшавандаю тобеъкунанда дар шумора бо ҳам мувофиқат менамоянд, ҳолиб аст. Чунончи: **пирон одамо** - одамони пир.

Дар боби луғат (лексика) воҳидҳое дучор меоянд, ки бештар хоси лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабонанд. Чунончи: **ҷадди** - бобо, **ҷиддѐ** - модаркалон, **коко //ко** - ака, **лоло//ло-** тағой, **нини** - бародари хурд (дар Шаҳритус), **дода//дада** (модар), **шатна** - даҳанбанди лингча ва ғ.

Дар боби ҷамъбастии «Баъзе масъалаҳои ташаккул ва равиши лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон» чунин масъалаҳоро мавриди андешаҳои илмӣ ва мантиқӣ қарор додааст: 1. Инъикоси унсурҳои субстрат; 2. Инъикоси унсурҳои шеваҳои дигар: 3. Таъсири забони ӯзбекӣ; 4. Баъзе ҳолатҳои тараққиёти дохилии лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон; 5. Муносибати байниҳамдигарии лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон ва ниҳоят; 6. Мавқеи лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон дар байни шеваҳои тоҷикӣ-форсӣ.

Бо иқрор бояд гуфт, ки то Ғ. Ҷӯраев касе аз лаҳҷашиносони тоҷик аз таҳқиқоти хеш ба ин тартиб хулоса накашида буд. Баъди қиёсу мутақобилаи далелҳои зиёд дар охир ӯ ба чунин хулоса меояд: «Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабони атрофи Қаршӣ ва Шаҳритус, агарчи ҳоло дар иҳотаи шеваҳои дигари тоҷикӣ воқеъ гаштаанд, аз рӯйи нишонаҳои худ ба ҳеҷ қадоми онҳо махсус вобаста шуда наметавонанд. Хусусияти барҷастатарини ин лаҳҷаҳо омехтагӣ ҳисоб меёбад. Маҳз дар асоси ҳамин бо ба назар гирифтани маҷмӯи фактҳои забони лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабонро якҷоя бо лаҳҷаҳои тоҷикии қавмҳои этникии водии Ҳисор (қавол, чистонӣ) ба гурӯҳи алоҳидае ҷудо кардан мумкин аст, ки дар байни шеваҳои тоҷикӣ ва тоҷикӣ-форсии Афғонистону Эрон меистанд»

Дар бораи китоби Ғ. Ҷӯраев «Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон» дар Афғонистон, дар Москва, Ленинград, Тифлис ва Душанбе тақризҳо зиёде чоп шуда аҳамияти баланди илмии онро нишон додаанд.

Профессор Ғ. Ҷӯраев дар ибтидои фаъолияти илмиаш ба адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ ҳам шавқе зоҳир намуда буд. Мақолаҳои «Аҳмади Дониш ва ҳамфикрони ӯ дар бораи маданияти рус» (Армуғони олимони ҷавон. -, Душанбе: «Дониш», 1960, 149 - 180), «Сухане чанд дар бораи як маҷмӯа» (Тақриз ба китоби нависанда М. Шарқӣ «Кабутари сулҳ», (маҷаллаи «Садои шарқ», 1965), «Симои барҷастаи адабиёти советии тоҷик» (бахшида ба 50-солагии нависандаи маҳбуб С. Улуғзода, «Комсомоли Тоҷикистон», 1961) ва чанде тақризҳои рӯзномавии ӯ далел бар онанд, ки агар вай ин соҳаро ҳам пайгирӣ мекард, бегумон ба комёбиҳо ноил мешуд ва бесабаб набуд, ки он солҳо ӯ дар яке аз мақолаҳои ташреҳии О. Сайфуллоев ҳамчун мунаққиди ҷавон номбар шуда буд.

Устод Ғ. Ҷӯраев дар тарҷумонӣ низ қувваозмоӣ кардааст, чанд ҳикоя ва песаҳои В. Гюго «Анҷело», Лабиш «Пулдон», С. Михалков «Сомбреро», Л. Баранга «Назари ҷомеа» ва ғайраро ба забони тоҷикӣ гардонидадааст. «Пулдон» дар театри давлатии шаҳри Қурғонтеппа ба саҳна гузошта шуда, боқимондаҳо ҳамчун корҳои дипломии донишҷӯёни Донишкадаи ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода истифода гардидаанд.

Муҳаққиқ Ғ. Ҷӯраев дар тарғиби Қонуни забон ва мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ саҳми муносибе гузоштааст. Эшон дар танзими Қонуни забон бевосита ширкат наварзида бошад ҳам, чун фарди фарҳангӣ аз вазъи забони тоҷикӣ изҳори ташвиш мекард. Ҳанӯз соли 1979 вай дар яке аз мақолаҳояш алайҳи қарори Шурои Институти давлатии хоҷагии қишлоқ, ки забони таълимро дар ин муассисаи таълимӣ пурра ба забони русӣ табдил дода буд, эътироз карда буд.

Саҳми Ғ.Ҷӯраев махсусан дар амалӣ намудани Қонуни забон ва ба сурати воқеӣ мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ хеле калон аст. Ӯ дар муддати бештар аз 14 сол (1996-2010) ҳамчун роҳбари дастгоҳи кории Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назорату санҷиши иҷрои Қонун пайваста сарварӣ карда, дар пешбурди сиёсати солими забон ба

ҳукумат ёрӣ расондааст. Тахти роҳбарии ӯ чанд қарори ҳукумат перомуни забон ва «Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсиа ва рушди забони давлатӣ ва забонҳои дигари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1997) таҳия ва ба тасвиб расидаанд. Дар зимни санҷишҳову назорати иҷрои Қонуни забон ӯ бо ҳамроҳии сармутахассисони дастгоҳи кории Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Фатҳуллоев ва А. Асадов «Луғати мунтахаби русӣ-тоҷикии вожаҳои роиҷ» (1999) ва бо ҳаммуаллифии С.Фатҳуллоев «Луғати калима ва истилоҳоти нав» (2003)- ро тартиб дод, ки онҳо дар пешрафти татбиқи Қонуни забон нақши муҳим гузоштаанд.

Ғ.Ҷӯраев, то ҷойе ки мо иттилоъ дорем, яке аз ташаббускорон ва муаллифони Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шумор меравад. Чун ӯ ҳис мекунад, ки бисёр моддаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон», ки дар даврони шуравӣ соли 1989 қабул шуда буд, ба ҳаёти замони Истиқлол мувофиқат намекунанд, масъалаи табдили Қонуни забонро матраҳ мекунад. Соли 2004 бо амри раиси Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини сарвазири вақт дар ҳайати забоншиносону ҳуқуқшиносони маъруф гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад. Ғ.Ҷӯраев ба сифати роҳбари гурӯҳ на фақат ҷараёни таълиф ва муҳокимаи бобҳову моддаҳои Қонунро созмон додааст, балки чанде фаслҳои нави онро низ худ навиштааст.

Ғ. Ҷӯраев яке аз мураттибони луғати дуҷилдаи «Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯйишҳои эронии Тоҷикистон» (1997) мебошад, ки сазовори «Ҷоизаи Мавлавӣ»- и Бунёди байналмилалии забони тоҷикии форсӣ гардид.

Устод Ғ. Ҷӯраев солҳои 70-уми асри гузашта, ки муддате дар сектори Афғонистони Институти шарқшиносии АИ ҶТ кор мекарданд, навиштани очерки забони дариро ба нақша гирифта буданд. Дар давоми солиёни зиёд ба баррасии ин масъала машғул шуда, билохира, соли 2017 бо номи «Очерки забони дарии Афғонистон» нашр гардид. Ин аввалин дастури таълимию илмии нисбатан мукаммал ба забони тоҷикӣ доир ба забони дарии Афғонистон мебошад. Китоб аз чор боб иборат буда, дар онҳо масъалаҳои вазъи омӯзиш ва масоили сохтмони забони дарӣ, сарфи забони дарӣ, наҳви забони дарӣ, луғат (лексика)-и забони дарӣ ва проблемаҳои забонҳои Афғонистон ва мақоми забони дарӣ дар ҷомеаи кунунии он аз диди нав мавриди баррасию омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар асарҳои дигари устод Ғ. Ҷӯраев «Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент» (2009) ва «Забони ман - ҷаҳони ман» (2014) ба масъалаҳои сиёсати забон, нақши шахсиятҳои сиёсӣ, хусусан, ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойдории забон ва ҳамчунин, масъалаҳои муҳими илмӣ, аз ҷумла, субстрат ва таркиби луғати лаҳҷа, мақоми калима дар таркиби луғавии лаҳҷа, лаҳҷаҳо сарчашмаи муҳими такмили забон, калимаи хоси шева ва баъзе аломатҳои фарққунандаи он, ҷанбаҳои ғайрилингвистии ҳодисаҳои параллелизм (баробаристеъмолӣ) дар нутқи лаҳҷавӣ, лаҳҷа ва таърихи забон, қайдҳо дар ҳошияи таснифоти лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ва дигар масоили мубрам изҳори ақида кардааст.

Таркиби луғати лаҳҷаҳоро калимаҳои умумихалқӣ ва хоси шева оро додаанд. Агар калимаҳои умумихалқӣ барои ҳама ошно ва ҳудуди интишори васеъ дошта бошанд, калимаҳои хоси шева дар баъзе лаҳҷаҳо интишор ёфта, дар ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ амал менамоянд. Зимни ковиши шевашиносӣ профессор Ғ.Ҷӯраев ба ин масъала ҳам диққати ҷиддӣ дода, перомуни вожаҳои хоси шева ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо асару мақолаҳо чоп намудаанд. Барои равшан шудани роҳи муҳаққиқони соҳа устод ба тадвини луғати калимаҳои хоси шева машғул шуда, билохира бо номи «Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева» (бо ҳаммуаллифӣ, Д., 2017) китобе чоп карданд, ки кори сифатан нав дар соҳаи шевашиносӣ мебошад. Ин корест сангин, зеро дар ин самт луғати мазкур кори аввалин буда, масъалаи муайян намудани вожаҳои соф шевагӣ баҳсангез ва мушкил аст. Луғати мазкур калимаҳои хоси лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Узбекистонро фаро гирифтааст. Дар ин луғат ҳам хусусиятҳои савтӣ, сарфию наҳвӣ ва луғавии моддаҳои луғавӣ ба инобат гирифта шудааст. Аломатҳои шартии қабулшуда роҳнамои хубе барои хонанда мебошанд.

Устод Ғ. Ҷӯраев кори илмиро бо амали омӯзгорӣ пайваста идома медод. Ӯ тақрибан 60 сол дар донишкадаву донишгоҳҳои гуногуни пойтахт, махсусан, бо ДДОТ ба номи С.Айнӣ, ки худи эшон ин

даргоҳи муқаддасро хатм кардааст, ба шогирдон забони тоҷикиро таълим медод. Эшон дар тарбияи кадрҳои илмӣ ҳам пайваста саҳм мегузорад: таҳти роҳбарии ӯ се нафар рисолаи докторӣ ва 10 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намудаанд, Профессор Ғ. Ҷӯраев хайрхоҳтарин олим буд ва дар таҳризҳои ба шуроҳои дифоъ пешниҳодкардааш ба беш аз 50 нафар довталабони унвонҳои номзадию докторӣ дастгирии бевоситаи худро иброз намудааст. Таҳрири садҳо асарҳои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун ба қалами эшон мансуб аст.

Баъд аз кор ба ҳайси роҳбари дастгоҳи кории Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон профессор Ғ.Ҷӯраев ба Институти забон ва адабиёти ба номи А.рӯдакӣ (2010) баргашта, фаврӣ ба масъалаҳои лаҳҷашиносӣ машғул мешавад. Нахуст нусхаи мухтасари русии асари панҷҷилдаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»-ро, ки дар ду китоб фароҳам оварда шуда буд, ба нашр омода намуд. Ҳамзамон, ҳамроҳи М.Маҳмудов «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»-ро дар ҳаҷми зиёда аз 50 ҷузъи чопӣ тартиб дод, ки он бори аввал соли 2012 ва маротибаи дуюм соли 2017 бо ислоҳу иловаҳо ба табъ расид. Солҳои зиёд дар ҳамкорӣ бо М.Маҳмудов ба тартиб додани «Фарҳанги гӯйишҳои шимолии забони тоҷикӣ» омодагӣ мегирифт, ки анҷоми он дар ду ҷилд дар назар дошта шуда буд, ки сарнавишт ба анҷоми ин кори хайр имкон надод.

Устод Ғ.Ҷӯраев узви шуроҳои ҳимояи рисолаҳои доктории назди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон ва шурои муттаҳидаи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров ва Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода будааст. Ӯ оид ба масоили мухталифи филологияи тоҷик тадқиқоти илмӣ бурда, дар симпозиуму конфронсҳои илмии минтақавӣ, Тоҷикистон ва байналмиллалӣ бо маърузаҳо баромад мекард. Эшон роҳбари сексияи забоншиносии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ буданд ва дар тайёр кардани мутахассисони ҷавон фаъолона саҳм мегузоштанд.

Профессор Ғ. Ҷӯраев ҳар чӣ дар зиндагӣ ба даст овард, самараи ҷидду ҷаҳди хеш, мадади бародарони бузурги зиндаёдаш Абдусамад ва Абдуаҳад Ҷӯраевҳо ва сабақи мактаби устодонаш, ҳамчун В.С. Расторгуева, Н. Маъсумӣ, М. Исматуллоев, Д. Тоҷиев, Р. Ғаффоров ва дигарон медонист.

Устод Ғаффор Ҷӯраев дар айни камолоти эҷодӣ, дар сар нақшаҳои зиёди илмӣ 31.08.2018 дунёи фониро тарк гуфтанд. Рӯҳашон шод ва охираташон обод бошад. Ба таври мухтасар намунаи осори устодро дар шакли зер овардан мукин аст:

Говоры таджикоязычных арабов. Афтореф. канд. дисс. -Тбилиси, 1969, 22 с.; Луғати шеваҳои ҷанубӣ // Макети ҳарфи «д». (Бо ҳаммуаллифии М.Маҳмудов). -Душанбе: «Дониш», 1971, 75 с.; Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон. -Душанбе: «Дониш», 1975, -227с.;Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Лексика, ҷ.1. -Душанбе: «Дониш», 1980. -С.87-328; Дастуруламали ҷамъоварии луғати шеваҳои тоҷикӣ (Бо ҳаммуаллифии Т.Мақсудов, М.Маҳмудов). -Душанбе:”Дониш», 1982. -108 с.; Система диалектной лексики таджикского языка (на материале южных говоров). АДД. -Душанбе, 1992, 32 с.; Олими пуркор ва мураббии ғамхор. -Душанбе: «Маориф», 1993. -51 с.; Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯйишҳои эронии Тоҷикистон (бо ҳаммуаллифии М.Қосимӣ, А. Мирбобоев, М.Маҳмудов, М.Маҳадов). Ҷилиди 1. -Душанбе: «Пайванд», 1376 (мутобиқи 1997 мелодӣ). -270 с.; Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ // Лаҳҷаҳои ҷанубӣ. Ҷилди 1. (бо ҳаммуаллифии М.Маҳмудов). -Душанбе: «Дониш», 1997. -288 с.; Луғати мунтахаби тоҷикӣ-русии вожаҳои роиҷ (бо ҳаммуаллифии С.Фатҳуллоев, А. Асадов). –Душанбе: «Маориф», 1999. -191 с.; Луғати калима ва истилоҳоти нав (бо ҳаммуаллифии С.Фатҳуллоев).-Душанбе: «Ирфон», 2003. -190 с.; Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент. -Душанбе: «Шарқи озод», 2009. -155 с.; Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (бо ҳаммуаллифии М.Маҳмудов, Б. Бердиев). -Душанбе: «Пайванд», 2012. -946 с.; Забони ман- ҷаҳони ман. -Душанбе: «Маориф», 2014. -160 с.; Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (Нашри дуюм бо илова ва тасҳеҳ). Мураттибон: Мансур Маҳмудов, Ғаффор Ҷураев, Баҳром Бердиев. -Душанбе: «Дониш», 2017. -842 с.;Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ. -Душанбе: «Дониш», 2017. -320 с.; Очерки забони дарии Афғонистон. -Душанбе: «Дониш», 2017, 300 с.; Луғати мунтахаби калимаҳои хоси шева (васоити ёрирасони таълим) (бо ҳаммуаллифии М.Маҳмудов ва С.Қурбонов). Душанбе: «Эр-граф», 2017, 61 с. ва ғ.

## ИССЛЕДОВАНИЕ ВЕЛИКИХ СОКРОВИЩ РОДНОГО ЯЗЫКА

*Анализ жизни и научной деятельности известных учёных нации, является один из актуальных проблем науки. Особенно, учитывая поручения Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона об изучении и рассмотрении говоров таджикского языка, данная проблема приобретает еще наиболее важный характер, так как анализ научных работ диалектологов имеют важное значение для иллюстрации принципов изучения говоров. Одним из основателей таджикской диалектологии является профессор Гаффар Джураев и его научные изыскание в области диалектологии. За более чем 60 лет стажа работы был внесен огромный вклад в развитие данной области и являются образцовыми работами для новых поколений.*

***Ключевые слова:*** *диалектология, лексический состав, южный говор, проблемы лексики, таджикско-язычные арабы, фонетика, грамматика, диалектизмы, неологизмы.*

## RESEARCHING OF GREAT TREASURES OF THE NATIVE LANGUAGE

*The analysis of the life and scientific works of famous scientists of the nation is one of the urgent problems of science. Especially, taking into account the instructions of the Leader of the Nation, Emomali Rahmon, on the study and consideration of dialects of the Tajik language, this problem becomes even more important, since the analysis of scientific works of dialectologists is important for illustrating the principles of studying dialects. One of the founders of Tajik dialectology is professor Juraev Gaffar and his scientific research in the field of dialectology. For more than 60 years of experience, a huge contribution has been made to the development of this field and are exemplary works for new generations.*

***Keywords:*** *dialectology, lexical composition, southern dialect, vocabulary problems, Tajik-speaking Arabs, phonetics, grammar, dialectic's, neologisms.*

***Сведение об авторе:***

***Рахматуллозода Сахидод Рахматулло*** *– Заместитель председателя Комитета по языку и терминологии при Правительство Республики Таджикистан, д.ф.н., профессор, член-корреспондент НАНТ. Тел: (+992) 919002178; E-mail: saxidodi@list.ru.*

***About the author:***

***Rakhmatullozoda S.R.*** *– Deputy of the Head of Language and Terminology Committee under the Government of the Republic of Tajikistan, professor, Corresponding Member of the National Academy of Science of Tajikistan. Tel: (+992) 919002178; E-mail: saxidodi@list.ru.*

## ОЛИМИ МУМТОЗ ВА ИНСОНИ КОМИЛ

***Шодии Д.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



ЗАРИФ ШАРИФОВ соли 1966 баъди хатми мактаб - интернати ба номи Шамсиддин Шоҳини ноҳияи Ховалинг ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи агрономии совхозтехникуми овозадори ба номи Ленини ноҳияи Мастчоҳ супорида, соли 1968 онро бо дипломи аъло хатм менамояд. Пасон ӯ ҳуҷҷатҳояшро ба факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (имрӯз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) супорида, ба номи пуршарафи донишҷӯӣ мушарраф гардид. Айёми донишҷӯии мо, - нақл мекунад Зариф Шарифов, - ҳама барои аз якдигар қафо намондан ҷадал доштанд. Кӯшиш менамудем, ки дар санҷишу имтиҳонҳо мудом сазовори боварии устодон бошем ва ҳамеша ба баҳои хубу аъло таҳсил кунем. Талошҳои донишҷӯи онрӯзаро ба имрӯз муқоиса мекунам. Аз умри ройгон рафтаистодаи донишҷӯи имрӯза таассуф мехӯрам. Мекӯшам ва ҷадал дорам, ки донишҷӯ китобхон шавад, бо адабиёти илмиву бадеӣ сару кордошта бошад, вале....

Шабҳои бедорхобии айёми донишҷӯиву ҷидду ҷаҳди эшон барои такмили донишу савияи ҷаҳонбинии хеш барабас нарафтанд. Ин буд, ки баъди хатми донишгоҳ ва сазовор шудан ба

дипломи аъло марҳилаи дигари зиндагиву кори устод Зариф Шарифов, ки бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Институти иқтисодии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба кор фиристонида шуд, оғоз меёбад. Ӯ аз соли 1972 то соли 1983 дар ин даргоҳи бонуфузи илм аз вазифаи лаборанти калон то ходими пешбари сектори проблемаҳои аграрӣ иҷрои вазифа намудааст. Соли 1978 хулоса ва таҷрибаҳои илмии хешро ҷамъбаст намуда, дар шӯрои дифои рисолаҳои номзадиву доктории Институти иқтисодии Ака- демияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Даромади умумӣ ва такмили тақсимоти он дар колхозҳо (дар мисоли маводи колхозҳои Тоҷикистон)» зери роҳбарии профессор И. Асроров рисолаи номзадии хешро ҳимоя мекунад. Устод Зариф Шарифов то ба дифоъ пешниҳод шудани рисола оид ба масъалаи мавриди пажӯҳиш дар маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ва соҳавӣ беш аз 20 мақолаи илмӣ дарҷ намуда, дар байни мутахассисони соҳа эътибор ва мақоми худро пайдо намуд.

Раёсати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон кордонию мутахассиси хуб будани эшонро ба инобат гирифт, соли 1983 барои тадрис ва минбаъд пурзӯр намудани фаъолияти кафедраи назарияи иқтисодӣ Зариф Шарифовро ба Институти педагогии шаҳри Кӯлоб ба ҳайси мудири кафедра равон мекунад. Устод Зариф Шарифов аз соли 1983 то соли 1993, муддати даҳ сол, дар ин вазифа кор карда, дар тарбияи насли ҷавон саҳми муҳим мегузорад. Ҳангоми мудирии устод кафедраи назарияи иқтисодии донишкадаи мазкур яке аз кафедраҳои пешбари донишгоҳ маҳсуб ёфта, инчунин, дар байни кафедраҳои назарияи иқтисодии донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ мақому мавқеи хоссаро соҳиб шуд. Бо ташаббусу дастгирии Зариф Шарифов чор нафар устоди кафедра рисолаи номзадии хешро дифоъ ва дар таълиму тарбияи шогирдон ҳиссагузорӣ намуданд.

Кордонию ташаббускорӣ ва меҳру муҳаббати ба донишҷӯю донишгоҳ доштаи Зариф Шарифов аз диду назари роҳбарону масъулин дур намонд. Дониши фарох, хислатҳои ҳалимию одамшиносӣ ва масъулиятшиносии устодро ба назар гирифта, соли 1993 ӯро декани факултети иқтисодии донишгоҳ таъин мекунанд ва ӯ то соли 1996 дар ин кор иҷрои вазифа менамояд. Зариф Шарифов, ки инсони масъулиятшиносу ҷиддӣ буд, дар як муддати кӯтоҳ факултетро боз ҳам ободтар карда, дар таълиму тадрис ва тарбияи шогирдон кӯшишу ғай- рати дучанд намуд ва факултетро ба қатори факултетҳои беҳтарин ворид сохт. Устод Зариф Шарифов тавассути кордонӣ ва ташаббускориву ҷаққониаш ба дилу дидаҳо зуд ҷой мегирифт ва ҳамин хислатҳо боиси он мешуданд, ки ӯро зуд аз як вазифа ба вазифаи дигари боз ҳам пурмасъулиятар таъин менамуданд. Соли 1996 ӯро муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва робитаҳои хориҷии Донишгоҳи Кӯлоб таъин карданд, ки дар ин вазифа то соли 1999 фаъолият дошт. Чи хеле ки дар боло таъкид намудем, мавсуф чун иқтисодчӣ корро аз лаборантии донишкадаи илмӣ оғоз намуда, зина ба зина маҳорату дониши хешро сайқал медод, ки ин аз чашмҳо пинҳон намонд. Роҳбарияти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 ин олими варзидаро ба вазорат даъват намуда, ба дӯши ӯ роҳбарии Идораи барномарезӣ, иқтисоду молияи Вазорати маорифро вогузоштанд, ки дар ин вазифа то соли 2002 кор кард. Аз соли 2002 то моҳи январи соли 2007 вазифаи пурмаъулият муовини вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дӯш дошт.

Зариф Шарифов чун фидоии мактабу маориф соли 2007 ба вазифаи боз ҳам масъулиятнок - сардори Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф таъин гардид. Ӯ, ки ба мактабу маориф иртиботи қавӣ дошт, дар ин ҷода низ корро бо дасту дили гарм оғоз кард. Бо роҳбарию сарварии бевоситаи Зариф Шарифов дар як муддати хеле кӯтоҳ нақшаи чорабиниҳо оид ба тамоми соҳаҳое, ки хадамот бар дӯш дошт, тарҳрезӣ шуд ва ҳайати бонуфуз аз пайи пиёда кардани он шуд. Корҳои анҷомдодаи Зариф Шарифов дар як муддати хеле кӯтоҳ зуд ба таваҷҷӯҳи масъулини вазорату идораҳои дахлдор расида, писанди онҳо гардид. Ин буд, ки аз 10 ноябри соли 2008 Зариф Шарифов ректори донишгоҳи аввалини ҷумҳурӣ - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин гардид...

Зариф Шарифов аз аввалин мулоқоти худ бо устодону кормандон ва сӯҳбат бо донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ ба тамоми паҳлӯҳои кору таҳсили донишҷӯён таваҷҷӯҳ намуда, устодону кормандон ва донишҷ- ӯёнро муваззаф намуд, ки бо дасту дили пок, бо кори намунавию хониши хубу аъло бояд кору таҳсил намоянд. Дар тӯли роҳбарии худ Зариф Шарифов дар тамоми корҳои таълимиву тадрисӣ, тарбиявӣ ва иқтисодии донишгоҳ тавонист корҳои чашмрасро ба анҷом расонад. Дар ин муддат ҳуҷҷатгузорӣ дар тамоми сохторҳои донишгоҳ ба низом даровaрда шуда,

китобхонаи электронӣ ба кор шуруъ намуд. Тазаккур бояд дод, ки бо ташаббуси ӯ Шӯрои дифои рисолаҳои докторӣ оид ба педагогика, шӯрои дифоъ оид ба методикаи таълими математика ба кор шурӯъ намуд. Инчунин, соли равон бо пешниҳоди Зариф Шарифов ва дастгирии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 ихтисоси ҷадид ва як факултети нав бо номи иқтисодиёт ва идоракунии маориф ба кор шурӯъ намуд. Баъд аз санҷишу мушоҳидаҳои зиёди чандинсола, омӯзиши талабот ба ихтисосҳои нав раёсати донишгоҳ, ба хусус ректори он Зариф Шарифовро водор намуд, ки ба чунин иқдоми нек даст занад.

- Меваи онро, - таъкид мекунад Зариф Шарифов, - баъди панҷ- шаш сол мечашем. Ҳар чизи нав, идея, пешниҳоди ҷадид нахуст ба муқобилият дучор меояд. Имрӯз баъзе пешниҳоду корҳое, ки мо амалӣ мекунем, на ба ҳама маъқуланд. Онро ҳар устоду шогирд мувофиқи фаҳмишу ҷаҳонбинии худ дарк мекунад. Вақт довари корҳо аст, умедворем, ки ҳамааш хуб анҷом меёбад. Аз январи соли 2012 то ҳоло Зариф Шарифов вазифаи мудири кафедраи «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур фаъолият дорад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки Шарифов Зариф Раҳмонович (солҳои 2004-2007) роҳбарии гурӯҳи кории вазорат оид ба нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009-ро ба уҳда дошта, дар таҳия намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ, идоракунӣ, банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаи маориф, махсусан таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи нақшаи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009» (№291 аз 30.06.2004), лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба шакли нави идора ва маблағгузорӣ гузаронидани муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳри Хоруғи вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Ваҳдат» (№441 аз 01. 11 соли 2004), таҳияи Консепсия ва дурнамои маблағгузории соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009, кори семинару конференсияҳои илмӣ- амалӣ, симпозиумҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин дар ташвиқу тарғиби сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат дар байни аҳолии кишвар фаъолона иштирок мекунад.

Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ Низомнома ва Оинномаи Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва Низомномаи зерсохторҳои он таҳия ва аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаст.

Бо роҳбарии Шарифов Зариф Раҳмонович маҷмуаи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти Хадамот, махсусан оид ба тартиби гузаронидани аттестатсия, аккредитатсия ва иҷозатномадиҳии муассисаҳои таълимӣ, тартиби гузаронидани назорати давлатии сифати таҳсилот, назорати рафти иҷрои қонунҳои амалкунандаи соҳаи маориф, дастуру супоришҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовараи Вазорати маориф, Стандарти давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, ба чоп супорида шудааст. Дар назди Раёсат шӯъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо, қисми таълими мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, идтиҳодияҳои методии мактабҳои таҳсилоти умумӣ бахшҳо ва гурӯҳҳои назорати давлатии сифати таҳсилот буда, пайваста таҷрибаи дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик, махсусан давлатҳои муштаракул манофеъро оид ба таъмини рушди устувори иқтисодиёти милли, таъмини барномаи озуқаворӣи кишвар, рушти самараноки хоҷагиҳои деҳқони ва ғайра омӯхта, барои амалӣ кардани онҳо тадбирҳо меандешад.

Устод Зариф Шарифов бо вуҷуди серкорӣ муттасил дар мутолиа буда, ба иншои мақолаву рисолаҳои илмӣ банд аст. Ҳамин ки фурсати муносиб пайдо намуд, ҳатман ба иншои ин ё он мақолаи тарҳрезӣ намудааш машғул мешавад. Ин аст, ки беш аз 100 мақолаву 10 рисолаи илмии устод оид ба масоили умдаи иқтисодии кишвар ба дасти хонанда расидааст. Махсусан, рисолаҳои «Сарфаю сариштакорӣ дар колхозҳо» (1983), «Такмили тақсимоти даромад дар колхозҳо» (1987), «Ҳисоби хоҷагӣ ва пудрати иҷора дар хоҷаги қишлоқ» (1993), «Муносибатҳои бозаргонӣ дар комплекси агросаноатӣ» (1994), «Ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳо» (2000), «Ислоҳоти маориф: пешравӣ, мушкилот ва пешниҳодот» (2007), «Дастур оиди бурдани ҳисобдории бухгалтерӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007), «Асосҳои иқтисоди бозор ва ташаккули механизми хоҷагидорӣ дар КАС» (2008) ва мақолаҳои сершумораш оид ба ин соҳа аз фидоӣ будани муаллим башорат медиҳад. Зариф Шарифов хулосаву ҷамъбасти мулоҳизаву андешаҳои илмии хешро дар рисолаи доктории худ 22 маи соли 2009 дар Шӯрои диссертатсионии Институти иқтисодиёти

хоҷагии қишлоқи Академияи илмҳои хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ш.Душанбе) дар мавзӯи «Ташаккулёби ва интишофи механизми бозории хоҷагидорӣ дар КАС Тоҷикистон» (назария, методология, амалия) бо муваффақият ҳимоя намуда ба гирифтани унвони доктори илмҳои иқтисодӣ соҳиб гардидааст.

Фаъолияти илмию тадқиқоти ва илми-методӣ З.Р. Шарифов асосан ба омӯзиши проблемаҳои микро ва макроиқтисодиёт, муносибатҳои бозоргони дар комплекси агросаноатӣ, механизми хоҷагидори ва роҳҳои такмил додани он дар шароити гузариши КАС ба муносибатҳои бозорӣ бахшида шудааст. Шарифов Зариф Раҳмонович дар давраи фаъолияти илмию педагогияш зиёда аз 10 монография, 20 китобҳои дарсӣ ва брошюраҳои илмӣ аз рӯи фанҳои таълими ва мавзуҳои илмӣ таҳқиқоти кафедра, дастурҳои таълимӣ- методӣ ва зиёда аз 220 мақолаҳои илмӣ-методӣ дар нашрётҳои хориҷӣ ва ҷумҳуриявӣ аз чоп бароварда пешниҳоди хонандагон гардонидааст.

Ҳоло Шарифов Зариф Раҳмонович ба омӯхтан ва тадқиқоти паҳлуҳои гуногуни масъалаи бозор ва такмили механизми хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар КАС, ташаккул ва рушди муносибатҳои бозоргони дар хоҷагиҳои деҳқони (фермери), хусусияти ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ машғул шуда дар конфренсияҳои илми дар ш. Масква, Туркия, Олмон, Австря, Чехия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Швется ва дигар давлатҳои хориҷӣ иштирок карда баромад намудааст.

Аз даврони ба ҳайси ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таъин гардиданаш то ин рӯз бо факултети иқтисодиёт ва идоракунии маориф ҳамкории пайваста дошта, маҳз бо ташабуси устод 01 ноябри соли 2011 кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит таъсис ёфтааст, ки то инрӯз ҳазорҳо шогирдонро аз рӯи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф омода намудаанд. Барои баланд бардоштани сифати таълим ва таъмини донишҷӯён бо адабиётҳои ватанӣ аз ҷониби Зариф Шарифов дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ барои ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф ба чоп расонида шудаанд, ба монандӣ: «Назарияи баҳисобгирии бухгалтерӣ, китоби дарсӣ, Душанбе 2015»; «Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ Душанбе 2017»; «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар муассисаҳои буҷетӣ, китоби дарсӣ Душанбе 2016»; «Баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи маориф дастури таълимӣ (бо ҳаммуаллифи бо Шодии Давлаталӣ) Душанбе 2020» ва «Назорат ва тафтишот дар муассисаҳои буҷетӣ (бо ҳаммуаллифи бо Шодии Давлаталӣ) Душанбе 2021».

Шарифов Зариф Раҳмонович доимо дар таҳияи нақшаву барномаҳои таълимӣ кумакҳои худро дареғ намедоранд ва пайваста кушиш менамоянд, ки дар баланд бардоштани сатҳу сифати дониши донишҷӯён саҳмгузор бошанд.

Хизматҳои босамари Шарифов Зариф Раҳмонович бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 1997), соли 1999 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ордени «Шараф», соли 2011 бо Медали «20- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2019 Корманди шоистаи Тоҷикистон қадр карда шудааст.

Мо аз номи худ ва аз номи ҳамаи устодону шогирдони донишгоҳ ба устод тани сиҳату қалами бурро ва дар амалӣ намудани ҳама нияту нақшаҳое, ки дар пеш доранд, барор хоҳонем ва аз номи одамушшуаро Рӯдакӣ мегӯем:

***Ҷуз ин дуот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфтаст:***
***Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ!***

## ФАЗИЛАТГУСТАР

***Боқиев Ҳ., Фозилов С.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*



Аз ибтидои олам инсон ниёз ба омӯзиш дошт. Зеро ҳар он воқеаву ҳаводисе, ки дар табиат ба миён меомаду инсон ба онҳо бархурд мекард, ӯро барои дарки маърифаташон равона менамуд. Инсонро маҳз ҳамин ҳисси кунҷкобиаш сабаб гардид, ки ором-ором ба моҳияти ҳаводису воқеаҳои дар табиат рух медода, сарфаҳм равад ва баҳри наҷоти худаш чораеро пайдо кунад. Инсонҳои пӯёю ҷӯё шабеҳи пешвоёне буданд, ки бо маърифати Худованд барояшон арзонӣ дошта, ҳамнавъони худро ба сӯи равшаниву дарки олами атрофашон ҳидоят менамуданд. Ҳамин тоифаи ҳидоятгар, бидуни тардид муаллимонанд, ки дар ҳама давру замон ҷомеаро аз ҷаҳолату нодонӣ наҷот мебахшанд. Рисолати азалиашон низ бозгӯи ин ҳолат аст. Дар олам чунин нашудааст, ки афроде бе устод ба ҷодаи илм ва маърифати олам комёб гашта бошад. Агар зиндагонии пайғамбари исломро пеши назар орем, дармеёбем, ки бидуни ҳидояти Худованд ин рисолат ба дӯши ӯ вогузор намегардид ва илму маърифати ҷаҳониро соҳиб намегашт. Ҳамин аст, ки пайғамбарон ҳидоятгару роҳнамои башарият ба сӯи рӯшноӣ ва дарки маърифати Илоҳианд. Муаллимон низ ҳамин рисолатро доранд ва беҳуда шоире нафармудааст, ки:

*Гиромитар зи ту фарде надидам,*
*Расули хоси Яздонӣ, муаллим.*

Муаллимон дар тӯли таърих дар баробари роҳнамоиву ҳидояти ҳамнавъони худ, инчунин осореро таълиф намуданд, ки пас аз гузашти эшон низ ҳамчун дастур барои ояндагон хизмат карда меоянд. Ҳамин аст, ки инсоният мутобиқ бо раванди инкишофи ҷомеа таҳаввулотеро дар худ эҳсос мекарду барои офаридани осори тоза саъю кӯшиш менамуд. Ҳамин талошу ҷадалҳо инсонро ба сӯи комёбиҳо расонид ва инсони хокӣ на танҳо барои дарки маърифати атроф, балки барои дарки мафҳуми олами малакутӣ таҷриба андӯхт.

Ин дебоча бозгӯи зиндагинома ва фаъолияти илмию омӯзгории қаҳрамони ин нигоштаи мо доктори илми педагогика, профессор Абдулбоқӣ Нуров мебошад.

Зиндагиномаи профессор А.Нуров шоистаи омӯзиш ва пайравист. Агар ба таври мухтасар ба зиндагӣ ва фаъолияти профессор назар андозем, ба чунин натиҷа мерасем, ки дар мактаби миёна бо баҳои хубу аъло таҳсил кардаву ҳангоми таҳсил дар мактаби зодгоҳаш ҳамеша таваҷҷуҳи ин ҷавони наврасу ташнаи илмро бештар фанҳои ҷомеашиносӣ, махсусан забон ва адабиёти тоҷик моил ба худ кардаанд. Аз ҳамон замон сар карда, меҳру муҳаббати А.Нуров ба омӯзиши забону адабиёт ва осори адибони классику муосири тоҷик зиёд мегардад. Бо гузашти вақт Абдулбоқӣ Нуров соли 1970 ба шуъбаи филологияи тоҷики факултети таъриху филологияи Донишкадаи давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) дохил шуда, онро соли 1974 хатм намуд. Аз соли 1974 то соли 1975 дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникии шаҳри Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) ба сифати муаллими забон ва адабиёти тоҷик иҷрои вазифа кардааст. Солҳои 1975-1976 дар сафи Артиши Шӯравӣ хизмат намуда, баъди адои хизмати Модар-Ватан фаъолияти омӯзгории худро дар омӯзишгоҳи мавриди зикр то соли 1977 давом медиҳад.

Устод А.Нуров аз соли 1977 то соли 1981 ба ҳайси ассистенти кафедраи педагогикаи донишкада фаъолият намуда, солҳои 1981-1984 дар шуъбаи аспирантураи кафедраи педагогикаи ДДОД ба номи Т.Г.Шевченко таҳсил кардааст. Соли 1985 дар Шӯрои ҳимояи рисолаҳои номзадии Институти давлатии педагогии шаҳри Алма-Ато ба номи Абай, таҳти роҳбарии номзади илмҳои педагогика, ходими калони илмӣ Гордин А.Ю. дар мавзӯи «Ягонагии талаботи маънавии оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии талабагони синфҳои ибтидоӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Устод А.Нуров солҳои 1985-1992 дар вазифаҳои ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи педагогика ба донишҷӯён дарс гуфтааст. Солҳои 1992-1998 ба сифати мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ, солҳои 1998-2007 дар вазифаи декани факултети педагогика, солҳои 2007-2008 дар вазифаи ноиби ректори донишгоҳ оид ба илм фаъолият намуд. Мавриди тазаккур аст, ки соли 2004 дар мавзӯи «Арзишҳои миллию умумибашарӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас» рисолаи докторӣ дифоъ намуд ва соли 2008 сазовори унвони илмии профессор гардид. Солҳои 2008-2013 декани факултет ва аз 01.02.2013 то соли 2017 дар вазифаи мудири кафедраи педагогика ва психология фаъолият карда, аз соли 2017 то имрӯз вазифаи профессори кафедраи мавриди назарро ба ухда дорад. Мавриди зикр аст, ки профессор Абдулбоқӣ

Нуров борҳо дар симпозиуму конфронсҳои байналхалқӣ дар шаҳрҳои Москва, Будапешт, Тошканд, Теҳрон ва Бишкек иштирок намудаву суханрониҳо кардааст. Зери роҳбарии устод А.Нуров 18 нафар рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намудаву айни замон 1 нафар пайи навиштани рисолаи илмии докторӣ ва 3 нафари дигар ба навиштани рисолаҳои номзадӣ саргарми кору тадқиқ мебошанд. Хизматҳои шоиставу мондагори профессор Абдулбоқӣ Нуров аз тарафи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишони «Аълочии системаи маълумоти касбӣ-техникӣ» (1998), бо ордени «Шараф» (1999), нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2001) ва унвони «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (2015) тақдир шуданд.

Бамаврид аст зикр намоем, ки устод Абдулбоқӣ Нуров бидуни тардид, аз олимони номвару муваффақи соҳаи педагогикаи тоҷик буда, солҳои тӯлонист, ки ба таълиму тарбияи донишҷӯён машғул аст ва шогирдони зиёдаш имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти умумии тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, кишварҳои ҳамсоя ва дар мақомоти бонуфузи марбут ба соҳаи маориф муваффақона кор мекунанд ва иддае ба таҳқиқоту пажӯҳиш гаравидаанду ба комёбиҳо расидаанд. Корманди шоистаи Тоҷикистон профессор Абдулбоқӣ Нуров дар радифи таълиму тарбияи шогирдон мунтазам ба таҳриру таълифи осори илмию методӣ машғул буда, дастуру китобҳои зиёде ба нашр расондаву дар рушду такомули илми педагогика ҳиссаи сазовор гузоштааст. Бо қаламии профессор Абдулбоқӣ Нуров 3 китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишкада ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ (дар ҳаммуаллифӣ), 6 дастури таълимӣ, 8 барномаи таълимӣ ва зиёда аз 200 мақолаи илмӣ, илмӣ-методӣ ва оммавӣ иншо гардидаву ба нашр расидаанд, ки аз тарафи хонандагон хуш истиқбол ёфтаанд. Аз ҷумла, китобҳои дарси ва дастурҳои таълимии «Кори якҷояи мактабу оила дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол» (1989), «Омӯзгор, олим ва инсони комил» (1998), «Мазмуни барномаи тарбияи ҷавонон» (2000), «Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол» (2002), «Арзишҳои миллию умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон» (2003), «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ» (Воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ) (2005), «Педагогика» (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ) (2007), «Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик» (2008), «Устоди педагогҳо» (2008), «Гавҳари нодурахшида» (2009), «Педагогика» (2011), «Мақоми менталитети миллӣ дар тарбия ва таълим» (дар ҳаммуаллифӣ) (2012), «Методология ва методҳои таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ» (дар ҳаммуаллифӣ) (2014), «Таърихи педагогикаи ҷаҳон» (дар ҳаммуаллифӣ) (2016). раҳнамои донишҷӯён ва илҳомбахшу дастгири аҳли пажӯҳишу омӯзишанд. Профессор А.Нуров дар таҳияи барномаҳои таълимии марбут ба илми педагогика низ ҳиссаи чашмгир дорад.

Китоби «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ» (2021) асарест, ки таълифу нашри онро аҳли маориф дербоз интизор буданд. Он ҳамчун дастури таълимӣ таълиф шуда, хеле фарогиру муҳтавоманд асту бо сабку услуби хос эҷод гардидааст. Дастури мавриди назар нуҳ мавзӯи меҳварии тарбия дар синфҳои ибтидоиро фаро гирифта ва дар навбати худ ин мавзӯъҳо аз зермавзӯъҳо иборатанд. Бо итминони комил метавонем гӯем, ки китоби мавриди назар бе ҳеҷ шакку шубҳа, дар ҷараёни таълиму тарбияи насли навраси зинаи аввали таҳсилот нақши босазо дорад ва фарогири умдатарин масоили вобастаи омӯзишу парвариш мебошад.

Хирадмандони олам борҳо таъкид кардаанд, ки таърих ҳамчун оинаи рӯзгорони аҳли башар саропо ҳикмат аст, манбаи омӯзиш аст. Аз ин рӯ, таърихро надониста, бардоште аз он надошта, наметавон инсони комил буд. Ҳамчунин, ҳеҷ илмеро бидуни руҷӯъ ба таърих наметавон ба таври мукаммал фаро гирифт.

Донишманди маъруфи аҳди бостон Пилиний гуфтааст, ки «омӯзиши таърих барои шинохту эътирофи ҳақиқат бағоят муҳим мебошад». Ва ин ҳама таъкидгари онанд, ки дар омӯзиши фанни педагогика низ ҳамбастагӣ бо таърих омили муҳим аст. Фанни педагогика, ба вижа, дар мактабҳои олии омӯзгорӣ дар меҳвари омӯзиш қарор дорад ва воқеан ҳам, бидуни омӯзиши амиқи ин фан дар соҳаи таълиму тарбия ҳаргиз наметавон комёб шуд. Педагогика чун аксари фанҳо шохаҳои гуногунро дар бар мегирад, амсоли педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика, педагогикаи синнусолӣ, педагогикаи муқоисавӣ... Дар ин росто дар мактабҳои олии омӯзгорӣ бо номи таърихи педагогикаи ҷаҳон фанне тадрис шудаву мешавад, ки онро метавон чун заминаи асосӣ баҳри омӯзиши фанни педагогика тавсиф бахшид. Ин фан арсаи бавусъатеро фаро мегирад ва ғолибан ҷараёни пайдоишу инкишофи назария ва амалияи тарбияву таълим, марҳалаҳои инкишофи мактабу маорифро дар ақсои олам ташреҳ мебахшад, оид ба осору омоли номвартарин педагогҳои ҷаҳон маълумот фароҳам меоварад, перомуни қонуниятҳои ташаккули таърихи педагогика дар манотиқи мухталиф баҳс мeороям. Таи даҳсолаҳост, ки таърихи педагогикаи ҷаҳон дар мактабҳои олии омӯзгории кишварамон ҳамчун фанни махсус таълим дода мешавад. Хушбахтона, бо заҳматҳои пайвастаи олимони шинохта Б.Раҳимов ва А.Нуров мушкилоти устодону донишҷӯён роҳи ҳалли худро пайдо намуд. Зеро солиёни пеш устодон бо дастрасӣ аз адабиёт ба забони русӣ онро таълим медоданду донишҷӯён илова ба мухтасар навиштани маърӯзаи устодон даҳҳо китобу рӯзномаву маҷалларо варақ зада, вақти зиёде ба харҷ дода, мавзуъро азхуд мекарданд ва ба санҷишу имтиҳонот

омодагӣ мегирифтанд. Чунин вазъи нохушоянд аксари фанҳои ҷамъиятӣ ва дақиқро фаро гирифта буд. Баҳри бартараф намудани ҳолати мазкур дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ, ба вижа, дар заминаи таваҷҷӯҳи рӯзафзуни Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди илм ва забони тоҷикӣ ва ҳамчунин, дар иртибот ба Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» шароити созгор ба вуҷуд омад ва чандест, ки ин вазъи созгор иддае аз фарзонафарзандони шарафманд ва номусбардори миллатро водор сохт, ки барои пурсамар истифода кардану маснаднишин гаштани забони модариву илми миллӣ пайваста ба ҷон кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки китобу дастурҳои таълимӣ таълиф намоянд. Ва аз ин ҷост, ки устодону донишҷӯёни мо ҳам акнун оид ба аксар фанҳои ҷамъиятиву дақиқ китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ рӯи даст доранд ва аз онҳо пайваста баҳрабардорӣ мекунанд. Китоби пурмуҳтавою бузургҳаҷми (40 ҷузъи чопӣ) «Таърихи педагогикаи ҷаҳон», мутааллиқ ба қалами олимони маъруфу соҳибтаҷриба Баён Раҳимов (рӯҳаш шод бод) ва Абдулбоқӣ Нуров аст, ки тавассути нашриёти «Ирфон» ба табъ расидааст, силсилаи мазкурро мукаммалтар сохт. Таъкид бамаврид аст, ки китоби дарсии мавриди назар бори нахуст ба забони тоҷикӣ нашр гардид, ки инро дар таърихи илми педагогикаи тоҷик ва дар таърихи мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон метавон ҳамчун ҳодисаи марҳилавӣ ва манфиатбахш эътироф намуд.

Аҳамияти муҳимми илмию тарбиявии «Таърихи педагогикаи ҷаҳон» аз он иборат аст, ки махсусиятҳои таълиму тарбия, мактабу маорифро вобаста ба сохторҳои ҷамъиятӣ ташреҳ бахшида, вазифаҳои умдатарини ин илми инсонсозро дар ҳар адвори таърихӣ ба доираи баҳсу баррасӣ кашидааст. Муаллифон барҳақ дар оғози боби якум таъкид кардаанд, ки: «Донистани таърихи педагогикаи ҷаҳон аз он ҷиҳат муҳим аст, ки омӯхтани мероси гузаштаи педагогӣ доираи ҷаҳонбинӣ ва фаҳмиши моро васеъ мекунад, имкон медиҳад, ки ба мероси гузашта дуруст муносибат кунем, маданияти педагогӣ ва дониши илмии педагогиамонро баланд бардорем, қобилият ва истеъдоди педагогиамонро рушду сайқал диҳем, донишҳои андухтаамонро дар кори амалии педагогии худ эҷодкорона истифода бурда тавонем».

## ФИДОИИ ИЛМУ МОДАРИ ДИЛСУЗ

***Маҷидова Б.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Ба таърихи навадсолаи Донишкадаи Омӯзгории шаҳри Душанбе, ки имрӯз мавқеъ ва номи Донишгоҳи Омӯзгории ба номи Садриддин Айниро сазовор гардидааст, назар андозем, мебинем, ки дар ин даргоҳи муқаддас, макони илму фарҳанг, оҳангархонаи тайёр намудани омӯзгорон барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот бонувони зиёде таҳсил намудаву ба кори омӯзгориву илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардида, дар пешрафти илми таълимдиҳию тарбиявӣ тақвият бахшида ба камолоти касбӣ ҳиссагузор гардидаанд, зиёд мебошанд. Ҳар яки онҳо ба кору амали худ дар пешрафти мактабу маориф нақши арзанда гузоштаанд. Яке аз чунин фардони дилбохтаи касбӣ омӯзгорӣ, ки шастсоли ҳаёти худро ба масъалаҳои таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ бахшидааст, муаллифи китобҳои дарсии «закбони модарӣ» барои синфҳои ибтидоӣ, дастуру нишондодҳои методӣ барои омӯзгорон, барномаҳои таълимӣ оид ба омода намудани омӯзгорони оянда, муаллифи мақолаҳои методию илмӣ, зани хоксору ҳалим, олима, модари мушфиқу меҳрубон, устоди нексиришт, некхоҳ ва накӯкор Фатҳияхон Икромова мебошанд.

Устод Ф.Икромова бо баробари омӯзгор устод олимаи варзида, корманди шоистаи Тоҷикистон, профессор будан дар таҳқиқи масъалаҳои методикаи таълими забони модарӣ ба баробари натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои илмӣ бо мутахассисони соҳа ҳамкорӣ ва ҳаммуаллифӣ намуда ба таҳияи китобҳои дарсӣ машғул гардидаанд. Дар соли 1982 китоби дарсӣ барои синфҳои таҷрибавӣ бо унвони «Супориши таълимӣ оид ба хониш ва инкишофи нутқ», минбаъд «Китоби хониш"барои синфи 1 (1984), китоби хониш барои синфи 2 (1987) дар ҳаммуаллифӣ бо А.Эшонҷонов дастраси хонандагону омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ гардид. «Китоби хониш» барои синфи 2 дар солҳои 1988, 1989, 1990, 1991, 1993 дар ҳаҷми 18, 5 ҷ. ч. бознашр гардида чун китоби беҳтарини дарсӣ шинохта шуд.

Устод Ф.Икоромова дар озмуни ҷумҳуриявии таҳияи китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ, ки дар рӯзномаи «Омӯзгор» соли 1995 эълон шуда буд иштирок намуда соли 1997 китоби дарсии «Забони модарӣ» барои синфҳои 2-ро дар ҳаммуаллифӣ ба И.Абдуллоев омода намуданд ва он дар

соли 1997дар нашриёти «Маориф» нашр гардид. Соли 2000 бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин китоб чун китоби дарсӣ дар нашриёти «Корпоратсия Федоров”- и ш.Самаро бо теъдоди 100022 нусха чоп шуд. Солҳои 2005-2008 ва 2012 дар нашриёти ИППД -и Узбекистон бо адади 100000 нусхагӣ аз чоп баромад ва чун яке аз воситаҳои таълимии дӯстдоштаи талабаҳо ва омӯзгорон эътироф карда шуданд.

Дар якҷоягӣ бо китобҳои дарсӣ таҳия ва дастрас намудани дастурҳои методӣ барои омӯзгорон яке аз воситаҳои баланд бардоштани самарабахшии таълим ва бомуваффақият азхудкунии дониш, маҳорату малакаҳо аз тарафи хонандагон мебошад. Аз ин рӯ устод Ф.Икромова ба ин масъала низ диққати махсус медоданд. Барои омӯзгорону хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳия ва дастрас гардидани «Хрестоматия доир ба хониши берунасинфӣ ба унвони «Зебо Ватани мо» (дар ҳаммуаллифӣ бо Р.Давлатова)», «Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ» дар синфи 2 (1987) «Инкишофи нутқи алоқаманд дар дарсҳои хониши синфи якум», «Материалҳои дидактикӣ оид ба таълими савод», «Дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ дар синфи як» ва ғайраҳо солҳо ҳамчун китоби рӯимизии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ хизмат кардаанд.

Китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳоим таълимӣ мақолоту гузоришҳои илмию методии таҳия кардаи устод Ф.Икромова ба омӯзгорони синфҳои ибтидоии ҷумҳурӣ ва тоҷикзабонони берунмарзӣ дар бобати такмил додани сифату скамаранокии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва баланд бардоштани маҳорати каксбии онҳо равона карда шудаанд. Устод чун омӯзгори соҳибтаҷриба ва муҳаққиқи методикаи таълими забони модарӣ хуб медонанд, ки сифати дарси муаллим аз бисёр ҷиҳат ба таёрии хуби методии ӯ вобаста аст.

Хизмати устод Ф.Икромова дар тайёр намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ назаррас аст. Аз рӯзҳои аввали ба кафедраи педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ, баъди бомуваффақият дифоъ намудани рисолаи номзадӣ дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии педагогии бо номи А.И.Гертсени ш. Ленинград (Санкт Петербурги ҳозира) таҳти роҳбарии проф. Г.К.Голенкина, ки аспиранткаи ДДОД ба номи Т.Г.Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) буданд, ба сатҳу сифати барномаҳои таълимӣ, оид ба методикаи таълими забони модарӣ ва инкишофи нутқ, мавзӯи корҳои курсӣ, ташкилу баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯён, мазмуну муҳтавои корҳои мустақилона, таҷҳизонидани раванди таълим бо маводҳои айёнию методӣ, таъминоти методии фанҳои тахассусӣ диққати махсус медоданд. Тавонистанд айёми роҳбарӣ ба кафедра (1973-1979) бо баробари сазовор шудан ба унвонҳои илмии дотсент (1979) ва профессор (1990) то имрӯз дониш, таҷрибаи боби илмӣ – методии худро ба донишҷӯён, омӯзгорони ҷавон омӯзонанд, намунаи ибрат дар кору зиндагӣ баранд.

Аз рузҳои аввали ба фаъолияти илмӣ – методи ва илмӣ – таҳқиқотӣ машғул шудани худ устод кӯшиш намудаанд ба мақолаю асарҳои таҳия ва интишор намудаи худ ба густариш ёфтани назария ва амалияи методикаи таълимии забони модарӣ ва инкишофи нутқи хонандагони синфи ибтидоӣ, ки таҳкурсии минбаъдаи илмомӯзии инсон аст, ҳиссагузор бошанд. Устодони кафедраро дар иҷрои корҳои илми таҳтиқотӣ дастгирӣ намуда доимо бо методистони шинохтаи соҳа М. Лутфуллозода. Ф. Шарифзода, шодравон М.А.Қозиҷонов, Р.Қурбонов С.Акрамов, сарварони МТМУ, омӯзгорони пешқадами шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин бо олимону омӯзгорони кишварҳои Россия, Узбекистон ҳамкорӣ намуда ба пешрафти кор мусоидат менамуданд. Пайваста ба гузоришу маърӯзаҳои илмӣ дар конфронсу ҷаласаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шаҳрҳои Москва, Тошкент, Минск, Киев ва ғайраҳо баромад карда барои иҷрои анҷом додани вазифаҳои ҷамъиятӣ низ вақт ҷудо намудаанд. Зиёда аз 20 сол аъзои Шӯрои илмӣ- методии назди Вазорати маорифи иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ, узви Шӯрои илмии донишгоҳ, раиси Шӯрои ҷумҳуриявии ҳамоҳангсози масъалаҳои таълими синфҳои ибтидоӣ, аъзои Ассотсиатсияи «Олимаҳои Тоҷикистон» буданд. Суҳбати ҳаловатбахшу тарбиявии худро аз омӯзгорони ҷавон, донишҷӯёну волидони онҳо дареғ намедоштанд.Асарҳои пурмазмуни илмию методии профессор Ф. Икромова дар ганҷинаи назария ва амалияи методикаи таълими забони модарӣ имрӯз низ хеле арзишманд буда он таҳкурсии қавист, ки болои он таҳқиқотҳои илмӣ, коркарди технологияҳои нави таълимӣ бунёд ва амалӣ хоҳанд гардид. Бо ибораи шоир

***На ба майли замон хароб шавад,***
***На ба сели замин дар об шавад.***

Дар таърихи тамаддун ва таҷрибаи инсон исбот гардидааст, ки оилаву оиладорӣ ҳам илм аст. Илми мураккабу печида аст, ки натиҷаи омӯзишу дар зиндагӣ тадбиқ намудани он бунёди оилаи устувору таълиму тарбияи фарзандони номбардори волидон аст. Дар ин ҷода низ профессор Фатҳияхон Икромова муваффақу сарбаланд, намунаи неку шоистаи ибратӣ пайвандону ҷавонони имрӯзи ҷомеа мебошанд. Устод бо ҳамсари худ Обид Ҳомидов – Корманди Шоистаи Тоҷикистон, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Аълочии кинематографияи Иттиҳоти Шуравӣ, Аълочии радио ва телевизиони Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 70 сол зиндагӣ намуда туйи Арусии худро соли 2010 ҷашн гирифтаанд. Дар ин муддат се фарзанди худ Олимҷон, Толибҷон ва Оқилҷонро ба воя расонда дар соҳиб шудан ба касби пурифтихору мушкил дар Институти давлатии умумииттифоқии (ҳоло умумироссиягии кинематографияи ш. Москва (ВГИК), бунёди оилаи солиму таълиму тарбияи фарзандон, барои хизмат бо халқу Ватан мададу дастгирӣ намудаанд.

Имрӯз устоди соҳибкасбу шогирддӯстдор, олимаи мумтоз, гавҳари дарси илм, файзбахши маърифат, модари меҳрубону бибии соҳибдавлат аз файзу баракати меҳнати 60 солаи худ дар ҷодаи кори омӯзгорӣ давлати пирӣ доранд, аз пешрафту дастовардони пайвандону шогирдон хурсанд гардида даст ба дуо барои ободию оромии кишвар, тансиҳатию хонаободии хурду бузург мебардоранд, дар як вақт маслиҳату мадади худро чун анъана аз эҳтиёҷмандон дареғ намедоранд.

Мо шогирдону пайравони профессор Фатҳия Икромова орзуманди онем, ки бо чеҳраи кушоду муҳаббати самимӣ устоди худро, ки қариб ҳамсоли Донишгоҳи азизамон мебошанд, дар 100 ҷашни ин маҳзани илму дониш дар паҳлуи худ бо даст бо дуои нек бубинем .

## ДАР ТАЪЛИФ ТОЗАКОР, ДАР ТАЪЛИМ НАВҶӮ

***Насриддинов З.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*



Кист ӯ? Болоқаду сафедрӯ бо пешонии васеъ. Лабонаш ҳамеша ба табассуми малеҳ моил, чусту чолок, фурӯтану оқил буда, ахлоқи ҳамида, одобу одамият, хоксорию шоистахисолиро Худованд барояш арзонӣ гардонидааст. Тарзи гуфтораш дилкаш. Хомӯшии ба худ хос дорад. Таҳаммулаш баланд. Зеро гӯянд: *Каси доно бувад пайваста хомӯш ва деги пухта камтар мезанад ҷӯш.* Шиори ӯ: «Корҳо накӯ шавад аз сабр». Пайғамбарамон (с) сабрро калиди хушбахтиҳо номидаанд.

Ба эҳсосот дода намешавад. Дар мавридҳои ҳассос ҳини баҳсу мунозира дар ҷамъомадҳои илмӣ, дар гуфтор боэҳтиёт аст. Эътибору эътироф ва маҳбубият дорад байни ҳамкорон. Омӯзгорӣ дар раги ҷисму ҷонаш аз овони хурдӣ маскан гирифтааст. Зеро зодаи омӯзгору меросбари касби падар мебошад.

Доираи дониш ва огаҳиаш аз фанни «Забони модарӣ», тарзи таълими он касро мутаҳайир месозад. Хатти хонову зебо дорад. Намунаи хаташ чун асоси пайравӣ дар китобҳои дарсӣ ҷой гирифтааст. *Дар таълиф тозакор, дар таълим навҷӯст.*

Соҳиби чанд китобу таълифот. Аз рӯйи китобҳои вай кӯдакони тоҷик сабақ меомӯзанд. Ба унвонҳои илмию педагогӣ ва мукофотҳои арзишманд низ сазовор гаштааст.

- Вай кист, ки тавсифаш кардед? - мепурсад, албатта, хонанда.

Марҳамат шинос шавед: Ӯ Ибодулло Абдуллоев, устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муаллифи чанд китоби дарсӣ, дорандаи унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, ордени Нишони фахрӣ, медали ба номи Н.К.Крупская, Аълочии маорифи Тоҷикистон, узви Иттифоқи журналистони ҷумҳурӣ...

Меросбари касби падар – Ибодулло Абдуллоев дар оилаи омӯзгори номдор Абдулло Алиев ва дунё омадааст.

Вақте падар аз Ибодулло, ки нахустписар буд, бипурсид, ки чӣ касбро пеша мекунад, беихтиёр «омӯзгор» гуфта буду сонӣ падар ба касбомӯзиаш нақши боризе гузошт. Ва Ибодулло дуои сафеди қиблагоҳро роҳнамун сохт, тибқи гуфтаи шоир:

***Ба ҳунар кӯш, з-он ки дар олам,***
***Қимат ӯрост, к-ӯ ҳунар дорад.*** - амал кард, дар касби омӯзгорӣ устод гардид.

Ибодулло Абдуллоев аз он меболад, ки падару писар ҳарду Шаҳрванди фахрии шаҳри овозадори Норак мебошанд.

Соли 2002 дар шаҳри Норак гимназияи омӯзгорӣ таъсис ёфт, ки номи Абдулло Алиевро дорад. Чунин аст қадри заҳмати пурмашаққату боифтихори омӯзгор дар ҷамъияти кунунии мо. Ибодулло Абдуллоев дар касби омӯзгорӣ, ки аз падар мерос мондааст ва мероси бебаҳо, ба қуллаҳои баланди тахассусӣ расид, дар саросари Тоҷикистон шуҳратёр ҳам гардид, ки нақлаш поёнтар сурат мегирад.

Навҷӯ: 5-уми июни соли 1987. Кохи Ваҳдат. Дар толори ин бинои боҳашамати пойтахт Анҷумани ҳафтуми муаллимони Тоҷикистон ҷараён дошт. Ибодулло Абдуллоев – муаллими қатории синфҳои ибтидоии мактаби миёнаи таҳсилоти умумии рақами 8-и шаҳри Норак дар қатори аввали раёсати анҷуман менишаст. Хуб дар хотир дорад, ки аз тарафи росташ Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, директори мактаби рақами 3-и шаҳри Конибодом Ҳабиба Каримова ва аз тарафи чап муаллими овозадори исфарагӣ Абдуҳафиз Азизов менишастанд. Роҳбарони ҷумҳурӣ, меҳмонон ҳам дар садорат буданд. Ӯро ҳаяҷон пахш кард. Чӣ тур дар байни ин шахсиятҳои маъруф ҷой гирифтааст? Барои кадом хизматҳо? Охир, Ибодулло як омӯзгори одӣ қатори ҳазорон буд. Ба мақом мавқеи имрӯзааш бовар надошт. Ӯ худро ба даст гирифту ба андеша рафт. Лаҳзаҳои хотирмони таҳсилаш, чи дар мактаби миёна ва чи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон, фаъолияти омӯзгориаш дар синфҳои ибтидоӣ чун лентаи кино аз назар гузаштанд. Бо тахассуси муаллими синфҳои ибтидоӣ ба таълими хурдсолон пардохт. Таълими хурдсолон кори осон нест. Кӯдаконро аз олами ҳаёҳуи бозию бозичаҳо, кӯдакистону кӯча ба олами беканори дониш ворид сохтан, завқи баланду ақли расо тарбия кардан заҳмати зиёдро тақоз дорад. Ҷаҳони ботинӣ, олами андешаю хиёли хонандагон, шавқу завқ, истеъдоди онҳоро омӯхта, ба ташаккули шахсияташон кӯмак расонидан вазифаи муқаддаси муаллим аст. Зеро гуфтаанд:

***Хишти аввал чун ниҳод меъмор кaҷ,***
***То ба охир меравад девор кaҷ.***

Ба туфайли заҳмат ҳама Ибодуллоро чун омӯзгори боистеъдод, борикбину навҷӯ ва бомаҳорат эътироф мекарданд. Ва имрӯз чун подоши заҳмати пурмашаққат дар қатори аввали садорати анҷумани муаллимони ҷумҳурӣ менишаст. Ботинан ифтихор дошт.

Ин ҳангом ӯ ба ҳамкасбони собиқадори дар шафаташ нишаста номаълумакак назар афканд ва хеле ором гирифт. Зеро тарзу усулҳои дар ҷараёни таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ амалӣ кардааш, ки боровар буданд, таскинаш доданд.

Солҳои кор дар шаҳри Норак Ибодулло бо ҷӯяндагиаш ном баровард. Хусусан иштироки фаъолона дар озмоиши саросарии шӯравии таҳсили шашсолаҳо барояш бобарор буданд. Бояд тазаккур дод, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1981 дар бораи ба таври озмоиш ба ҳафтаи панҷрӯзаи хониш гузаронидани хонандагони синфҳои ибтидоии мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳри Норак ва аз синни шашсолагӣ ба таълим фарогирии бачагон фармон баровард. Баҳри иҷрои ин дастур таълими шашсолаҳо шурӯъ гардид ва яке аз пешоҳангҳои ин ҷараён Ибодулло Абдуллоев – муаллими синфҳои ибтидоии мактаби рақами 8, деҳаи Туғмазори Норак маҳсуб меёфт.

- Мусаллам аст, ки кӯдаки шашсола бо махсусиятҳои рӯҳӣ, физиологии ақлонӣ ва инкишофи умумии худ аз ҳафтсолаҳо ба куллӣ фарқ мекунад, - мегӯяд И. Абдуллоев, - ҳамин ки ӯ ба мактаб омад, зери таъсири муҳити нав рӯҳан тағйир меёбад. Маҳз аз ин лиҳоз, хондан барои талабаи шашсола фаъолияти махсус ва мушкил ҳам ҳаст.

Аз рӯзҳои аввали ба таҳсил ҷалб намудани кӯдакони ин синну сол Ибодулло дарк кард, ки бо тарзу усули маъмули татбиқшудаистода таълимро пеш бурдан нашояд. Асоси таълимро бозиҳои дидактикӣ ташкил менамоянд. Ва ӯ ҷасурона ба озмоиш пардохт ва қарор дод, ки аз бозиҳои мақсаднок бобати ташаккули шахсияти кӯдак истифода барад. Беҳуда Абуалӣ ибни Сино бозиро кӯдакии меҳнат маънидод накардааст.

- Ин ҳақиқатро агар дар мисоли машғулияти дарсӣ аз назар гузаронем, манзара чунин сурат мегирад: Барои шавқовар гузаштани машғулияти саводомӯзӣ ман ба ном «Ҳарфҳои зинда”-ро истифода мебурдам, -нақл кард муаллими навҷӯ.

- Ҳар як ҳарф дар шакли саққочаи ранги муайяндошта сохта мешавад, ҳар як ҳиҷо аз ду-се саққочаи хатти раҳдор иборат аст, ё расми ашёе кашида мешавад, ки ҳарфи дилхоҳ дошта бошад, ё шаклу шабеҳи ин ё он ҳарфро ифода намояд. Дар пешорӯйи либоси чанд хонанда ҳарфҳои алоҳидаи хеле зебонавишта пайдо мешавад. Ҳоло шумо на писараку духтараконед, балки ҳарфед, «ҳарфҳои зинда», - эълон мекунам ба хонандагон. Назди тахтаи синф ҳарфҳои **ш, о, н, а** биёянд.

Назди тахта чаҳор нафар хонанда, ки номашон ҳарфҳои **ш,о,н,а** шуда буд, ҳозир шуда дар як саф меистанд.

Калимаро ҳама баробар мехонем.

Дар синф садои калимаи «шона» баланд мешавад.

-Дақиқае чашм пӯшед, - хоҳиш мекунам аз аҳли синф. Супориш бо қаноатмандӣ ба ҷо оварда мешавад ва хонандагон боз ба тахта менигаранд. Ҳарфи аввали калима «Ш» ба «Л» иваз шудааст ва маънои калима ҳам ба тамом тағйир ёфт. Хонандаеро ба назди тахтаи синф даъват мекунам ва мефармоям, ки расми **лона** кашад. Ӯ бо бӯр дасташро ин тарафу он тараф бурда раҳҳои гирдаке ба вуҷуд овард, ки рамзона **лона** гуфтем ҳама. Сонӣ ҳарфи сеюми калима иваз шуд ва духтараки хандонрӯ аз тубак гулҳои лоларо берун овард. Ҳамин тавр, ҳам ҳарфҳо ва ҳам ашё (чизҳо) дар хотири хурдтаракон то дер нақш мебанданд. Ин усулро ман ҳангоми таълими савод истифода мебарам.

Ҳамин тариқ, бо ташаббуси И.Абдуллоев бозиҳои дидактикӣ аввалин маротиба дар ҳамаи давраҳои ҷараёни саводомӯзии навомӯзон ба худ ҷойи лозима пайдо кард. Ин на танҳо воситаи мустаҳкамнамоии дониш, малака ва маҳорат гардид, балки дар ташаккули фаъолияти таълимии хонандагон, яъне азбаркунии таҳлили овозӣ ва қироати дуруст кӯмак расонд.

Ибодулло Абдуллоев синфи якумро то ба хатм расонид. Санҷишҳои баргузоршуда оид ба саводнокию китобхонии хонандагони синф собит намуд, ки онҳо нисбат ба хонандагони дигар синфҳо дар дониш бартарӣ доранд. Синфи муаллим Абдуллоев дар байни мактабҳои ш. Норак беҳтарин дониста шуда буд, ҳол он ки ҳамаи хонандагон аз деҳаи Туғмазор буданд. Аҷиб он буд, ки ҳангоми санҷиши комиссияи шуъбаи маорифи шаҳр охири соли сеюми таҳсил (солҳои 1987 - 1988) аз 21 хонанда дониши 19 нафарашон ба дараҷаи дониши охири соли чоруми таҳсил баробар буд. Хонишашон равону ифоданок (суръати хониш 80-100 калима дар як дақиқа) буд. Биноан, чунин хулоса бар меояд, ки дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон устувор буда, онҳо шавқу завқи баланди донишандӯзӣ доранд.

Аз чунин натиҷаи кор, албатта, Ибодулло Абдуллоев қаноатманд буд ва ифтихор ҳам мекард.

Бо ҳамин навҷӯиҳо И.Абдуллоев шуҳрат пайдо кард. Бо мақсади татбиқи навгониҳои эҷодӣ дар боби таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ӯро аввал (солҳои 1974 – 1982) муовини директори мактаби миёнаи рақами 8-и шаҳри Норак оид ба синфҳои ибтидоӣ ва баъдтар (солҳои 1982 - 1985) мушовири шуъбаи маорифи шаҳри Норак оид ба синфҳои ибтидоӣ таъин кардандаш. Аммо дил канда наметавонист аз таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Билохира, солҳои 1985 – 1997 боз ба сифати муаллим ва муовини директор оид ба синфҳои ибтидоӣ дар мактаби рақами 8 ифои вазифа дошт. Ҳамаи ин солҳо ва ҳоло ҳам ӯ дар ҷустуҷӯйи эҷодӣ мебошад. Мехоҳад роҳу усулҳои саводомӯзии хонандагони хурдсолро осонтар гардонад.

Дилкашолиҳо ба таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ Ибодулло Абдуллоевро ба кори илмӣ рағбатманд гардонид, ки поёнтар аз натиҷаҳои он чанд сатре рӯйи коғаз меоварем.

... Ислоҳоти соҳаи маориф, ки дар солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бо суръат давом дорад, китобу барномаҳои нави таълимро рӯи кор овард ва барои хубтару беҳтаршавии тарзи донишандӯзии муҳассилини ҳамаи зинаҳои таҳсилот методҳои навтарини таълим истифода мешаванд, ки ҷавобгӯи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мебошанд.

Ба ин муносибат ба И.Абдуллоев, муаллими навҷӯи бахши таҳсилоти ибтидоӣ, чунин савол кардам:

- Таълими савод дар синфҳои ибтидоӣ ҳоло ба кадом тарз сурат мегирад?

- Тибқи барномаи таълимӣ як силсилаи фанҳои аз ҷиҳати мазмуну мӯҳтаво ба ҳам наздик ба таври ҳамгиро омӯзонида мешаванд, ки ин сарбории талабагонро сабук карда, азбаркунии дониш, маҳорат ва малакаи онҳоро таъмин менамояд.

Яке аз афзалиятҳои таълими савод дар синфҳои ибтидоӣ нисбат ба таълими даврони шӯравӣ дар он аст, ки хондану навиштан дар алоқамандӣ баробар сурат мегирад. Мушоҳидаҳо собит намуд, ки ҳар қадар талабаи хурдсол ҳарфу ҳиҷо, калимаю ҷумларо бурро, равон ва баланду ифоданок хонад, дар навишт ҳам кам хато мекунад ва ҳар қадар тоза нависад, шавқаш ба хондан бештар меафзояд.

***Машқу таълим ҳар ду мебояд,***

***Гар яке нест, хат нақӯ н-ояд.*** -гуфтаанд ниёконамон.

Вале ҳамаи ин аз машқ аст.

-Агар хоҳӣ, ки шавӣ хушнависи босаводу теззеҳн, бинависи бихон, азёд бикун.

***Агар хоҳӣ, ки шавӣ хушнавис,***

***Бинависи бинависи бинавис.***

Дар китоби «Алифбо"-и нав (Ибодулло Абдуллоев яке аз муаллифон аст. – З.Н.) ба тарзи навишти шакли ҳарфҳо диққати ҷиддӣ дода шудааст. Ҳоло хурдсолон аз рӯйи китоби «Алифбо» ба навиштани унсурҳо (элементҳо)-и ҳарф вақти зиёд сарф накарда, якбора худи ҳарфро менависанд, муқоисаи ҳарф, машқи навишти шакли ҳарф дар ҳаво, кашидани хат аз болои қолаби расмҳо ва ҳарфҳо, тарзи пайвасти ҳарфҳоро дар калима, ки шарти зарурии ҳосил намудани малакаи аввалини дурустнависӣ мебошад, машғул мешаванд.

Ибодулло Абдуллоев ҳатто мансабҳои маъмуриро ба вазифаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ иваз накардааст. Ин амали ӯ сир дошт, сирри эҷодӣ. Ҳангоми таълими шашсолаҳо муаллими навҷӯ ба хулоса омад, ки санҷишу таҳлил ва хулосаҳоро ҳангоми таълим рӯйи коғаз оварад, шояд ба ҳамкасбон кор ояд. Таҷрибаи таълими саводомӯзӣ ва истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳангоми таълим дар бисту ҳафт мактаби шаҳри Норак аз санҷиш гузашта буд. Нишондодҳои методии Ибодулло (дар ҳаммуаллифӣ) оид ба омӯзиши «Алифбо» ҳоло ҳам роҳнамои муаллимони синфҳои ибтидоӣ то хатми «Алифбо» мебошад.

Бо тақозои замон, азму ҷазми беҳамто аспиранти ғоибхони Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ гардид. Имтиҳонҳоро ба хубӣ супорид ва ба дифои рисолаи номзадӣ пардохт. Вале ҳанӯз роҳбари илмӣ надошт.

- Ёди солҳои донишҷӯӣ кардам ва устодам М.Лутфуллоевро ғоибона роҳбари илмӣ интихоб намудам, - менависад дар сатрҳои сипос ба муносибати зодрӯзи олими барҷастаи тоҷик, доктори илмҳои педагогика, профессор, академик Маҳмадулло Лутфуллоев худи Ибодулло Абдуллоев.

Бо роҳбаладии профессор Ф.Икромова, ки солҳои зиёд бо устод ҳамкорӣ доштанд, ба дидорбинии М.Лутфуллоев омадам. Баъди аҳволпурсӣ мақсадамро фаҳмонида, чунин ҷавоб гирифтам:

- Ибодулло, ба кори илмӣ даст задан ташвишҳои зиёде дорад, махсусан ба ту барин муаллими одӣ, ки дар ягон донишкадаи олӣ кор намекунӣ. Харҷи роҳкирои Нораку Душанбе, боз баъзан аз ҳисоби худ ба Маскав рафтан лозим меояд, навиштани рисолаи илмӣ хеле душвор аст. Душвор аст, вале мумкин. Ба шарте ки ба ҳамаи мушкилиҳо тоб биёрӣ. Ба ҳамин шарт ман роҳбарии илмиро ба зима мегирам....

Ҳамин тавр, Ибодулло Абдуллоев соли 1990 дар шаҳри Москва зери унвони «Таълими хониши талабагони шашсола дар мактабҳои тоҷикӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Ҳамкории эҷодии Ибодулло Абдуллоев бо роҳбари илмиаш академик Маҳмадулло Лутфуллозода бо ҳимояи рисолаи номзади илмҳои педагогӣ ба поён нарасид, балки хеле инкишоф ҳам ёфт. Онҳо дар ҳамкорӣ китобҳои дарсии « Алифбо », « Забони модарӣ барои синфи 4» ва дастурҳои методии зиёдеро ба чоп расониданд.

Тақдири минбаъдаи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ибодулло Абдуллоев бо инкишофи маориф зич вобастааст. Бо ҷидду ҷаҳди ӯ дар шаҳри Норак соли 1997 филиали Коллеҷи омӯзгорӣ кушода шуд ва панҷ сол сарвариашро ба уҳда гирифт. Чанд сол дар Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф низ кор кардааст. Аз соли 2004 тавассути озмун мудири кафедраи таҳсилоти

ибтидоии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимони назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъин гардид. Дар ҷомеаи нав бо кормандон ба туфайли хислатҳои некаш тез унс гирифт ва фаъолияти кафедраро хуб ба роҳ монд. Аз соли 2016 дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Қобили зикр аст, ки Ибодулло Абдуллоев дар озмуни эълоннамудаи Вазорати маориф ва Бонки умумиҷаҳонӣ оид ба таълифи насли нави китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ (соли 2009) иштирок карда, барои навиштани китоби дарсии «Забони модарӣ”-и синфи 3 ғолиб омад. Бояд гуфт, ки барои таълифи ин китоб дар озмун се гурӯҳ мубориза бурд ва гурӯҳе, ки роҳбараш И.Абдуллоев буд, ҳуқуқи навиштани китобро пайдо кард. Барои китоби мазкур барнома ва дастури методӣ таҳия гардид ва аз назари мутахассисон ҳам гузашт.

Абдуллоев Ибодулло ҳамчун олим ва методисти навҷӯ муаллифи китобҳои дарсии «Забони модарӣ» барои синфҳои 2, 3, «Санъат ва меҳнат» барои синфи 1, «Машқи хат барои синфи 1», «Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ» барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, «Таърихи пайдоиши хат ва инкишофи он» барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, «Алифбо», «Забони модарӣ» барои синфи 4, «Табиатшиносӣ» барои синфҳои 2, 3, 4 (дар ҳаммуаллифӣ) буда, беш аз 160 дастуру мақолаҳои таълимию методӣ ба табъ расонидааст.

Одамони бонангу номусро дар ҳар давру замон, дар ҳар гуна вазъият ғамхорӣ мебояд. Пас биёед, баҳри беҳбудии Ватан кӯшиш ба харҷ диҳем. Ҳарчанд ин касби душвор аст, вале бошараф мебошад. Дӯст, ҳамкор ва устоди мо Ибодулло Абдуллоев пешсафи чунин одамон аст.

## ЭҲЁГАРИ ПЕДАГОГИКАИ АҶАМ ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МУОСИР

***Абдуллоев И.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ*
*Корманди шоистаи Тоҷикистон*



Муҳаммад Лутфуллозода 15-уми майи соли 1935 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таваллуд шудааст.

Устод М. Лутфуллозода дар давоми фаъолияти меҳнатиаш дар вазифаҳои мудири кафедраи методикаи таълими ибтидоии факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Тоҷикистон, Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон кор кардааст.

Дар чор соли таҳсил (солҳои 1966-1970) дар факултети педагогикаи ИДПД ба номи Т.Г. Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) устод Муҳаммад Лутфуллозода дар гурӯҳи мо роҳбарӣ карда, аз фанҳои «Забони адабии ҳозираи тоҷик» ва «Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ» дарс медоданд. Устод мавзуъҳои дарсро фаҳмо ва бо далелҳо мефаҳмонданд, бахусус дар таҳлили сарфию наҳвии ҷумла беҳамто буданд.

Таҳти роҳбарии М. Лутфуллозода пас аз дифои рисолаи номзадӣ(соли 1990) устод ба ман маслиҳат доданд, ки акнун ту олими соҳаи методикаи таълим шудӣ, мебояд дар таҳияи китобҳои дарсӣ бо олимони соҳа ҳамкорӣ намоӣ. Зеро устод дар яке аз мақолаҳояш навиштаанд: «Барои навиштани китобҳои дарсӣ муаллимони беҳтарин, методистони ботаҷриба, олимони соҳа ҷалб карда мешаванд. Олим ба ҷиҳати илмӣ, методист ба ҷиҳати аппарати (дастгоҳи) методӣ ва муаллим ба ҷиҳати дастрасии китоб ба хонанда бояд ҷавоб гӯянд. Ҳамкории ин се гурӯҳ гарави муваффақияти китоби дарсист» [3, с.3].

Алҳол дар таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ бо ӯ ҳамкорӣ дорам. Ба ҳар мушкилоте, ки дар соҳаи илму методикаи таълим рӯ ба рӯ шавам, маслиҳати устод бароям калидест бобати ҳалли мушкилот. Дар ҳар воҳӯрӣ бо устод худро хушдилу хуштолеъ мешуморам, байни ҳамкору ҳамдиёрон ифтихор менамоям ва шукри Худованд мекунам, ки чунин устоде дорам.

Инак, дар зер андешаҳои академик М. Лутфуллозодаро дар бораи таълими талабагони синфи якум иброз медорем.

Кӯдак то мактаб омадан машғули бозӣ буд. Акнун ӯ дар шароити мактаб бояд бихонад, бинависад ва ҳисобро ёд бигирад. Бинобар ин дар синфи якум асоси таълимро бояд бозиҳои таълимӣ ташкил диҳанд. Тавассути дидан, ламс кардан, нақшофарӣ маводи омӯзиш дар хотираи хурдсолон нақш мебандад ва ба давраи гузариш аз оила ба мактаб мусоидат мекунад.

Ҳангоми иҷрои бозӣ ва гуногунии лаҳзаҳои дарс хурдсолон хастагиро ҳис намекунанд. Дар натиҷаи ташкили дурусти бозӣ он ба ташаккули ҳамаҷонибаи хонандагони хурдсол ва саломатии онҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар бозӣ мусобиқа мавқеи асосиро ишғол мекунад. Бозиҳое, ки дар дарс иҷро мешаванд, ба кори таълим тобеъанд, бинобар ин онҳоро бозиҳои таълимӣ ном мегирем.

Дар саҳифаҳои китоби «Алифбо» расмҳои инъикоскунандаи бозиҳои таълимӣ хеле фаровонанд.

Акнун дар зер намунаи бозии таълимии давраҳои тоалифбо, алифбо ва баъди алифборо аз нигоҳи М. Лутфуллозода меорем [2, с.108-110].

**1. Бозии «Калимаҳои зинда»**

*Мақсади иҷрои бозӣ:*

– шиносоӣ бо калимаҳои ҷумла;
– адади калимаҳо дар ҷумла;
– тартиби ҷойгиршавии калимаҳои ҷумла;
– шиносоӣ бо нақшаҳои ҷумла ва кор аз рӯйи он;
– муқоисаи калима ва ҷумла (ҷумла аз калимаҳо иборат аст)

**Тартиби иҷрои бозӣ:**

Талабагон аз рӯйи расм ҷумлаҳо тартиб медиҳанд. Омӯзгор ҷумлаи иборат аз се калимаро интихоб мекунад: **Талабагон китоб мехонанд**. Се нафар ба назди тахтаи синф даъват мешаванд: Сино, Рухшона, Шараф. Омӯзгор ба даъватшудагон номи ҳар як калимаро гузошта мефаҳмонад, ки дар нақши калимаҳо бозӣ кунанд: Сино, акнун номи ту «Талабагон», Рухшона – номи ту «Китоб», Шараф – номи ту «Мехонанд». Вақте ки номи наватонро талаффуз мекунем, ҳар яке бо навбат дар саф меистед. Омӯзгору хонандагон калимаҳоро пайиҳам талаффуз мекунанд. Баробари шунидани номашон «калимаҳо» (даъватшудагон) аз чап ба рост дар саф меистанд. Аҳли нишаст аз рӯйи тартиб номи «калимаҳо»-ро талаффуз мекунанд: **Талабагон китоб мехонанд.**

1. Дар саф чанд калима ҳаст? (3 калима).
2. Калимаҳо дар саф чӣ тавр ҷойгиранд? (Бо тартиб, ба якдигар намечаспанд).
3. Дар ҷойи аввал кадом калима меистад? (Талабагон).
4. Калимаи дуюмро номбар кунед. (Китоб)
5. Калимаи сеюмро номбар кунед. (Мехонанд).

Омӯзгор: -Ана, ҳамин се калима пайиҳам омада, ҷумларо ташкил додаанд. Ин ҷумла аз се калима иборат аст. Омӯзгор ҷумларо дар нақша нишон медиҳад: ________ ______ ______.
Хонандагон аз рӯйи нақша ҳар як калимаро бо ҷумла муқоиса карда мефаҳманд, ки калима аз ҷумла хурд аст. Дар ҷумла якчанд калима буда метавонанд.

Аз руйи супориши муаллим хонандагон мувофиқи нақша ҷумлаҳои се-чоркалимадор тартиб дода, ҷойи калимаҳоро дар ҷумла муайян мекунанд.

Аз рӯйи бозии мазкур чунин хулоса бароварда мешавад:

**Ҷумла аз калимаҳо иборат аст. Калимаҳо дар ҷумла аз якдигар ҷудо ҷойгир мешаванд. Калима аз ҷумла хурд аст.**

Бозии мазкур дар давраҳои тоалифбо ва аввали саводомӯзӣ истифода мешаванд. Бо истифода аз ин бозӣ дар мактабиёни хурдсол маҳорати аз ҷумла ҷудо кардани калима ва бо калимаи додашуда тартиб додани ҷумла ҳосил кунонида мешавад.

**2. Бозии «Ҷарроҳии калима»** («Алифбо», саҳ. 65)

Мо дар бораи чӣ суҳбат кардем? (Дар бораи **хирс**). Дар бораи хирс аз китоб ҳикоячае хондем. Бигӯед, ки хонаи хирс аз чӣ сохта шудааст. (Бале, хонаи хирс аз панҷара сохта шудааст). Дар калимаи «Хирс» чанд ҳарф ҳаст? Он ҳарфҳоро дар лавҳа ботартиб гузоред ва хонед: Х И Р С.

**Тартиби иҷрои бозӣ:**

Омӯзгор: - Калимаи **хирс** касал мешавад.

**Хонандагон:** - Ҷаррохӣ кардан лозим! «Ҷаррох» (талабае) ки назди тахтаи синф баромада, дар калимаи **хирс** ҳарфи **С**-ро бо ҳарфи **А** иваз мекунад. Калимаро ҳама баробар мехонанд: Х И Р А.

Омӯзгор: - Калимаи «Хира»-ро боз кӣ ҷарроҳӣ мекунад?

«Ҷарроҳ»-и дуюм дар калимаи Х И Р А ҳарфи **Х**-ро бо ҳарфи **З** иваз мекунад ва ҳама мехонанд: З И Р А.

«Ҷарроҳ»-и сеюм дар калимаи З И Р А ҳарфи **Р**-ро бо ҳарфи **Н** иваз мекунад талабагон калимаи ЗИНА- ро мехонанд.

«Ҷарроҳ»-и чорум аз калими З И Н А ҳарфи **А**-ро мегирад ва ҳама мехонанд: З И Н. Дар анҷоми бозӣ омӯзгор хулоса карда мегӯяд: Мову шумо бо ёрии «ҷарроҳон» калимаи «Хирс»-ро ҷарроҳӣ намуда, бо иваз кардани ҳарфҳо калимаҳои гуногун сохтему хондем. Ба хотир биёред ва бигӯед, ки кадом калимаҳоро хондем: **хирс, хира, зира, зина, зин.**

Бозии мазкур бо мақсади омӯхтани таҳлили овозию ҳарфии калима ва хониши дурусти он иҷро карда мешавад.

**3. Бозии «Хондани калима аз рӯйи тартиби рақамҳо»**

*Мақсади иҷрои бозӣ:*

1)Инкишофи маҳорати дурустхонию беғалатнависии калимаҳо.

2)Муайян кардани ҷойи ҳарф дар калима тавассути таҳлили овозию ҳарфӣ.

3)Муайян кардани тартиби ҷойгиршавии ҳарфҳо дар калима.

| 3 2 1 4 | 1 2 5 4 3 | 5 2 3 4 1 |
|---|---|---|
| **Ч Ӯ Ҷ А** | **Қ О Л И Б** | **Я К Ҷ О Я** |

**Тартиби иҷрои бозӣ:**

Хонандагон аввал калимаро хонда, маънои онро мефаҳмонанд. Баъд пас аз рӯйи тартиби рақамҳои дар болои ҳарфҳои калима навишташуда, калимаи нав месозанд ва мехонанд. Аҳамияти иҷрои ин машқ дар он аст, ки талабагон аввал ҳарфро дар калима мебинанд, ҷойи ҳарфро муайян мекунанд ва баъд мувофиқи тартиби рақамҳо (1,2,3,4,5) ба ҳар як ҳарф нигариста, овозҳоро пайиҳам талаффуз мекунанд ва калимаи нав ҳосилшударо мехонанд: Ҷ Ӯ Ч А, Қ О Б И Л, Я К Ҷ О Я.

Бозии мазкур бештар дар давраҳои охири алифбо ва баъди алифбо иҷро карда мешавад.

Устод Муҳаммад Лутфуллозода тавсия медиҳанд, ки барои шавқовар намудани дарсҳои саводомӯзӣ ва умуман «Забони модарӣ» дар синфҳои ибтидоӣ истифодаи чистону зарбулмасалҳо, шеъру тезгӯякҳо аҳамиятноканд. Машқи тезгӯяк бобати бурро талаффуз кардани калима, дарёфти ҷавоби чистон ба инкишофи тафаккури талабагон мусоидат мекунанд. Мувофиқи мазмуни матнҳои китоби «Алифбо» истифодаи саҳначаҳои хурд шавқи навомӯзонро ба омӯзиш зиёд намуда, ҳар яке бесаброна мехоҳад дар саҳна нақшаеро офарад. Дар нақшофарӣ нутқи гуфтории талабагон инкишоф ёфта, онҳо ба нақли мазмуни матн омода мешаванд, - мегӯянд устод [4, 113].

Давоми 62 соли фаъолияти меҳнатиаш Муҳаммад Лутфуллозода барои мактабу маориф ва илми соҳаи педагогика ва методикаи таълим хизмати арзанда менамоянд. Ӯ дар таҳияи «Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва зимни он нақшаҳои таълимию барномаҳо, Консепсияи тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти мактабҳои миёнаи умумӣ саҳми босазо гузоштааст. Устод аввалин таъсисдиҳандаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (соли 2002) мебошад.

Академик Муҳаммад Лутфуллозода муаллифи беш аз 660 асарҳои илмию методӣ, тарбиявӣ, китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ ва монография мебошад, ки дар хизмати мардуми тоҷику афғонанд, ӯро шуҳратманд гардонидаанд.

Таҳти роҳбарии устод зиёда аз 60 нафар шогирдонаш рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд.

Ҳамин тавр, **китобҳои дарсии** «Субҳи дониш», «Алифбо», «Забони модарӣ» барои синфҳои 1, 2, 4, «Забони модарӣ», барои синфтҳои ибтидоӣ дар (Афғонистон ба 5 забон дарӣ, пашту, ӯзбекӣ, туркманӣ, балуҷӣ); **дастуру китобҳои методии** «Баъзе масъалаҳои таълими Алифбо», «Дастурамал оид ба таълими Субҳи дониш », «Дарс», «Дидактикаи муосир», «Лафзи ширин», «Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ», «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ»,

«Осор» (ч. IV), «Педагогикаи миллии халқи тоҷик»; **асарҳои тарбиявии** «Қиссаи оғози тарбия», «Шарафномаи миллат», «Азизномаи Лутф», «Фарзанд ҳадяи Худованд», «Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ», «Дар Хизмати маорифи Афғонистон» ва монанди инҳо устодро ҳамчун *эҳёгари педагогикаи Аҷам ва методикаи муосир* дар Тоҷикистону Афғонистон муаррифӣ менамоянд.

Аз накӯкориҳое, ки академик Муҳаммад Лутфуллозода тӯли 4 сол дар Афғонистон кардаанд, ҳазорҳо омӯзгорони ин мамлакат ӯро устоди худ медонанд ва аз рӯйи методи ӯ дарс медиҳанд. Дар рӯйи муқоваи даҳҳо китоб номи доктор Лутф (ҳамчун муаллиф ё муҳаррир) навишта шудааст. Садҳо ҳазор мактабиёну калонсолон аз «Алифбо»-и устод сабақ мегиранд.

М. Лутфуллозода соли 1990 дар шаҳри Москва дар мавзуи «Асосҳои таълими савод дар Афғонистон» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Академик Муҳаммад Лутфуллозода чун Арбоби илми тоҷик бо заҳмату талошҳои шабонарӯзии худ дар рушди илми педгогика ва методикаи таълими муосири ҷумҳурии соҳибистиқлоламон саҳифаи нав кушод.

Дар ҳамаи асару мақолаҳои Муҳаммад Лутфуллозода роҳҳои беҳтарини таълиму тарбияи инсон нишон дода шудааст. Хислату рафтори хуби устод ҳамин аст, ки ӯ ба ҳама як хел муносибат мекунад, хоҳ ӯ донишҷӯст, хоҳ унвонҷӯ, хоҳ олим. Аз ин рӯ, ӯро ҳамеша дар ҳалқаи шогирдон мебинем.

Барои хизматҳои шоёнаш Ҳукумати ҷумҳурӣ устод Муҳаммад Лутфуллозодаро бо мукофотҳои давлатии Корманди шоистаи мактабҳои олӣ ва миёнаи касбии СССР (1976), Аълочии маорифи халқ (1980), Аълочии маорифи СССР (1989), Корманди шоистаи маорифи Тоҷикистон (1997), Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2008) сарфароз гардонидааст.

Устоди азиз, дар зиндагиатон тансиҳатӣ, хушҳолӣ, сарбаландӣ ва дар корҳои илмию эҷодиатон комёбӣ мехоҳем. Илоҳо, ҳамеша азизи ҳамагон бимонеду умри дарози пурбаракат бубинед.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллоев И. Бизӣ устод, солҳои сол // Масъалаҳои маориф. № 2 (39). 2015. – С. 97-99.
2. Абдуллоев И. Мавқеъи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои саводомӯзӣ аз нигоҳи Маҳмадуллои Лутф // Пайёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. № 1 – 2. 2011. – С. 106-112.
3. Лутфуллоев М. Зинаи аввал // «Газетаи муаллимон», 28.02.1984.
4. Лутфуллоев М. Ҷойгоҳи унсурҳои нутқ дар «Алифбо». – Душанбе, 2015. – 150 с.
5. Лутфуллозода М., Абдуллоев И., Ҷалилова М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ. – Душанбе, 2021. – 266 с.

## ВОЗРОЖДИТЕЛЬ ПЕДАГОГИКИ АДЖАМА И ОБУЧЕНИЕ СОВРЕМЕННОЙ МЕТОДИКИ

*М. Лутфуллоев работал на должности заведующей кафедры методики начального образования факультета педагогика ТГПУ им С.Айни, директором научно – исследовательского института развития и образования Таджикистана, Президентом Академии образования Таджикистана. Академик М.Лутфуллоев об обучение первоклассников говорил следующее, что ребенок до прихода в школу занимался игрой. Поэтому во время обучения домино проводится в виде игры. Игры, которые проводятся на занятиях должны подчинятся обучению, поэтому эти игры называются обучающие игры. Учёный исходя из возрастах, этапах развития показал выполнения трёх видов игры.*

*М.Лутфуллоев автор более 660 научных и методических трудов, учебников и учебных пособий. Под его руковдством более 60 человек защитили кандитские и докторские диссертации.*

*Академик М.Лутфуллоев как видный деятель таджикской науки в развитии педагогической науки и методики преподовании современной образовании отрыл новую страницу.*

***Ключевые слова**: ощущение, «оперция», дари, пашту, балуджский, возрождение, Аджам.*

## REVIVER OF AJAM PEDAGOGY AND TEACHING MODERN METHODS

*M. Lutfulloev worked as head of the Department of Primary Education Methods of the Faculty of Pedagogy at TSPU named after S. Ainy, Director of the Research Institute for Development and Education of Tajikistan, The President of the Academy of Education of Tajikistan. Academician M. Lutfulloyev said the following about teaching first-graders that the child was playing games before coming to school. Therefore, during training, dominoes are conducted in the form of a game. The games that are held in the classroom*

*must obey the teaching; therefore these games are called educational games. The scientist, based on the ages, stages of development showed the realization of three types of games.*

*M. Lutfulloev is the author of over 660 scientific and methodological works, textbooks and teaching aids. Under his leadership, more than 60 people defended their candidate's and doctoral dissertations.*

*Academician M. Lutfulloev as a prominent figure in Tajik science in the development of pedagogical science and methods of teaching modern education has opened a new page.*

***Key words**: sensation, «operation», dari, pashtu, Baluch, revival, Ajam.*

***Сведения об авторе:***

***Абдуллоев Ибодулло** - доцент кафедры методики начального образования Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, Заслуженный деятель Таджикистана*

***About the author:***

***Abdulloev Ibodullo** - Associate Professor of Primary Education Methodology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Honored Worker of Tajikistan*

## КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД-ОСНОВА ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ

***Каюмова Х.Т.***

*Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни*

Модернизация современного образования требует нового взгляда с позиций гуманитарного подхода к профессиональным аспектам педагогов и психологов.

В последние десятилетия звучат призывы пересмотра результатов обучения в высших учебных заведениях страны относительно терминов компетенции, компетентности, а взгляд на человеческие установки требует нового взгляда на профессиональные особенности педагогов и психологов. В Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан до 2020 года впервые на уровне официально-государственных актов предлагается использовать современные ключевые компетенции, такие как «общая или универсальная система знаний, навыков», а также «опыт самостоятельной деятельности и личная ответственность обучающихся». Именно они обеспечивают успешную адаптацию выпускников вузов к стремительно меняющимся социальным и экономическим условиям мира. В отчете ЮНЕСКО говорится, что для предпринимателей важна не профессия, которая, по их мнению, часто сочетается с навыками реализации материальной операции, а компетентность, которая характерна каждому человеку, как сочетание знаний и навыков. Именно формирование или развитие профессиональных компетенций будущего специалиста, активность которого сегодня считают связанным с качеством профессионального образования, что делает выпускников более конкурентоспособными на рынке труда [1]. Европейские исследователи И.А. Зимняя, В.А. Калней, В. Ландшеер, Ж. Ворона, А.И. Субетто, А.П. Тряпицина, С.Е. Шишов, М.А. Чошанов, А.В. Хуторской и другие больше интересовались проблемами , что без ключевых компетенций, без интеллектуальных, социально-политических, коммуникативных, информационных деятельность современного специалиста и его способностей в различных сферах невозможна. Раскрывая понятие «компетентность» в материалах симпозиума «Ключевые компетенции в Европе», проходившего в Берне в 1996 году, С.Е. Шишоф считает еѐ приемлемой и расценивает как общую способность специалиста применять знания, навыки и способы обобщения действий в профессиональной деятельности. И.А.Зимняя определяет компетенцию следующим образом: «Компетенция - это некий возникающий внутренний и психологический потенциал (знания, воображение, программы действий, система ценностей и установок), который отражается в компетенциях человека как активная реальность» [2]. А.В. Хуторский добавляет к понятию «компетентность» еще один набор взаимосвязанных личностных качеств (знания, умения, методы деятельности), относящиеся к определенным областям объектов и процессов и необходимым для качественной и продуктивной деятельности. А.И. Субетто отмечает,

что компетенция «как форма в системе высшего профессионального образования, сформируется в порядке системы обучения» [3]. Таким образом, с учетом вышеизложенного, компетенцию можно рассматривать, как возможность установления связи между знаниями и ситуацией, или в более широком смысле - способность приобретения знаний и соответствующие действия для решения проблем, которая имеет особое значение во введении самостоятельной работы. Понятие «ключевые компетенции» было введено Международной организацией труда в начале 1990-х годов для удовлетворения профессиональных требований к послевузовскому образованию, и к середине 1990-х годов это определение определяло подготовку специалистов в сфере высшего профессионального образования. Под ключевыми компетенциями, по мнению С.Е. Шишова, можно понять межкультурные и межотраслевые знания, навыки, необходимые способности для адаптации и эффективной деятельности. Э.Ф. Зеер, говоря о «ключевых компетенциях», определяет их так: это знание и навыки правила (знание на практике), а также способности, необходимые для успешной деятельности в конкретных ситуациях. В целом набор ключевых компетенций для обучения представлен в виде списка компетенций, который стал результатом рассмотрения данного вопроса на семинарах Совета Европы в рамках проекта «Среднее образование в Европе». Исследователи (В.А. Калней, С.Е. Шишов, Е.Ф. Зеер) обобщая все это отмечают, что в современное время и условия системы образования с учетом социально-экономической ситуации, наиболее востребованными являются следующие компетенции: Социальные компетенции - способность брать на себя ответственность, составлять и принимать решения, участвовать в их реализации, быть толерантным к разным культурам и религиям, показывать связь личных интересов с потребностями предприятий и общества; Коммуникативные компетенции - овладеть технологиями устного и письменного общения на разных языках, включая компьютерные программы, подключенные к Интернету; Социально-информационные компетенции - владение информационными технологиями и критический подход к социальной информации, распространяемой средствами массовой информации; Когнитивная компетенция - готовность постоянно повышать уровень знаний и подготовки, необходимость реализовывать свой личный потенциал, способность самостоятельно приобретать новые знания и навыки, способность развиваться; Специальная компетенция - готовность самостоятельно выполнять профессиональные действия, оценивать результаты своей работы. Эти компетенции успешно формируются в процессе самостоятельной работы студентов и помогают им в будущем разрешать конфликты в учебных заведениях, участвовать в совершенствовании демократических институтов; жить с людьми разных культур, языков и религий. Все это необходимо для непрерывной профессиональной подготовленности. Компетентность или быть компетентным - это компетентность человека, включая его личные отношения с ним и его деятельностью, то есть быть компетентным означает, что в любом случае человек может комбинировать и применять свои знания и опыт. Если понятие добровольности подразумевает некоторые требования, предъявляемые к готовности студентов к обучению, то понятие компетентности уже означает его личные качества. Компетентность, говорит А.И. Субетто, это не просто набор действий, а набор действий, возникающих при определенных видах деятельности. Компетентность рассматривает меру осуществленные компетенцией в процессе ее развития, связанные с обновлением личности выпускника в соответствующей деятельности [4].

А. В. Хуторской, считает понятие «компетенция» - это совокупность взаимосвязанных качеств личности (знаний, навыков, умений, способов действия), которые представлены применительно к определенным областям объектов и процессов и необходимы для качественной и продуктивной деятельности по отношению к ним, перечисляет семь ключевых компетенций, которыми должен обладать обучающийся. Это: Ценностно-нравственные компетенции – это готовность видеть и понимать окружающий мир, уметь смотреть на него, понимать свою роль, уметь делать целенаправленный и духовный выбор своих действий и поведения, принимать решения. Этот выбор обеспечивает механизм самоопределения студентов во время учебы и другой работы. От этого зависит направленность индивидуального изучения обучающегося и программа его жизненной деятельности в целом. Общекультурная компетенция – это осведомлѐнность читателем о национальных особенностях и общечеловеческой культуры, религиозных и нравственных основ жизни человека и человечества, отдельных народов, культурные основания семьи, социальные и

общественные культурные основы, роль науки и религии в жизни человека, ее влияние на мир, эффективные подходы свободного времени. Учебно-познавательная компетенция - готовность обучающихся к самостоятельной познавательной деятельности: постановка целей, планирование или проектирование, анализ, самооценка учебной деятельности, способность отличать свидетельства от предположений, наличие навыков измерения, использование возможных, статистических способов и других познавательных методов. Информационная компетентность - это готовность обучающегося искать, исследовать и анализировать, получать, систематизировать, изменять, сохранить и передавать необходимую информацию для самостоятельной работы с информацией из нескольких источников. Социально-трудовая компетенция - это знания и опыт в деятельности (выполнение роли гражданина, наблюдателя, избирателя, представителя), в социально-трудовом направлении (права потребителя, покупателя, заказчика, производителя), в области семейных отношений и обязанностей, в экономических и правовых вопросах, в определении профессионального самоопределения. Компетенция самосовершенствования - это готовность к личному физическому, духовному и интеллектуальному развитию, эффективному саморегулированию и самоподдержке. Ключевые компетенции позволяют студенту создавать свой мир, понимать социальные условия своей жизни. Важность организации и управления самостоятельной деятельностью студентов является ключевым преимуществом их личных целей. В гуманистическом контексте образовательных парадигм ключевые личностные компетенции можно рассматривать как целевую модель образования. Перечень выделенных компетенций, их структура определяют соответствующий выбор содержания обучения в процессе самостоятельной работы студентов, так как компетенции молодежь должны приобрести в процессе профессионального обучения. Решение этой проблемы заключается в разработке содержания самостоятельной работы студентов, подборе инструментов, а также в выявлении технологий обучения студентов. Несмотря на различия в понятии «ключевые компетенции», представляют собой совокупность или общую систему знаний, навыков, умений, способностей, которые включаются в личный опыт. Ключевые компетенции обеспечивают качество или успех в деятельности при решении тех или иных жизненных проблем или определенных ситуаций. Компетентность – личное достижение студента, поэтому наиболее успешное формирование компетенций в процессе самостоятельной работы может происходить только в личностно-ориентированном учебном процессе, основанной на личной активности. Профессиональная компетентность – это склонность, стремление к завершению профессиональной деятельности. Он осваивается человеком в процессе обучения в профессиональном учебном заведении и развивается в процессе профессиональной деятельности. Профессиональная компетентность студента включает научно-теоретическую и практическую подготовку по осуществлению эффективной педагогической деятельности в соответствии с критериями качества современного образования. Научно-теоретическая подготовка, составляющая основу профессиональной компетентности студента, методологические знания (понимание, степени, методы, восприятия, концепции, системы). А также знания психолого-педагогической теории (теория обучения, управления, развития, личностно-ориентированной информации); знания педагогических технологий (формирующее, развивающее и личностно-ориентированное обучение); включает знания урока. Практическая подготовка – это ключевая профессиональная компетенция: иметь теоретические навыки (аналитические, прогнозирования, исследования) и практические навыки (творческие, организационные, коммуникативные, информационные, мониторинга и оценка). На основе компетентностного подхода студент в учебном процессе в высшем учебном профессиональном учреждении выступает субъектом деятельности, субъектом развития. Личностно - деятельностный подход означает организацию самостоятельной работы студента в конкретной личной или социальной среде, которая создает позитивную, эффективную и влиятельную среду. Студенты становятся компетентными на основе своего самостоятельного опыта. С этим согласны как отечественные, так и зарубежные эксперты (Л.С. Выготский, Ж. Пиаже и др.). Например, чтобы изучать диалог, необходимо не только слушать научные отчеты о диалоге, но и активно участвовать в диалоге и дискуссии. Следовательно, невозможно учиться и работать с компьютером, если не научиться пользоваться им на практике; невозможно обучать студентов в учреждении с авторитарной административной системой, в которой студенты и преподаватели не имеют

возможности свободно выражать свои мысли, необходимых компетенций для функционирования демократии. Приобретение компетенции зависит от активности студентов в процессе самостоятельной деятельности. Самостоятельная работа студентов, основанная на обучение компетентностного подхода, обеспечивает качественную подготовку специалиста к профессиональной деятельности, компетентность студентов играет многофункциональную роль и будет проявляться не только в высших учебных профессиональных учреждениях, но и в семье и кругу друзей, в будущих производственных отношениях. В.И. Байденко отмечает, что выпускник высшего учебного учреждения должен иметь:  базовые знания в области гуманитарных и социальных наук и применение их подходов в различных видах современной профессиональной и общественной деятельности;  здоровый образ жизни; понимание и уважение основных ценностей культуры; гражданственность, гуманная ориентация, приверженность моральным ценностям и принципу социальной ответственности, подчиняться закону (правовая культура);  иметь культуру мышления, активность среди иностранцев, готовность к социальному и культурному диалогу, способность критиковать из своего профессионального и социального опыта; развивать развитие письменной и устной речи, в том числе демонстрировать диалога на иностранном языке. [5] Таким образом, компетентностный подход и поведение направлено на усиление практической направленности и инструментальной направленности обучения студента в процессе самостоятельной работы. Для реализации компетентностного подхода можно подготовить умелого, ловкого и сообразительного человека, но не обязательно знающего множество фактов, а того, кто знает методы и технологии их получения, которые легко адаптируются к различным жизненным ситуациям. Самостоятельная работа вместе с классной работой - это форма учебного процесса и его неотъемлемая часть. Для его успешной реализации необходим контроль и проектирование преподавателями, а также оформление объема самостоятельной работы в учебных планах профильных кафедр, учебной части, методических службах образовательного учреждения. Самостоятельная работа - это программная работа студентов, которая осуществляется по поручению и под руководством преподавателя, но без его непосредственного участия. Самостоятельная работа способствует укреплению и расширению знаний студентов; формированию у них внимания к процессу восприятия; развитию познавательных способностей. Самостоятельная работа студентов необходима для укрепления и развития рабочих навыков в научной и профессиональной деятельности, умения брать на себя ответственность, самостоятельно решать задачи. Важность самостоятельной работы для студентов часто выходит за рамки единой исследовательской темы, применительно к этим выпускникам кафедры следует разработать стратегию системы навыков и умений работать самостоятельно. В связи с этим следует обратить внимание на необходимый высокий уровень профессиональной компетентности выпускников, так как она будет продолжаться на протяжении всего обучения, чтобы необходимый уровень знаний был приобретен в период обучения. Самостоятельная работа обобщает задачи всех видов учебной работы. Знания, не связанные с самостоятельной деятельностью, не принесут пользы человечеству. Теория должна быть связана с практикой. Кроме того, самостоятельная работа имеет воспитательные особенности: она формирует самостоятельность не только как набор навыков и умений, но и как черту характера, которая играет важную роль в структуре личности современного специалиста высочайшего уровня. Поэтому в каждом учебном году согласно годовым планам преподавателей на кафедрах следует отбирать материалы для самостоятельной работы студентов под руководством преподавателей.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Зимняя И.А. Ключевые компетенции – новая парадигма результата образования//Высшее образование сегодня.2003.№5.

2. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия. М.:Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов.2004.

3. Кравец В.Н., Нижегородский государственный технический университет(НГТУ г.Н. Новгород). Организация и контроль самостоятельной работы студентов.

4. Леонтьев А.А. Психологические предпосылки раннего овладения иностранным языком //Иностранный язык в школе. - 1985.

5. Магаева М.В., Плеханова А.Ф., Донишгоҳи давлатии техникии Нижегород (ДДТН дар шаҳри Новгород) Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён дар мактабҳои олии Нидерландия.

**КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД-ОСНОВА ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ**

*В данной статье расматривается компетентностный подход как основа организации самостоятельной работы студентов. Посредством данной проблемы отражены мнения русских педагогов. В этом процессе понятия ключевые компетенции, социальные компетенции, коммуникативные компетенции, когнитивные компетенции, специальные компетенции, компетентность или быть компетентным, ценностно-нравственные компетенции, общекультурные компетенции, учебно-познавательные компетенции, информационные компетенции, социально-трудовая компетенция, компетенция личностной самостоятельной работы студентов под руководством преподователя раскрыты чѐтко и ясно.*

***Ключевые слова:*** *концепция, ключевые компетенции, социальные компетенции, коммуникативные компетенции, когнитивные компетенции, учебно-познавательные компетенции, компетенции личностного самосовершенствования.*

**KOMPETENTNOSTNYY PODKHOD-OSNOVA ORGAHNIZATSII SAMOSTYATEL NOV RABOTY STUDENTOV**

*This article considers the competence approach as the basis for the organization of students» independent work. Through this problem the opinions of Russian teachers are reflected. In this process, the concepts of key competence, social competence, communication competence, cognitive competence, special competence, competence or to be competent, value-moral competence, general cultural competence, educational and cognitive competences, information competence, social and labor competence, students» individual self-work under the guidance of the teacher are disclosed clearly.*

***Key words:*** *concept, key competences, social competences, communicative competences, cognitive competences, educational and cognitive competences, competences of personal self-improvement.*

***Сведения об авторе:***

***Каюмова Хурилико Тагайевна***- *номзади илмҳои педагогӣ .и.в.дотсент мудири кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабии факултаи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзхгории ба номи С. Айнӣ. Тел (+992) 904406690, E-mail: kayumova.1973@inbox.ru*

***About the author:***

***Kayumova Khuriliko Tagaevna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Department of Theory and Methods of Preschool Education, Faculty of Preschool Education, S. Toraighyrov State Pedagogical University. Ayni. Tel (+992) 904406690, E-mail: Kayumova.1973@inbox.ru*

## АСОСҲОИ РАВОНӢ-ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

***Кенҷаева З., Қаюмова Ҳ.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

Таълими босалоҳият истифодаи технология ва шакли ташкили самараноки ҷараёни таълим ва методҳои ба он мувофиқро талаб менамояд. Барои муайян кардани технологияи равонӣ- педагогӣ, шакл ва методҳои ташкили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бояд ба тамоили муносибати босалоҳият такя намояд.

Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти олии касбӣ сифатан дигар хел муносибатро дар байни устодону шогирдон тақозо менамояд. Мақсади ин технология аз он иборат аст, ки донишҷӯ омӯзад, аз худ кунад ва дар амал татбиқ намояд.

Он диққате, ки дар солҳои охир махсусан ба истифодабарии технологияи нав дар раванди таҳсилот дода мешавад, хусусиятҳои оммавиро дар таҳсилоти олии касбӣ пайдо намудааст. Ин таваҷҷух,бо мақсади омода намудани мутахассисони ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат гардидан, муассисаҳои таълимии кишварро водор месозад, ки дар татбиқии он таваҷуҳи хоса зоҳир намоянд.

Ин мушкилотро бе истифодаи технологияи нав тибқи маълумоти коркардшуда ва дар таҷрибаи оммавӣ санҷидашуда ҳал намудан номумкин мебошад. Раванди истифодаи технологияи нав дар ҷараёни таълим ба даст овардани натиҷаи дилхоҳро кафолат дода метавонад.

Нишонаҳои асосии технологияи навин дар ҷараёни таҳсилот дар замони муосир инҳоянд:

- мақсади пурраи таҳсилот;
-номгӯйи пайдарҳамии тарзи ба даст овардани натиҷаи супоришҳо;
- истифода бурдани алоқаи баргарданда бо мақсади ислоҳ намудани ҷараёни таҳсилот;
- кафолати ба даст овардани натиҷа;
-самаранокии ҷараёни таҳсилот аз маҳорати омӯзгор вобастагии кофи дорад. (1,34)

Нишонаҳои фарқкунандаи технологияи муосири таълим ифодакунандаи хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор мебошад, ки дар он ҳамчун дар нақши ташкилотчии шаклҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯён баромад мекунад. Дар ин технология омӯзгор дар нақши -менеджер ва режиссёри таълим баромад намуда, аммо намоишдиҳандаи ахбори таълим мебошад.

Шогирдон дар баробари фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим ба субъекти фаъолият табдил меёбанд. Шахсияти омӯзгор ва инкишофи касбии ӯ, ҳамчун ба яке аз мақсадҳои асосии таҳсилотӣ табдил меёбад. Дар шароити муосир воситаҳои ахбор ва технология ҳамчун воситаи ташкили фаъолият истифода бурда мешаванд, на ҳамчун мақсадираванди таълим.

Дар робита ба афзоиши талабот ба технологияи инноватсионии таълим миқдор ва шаклҳои гуногунии онҳо дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Махсусан, дар шароити кунунӣ ин ҷараён ба инкишофи технологияи ахборӣ- коммуникатсионӣ ва технолгияи фаъол ва шавқовари таълим (яъне чизҳои офаридаи омӯзгор дар якҷоягӣ бо донишҷӯён) табдил ёфта, вазифаҳои мушаххасро иҷро менамояд. Дар робита ба инкишофи онҳо имконияти интихоб намудани технологияи як қадар мувофиқ ба ҷараёни таълим ва ҳал кардани супоришҳо васеъ мегардад. (4,3-12)

Дида баромадани аспекти технологии ташаккули умумӣ ва махсуси салоҳиятнокӣ, инчунин истифода намуданро дар мафҳуми ***методҳои таълим,*** ки дар навбати худ ба методҳои дарсгузарӣ ва таълимдиҳӣ тақсим мешаванд зарур мешуморем.

***Методҳои дарсгузарӣ*** – ин аз рӯйи талаботи дидактикӣ, системаи усул ва мувофиқ ба он қоидаҳо, фаъолияти педагогие мебошанд, ки истифодаи онҳо аз ҷониби омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим самаранок истифода бурда шаванд. Яъне дар ҷараёни таълим донишҷӯ фаъолтар аз омӯзгор эҳсос карда шавад.

***Методҳои омӯзиш*** – ин аз хисоби талаботи дидактикӣ, усул ва қоидаҳои мувофиқ ва ҷавобгӯе мебошанд, ки мақсади онҳо ба баланд бардоштани худидоракунии донишҷӯён дар тамоми шакли фаъолият ва муошират дар ҷараёни ҳалли шаклҳои муайяни вазифаҳои таълимӣ фаҳмида мешавад. Хамин тавр, методи омӯзиш ҳамчун тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ- маърифатии донишҷӯён дониста мешавад. Ин метод ҳамчун тарзи фаъолияти робитаманди омӯзгор ва донишҷӯён баҳри ба даст овардани салоҳиятнокӣ дар барномаи таҳсилотӣ донистамешавад.

Дар ҷараёни татбиқи низоми фаъолияти таълимӣ донишҷӯён, чизи асоси ба таври воқеъи интихоб намудани технология ва методҳои таълим мебошанд. Чӣ қадаре бештар миқдори соҳаҳои таълим ба эътибор гирифта шаванд, ҳамон қадар натиҷаи таълим баланд мегардад. Интихоби ин ё он намуди технологияи кор бо донишҷӯён, бояд дар хотир дошт, ки дар натиҷаи самаранок истифода бурдан аз он, агар мақсади таълим ба инобат гирифта шавад, ин технология ба татбиқи он равона мегардад. Мазмун, ки бо ёрии он технология дар шароити мавҷудаба донишҷӯён бояд дода шавад ва дар он мавриди истифода қарор гирад, бояд ба инобат гирифта шавад. (3,4-9)

*Мақсади* мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтани ин андешаҳо оид ба технология салоҳиятнокӣ, баҳри ба салоҳияти баланди касбӣ ноил гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.Танҳо тавассути ҳамин технология онҳо метавонанд, муносибат дар ҳалли вазифаҳои касбӣ, муносибати педагоги дар коллектив, инкишофи шахсӣ дар бозори меҳнат гарданд. Мақсади ҳар кадоме аз технологияҳои номбурда, дар худ вазифаҳои зиёди ташаккули намудҳои гуногуни фаъолиятро фаро мегирад.

Дар нақшаи мазмуннок ҳар як салоҳият дар худ се омили асосиро муттаҳид менамояд: донишгирӣ, майлкунӣ, амалиётӣ, ки барои фаъолиятро амалӣ гардонидан роҳ мекушояд. Шахси ба

ин се чизи ташаккулдиҳандаи салоҳият ноил буда, дар бозори меҳнат рақобатпазир буда, дар масъалаи пайдо намудани ҷои кор ва шуғли меҳнатӣ варзидан бо мушкилот рӯ ба рӯ нахоҳад шуд.

***Се дараҷае, ки дар он салоҳиятнокӣ ташаккул меёбад:***

- ***дар дараҷаи якуми*** ташаккул ёфтани салоҳияти инсон, афзоиши иқтидори ҳал намудани вазифаҳои бамиёномада пайдо мегардад. Маҳдудияти майлгирӣ ба шароити раҳоӣ ёфтан, аз мушкилот бо методҳои дар ихтиёраш буда, бароиислоҳи хаттогӣ истифода барад;

- ***дараҷаи дуюми*** ташаккули салоҳият ҳал намудани гурӯҳи муайяни супоришҳоро дар фаъолият бо дарки шароит ва сарҳади истифодаи тарзҳои умумии ҳалли он талаб менамояд. Дар ин ҳолат ба ҳама маълум аст, ки инсон қудрати ҳалли тамоми супоришҳоро надорад, танҳо он гурӯҳи супоришҳоеро ҳал карда метавонад, ки дараҷаи ҳалли онҳоро аз худ намудааст. Чӣ қадаре дараҷаи умумият баланд бошад, ҳамон қадар шумораи вазифаю супоришҳои ҳалнамудаи инсон меафзояд.

- ***Дараҷаи сеюми*** дараҷаи олии умумияти ҳодисаю зуҳурот мебошад, ки ба дараҷаи сеюми ташаккули салоҳият рост меояд. Чунин салоҳият ҳалли тамоми масъалаҳои чунин намудро бо методҳои гуногун таъмин менамояд. (7.20-21)

Тамоми мақсадҳои номбурда ва унсурҳои мазмунии онҳо ва дараҷаи ташаккули салоҳиятҳо барои низоми таҳсилоти Тоҷикистон хусусиятҳои инноватсионӣ доранд. Татбиқи онҳо бевосита навсозии низоми анъанавӣ ва истифода бурдан аз технологияи нави таълим ва методҳои омӯзонидани донишҷӯён мебошад.

Таҳлили табъу нашри муосир нишон медиҳад, ки салоҳияти хатмкунандагон, дар навбати аввал дар касбияти онҳо, дар мазмуни таҳсилот мавкеъ гирифта, ба такмил додани барномаи таълим асос меёбад. Таҳлилу озмоишҳо нишон медиҳад, ки ташаккули салоҳиятнокии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ (хусусан салоҳиятнокии касбии онҳо) моро қаноатманд гардонида наметавонад. Яке аз сабабҳои баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҷойҳои кори таъингардида ҳозир нашудани хатмкунандагон дар паст будани салоҳияти касбии онҳо дарак медиҳад. Онҳо бояд ҳарчӣ бештар ба мазмуни барномаи таълим ва навсозиҳо дар методикаи таълим ошно бошанд. Дар баробари ин, муттамарказ намудани тамоми имкониятҳои таълимӣ тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дар ҳалли вазифаи ташаккул додани салоҳияти касбӣ ва умумимадании мутахассисони оянда мусоидат намояд. (8.С.14-15)

Муносибати мазкур талаб менамояд, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии донишҷӯро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ, ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида шуда, новобаста аз фан ташаккул дода мешаванд. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълимӣ шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Шумо дар бораи истилоҳи салоҳият, маъноҳои он дар фасли ҷудогона маълумот гирифтед, аз ҷониби дигар дар муоширати, дар суҳбати расмию касбӣ мо ифодаи «шахсияти салоҳиятнок”-ро истифода мебарем ва дар ин маврид медонем, ки имкониятҳои як шахсро дар ягон самти мушаххаси фаъолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додан зарур аст. Мо медонем, ки вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малака ва маҳорати фанни таълимӣ ривоҷ додани малакаву маҳорати умумифаннӣ, низ мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳо силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода мешаванд. Мисол, дар бораи ташаккули салоҳияти фаннӣ, ки муҳаққиқон ба ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва ғайраҳо ҷудо мекунан, мо дарк менамоем, ки салоҳиятҳо дорои чунин намудҳо мебошанд:

*1.Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ*

– истифода бурда тавонистан аз дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаю ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълим;

– таҳлили ақида ва муносибати байни ақидавӣ, таҷриба ё маводи табиӣ ва сунъӣ;

– дарк намудани он, ки кулл аз ҷузъҳо таркиб ёфтааст;

– фарқ карда тавонистани он, ки кулл ба ҷузъҳо тақсим мешавад;

– таҳлил карда тавонистани таъсири ҷузъҳо баҳамдигар ва сохтани чизи том;

– аз ягон нуқтаи назар таҳлил намудани қоидаҳо, ақидаҳо, вазъиятҳо ва таҷрибаҳо дар асоси ақидаҳои назариявӣ ва фаҳмишҳои гуногун.

*2. Салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ*

– ташаккул додани майлу хоҳиш ва завқи маърифатии донишҷӯён ба дарки ҳодисаҳои олам, ғанӣ гардонидани таҷрибаи онҳо дар асоси омӯхтани маводҳои нав ба дарки ҳодисаву воқеаҳои ғайриодиву пурмуаммо;

– пайдо намудани ақидаҳо, фарзияҳо ва пешниҳодоти нав;

– ёд гирифтани роҳҳои таҳқиқи низомҳо ва ҳалли масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла тарҳрезӣ, амсиласозӣ, таҳқиқ, таҳлилу таркиб;

– сохтан ё бозсозии ашёро ёд гирифта, ақидаҳоро тавассути тағйирот ворид намудан, ҳамгиро кардан ё ҷудо кардан ба ҷузъҳо.(

*Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ инҳоянд:*

– тавоноии таҳлил ва баҳодиҳӣ намудан ба ашёҳо, ҳодисаҳо, таҷрибаҳо, ақидаҳо, назарияҳо, вазъиятҳо ва падидаҳои дигар;

– дарёфти фарқи байни омилҳо, ақидаҳо, нуқтаҳои назар ва афзалиятҳо;

– истифода бурда тавонистан аз ченакҳои гуногун барои арзёбии ақидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо, сабабҳо ва амалҳо;

– бо мақсади ҳалли масъалаҳо истифода бурдан аз арзёбӣ ва таҳқиқи стратегияҳои зеҳнии гуногун;

– таҳлили асосноки омилҳое, ки ба ақида ва қобилиятҳои фикрии шахс ва дигарон таъсир мерасонад.

*Салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилияти шахс инҳоянд:*

– донишҷӯ эътироф намояд, ки фарҳанг, забон, қоидаву таҷрибаҳо ба худшиносӣ, арзишҳо ба рафтор таъсир мерасонанд;

– ташаккул додани малакаҳо, фаҳмишҳо ва эътимод дар интихоби амалҳое, ки ба тақвияти саломатӣ, рушди рафтори шоиста ва худшиносӣ мусоидат менамояд;

– таҳлил ва равшан намудани таъсири оила, ҷамъият ва вазъи иҷтимоӣ дар ташаккули шахсият;

– бедор намудани боварӣ ба қобилияти худ, худидоракунӣ ва муташаккилона амал кардан;

– ташаккул додани инкишофи шахсии хонандагон ва қобилияти худро ҳифз карда тавонистани онҳо.

*Дарки эҳтиром, эҳтироми хеш ва ҳифз намудани ҳурмату эҳтироми дигарон:*

– равшанфикр ва озодбаён будан;

– омӯхтани маданият ва фарҳанги одамони гуногун ва зоҳир намудани эҳтиром ба онҳо;

– эътироф ва эҳтиром кардани арзиш ва қиматҳои гуногун, ки на ҳамеша ба ақидаи шумо рост меоянд. (6.19-20)

*Дарк ва эҳтиром кардани истиқлолият ва устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва фарҳангӣ:*

– таҳқиқ ва омӯзиши таъсири падидаҳои ҷаҳонӣ ба фаҳмиши шахс оид ба мустақилият дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ;

– таҳқиқ ва омӯхтани вобастагии рушди устувор аз ҳамкории самаранок ва ҳаматарафаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва ғ.;

– ақида, интихоб ва рафтори шахс ба ашёҳои зинда ва ғайризинда чӣ тавр таъсир расонда метавонад;

– таҳқиқ ва таҳлили амалҳои шахс ва ё гурӯҳи одамон ба рушди устувор чӣ таъсире расонида метавонад;

– эътимоднок нишон додани он, ки рафторҳои одамон чӣ тавр метавонанд ба некуаҳволии ҷамъият, муҳити зист ва иқтисодиёт (маҳаллӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ) таъсири мусбӣ мерасонанд.

*Ташаккули саводнокӣ. Ташаккули дониш вобаста ба самтҳои гуногуни саводнокӣ:*

– дарки аҳамияти донишҳои гуногун дар ҳаёти ҳаррӯза;

– саводнокӣ аз калимаҳо, тасвирҳо, рақамҳо, овозҳо, ҳаракатҳо ва дигар нишондиҳандаҳое иборат аст, ки ҳар яки он шарҳ ва мазмуни гуногун дорад;

– таҳқиқи муносибати байни саводнокӣ бо дониш, фарҳанг ва арзишҳо;

– аз бар намудани ақидаҳо ва ахборҳое, ки аз манбаъ ва сарчашмаҳои гуногун дарёфт шудаанд (масалан, махзани маълумот ва дигар маъхазҳои табиӣ ва сунъӣ);

– истифода аз технологияҳои гуногун ба мақсади таҳқиқи ақидаҳо ва пурра гардонидани фаҳмиш дар соҳаҳои гуногуни таълим.

*Таҳқиқ ва таҳлили падидаҳои олам тавассути донишҳои муайян:*

– ҷустуҷӯи таҷрибаҳо тавассути истифодаи стратегия, воситаҳо, захираҳо ва технологияҳои гуногун;

– интихоб ва арзёбии сарчашмаҳо ва воситаҳои ахборотӣ, ки барои иҷрои вазифаи мушаххас равона шудаанд;

– истифода аз дониши мавҷуда дар шароити муайян баҳри таҳлилу таркиби вазъияти мавҷуда;

– таҳлили сифатӣ ва миқдории маълумоти хаттӣ, шифоҳӣ ва визуалӣ, ки аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣҷамъ оварда шудаанд;

– истифодаи ақидаҳо ва технологияи муосир бо мақсади эҷоди чизи нав.

*Баёни натиҷаи фаҳмиш ва маън намудани донишҳои муайян:*

– дарки ақидаҳо ва таҷрибаҳо ба мақсади баён кардан, сохтан, ҳисоб кардан ва муошират кардан тавассути мавод, стратегия ва технологияҳои гуногун;

– истифодаи воситаҳои забонӣ, ақидаҳо ва равандҳое, ки барои ташаккули малакаҳои мушаххаси фанҳои алоҳида замина мегузоранд;

– пешниҳоди ақидаҳо, таҷрибаҳо ва ахбори фарогир, осонфаҳм ва барои дигарон муфид;

– интихоб ва истифодаи технологияи мувофиқ барои муошироти самаранок ва боодобона.

*Ташаккули масъулиятшиносии иҷтимоӣ. Истифодаи қоидаҳои ахлоқӣ:*

– таҳлили таъсири чашмдошти амалҳои шахс ва дигарон ба муҳит дар вазъиятҳои мушаххас;

– ба эътибор гирифтани таъсири амалҳо дар шароити дигар;

– риояи доимии арзишҳои асосии ахлоқӣ;

– нишон додани қатъият дар масъалаҳои ахлоқӣ, ба монанди «эҳтироми ҳар як шахс»;

– таҳқиқи он, ки арзишҳо ва ақидаҳо аз ҷониби одамон ва халқиятҳои алоҳида баён гардида, дар бой гардонидани ахлоқи башарӣ васеъ истифода мешаванд.

*Ҷалб гардидан дар муҳокима ва муколамаҳо:*

– нигоҳ доштани мувозинат дар суханронӣ, гӯш кардан ва ҷавоб додан;

***Абдуллоева З.Н.***

*Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова*

Происходящие в нашей республике экономические и социокультурные изменения требуют от педагога не только фундаментальных профессиональных знаний, но также инновационного мышления и владения практико-ориентированным, исследовательским подходом к решению конкретных образовательных проблем.

Анализ исследований, проведенных в этом направлении, показал эффективность применения в учебном процессе акмеологического подхода для подготовки специалистов. Существует проблема развития акмеологической компетентности, необходимой для профессиональной подготовки выпускников педагогических вузов. Для оптимального

развития профессиональной компетентности выпускников необходимо разработать стратегию и тактику достижения ими акмеологических навыков.

Под акмеологией понимают науку, сформированную из единства дисциплин разного цикла. В структуру акмеологии входит изучение феноменологии, закономерностей и механизмов формирования и развития личности человека, процессов саморазвития и самообразования для достижения поставленных профессиональных целей.

Термин «акмеология» был введен профессором Н.А. Рыбниковым в 1928 г. Под этим термином исследователь подразумевал психологию зрелости (взрослости). Его исследования строились на работах Ф.Гальтона и В. Освальда, в которых рассматривались возрастные изменения творческой деятельности, а также И. Пэрна, определившего зависимость продуктивности деятельности от психобиологических факторов.

В работах Л.С. Выготского, А.В. Петровского, А.Н. Леонтьева, Б.Г. Ананьева, Б.Ф. Ломова, К.К. Платонова и других исследователей сформулированы проблема развития акмеологической позиции выпускников вузов и предпосылки ее решения.

Исследованиями профессиональной подготовки выпускников занимались следующие ученые: Н.В. Кузьмина, Е.П. Белозерцев, И.К. Дракина, Л.М. Митина, А.П. Беляева, В.А. Сластенин и др. Результаты акмеологии в образовании раскрываются в исследованиях О.П. Бурдаковой, А.К. Марковой, В.Г. Зазыкина, А.А. Бодалева и др. На основе анализа исследований, касающихся особенностей развития акмеологической позиции выпускников педагогических вузов можно утверждать о недостаточной разработанности данного вопроса.

Задача акмеологии – совершенствование личности, ее саморазвития, формирование профессионализма и компетентностей, изучение факторов, воздействующих на повышение профессиональных компетентностей, использование своих профессиональных знаний на практике[1,с.5].

Акмеология отличается от других наук тем, что: относится к сфере профессиональной деятельности человека, которая другими науками не рассматривается так подробно; реализует акмеологический аспект профессиональной деятельности человека с помощью специфических методов, отличающихся экспериментальной и эмпирической направленностью, использование результатов на практике в качестве саморазвития и формирования профессионализма у студентов; направлена на достижение профессиональных результатов с помощью современных технологий; является самостоятельной наукой, которая по своему происхождению считается междисциплинарной дисциплиной, по форме реализации – комплексной, по методу организации – системной, по общенаучным элементам – фундаментальной, по практической направленности – прикладной.

При реализации акмеологического подхода в обучении преобладает развитие творческих способностей выпускников с учетом профессиональных аспектов для подготовки высококвалифицированных специалистов. Из этого следует, что акмеология – теоретическая и практическая наука, которая по своей сущности является метанаукой и метапрактикой [2, с. 62].

Изучение акмеологии в вузе способствует получению основ данной науки, формированию мотивационных потребностей в процессе личностного развития будущего педагога, актуализации его творческой направленности как профессионала своего дела. Развитие акмеологических компетентностей происходит в рамках реализации профессионально-педагогической деятельности.

Акмеологическая компетентность – составляющая профессионально-педагогической компетентности, состоящая из профессионально-педагогической ориентации личности, знаний, ценностей, методов и приемов реализации педагогической деятельности, способствующих эффективному профессиональному развитию личности [4, с.120].

Акмеологическая компетентность включает следующие элементы: когнитивный; мыследеятельностный; профессиональный; социальный; мотивационный; смысловой; рефлексивный.

Акмеологическая компетентность будущего учителя математики в исследованиях специально не выделяется. В системе вузовского образования акмеологическая компетентность будущего учителя математики входит в состав профессионально-педагогической компетентности и тесно связана с академической и социально-личностной компетентностями.

Акмеологическая компетентность выпускника педагогического вуза содержит в себе ряд функций: мотивационная; познавательная; нормативная; творческая; воспитательная [6,с.28].

Можно утверждать, что сущность акмеологической компетентности выпускника-математика способствует осуществлению полноценного осмысления данного понятия, определению его места в системе акмеологии как науки, в процессе обучения выпускников педагогических вузов. Сегодня актуальным является проведение исследовательской работы по становлению и развитию акмеологической компетентности у выпускников педагогических вузов и учителей-предметников.

Для развития акмеологической компетентности будущих учителей математики необходимо использовать потенциал, который заложен в новых формах интеграции в рамках системы «педагогическое образование - наука – педагогическая практика – школа», что подразумевает тесное взаимодействие педвузов и системы среднего образования.

Важным условием развития акмеологической компетентности будущих учителей математики является педагогическая практика. Назначение практики студентов заключается в подготовке к основным видам профессиональной деятельности, реализации приобретенных профессиональных знаний, навыков, умений и профессиональной адаптации, т.е. вхождения в профессию, освоения социальной роли, профессионального самоопределения, формирования позиций, интеграции личностных и профессиональных качеств.

Существуют разные компоненты развития акмеологической компетентности:

1. Гностический компонент: осознание цели формирования способов профессиональной реализации педагогических задач, соотношение поставленных задач со своим уровнем знаний; соответствие процессов реализации поставленных задач и полученных знаний; применение самообразовательной деятельности для углубления и систематизации знаний для решения поставленных педагогических задач; определение проблемы, умение формулировать задачи и решения данной проблемы; извлечение новой полезной информации из поставленных задач, умение видеть в решаемых задачах отсылки к уже полученным знаниям; подбор и систематизация учебного материала в соответствии с учебным планом, проведение научного анализа, исследовательской работы на его основе; овладение методами анализа и оценки поставленных задач, грамотное их решение.

2. Проектировочный компонент: планирование действий в рамках решения поставленных конкретных педагогических задач, подбор результативных методов, средств и приемов для их решения; применение конкретных знаний и умений при решении профессиональных задач; умение преодолевать трудности при решении профессиональных задач; прогноз и оценка реакции социума на свои действии при реализации задач; определение своей функции при решении профессиональных задач, формирование тактики и стратегии поведения, прогноз и определение нескольких вариантов реализуемых действий, вариантов решения задач.

3. Конструктивный компонент: формирование собственных действий, направленных на овладение алгоритмом реализации поставленных профессиональных задач; умение грамотно и четко излагать свои мысли при осуществлении теоретического и практического обучения; изменение и систематизация собственных действий при реализации профессиональных задач.

4. Коммуникативный компонент: анализ и оценка собственных действий и действий окружающих при реализации профессиональных задач; умение излагать свои мысли, аргументировать свою точку зрения, грамотно отвечать на вопросы; преодоление собственных стереотипов при осмыслении деятельности окружающих; управление эмоциональным состоянием социума.

5. Организаторский компонент: формирование индивидуальной деятельности, самообразования, познавательной деятельности при реализации профессиональных задач по установленному алгоритму действий; организация самостоятельной деятельности при реализации нестандартных задач на занятиях и во внеурочное время при осуществлении самообразовательной деятельности; формирование исследовательской и научной работы в рамках тематики занятий.

Таким образом, первыми шагами в развитии акмеологической компетентности будущих учителей математики являются: обучение «жизненным навыкам» (справляться со своими личными проблемами, со стрессами; управлять своим временем; читать инструкции, соблюдать правила; оформлять деловую документацию) и «надпредметным умениям» (обрабатывать и систематизировать текстовую и числовую информацию; писать тексты и выступать; осуществлять деловую коммуникацию; быть инициативным, предлагать нестандартное решение, уметь аргументированно отстаивать свою точку зрения).

Для развития акмеологической компетентности будущих учителей математики основную роль играют акмеологический подход и акмеологическая компетенция.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Деркач А. А. Акмеология: учебное пособие / А. А. Деркач, В. Г. Зазыкин. СПб.: Питер, 2003. - 256 с.
2. Деркач А.А. Методолого-прикладные основы акмеологических исследований / А. А. Деркач. М.: РАГС, 2000. - 391 с.
3. Иванова Т. В. Компетентностный подход к разработке стандартов для 11-летней школы: анализ, проблемы, выводы. / Т. В. Иванова // Стандарты и мониторинг в образовании. 2004. - № 1. – С. 16–20.
4. Игонина Т.Б. Формирование профессиональной компетентности студентов в условиях педагогической практики [Текст]: дис. ... канд. пед. наук / Т. Б. Игонина. Кемерово, 2001.-262с.
5. Инновационные процессы в образовании. Тюмень, 1990. - 221 с.
6. Компетентностная модель современного педагога: учебно-методическое пособие / О. В. Акулова и др.. СПб. : РГПУ им. А.И. Герцена, 2007.-158 с.
7. Крюкова Т.А. Формирование профессиональной компетентности будущего учителя в процессе педагогической практики [Текст]: дис. ... канд. пед. наук / Т. А. Крюкова. Волгоград, 2004.-200с.

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ АКМЕОЛОГИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ МАТЕМАТИКИ

*В статье анализируются особенности развития акмеологической компетентности будущих учителей математики.*

*На основе изучения научной литературы автор пришел к выводу, что акмеологическая компетентность будущего учителя математики в исследованиях специально не выделяется. Кроме того, что существует проблема развития акмеологической компетентности, необходимой для профессиональной подготовки выпускников педагогических вузов. Подчеркивается, что в системе вузовского образования акмеологическая компетентность будущего учителя математики входит в состав профессионально-педагогической компетентности и тесно связана с академической и социально-личностной компетентностями.*

***Ключевые слова:*** *развитие, акмеология, компетентность, математика, будущие учителя, педагогическая практика.*

## THE PECULIARITIES OF THE DEVELOPMENT OF ACMEOLOGICAL COMPETENCE OF FUTURE TEACHERS OF MATHEMATICS

*The article deals with the pecularities of the development of acmeological competence of future teachers of mathematics. The authors consider that the development of acmeological competence of future teachers of mathematics is not distinguished specifically and separately. The acmeological competence of future teacher of mathematics is a part of the professional and pedagogical competence in Institutions Higher Education and it is closely related to the academic, social and personal competence.*

***Key words:*** *development, acmeology, competence, mathematics, future teachers, teaching practice.*

***Сведения об авторе:***
***Абдуллоева Заррина Нумоновна** - соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова» (Республика Таджикистан, г. Худжанд), тел.:+992927738254*
***About the author:***
***Abdulloeva Zarrina Numonovna,** Applicant of the Department of Social and Professional Pedagogy, Khujand State University named after Academician B. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), tel.: (+992) 927738254*

## НАҚШИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ВА ОДАТҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАРБИЯИ ЭКОЛОГӢ

***Сайдаҳмадова С. М.***

*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ*

Таълими экологӣ ҳамчун унсури тарбияи ахлоқӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Маориф ҳамеша мушкили мубрами адабиёт, таърих, фалсафа буд, ҳаст ва хоҳад буд, аммо пеш аз ҳама илми педагогика. Талаботи он дар шароити муосир боз ҳам бештар меафзояд.

Танҳо як узви ахлоқӣ ва ба таври дуруст таҳсилкардаи ҷомеа шахси воқеӣ буда метавонад, яъне аз ҷиҳати сиёсӣ саводнок, муташаккил, боинсоф, меҳнатдӯст, боинсоф, эстетикӣ ва фарҳангӣ.

Дар урфу одатҳои ҳар як миллат унсурҳои тарбияи экологӣ мавҷуданд.

Дар айни замон, донишҷӯён ва мактаббачагон дар бораи аҳамияти анъанаҳо ва урфу одатҳои мардумӣ дар соҳаи таълим дар маҷмӯъ ва аз ҷумла тарбияи экологӣ ба қадри кофӣ иттилоъ надоранд. Дар барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳӣ ба таълими экологӣ низ чандон аҳамият дода намешавад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, метавон гуфт, ки проблемаи тарбияи экологӣ бо дарназардошти анъанаҳо ва урфу одатҳои мардумӣ, дар амалияи таълимии муосир махсусан муҳим аст.

Зимнан, урфу одатҳои мардумӣ воситаи хеле пурқуввати таъсиррасонӣ ба шуури наврасон мебошанд.

Анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ ҷузъи таҷрибаи халқӣ мебошанд ва ҳар як наврас метавонад онҳоро дарк кунад.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши ин масъала дар Тоҷикистон аз нигоҳи педагогӣ ҳанӯз ба роҳ монда нашудааст. Албатта, гуфтан аз рӯи инсоф намебуд, ки урфу одатҳои мардумӣ дар китобҳои дарсии мо инъикос нашуда бошанд. Онҳо аксар вақт дар заминаи таърихӣ, фалсафӣ ва мифологӣ дода мешаванд, аммо барои тарбияи ахлоқӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ истифода намешаванд. Баъзе анъанаҳо ва расму оинҳои халқӣ гоҳ-гоҳ дар китобҳои дарсӣ оварда мешаванд, дар истифодаи онҳо низоми мушаххаси педагогӣ мавҷуд нест.

Дар байни мардум, суханони пурҳикмате, ки аз замонҳои қадим бо мақсади омода намудани насли калонсол ба ивази арзанда аз насл ба насл мерос мондаанд, аҳамияти тарбиявии худро гум накардаанд. Ғояҳо дар бораи таълим дар замонҳои қадим дар раванди меҳнат ба вуҷуд омада буданд. Ҳифз ва таблиғи ғояҳои беҳтарини мардум дар бораи маърифати экологӣ ва фазои миллиро ташкил медиҳанд, ки аз нигоҳи анъана ва таҷрибаи миллат беназир аст.

Дар айни замон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» вазифаи ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ, анъана ва хусусиятҳои онро дар назди мактабҳо ва донишгоҳҳо гузоштааст. Ҳамин тариқ, имконияти воқеӣ барои бунёди заминаи меҳнат ва арзишҳои маънавию ахлоқии аз ҷониби инсоният таҳияшуда пайдо шуд: универсалӣ ва миллӣ [1,23-29].

Шахсият дар зери таъсири ҳаёти воқеӣ ташаккул меёбад: муносибатҳои оилавӣ, урфу одатҳо, ки аҳолӣ онҳоро риоя мекунад. Тоҷикон тавонистанд ҳувияти этномадании худро ҳифз кунанд. Ба ин пеш аз ҳама ахлоқи баланд, ваҳдати иҷтимоӣ, муҳаббат ба Ватан ва табиати он, меҳнатдӯстӣ, мувофиқат ва ҳамбастагӣ мусоидат кард. Ҳамаи ин сифатҳои пурарзиш аз этнопедагогикаи халқи тоҷик сарчашма мегиранд.

Мафҳуми «анъана» ба тамоми ҳаёти иҷтимоӣ дахл дорад, ки он муносибатҳои иҷтимоиро инъикос мекунад ва падидаи иҷтимоӣ мебошад [2,16-19].

Солҳои охир таваҷҷӯҳ ба таълими анъанавӣ зиёд шудааст. Этнопедагогика на танҳо моли мардум, балки яке аз василаҳои ҳифзи ҳувият, инчунин захираи навсозии технологияҳои таълимӣ мебошад. Дар мундариҷаи таълими умумӣ ва аз ҷумла таҳсилоти экологӣ урфу одатҳои халқи тоҷик нақши пешбаранда доранд.

Тарбия ва таълим дар мактаби миллӣ аз он иборат аст, ки онҳо аз рӯи эътиқод, одат риоя ва аз ҷониби афкори ҷамъиятӣ дастгирӣ карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ, онҳо як нақши иҷтимоиро иҷро мекунанд - онҳо сифатҳои маънавӣ, ҳиссиёт, малака, кайфиятро дар оммаи васеъ мувофиқи талабот ва манфиатҳои иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд.

Дар баробари ин, байни анъанаҳо ва урфу одатҳо фарқиятҳои назаррас мавҷуданд. Таърихан, урфу одатҳо нисбат ба анъанаҳо барвақттар ба вуҷуд омадаанд. Дар заминаи рушди муносибатҳои иҷтимоии қабила ва қабила урфу одатҳои қабилавӣ ташаккул ёфтанд, ки роҳҳои татбиқи муносибатҳои муайяни иҷтимоиро ба таври муфассал танзим мекунанд.

Одат - қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ, ки аз насл ба насл меросанд, дар ҷомеаи муайян ё гурӯҳи иҷтимоӣ дубора таҷдид карда мешаванд, реша давондаанд, одат, зиндагӣ ва шуури аъзои он мешаванд. Урфу одатҳо ҳамчун воситаи шинос намудани шахс бо таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хидмат мекунанд, рафтори ӯро ба низом медароранд ва ваҳдатро дар дохили гурӯҳ нигоҳ медоранд.

Вазифаи муҳимтарини анъанаҳо ва урфу одатҳои мухталиф ин мустаҳкам кардан ва аз насл ба насл интиқол додани таҷрибаи иҷтимоии аз ҷониби умум қабулшуда мебошад.

Механизми интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ бо истифодаи анъанаҳо ва урфу одатҳо маҷмӯи муайяни амалҳо тавассути такрори онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки урфу одатҳо қисми таркибии педагогикаи халқӣ буданд, дар тарбияи экологии кӯдакон аз хурдӣ нақши муҳим доранд. Дар раванди таълими экологӣ давомнокии наслҳо таъмин карда мешавад, ки ин шарти рушди пайваста мебошад. Зуҳури муттасилӣ гуногун ва гуногунҷабҳа аст. Он метавонад дар сатҳи шахсӣ, аз ҷиҳати анъанаҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ зоҳир карда шавад, ки ин барои тарбияи саводи экологии ҳар як инсон хеле муҳим аст.

Дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ анъанаҳои баргузор намудани идҳои халқии Меҳргон, Сада, Наврӯз, бозиҳои халқӣ, инчунин афсонаҳо, сурудҳо ва сурудҳои халқии тоҷикон, ки ба тарбияи меҳнатӣ, экологӣ ва ахлоқӣ равона карда шудаанд, истифода бурда мешаванд.

Барқарорсозии анъанаҳо, расму оинҳо ва идҳои тоҷикон фарҳанги халқҳои ҷумҳуриро ғанӣ мегардонд.

Масалан, дар замони мо Наврӯз аллакай ба иди байналмилалӣ табдил ёфтааст ва дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон баргузор мешавад, ки гурӯҳҳо ва миллатҳои мухталифро муттаҳид мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, анъанаҳо, расму оинҳо ва ҷашнҳои халқии тоҷикон на танҳо сазовори таваҷҷӯҳи фолклоршиносон, филологҳо, муаррихон, этнологҳо, омӯзгорон, балки экологҳо низ мебошанд, зеро онҳо барои тарбияи оммавии экологӣ имкониятҳои калон доранд. Дар назди илми педагогика вазифа меистад, ки ин потенсиалро омӯзад, имкониятҳои истифодаи онро дар корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар ҳама сатҳҳои таҳсилоти муттасил ва тайёр кардани мутахассисон дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои тамоми самтҳо, аз ҷумла экологӣ.

Дар педагогикаи халқии тоҷик афсонаҳое, ки унсурҳои таълимӣ ва маърифатиро дар бар мегиранд, яке аз ҷойҳои пешбарро ишғол мекунанд. Дар онҳо маводи бой дар бораи табиати ватанӣ, наботот ва ҳайвонот мавҷуданд. Ашёи табиати беҷон низ дар афсонаҳо ба таври возеҳ тасвир шудаанд: ҳаво, офтоб, моҳ, бод, об, на танҳо ҳамчун нерӯи табиат, балки ҳамчун персонажи дорои хусусияти худ амал мекунанд.

Афсонаҳои тоҷикӣ зебоии табиати ватаниро шоирона тасвир мекунанд, ки дар баробари дигар хусусиятҳо, ба онҳо арзиши баланди бадеӣ ва ҳувияти миллӣ медиҳад. Афсонаҳои эҷодкардаи мардум ба ташаккули муносибати эмотсионалӣ ва экологӣ ба табиат мусоидат мекунанд, ки он то андозае барои рафъи муносибати утилитарӣ-истеъмолӣ ба ҷаҳони атроф хидмат мекунад.

Афсонаи «Донак» (Санг) дар бораи марҳилаҳои рушди растаниҳо ва зарурати ҳифзи онҳо нақл мекунад. Писараки зирак тухми зардолу шинонд, об дод, нигоҳубин кард, дарахт калон шуд, гул кард, ҳосил пухт. Ахлоқи афсона равшан аст. Аз нуқтаи назари аҳамияти тарбиявии он диққат ба он равона карда мешавад, ки таърих ҳамчун «ҳақиқати ҳақиқӣ» гузаронида мешавад: онҳо номи пиразанро, на танҳо деҳае, ки ӯ зиндагӣ мекард, балки

маконе, ки майдони кишташ буд, ном мебаранд. , боғе, ки вай бунёд кардааст. Р.Амонов чунин мешуморад, ки «афсонаҳои халқие, ки дар қадимаи дур сохта шудаанд ва аз қадимулайём ба мо супурда шудаанд, амрҳои асосии ахлоқии офаринандаи худ - мардумро ба даст овардаанд» [3,41-44].

Анъанаҳо, расму оинҳо ва идҳои мардумӣ инчунин воситаи омода сохтани насли наврас ба талаботи ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд. Дар онҳо ҷойгоҳ ва нақши ҳама нақл карда мешавад, зеро тамоми аҳолӣ, новобаста аз синну сол, ҷинс ва дигар фарқиятҳо, дар онҳо ширкат меварзанд, аз ин рӯ, ҳар кас дар вақти баргузории чорабиниҳои оммавӣ (шинонидани дарахтон, тоза кардани кӯчаҳо ва ғайра) вазифаи худро бо шаъну шараф иҷро мекунад, чаро меомӯзад ва аз хурдӣ одат мекунад. Бо калон шудани инсон, ин масъулиятҳо метавонанд тағир ёбанд, аммо таълим ва омӯзиши муошират, рафтори ахлоқӣ ба таври ноаён ва дар муҳити табиӣ рух медиҳад, ки ин як хусусияти муҳими васоити халқии тарбияи экологист.

Мехостам шаклҳои зерини таълими оммавиро қайд намоям.

Наврӯз. Наврӯз аз форсӣ тарҷума шуда маънои «рӯзи нав» -ро дорад. Аҳамияти тарбиявии Наврӯз дар мундариҷаи сурудҳо-сурудҳо аст. Ҳамаи ин идҳо аз тозагӣ ва ободонии ҳар як хона, ҳар деҳа оғоз меёбанд. Дар сурудҳо зиракӣ, зиракӣ, диққати одамони оддӣ ба ҳама чизи атроф инъикос ёфтааст, дар бисёр ҳолатҳо онҳо номуайян сохта шудаанд. Сурудҳо ба шароити маҳаллӣ мутобиқ карда шуда, барои ҳар як суди алоҳида эҷод карда шудаанд.

Наврӯз бо оғози киштукори баҳорӣ алоқаманд аст, ба он омодагӣ дида мешуд, бозиҳои гуногун ва ғ.

Кӯмаки мутақобила (Ҳашар). Дар байни урфу одатҳо, кӯмак ба якдигар дар корҳои вазнин ва меҳнатӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Ин одатан ҳангоми куфтан, омода кардани ҳезум ба зимистон, сохтани хона, шинондани дарахтон барои зуд ба анҷом расонидани кор зарур аст.

Шарти муҳими такмил додани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ оид ба таълим ва тарбияи экологӣ тавассути васоити педагогикаи халқии тоҷик таҳия ва татбиқи системаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад.

Тадқиқоти мо нишон дод, ки ҷузъҳои асосии он инҳоянд: мақсад, вазифаҳо, принсипҳо, марҳилаҳои таълим, мундариҷаи кор, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ташкили раванди таълим. Ҷузъи асосии ин система ҳадафест, ки мо онро чунин таҳия кардаем: тарбияи шогирдон, донишҷӯёни муносибати ахлоқӣ, экологӣ ба муҳити зист тавассути васоити педагогикаи халқӣ дар раванди таълими якумрӣ. Онро вазифаҳои зерин мушаххас мекунанд:

1) ташаккули муносибати башардӯстона ба табиат, ба ҷаҳони атроф;

2) ташаккули таҷрибаи таълими экологӣ.

Модели мо ба принсипҳои миллӣ, мутобиқат ба табиат, мутобиқати фарҳангӣ, инсондӯстӣ, пайдарҳамӣ, ягонагии таълим ва тарбия, намоёнӣ бо назардошти хусусиятҳои синну сол ва фардият асос ёфта буд.

Ҷузъи муҳими системаи таълими экологӣ шаклҳои ташкили раванди таълим ва корҳои беруназсинфӣ (дарсҳо, семинарҳо, маърӯзаҳо, сафарҳои омӯзишӣ, конфронсҳои таълимӣ, озмунҳо, олимпиадаҳо, шабҳо, вохӯриҳо ва ғ.) Мебошанд.

Дар раванди таълими экологӣ (таълим) чунин усулҳо, аз қабили шарҳ, ҳикоя, пешниҳод, сӯҳбат, мубоҳиса, лексия, мисолро истифода бурдан лозим аст, ки ба ташаккули ҳиссиёт, таҷрибаи эҳсосӣ, рафтори зарурӣ мусоидат мекунад; усулҳои ташкили фаъолият ва ташаккули таҷрибаи рафтори иҷтимоӣ (талаботҳои педагогӣ, ишора, дархост, маслиҳат, таълим, машқҳо, супориш, фароҳам овардани ҳолатҳои этнопедагогӣ барои хонандагон, афкори ҷамъиятӣ), дар асоси фаъолияти амалии таълимгирандагон; усулҳои ҳавасмандгардонии рафтор ва фаъолият (ташвиқ, тасдиқ, ситоиш, ҷазо, рақобат), усулҳои этнопедагогика (нишон, тасдиқ, дастур, аҳд, таҳрик, манъ ва ғ.). Ҷузъи дигар чунин василаҳои тарбиявӣ, аз қабили фолклор, урфу одатҳо, адабиёт, ҳунарҳои мардумӣ, табиат, филмҳо ва ғ.

Дар ҳама давру замонҳо табиӣ буд, ки ҳар як мардум барои зебогие, ки аз табиат, аз ҳадафмандӣ, ҳамоҳангӣ дар он сарчашма мегирад (инсон як ҷузъи табиат аст) саъй кунад: шеър, мусиқӣ; гулдӯзӣ, нақш - такрори рангҳо ва хатҳои табиат ва ғайра Инсон дар асарҳои санъати халқӣ зебоии худро барои шодии худ ва мардум офаридааст.

Педагогикаи халқии тоҷик, тавре ки шумо медонед, бо ҳунармандӣ, ба кӯдакон таълим додани малакаҳо ва малакаҳои хонагӣ, меҳнатӣ, агротехникӣ, донишҳои тиббӣ, метеорологӣ, ботаникӣ ва математикӣ, ки интиқоли онҳо аз падар ба писар, аз модар ба духтар, аз устод ба донишҷӯ. Онҳо дар амалиётҳои мушаххас, инчунин малакаҳои истифодаи нишонаҳои халқӣ

дар мушоҳидаи обу ҳаво, инкишофи растаниҳо, ҳайвонот, муайян кардани мӯҳлати ҷамъоварии сабзавот, меваҳои бутта, чормағз омӯхта шуданд [5,12-18].

Педагогикаи халқӣ сарчашмаи тозаи бебаҳост, ки мардум аз он дар бораи ҳаёт, дар бораи олами атроф, ҳифзи он маълумот мегиранд, мувофиқи қонунҳои нонавиштаи онҳо фарзандони худро аз насл ба насл дар рӯҳи ҳифз, таҳким ва рушд додани некӣ тарбия мекарданд урфу одатҳо.

Зиддиятҳое, ки дар оилаҳо вобаста ба вайрон шудани ҳаёти анъанавии этно-экологӣ ба вуҷуд меоянд, системаи нигоҳ доштани давомнокии наслҳоро бесубот мекунанд. Ва педагогикаи расмии шӯравӣ хусусияти муттаҳидсозӣ дошт, он дар амал худро комилан сафед накард ва натавонист ба пайдарҳамии байни маориф дар хона ва халқ, ки ин идомаро таъмин мекунад, ноил гардад. Ҳамин тариқ, шаклҳои расмии таълими мактабӣ хусусиятҳои суннатҳои мардумиро дар тарбияи кӯдакон ба назар намегирифтанд, ки ин яке аз сабабҳои асосии ҳам бӯҳрони педагогӣ ва ҳам бӯҳрони демографӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷомеа буд.

Сарчашмаҳои ташаккули дониш, малака ва одатҳои экологӣ аз нуқтаи назари анъанаҳои халқии тарбияи фарзанд табиати ватанӣ, фолклор, пандҳои оқилона ва оқилонаи ниёгон, вазифаҳои мушаххаси корӣ, муошират, одоб, ҳаёти ҳаррӯза, урфу одатҳо , санъати халқӣ - ба ибораи калом, ҳама фарҳанги гуногунҷабҳаи мардум, ки дорои арзишҳои умумиинсонӣ мебошанд, бо назардошти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихии ҷомеа.

Воқеан, солҳои охир, алахусус вобаста ба ҷустуҷӯи ғояи миллии рушди ҷомеа дар ҷараёни ислоҳоти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таваҷҷӯҳ ба таълими анъанавӣ дар кишвар афзоиш ёфт.

Тадқиқоти васеъ ва конфронсҳои васеъ гузаронида шуданд ва гузаронида мешаванд, таҷрибаи омӯзгорӣ вобаста ба зарурати бартараф намудани ягонагии таълим ва тарбия қабул карда мешавад. Эътироф карда шудааст, ки этнопедагогика на танҳо мероси муҳими таърихии халқ, балки яке аз воситаҳои ҳифзи шахсият ва захираи навсозии технологияҳои таълимӣ мебошад.

Донишҷӯён бо одатҳо ва рафтори ҳайвонот, ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, тағироти мавсимии олами наботот, ки ҳамчун манбаи дониши гуногуни онҳо дар бораи олами атрофиён хидмат мекарданд, шинос мешаванд. Ҳамаи ин дар онҳо мушоҳидаҳои нозук, қобилияти истисноии сайругашт дар кӯҳҳо ва водиҳо дар ҳама гуна обу ҳаво ташаккул ёфт.

Мардум бо хосиятҳои табобатӣ ва ғизоии растаниҳо машҳуранд. Дар арсенали тибби анъанавии тоҷикон зиёда аз 114 намуди флораи маҳаллӣ мавҷуд аст, инчунин усулҳои ҷамъоварӣ ва муҳофизат аз нобудшавӣ маълуманд. Алоқаи наздик бо табиат дар мушоҳидаи одамон, ҳисси вазифа барои ҳифзи он ташаккул ёфт. Дар натиҷа, аломатҳое, ки аз ҷониби мардум қабул шудаанд, кристалл шудаанд, ки онҳо дар тарбия, рушди ақлии донишҷӯён, ташаккули мушоҳида ва қобилияти таҳлили олами атроф арзиши бузург доранд.

Ҳамин тариқ, урфу одатҳои мардуми тоҷик дар мундариҷаи таҳсилоти умумӣ ҳамчун як системаи ҷудонашавандаи дар раванди таълим амалкунанда амал мекунанд. Аз ин рӯ, бо назардошти анъанаҳои миллӣ дар соҳаи таълими экологӣ, дар асоси таҳлили таҷрибаи иҷтимоии инсоният мебинем, ки онҳо дар раванди таълим маҷмӯи донишҳои доимо ҷамъшаванда ва тағирёбанда, таҷрибаи муносибати эмотсионалӣ ҷудонашавандаро нишон медиҳанд ба ҷаҳон. Ҳангоми тайёр кардани мутахассисон дар донишгоҳҳо ба методикаи татбиқи анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии педагогикаи халқ диққати махсус дода мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Закон Республики Таджикистан «Об образовании». – Душанбе: Шарқи Озод, 2001. – С. 48-59.
2. Плахов В. Д. Традиции и общество. Опыт философско-социологического исследования. – М.: Мысль, 1992. – С. 33-44.
3. Амонов Р. Таджикские народные сказки (пер. с таджикского). – М., 1998. – С. 78-86.
4. Денисюк Н.П. Традиции и формирование личности. — Минск: изд-во БГУ, 1979, 136с.
5. Дерябо С.Д., Ясвин В.А. Экологическая педагогика и психология. Учебное пособие для вузов. Ростов-на-дону: Феникс, 1996, 476с.
6. Дмитриевский Ю.Д., Лавров С.Б. Экономика экологические проблемы капиталистических и развивающихся стран. М., 1978., 8 с.
7. Добролюбова Н.А. Избранные педагогические сочинения. — М.: Педагогика, 1986, 348с.
8. Жекулин В.С. Введение в географию. Л.: Изд.МГУ,1989, 272с.
9. Захлебный А.Н. На экологической тропе: ( Опыт экологического воспитания) Мб Знание, 1986, 77с.
10. Зверев И.Д. Экология в школьном обучении. Новый аспект образования —М. Знание, 1980, 96с.

## РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНЫХ ТРАДИЦИЙ И ТРАДИЦИЙ ТАДЖИКИСТАНА В ЭКОЛОГИЧЕСКОМ ОБРАЗОВАНИИ

*В статье речь идет о роль национальных традиций и обычаев Таджикистана в экологическом образовании.*

*Следует отметить, что изучение данного вопроса в Таджикистане с педагогической точки зрения еще не налажено. Конечно, будет справедливо сказать, что фольклор не отражен в наших учебниках. Они часто даются на исторических, философских и мифологических основаниях, но не используются для нравственного воспитания в общеобразовательных школах.*

*Некоторые народные традиции и обычаи иногда упоминаются в учебниках, и в их использовании нет какой-либо конкретной педагогической системы.*

*В народе слова мудрости, унаследованные с древних времен, чтобы подготовить старшее поколение к ценному обмену, не утратили своего образовательного значения. Идея воспитания зародилась в древности в процессе труда. Защита и распространение лучших представлений людей об экологическом образовании и национальном пространстве - уникальная традиция и опыт нации.*

*В настоящее время Закон Республики Таджикистан «Об образовании» ставит задачу сохранения и развития национальной культуры, ее традиций и особенностей в школах и вузах. Таким образом, появляется реальная возможность заложить основу труда и морально-этических ценностей, выработанных человечеством.*

***Ключевые слова:** экологическое просвещение, народные традиции и обычаи, педагогика, подрастающее поколение, человечество, педагогический опыт, повседневная жизнь, народное искусство.*

## THE ROLE OF NATIONAL TRADITIONS AND TRADITIONS OF TAJIKISTAN IN ECOLOGICAL EDUCATION

*This article examines the role of national traditions and customs of Tajikistan in environmental education.*

*It should be noted that the study of this issue in Tajikistan from a pedagogical point of view has not yet been established. Of course, it would be fair to say that folklore is not reflected in our textbooks. They are often given on historical, philosophical, and mythological grounds, but are not used for moral education in general education schools. Some folk traditions and customs are occasionally mentioned in textbooks, and there is no specific pedagogical system in their use.*

*Among the people, the words of wisdom, inherited from ancient times in order to prepare the older generation for a valuable exchange, have not lost their educational value. The idea of education originated in ancient times in the process of labor. The protection and dissemination of the best ideas of the people about environmental education and the national space constitute a unique tradition and experience of the nation.*

*At present, the Law of the Republic of Tajikistan «On Education» sets the task of preserving and developing the national culture, its traditions and features in schools and universities. Thus, there is a real opportunity to build the basis of labor and the moral and ethical values developed by mankind.*

***Keywords:** Environmental education, folk traditions and customs, pedagogy, the younger generation, humanity, pedagogical experience, everyday life folk art.*

***Сведения об авторе:***

***Саидахмадова Садбарг Мирахмадовна** - преподаватель кафедры дошкольного образования и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. Сафарова, 16., **Тел:**(992) 985040733*

***About the author**:*

***Saidakhmadova Sadbarg Mirakhmadovna** - Lecturer at the Department of Preschool Education and Social Work of the Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, st. Safarov, 16., **Phone:** (+992) 985040733*

# АҚИДАҲОИ ИНСОНМЕҲВАРИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҶАҲОНБИНИИ НАВРАСОН

***Кӯчарзода Ҳ.***

*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Ҳангоми баррасии ин ва ё он масъала аз эҷодиёти Ҷомӣ сухан равад, бешак муҳаббати устод Аълохон Афсаҳзод аз эҷодиёти ин мутафаккир пеши назар меояд, ки гуфтааст: «Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492), аз нуронитарин ахтарони осмони ситоразори фарҳангу адаби деринасоли форсии тоҷикӣ буда, сифату хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, навиштаҳои писандидаи илмию адабию ирфонӣ, ғояҳои баланду бегазанди умумибашарӣ ва ҳунару истеъдоди бемонанди сухангустарӣ эшонро ҳабибу азизи тамоми давру замонҳо ва мулку маконҳо гардонидаанд»[1.5]. Барҳақ чунин муҳаббатро дар дили муҳаққиқони адабиёти гузашта мутафаккире бармеангезад, ки инсонро тараннум карда мақоми инсонро боло мегузорад. Омӯзиши мероси ахлоқии гузаштагон имрӯз хеле саривақт мебошад. Яке аз мақсади асосии афкори педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ ин тарғиби илму маърифат ва нақши он дар рушди инсон ва ҳаёти ҷомеа мебошад. Мероси адабӣ - педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи мақоми тарбияи ахлоқии ҷавонон ва тарғиби илм на танҳо дар китобҳои таълимии мактаббачагон, балки дар китобҳои баччагона бояд зиёд дарҷ шаванд. Эҷодиёти Ҷомӣ аз ҷониби мударрисони мактабҳои ҳамаи зинаҳо хеле фаровон истифода карда мешавад. Бояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки барои баланд бардоштани маърифати падару модарон аз Ҷомӣ фаровон истифода барем.

Вазифаҳои мактабҳои таҳсилотии ҳамаи зинаҳо аз он иборат аст, ки сатҳу сифати дониши хонандагон, ташаккули рағбати хонандагонро барои аз худ намуданиасосҳои илм ва дар ин замина ташаккули ҷаҳонбинии илмии онҳо мебошад. Аз нуқтаи назари равияи педагогӣ тасаввурот дар бораи маънавиёт бо тамоюлоти худинкишофдиҳӣ ва шахс алоқамандии ногусустанӣ дорад, инчунин ба сайқали ақлу хирад низ муносибат дорад. Рушди бесобиқаи ҷаҳони имрӯза ҳамарӯза вобаста шароити иҷтимоӣ-иктисодӣ ва фарҳангӣ сиёсӣ рушди ҷараёни таълимро тақозо менамояд. Маҳз истифодаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар бораи зарурати тарбияи таваҷҷӯҳу малакаи хонандагон баҳри азхудкунии донишу ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат менамояд ва дар илму амалияи педагогии муосир хеле мубрам мебошад. Даврони Ҷомӣ чунин тақозо мекард, ки олимон бештар ба этикаи амалӣ диққат намоянд. Абдурахмони Ҷомӣ ва дигар мутафаккирони замонаш кӯшиш мекарданд, ки бештар ба масоили ахлоқи дунявии инсон аҳамияти бештар диҳанд, ки инсон ҳамчун узви ҷомеа бештар ахлоқаш дар муносибат бо дигарон муайян мегардад. Дар ташаккули таълимоти худ мутафаккирон бештар ба мероси бои анъанаҳои ахлоқии гузаштаи форсу ҳинд ва чину юнон такя менамуданд.

Дар давраи Ҷомӣ чунин равия дар илми ахлоқ дар таълифоти бисёр мутафаккирон, алалхусус дар асарҳои Хусайн Воизи Кошифӣ зиёд ба назар мерасад. Ҳангоми ҳукмронии султони сулолаи Темуриён Ҳусейн ибни Мансур ибни Пайкар (сс.1469-1506), «ки ҳукмронии мустақилу мустаҳками худро дар шаҳри Ҳирот пойдор карда буд ва 40 сол ҳукмронии худро нигоҳ дошта буд, ин шаҳр ба маркази бузурги фарҳангиву илмӣ табдил дода шуда буд. Ба ин ҷо олимон, шоирон, кормандони фарҳангу санъат қариб аз тамоми гӯшаву канори Шарқи мусулмонӣ меомаданд. Дар чунин авзо солҳои эҷодии Кошифӣ шуруъ шуданд. Шоиру адибони Ҳирот Кошифиро хеле хуб пазируфтанд. Вазир Алишери Навоӣ (сс.1331-1501), яке аз маъруфтарин маорифпарвону шахси бомаърифати замона, дӯсту шогирди Абдураҳмони Ҷомӣ Кошифиро хеле хуб пазирфтанд. Дар чунин шароит Кошифӣ дониши худро такмил медод, дар баҳсу ҷамъомадҳо ақоиди инсонпарваронаи худро ривоҷ медод ва барои фаъолияти зоҳидии худ омода мешуд». [2.31] Кошифӣ танҳо яке аз намояндагони даврони ҳаёту фаъолияти Ҷомӣ буд, ба ғайр аз ӯ бисёр дигар шоиру адибоне буданд, ба монанди Ҷалолиддин Давони(1427-1503), Али Қушчӣ (1401-1474), Қутбуддин Шерозӣ (1426-1497), Ғиясуддин Мансур (ваф. 1545 ) ва диг., ки дар афкори худ бештар ба ҷойгоҳи инсон аҳамият медоданд. Дар бораи Ҷомӣ дар асарҳои худ «Занҷири тиллоӣ», «Саломон ва Абсол», «Туҳфа

ба ашроф», «Тасби одил», «Юсуф ва Зулайхо», «Насими дӯстӣ аз Толорҳои муқаддас», «Боғи баҳор», «Лайлӣ ва Маҷнун», китоби «Хираднномаи Искандарӣ» ва ғайра ақидаҳои ахлоқии худро баён намудааст. «Дар паҳлуи ин асарҳо «Баҳористон» бо мазмуни дунявӣ, ақоиди умумиинсонӣ ва нуктаҳои гуманистии худ ҷилои махсус медиҳад. Имтиёзи «Баҳористон» аз асарҳои номбаршуда боз дар он ҳувайдо мегардад, ки адиби инсондӯст дар танқиди ҳокимони золим, ки дину мазҳабро ниқоби худ карда буданд, аз ҳеҷ чиз наҳаросида, ҷасурона пардаро аз рӯи онҳо бардошта, дар «Баҳористон» ғояи аз подшоҳи диндори золим беҳтар будани подшоҳи бединро такрор менамояд. Ба ақидаи ӯ на дину мазҳаб, на саҷҷоданишинию тоат, балки адолату инсоф суннатҳое мебошанд, ки ба подшоҳ обрӯ ва шаъни ҷовидонӣ меоранд.» [1, с331]

Ҳамаи ин таълифоти Ҷомӣ сазовари баррасии ҷиддӣ мебошанд, зеро дар ҳар кадоми он ақидаҳои ахлоқӣ баррасӣ мешаванд, ки аҳамияти педагогии он то ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудаанд. Афкори ахлоқии Ҷомӣ бевосита дар меҳвари мавзӯи инсони комил давр мезанад. Лозим ба таъкид аст, ки афкори ахлоқии шоир бо дастовардҳои афкори ахлоқии антиқа ва асримиёнагӣ алоқамандии зич дорад.

Дар тамоми асарҳояш мутафаккир ва диди ӯ дар бораи инсон, фаъолияти инсон дар ҷомеа падид мешавад. Ҷомӣ тасвири инсони комилро дар асоси комьёбиҳои афкори ахлоқии қадим ва асрҳои миёна эҷод намуда, инсони комили ӯ натиҷаҳои ҳалли эҷоди муаллиф ба масъалаҳои ахлоқӣ ҷамъбаст шудаанд.

Ҳангоми баррасии ақидаҳои инсонмеҳварии Ҷомӣ ва таъсири онҳо ба ҷаҳонбинии наврасон сухан меравад, бояд қайд намоем, ки хоҳ асарҳои бадеӣ ва хоҳ асарҳои илмии мутафаккир ба тарбияи наврасон бевосита ё бавосита алоқамандӣ дорад. Вобаста ба ин масъала метавон аз рӯи ҳар як асари Ҷомӣ алоҳида баррасӣ намоем. Асарҳои ӯ аз ҳикояву ривоятҳо ва андарзҳои ахлоқӣ иборат мебошад. Ҷомӣ таъкид менамояд, ки обрӯву эътибори инсон на аз мансабу боигарӣ вобаста мебошад, балки бо меҳнати ҳалол вобаста медонад. Тамоми ақидаҳои Ҷомӣ, ки сиришти инсондӯстӣ доранд, то ҳанӯз аҳамияти худро аз даст надодаанд. Ӯ барои наврасон донишандӯзиро чизи аз ҳама муҳим медонист. Шахсе, ки соҳибдониш мебошад, ҳатман ба ҷомеа фоида меорад.

*Ҳар амал дорад ба илме эҳтиёҷ,*
*Кӯшиш аз дониш ҳамегирад ривоҷ.*
*Он чӣ худ донӣ, равиш мекун ба он,*
*В-он чӣ не, мепурс аз донишварон[3.40].*

Ҷомӣ илмро равшаниоваранда, озодкунанда аз ҷаҳолат мепиндошт:

*Бизан шишаи хасмро санги ҳилм,*
*Бишӯ зулмати ҷаҳлро з-оби илм[3, с.41].*

Имрӯз, яке аз масъалаҳои доғи ҷомеа и ҷалб намудани наврасон ба китобхонӣ мебошад. Иқдоми Пешвои муаззами миллат, ташкил намудани озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» барои ҳалли ин масъала як такони хуб шудааст, ки самараи онро мо мебинем. Асрҳои аср наврасонро ҳама равшанфикрон ба китобхонӣ даъват менамуданд, ки Ҷомӣ низ дар мисръҳои машҳури худ менависад:

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре неат,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест. [3, с. 44]*

Ин мисраҳо имрӯз хеле мубрам мебошанд. Наврасон имрӯзҳо бештар дар танҳоӣ ба хондани ахбору бозиҳои шабакаҳои интернетӣ машғул мебошанд, ки баъзан нафаҳмида ба ҳар гуна ахбору маълумоти иртиҷоӣ бархӯрдор мешаванд. Амиқ аст, ки ба ҳар гуна гурӯҳҳои иртиҷоӣ ҳамроҳ шудани ҷавонон бештар ба бемасъулиятии падару модарон ва танг будани ҷаҳонбинии онҳо вобаста мебошад. Танҳо донишу илм метавонад ҷаҳонбинии ҷавононро васеъ намояд. Заминаи асосии илму дониш хондани китоб мебошад. Мисраҳои болои Ҷомӣ далели он аст, ки хондани китоб дар ҳама давру замон дар тарбияи наврасон заминаи асосиро мебозид. Шоир таъкид менамояд, ки илму дониш маънои зинда будани инсонро дорад.

*Бувад маълуми ҳар озоду банда,*
*Ки нодон мурдаву доност зинда.*
*Касе, к-ӯ даъвии фарзонагӣ кард.*
*Куҷо бо мурдагон ҳамоҳангӣ кард.*
*Валекин по ба дониш неҳ дар ин роҳ,*
*Ки илм омад фаровон, умр кӯтоҳ. [3.77]*

Дар тарбияи насли навраси замони муосир низ хондани китоб яке аз масъалаҳои асосии раванди таълиму тарбия мебошад. Хушбахтона озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» барои ҷалб намудани ҷавонон ба хондани китоб ва баланд бардоштани завқи наврасон ба китобхонӣ як такони хубе шуд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳамон замон барои васеъ шудани ҷаҳонбинии инсон китобхониву донишро асосӣ мешуморид. Мутафаккир боварии комил дошт, ки китоб дар тарбияи наврасон бояд ҷойгоҳи муҳим дошта бошад ва дар тарбияи ҷавонон, ки хислатҳои инсонпарварӣ, ҳисси дустиву рафоқат, хоксорӣ, ҳақиқатҷуию саховатмандӣ, меҳнатдӯстӣ аз донишандӯзӣ сарчашма мегиранд. Анъанаҳои инсондӯстии гузаштаро идома дода, дар ашъори худ он доимо тараннум менамуд.

Ҷомӣ тамоми кӯшишиҳои инсонпарваронаи худро дар ғояи «шаҳри идеалӣ» як навъ «утопияи иҷтимоии Шарқ» буд, ки бад ин васила арзиши ахлоқии баробарии одамон, адолат, некӣ, зебоиро дар ҳама шароит новобаста аз ҳолатиҳои объективӣ нишон медод. Ҷомӣ ҳам дар «Хирадномаи Искандарӣ» шаҳри идеалиеро «кашф» кардааст, ки на султону амир дорад, на бандаву фақир. Ҳамин «утопияи Шарқ, ки ифодаи олии арзиши ахлоқии баробарӣ, адолат, некӣ, зебоист, дар азобу маҳрумиятҳо, ҷангҳои харобиовар, бемориву қашшоқӣ, дар муқобилати фаъол бо таассуб ва таъсири номаҳдуди идеологияи ислом тавлид шудааст» [4.65-66]. Дар тарбияи ахлоқии наврасон ақидаҳои инсонпарварии Ҷомӣ имрӯз низ ҷолиби диққати педагогон ва муаллифони китобҳои дарсӣ бояд бошад.

Волидайн ва омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия масъалаи инсондӯстиро меҳвари барномаҳои тарбияву таълим ҷойгузорӣ намоянд.

Инсонмеҳварӣ, нафси поку кирдору пиндори нек, кӯшишу ғайрат ин ҳама нишонаҳои тафаккури мустақил мебошанд. Муҳаббату эҳтиром ба анъанаҳои гузашта, эҳтиром ба калонсолон, арҷгузорӣ ба мероси гузаштагон, забони модарӣ, расму оин, таърихи гузашта нишондиҳандаи инсон мебошад. Ва ин хислатҳоро ҳатман аз овони наврасӣ бояд дар насли оянда тарбия намоем.

*Ба душман дӯст шав з-он сон, ки ҳаргиз,*
*Ба теғи душманӣ нахрошадат пӯст.*
*Макун бо дӯст чандон душманӣ соз,*
*Ки бар рағми ту бо душман шавад дӯст. [3.177]*

Маҳз инсонмеҳварӣ, муносибати дилсузона ба одам ба шахсият одамиятро тарбия менамояд. Инсондӯстии ҳақиқӣ дар асоси меҳрубониву дилсузӣ, кумаки доимӣ ба муҳтоҷон, хушмуомилагиву бекинагӣ, ишқу дӯстии пок маншаъ мегирад. Ҷомӣ таъкид мекунад, ки дар ҷое, ки кинаву шаҳват пайдо мешаванд, сабабгорӣ бадбахтиву гуноҳҳо мешаванд.

Абдураҳмони Ҷомӣ арзиши ахлоқии олӣ ба монанди муносибати инсондӯстона, адолат, ростқавлӣ, номи нек ва виҷдони покро талаботи асосии инсон мешуморид.

*Ҳарфе, ки ниҳӣ, ба ростӣ неҳ,*
*К-аз ҳар ҳунарест ростӣ беҳ! [3.317]*

Мутафаккири инсондӯст гӯё ба худ мақсад гузошта буд, ки ҳастии маънавии инсонро ғанӣ гардонад, ахлоқи ӯро бой гардонад ва ҳар як фардро аз ранҷи маънавию ҷисмонӣ новобаста аз баромади иҷтимоӣ раҳоӣ намояд. Вақте сухан дар бораи тарбияи фарзанд меравад, Ҷомӣ пешниҳод менамояд, ки раванди тарбия пеш ва беш аз ҳама бояд ба донишандӯзӣ, тарбияи ахлоқӣ ва динӣ аҳамият дода шавад, ки ин заминаи асосии илм мебошад.

Моҳияти афкори Ҷомӣ аз он иборат аст, ки инсон ҳамон вақт инсон шуда метавонад, агар рушди маънавӣ, бахт ва комёбиро танҳо дар ҷомеа бинад. Бидуни ҷомеа инсон мемирад. Агар намирад, ҳаёти вай ҳаёти ваҳшиёна мешавад. Ҷолиби диққат дар раванди таълиму

тардияи наврасон дар ақидаҳои инсонмеҳварии Ҷомӣ дар он аст, ки дар тарбияи хислатҳои боло ҳатман бояд қувваи зеҳнии кӯдак дар назар гирифта шавад.

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳамчун шахсе, ки доимо дар бораи беҳбудии ҳаёти инсон фикркунанда дар эҷодиёти худ бештар ба ин масъала таваҷҷӯҳ менамуд. «Бад-ин маънӣ, агар бигӯем, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар радифи Рӯдакиву Фирдавсӣ, Хайёму Румӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Камолу Бедил, Сайидову Сойиб, Туғралу Шоҳин … аз дӯстдоштатарин суханварони мардуми тоҷик асту шеъри ширадораш коми чандин наслашонро бардоштаасту қоматашонро шах кардааст, иғрозу иғроқе нахоҳад рафт»,[1.6] сабаби маҳбуби мардум гаштани ин мутафаккирон ин инсонмеҳварии эҷоди онҳост.

Эҷодиёти Ҷомӣ, ки бо «гуногунҷабҳагии» худ фарқ менамояд[5.23] қисми ҷудонашавандаи фарҳанги маънавии халқҳои Хуросону Мовароуннаҳрро ташкил менамояд. Дар ашъори ӯ тамоми равандҳои фалсафӣ, шеъру шоирӣ, иҷтимоӣ, ки барои рушди инсон равона шудаанд ҷой доранд. Нақши Ҷомӣ дар рушди фалсафӣ-ахлоқӣ, эстетикию педагогии асри XV беназир мебошад.


**АДАБИЁТ**

1. Аълохон Афсаҳзод. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ – адиб ва мутафаккири номӣ (рисолаи илмӣ тадқиқотӣ). – Душанбе: «Адиб», 2014, 464 саҳ. С.5
2. Хушкадамов Д. Этическое учение Хусайна Воиза Кошифи. – С.31.
3. Андарзномаи Ҷомӣ. Душанбе, 2014. 341с. – С.40
4. Осимӣ М. Воқеият хилофи афсона аст. «Садои Шарқ», 1976, №1, с. 65-66.
5. Раджабов М. Абдуррахман Джами и таджикская философия XV века. – С.23.


## СВЯЗЬ НРАВСТВЕННЫХ ИДЕЙ ДЖАМИ С ПРЕДШЕСТВУЮЩИМИ ЭТИЧЕСКИМИ КОНЦЕПЦИЯМИ


*Статья «Связь нравственных идей Джами с предшествующими этическими концепциями» посвящена предпосылкам этических воззрений Абдурахмана Джами. В статье сделана попытка рассмотрения доисламских, античных, мистических и каламистских источников, повлиявших на формирование этических воззрений Джами. Указывается, что в формировании этических воззрений Джами оказали влияние этические идеи Платона, Аристотеля, таджикских доисламских религий и концепций митраизма, социально-политические идеи суфизма, калама и накшбандизма, и Джами смог их синтезировать в своих произведениях, которые имеют большое значение для воспитания молодого поколения.*



***Ключевые слова:*** *человек, этика, воспитание, Чоми, таджикское, культура, идеи.*


## RELATIONSHIP OF JAMI'S MORAL IDEAS WITH PREVIOUS ETHICAL CONCEPTS


*The article «Relationship between Jami's moral ideas and previous ethical concepts» is devoted to the prerequisites for the ethical views of Abdurahman Jami. The article attempts to consider pre-Islamic, ancient, mystical and calamistic sources that influenced the formation of Jami's ethical views. It is indicated that the ethical ideas of Plato, Aristotle, Tajik pre-Islamic religions and the concepts of Mithraism, the socio-political ideas of Sufism, Kalam and Naqshbandism influenced the formation of Jami's ethical views, and Jami was able to synthesize them in his works, which are of great importance for the education of the younger generation. .*



***Keywords:*** *person, ethics, education, Chomi, Tajik, culture, ideas.*



***Сведения об автора:***

***Кучарзода Х.*** *соискатель Таджикского национального университета*

***About the author:***

***Kucharzoda Kh.*** *Applicant of the Department of the Tajik National University*

# МУНОСИБАТИ ЭТНОПЕДАГОГӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

***Аҳророва Г.У.***

*Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

Дар анъанаҳои этнопедагогии халқ, дар фалсафа ва арзишҳои фарҳангӣ-миллии мардумӣ иқтидори бузургу қавии тарбиявӣ мавҷуд аст.

Педагогикаи этникӣ дар амал тамоми паҳлу ва унсурҳои таркибии маданияти маънавӣ ва моддии этноси муайянро дарбар мегирад. Дар зери мафҳуми педагогикаи этникӣ мо ҷамъи донишҳо, усул, роҳ, восита ва методикаи кори таълиму тарбияро, ки этноси муайян дар давраи таърихии мавҷудияти худ бо мақсади ташаккул додани дониш, малака, маҳорат ва сифатҳои шахсияте, ки барои ин ва ё он этнос хос аст, ба як қолаб ва ё шакл даровардааст, мефаҳмем. Аз ҷумла, расму оин, урфу одат, анъана, эътиқод, бозӣ, бозича, тарзи меҳнат, маишат, эҷодиёти даҳонакӣ ва ғ.

Аз ин рӯ, табиист, ки имрӯз назари аксари олимон ба принсипи самтгузории фарҳанги миллӣ нигаронида мешавад, ки он татбиқи таҷриба, ғояҳо ва анъанаҳои педагогикаи халқиро амалан дар таълиму тарбия пешбинӣ мекунад. Масъалаи истифодаи анъанаҳои миллӣ дар тарбияи кӯдакон ва ҷавонон дар таълифоти илмии устодони барҷастаи асри гузашта Я.А. Коменский, И.Г. Пестолотси, К.Д. Ушинский, Л.Н. Толстой инъикоси худро ёфта буд. Осори илмии онҳо на танҳо андешаҳо, ғояҳо ва пешниҳоди умумӣ, балки консепсияҳои педагогии аз ҷиҳати илмӣ асосёфта ва амалан инкишофёфтаро дар бар гирифтаанд. Расму оинҳо ва анъанаҳои миллии халқи тоҷикро олимони соҳаи педагогикаи ватанӣ (М. Орифӣ, И. Обидов, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, Қ. Қодиров, Х. Афзалов, Б. Раҳимов, И. Каримова, А. Нуров, Ш. Шаропов), олимони машҳури таърихшинос (Б. Ғафуров, А. Шишов, В. Бартолд, М. Ханикова, В.Наливкина, М. Андреева, Ю.Якубова, А. Мухторов, С. Раҳимов, М. Бобоева), инчунин олимони адабиётшинос (С. Айнӣ, И. Брагинский, С. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Мирзозода, С. Сабзаев, А. Суфизода) мавриди омӯзиш қарор додаанд. Асарҳои заминавии академикҳо М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, тадқиқоти илмии А.Паҳлавонов, М.Сайфуллоева, Б.Раҳимов, Т.Атахонов, А.Нуров, Б.Маҷидова, Ҷ.Файзалиев ва дигарон масъалаҳои назариявӣ-педагогиро дар бар мегиранд, ки бо анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ, ташаккули дониш ва малакаҳои этнопедагогӣ дар омӯзгорон, омӯзиши аҳамият ва нақши анъанаҳои миллӣ дар тарбияи фарзанд вобастаанд, инчунин онҳо масъалаҳои педагогикаи халқиро баррасӣ мекунанд.

Рӯй овардан ба фарҳанги миллӣ дар самти таълим муҳим аст, зеро он ба яке аз самтҳои асосие, ки раванди такмили маорифи минтақаро муайян мекунад, таъсир мерасонад.Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, таълими муташаккил дар мактаб бо такя ба этнопедагогика воситаи пуриқтидори таълиму тарбия ба ҳисоб меравад. Чуноне ки олимон Раҳимов Б. ва Нуров А. қайд мекунанд, «...сабаби таъсирнокии педагогикаи этникӣ ва халқӣ аз он иборат аст, ки онҳо бевосита аз ҳаёти худи этнос ва халқ сарчашма гирифта, руҳи ҳамон этносу халқ ва орзуву омоли онҳоро ифода мекунанд» [9,3].

Асоси этнопедагогикаро муқаррароте ташкил медиҳад, ки хусусиятҳои миллӣ ва анъанаҳои тарбиявии халқҳои гуногунро ба назар мегирад. Педагоги машҳури рус А.С. Макаренко қайд карда буд, ки «мероси маънавии наслҳоро «тир» - қудрати шахсият ташкил медиҳад. Ӯ ин сарчашмаи зиндаи ҳикматро дар тӯли тамоми умраш бар дӯш дорад ва дар навбати худ онро ба фарзандони худ месупорад, аз ин рӯ «гардиши ҳастӣ» ба амал меояд» [7,136]. Хусусиятҳои хоси этнос ва халқ, пеш аз ҳама, дар анъанаҳои миллии онҳо, расму таомул, урфу одат, оину маросимҳо ва эҷодиёти даҳонакӣ инъикос ёфтааст. Бинобар ин, онҳо дар педагогикаи этникӣ ва халқӣ воситаи муҳими тарбия ба шумор мераванд. Вобаста ба ин, онҳо самаранокиву таъсирбахшии кори таълиму тарбияро таъмин менамоянд.

Дар шароити муосири рушди ҷамъият баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ ва тарбияи маънавии насли наврас, ташаккули шахсияти ватандӯсту ватанпарасти кишвар аҳамияти муҳимро касб кардааст. Анъанаҳо ва урфу одатҳои миллати тоҷик муҳимтарин категорияҳои фалсафӣ ва маънавиро инъикос мекунанд, ки ба қабули арзишҳои умумибашарӣ ва рушди иҷтимоиву маънавии мардум мусоидат менамоянд. Ба гуфти академик М.Лутфуллоев «...дар бобати муносибат ба замин, ватану ватандорӣ, мустақиливу пойдории оила, ба қадри инсон расидан, фарҳангу маданият, сулҳу оштӣ, касбу ҳунар, афрӯхтани тухми дониш халқи мо мисл надорад» [6,10]. Дар шароити ислоҳоти амалишавандаи низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои муҳими хонавода, мактаб, муассисаҳои олии таълимӣ, инчунин тамоми ҷомеа ва давлат масъалаи тарбияи насли навини кишвар маҳсуб мешавад. Пошхӯрии низоми тарбияи пешина боиси пайдо гардидани мушкилоти зиёде дар ташаккули маънавии ҷавонон гардид. Зарурати фаврии ташкили низоми нави тарбия мутобиқ ба замони нав ба миён омад. Аз ин сабаб, воситаҳои тарбиявие, ки дар педагогикаи этникӣ ва халқӣ инъикос ёфтаанд, барои тарбиядиҳандагон дастури муҳим ба шумор мераванд. Чунки онҳо чи тавре дар боло қайд карда шуд, руҳи ҳамон халқ, орзуву омол, ақлу заковат, тарз ва таҷрибаи зиндагӣ, инчунин психологияи онҳоро инъикос менамоянд. Онҳо аз ҳаёт, тарзи зиндагӣ ва таҷрибаҳои дар тӯли асрҳо санҷидашуда гирифта шудаанд. Барои ҳамин ҳам «педагогикаи этникӣ ва халқиро инъикоскунандаи ҷамъи донишҳои педагогӣ ва таҷрибаи тарбиявии этнос ва халқ» меноманд [9,11].

Дар хонаводаҳои тоҷик дар ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти инсон на танҳо меъёрҳои иҷтимоӣ, балки урфу одатҳои миллӣ, ки ба тарбияи сифатҳои маънавии шахс мусоидат мекунанд, нақши муҳим доранд. Тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ чун асоси таълими бефосила муқаррар карда шудааст. Назди илми педагогика вазифаҳои бузург ва масъулиятнок - баргардонидани анъанаҳои мардумӣ, эътиқоди ниёгон ва инчунин ҳадафҳои умумӣ - ташаккули насли аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим, ки қодиранд вазифаҳои торафт мураккаби ҳаётро ҳал кунанд, истодаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, му ҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд, ки «он миллате, ки анъанаҳои миллӣ, расму ойинҳои ниёгони худро эҳтиром намекунад, наметавонад аз дастовардҳои истиқлолият истифода намояд, дар бунёди давлату давлатдории нав саҳми худро гузорад. Миллати тоҷик ба шарофати риояи анъанаҳои миллӣ, расму ойинҳои хуб дар ҷомеаи ҷаҳонӣ эҳтиром пайдо кардааст» [8,5]. Ин ҳадаф дар «Консепсияи миллии тарбия» [2] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [5] ифодаи худро ёфтааст. Боиси тазаккур аст, ки дар раванди бунёди ҷомеаи дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиш ва истифодаи арзишҳои маънавӣ ва моддӣ, ғанӣ гардонидани мероси фарҳангӣ, ки арзишҳои умумибашарӣ, аз ҷумла сифатҳои ахлоқиро инъикос мекунанд, таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир менамояд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 50 аз 16 феврали соли 1998 «Консепсияи таълими фарҳанги миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] тасдиқ шудааст. Аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳёи арзишҳои маънавии миллат: мероси фарҳангӣ ва адабӣ, забон, ёдгориҳои хаттӣ ва меъморӣ, расму анъанаҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Инчунин таваҷҷӯҳи зиёд нисбати баланд бардоштани арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии халқи тоҷик зоҳир карда мешавад. Бо итминон гуфтан мумкин аст, ки анъанаҳо, расму русум, ҷашнҳо, идҳо, маросимҳо ва расму оинҳое, ки таърихи ҳазорсола доранд, имрӯз симои наву муосирро гирифтаанд ва дар ташаккули ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ, дар ҳифзи арзишҳои маънавии насли ҳозира, алалхусус ҷавонон нақши муҳиму ҷиддиро бозида истодаанд. Дар раванди татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ давлат тавонист, ки як қатор масъалаҳои муҳимро дар доираи ҳифзи иҷтимоии мероси таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик - анъанаҳо, расму оинҳо, маросимҳо, ҷашнҳо ҳаллу фасл намояд. Самти афзалиятнок дар доираи сиёсати иҷтимоии давлати нав, соҳибихтиёр ва демократии тоҷикон - ғамхорӣ нисбати фарҳанги иҷтимоии мардум, ҳимояи он аз таҳқир ва амалҳои

душманона мебошад. Вобаста ба ин, анъанаҳо ва расму оинҳо ҳамчун қисми муҳими педагогикаи халқӣ, ки таърихи тӯлонӣ доранд, дар тарбияи насли наврас нақши назаррас доранд. Зеро «барои тарбия ва камолоти чунин насл миллати мо тамоми асосҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва тарбиявиро доро мебошад. Анъанаҳо, расму русум, ки дар давоми асрҳо суфта шудаанд, барои тарбияи насли оянда пойдевори қавӣ мебошанд» [12, 207].

Моҳияти этнопедагогии таълимро омӯзиши омилҳои таълиму тарбия, ки бо таърихи халқ, тафаккуру шуури он, шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва табиӣ-ҷуғрофии минтақа алоқаманданд, дар бар мегирад. Этнопедагогикаро дар шакли умумӣ ҳамчун таърих ва назарияи таълими халқӣ метавон муаррифӣ кард. Мавҷудияти он истифодаи педагогикаи халқиро дар таълиму тарбияи муосир хеле муҳиму мубрам мегардонад. Чунки педагогикаи этникӣ ва халқӣ руҳи халқ, орзуву омоли ӯро ба таври объективӣ инъикос намуда, тарбиядиҳандагонро ба кори эҷодӣ ва аз ҷиҳати илмиву амалӣ асосноккардашудаи проблемаҳои муҳимтарини назария ва амалияи тарбияи насли наврас сафарбар менамояд. Аз тарафи дигар, педагогикаи этникӣ ва халқӣ раванди кори тарбиявиро такон дода, ба ташаккули худогоҳии миллӣ мадад мерасонанд, ки ин ҳам хеле муҳим аст. Барои ҳамин ҳам академик Муҳаммадҷон Шакурӣ таъкид кардааст, ки дар ҳар бобат бояд « ...омоли руҳонию равонӣ, омоли маънавӣ, худогоҳии миллӣ ба эътибор гирифта шавад» [11,20].

Барои инъикоси тарзу шаклҳои татбиқи таҷриба, ғояҳо ва анъанаҳои педагогикаи халқӣ дар таълиму тарбия истилоҳи «муносибати этнопедагогӣ» қабул шудааст, ки раванди ягонаи таҳқиқот, омӯзиш, таҳия ва татбиқи мероси ғании этнопедагогии халқ мебошад. Ҷиҳати такмил додани таълими фаннӣ мо муносибати этнопедагогиро нисбати раванди таълим интихоб кардем, зеро анъанаҳои этнопедагогии халқи тоҷик дорои иқтидори назаррас ва гуногуни тарбиявию таълимӣ мебошанд ва ба принсипҳои таълими муосир комилан мувофиқат мекунанд.Тавассути этнопедагогика ба педагогикаи умумиҷаҳонӣ, арзишҳои умумиҷаҳонии маънавӣ ва ахлоқӣ роҳе кушода мешавад, ки беҳтарин ганҷинаҳои миллии халқро тағйир ва ҷамъбаст менамояд. Бинобар ин, равиши этнопедагогӣ дар интихоби мундариҷаи раванди таълиму тарбияи муосир аҳамияти ҷиддӣ дорад. Муносибати этнопедагогӣ дар раванди таълим тавассути ғояҳои пешқадами мероси этнопедагогӣ, ҳамгироии оқилонаи он ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсон, тарбияи шахс, бо мақсади такмили ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маънавии ӯ ҷорӣ карда мешавад. Ба андешаи Г.Н. Волков «масъалаи воридкунии этнопедагогика ҳамчун далели асосии ҳалкунандаи ҳамгироии таълиму тарбия чун як раванди табиӣ ва муташаккили ҳамгироии фарҳангҳои анъанавӣ (халқӣ, миллӣ, этникӣ) бо низомҳои муосири таълимӣ, ғояҳо ва технологияҳое, ки муҳити тарбиявӣ (фазои этнопедагогӣ)-ро ташкил мекунанд, баррасӣ карда мешавад» [1,57]. Ин чиҳатро педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский ҳам хеле хуб таъкид намуда гуфта буд: «Барои ҳама танҳо як майли умумии модарзодӣ мавҷуд аст, ки тарбия ба он ҳамеша такя карда метавонад: он ҳамон чизи худи халқ ба вуҷудоварда, дар асосҳои халқӣ бунёдёфтае мебошад, ки мо онро халқияти ... тарбия меномем ... тарбияеро, ки худи халқ ба вучуд оварда, дар асосҳои халқӣ бунёд ёфтааст,ба он қувваи тарбиявие соҳиб мебошад, ки онро дар беҳтарин системаҳои ба ақидаҳои абстрактӣ асосёфта ва ё аз дигар халқҳо гирифташуда дида наметавонем» [10,132].

Баҳри ҷорӣ намудани муносибати этнопедагогӣ дар таълиму тарбия барои омӯзгорон марҳила ба марҳила пайдо намудани донишҳои зарурӣ ва кофӣ оид ба тамоюлҳои мусбии фарҳанги маънавии халқ ва арзишҳои миллӣ муҳим аст. Омӯзгорон онро бояд омӯзанд, бо он шинос шаванд, дарк намоянд ва қобилияти истифода бурдани онро дошта бошанд. Танҳо дар ин сурат, этнопедагогика ба асоси ҷараёни таълим дар мактаби миллӣ, иқтидори таълимии он мубаддал мегардад. Асоси педагогикаи этникиро анъанаҳои тарбиявӣ ташкил медиҳанд, ки ҳамчун воситаи ҳифз, такомул ва тақвияти арзишҳои маънавӣ баромад менамоянд. Тавассути онҳо аз насли калонсол ба насли ҷавон меъёрҳои рафтори инсон, нерӯи зеҳнӣ ва эҷодӣ, талаботҳо нисбати шахсият интиқол меёбанд. Анъанаҳои миллӣ барои воридшавии ҷавонон ба олами фарҳанг, баланд бардоштани одоби муошират кӯмак мекунанд. Мероси фарҳангии ҳар як халқ ғояҳо ва таҷрибаи арзишманди тарбиявиро дар бар мегирад, ки онҳо дар

анъанаҳо равшантару возеҳтар ба назар мерасанд. Дар робита ба ин, дар илми педагогика имкони воқеӣ барои истифодаи фаъолонаи анъанаҳои фарҳанги миллӣ дар таълиму тарбияи насли ҷавон пайдо мешавад. Педагогикаи мазкур инчунин барои нигоҳдории тартиби муайяни ашёҳо, тарзи муайян зист ва қоидаҳо, меъёрҳо, малакаҳое хизмат мекунад, ки ба шахсият барои инкишофи маънавӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки танҳо таҷдиди низоми маориф тарбияи инсони нав, ки қобилияти бунёди давлати ҳуқуқбунёдро дорад ва ба ӯ хусусиятҳои миллӣ ва умумибашарӣ хос аст, имкон медиҳад. Дар Консепсияи мактаби миллии тоҷик дарҷ гардидааст, ки «низоми таълим бояд унсури миллӣ-минтақавии маорифро ба назар гирад» [4]. Рушди мактабу маориф дар заминаи педагогикаи этникӣ бо назардошти афкори иҷтимоӣ ва миллии мардум - яке аз роҳҳои асосии навсозии низоми маориф дар марҳилаи муосир мебошад. Ин бо ақидаи муҳими К.Д.Ушинский: «ҳар як миллат низоми махсуси тарбиявии худро дорад» мувофиқат мекунад [10,132].

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар интихоб ва созмони мундариҷаву технологияи таълим унсури фарҳанги миллӣ нақши муҳимро мебозад, ки он бо хусусиятҳои маводи минтақавие, ки дар асоси анъанаҳои халқӣ, расму оин ва анъанаҳои мардумӣ тартиб дода шудааст, муайян карда мешавад. Унсури мундариҷавии таълим, ки бо ин роҳ ташаккул ёфтааст, барои баланд бардоштани самаранокии таълими фанҳо мусоидат мекунад ва барои эҳёи иқтидори маънавии шахс, ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллии он мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти мунтазам ва ҳадафнок дар самти истифодаи анъанаҳои миллии халқи тоҷик дар раванди таълиму тарбия асоси мустаҳкамии тарбияи маънавии насли наврасро ташкил мекунад. Дар самти омодакунии ҳайати омӯзгорони соҳибтахассус, ки донандаи таъриху анъанаҳои халқ мебошанд, дурнамои тайёр намудани кадрҳои педагогии муосирро пешбинӣ намудан лозим аст. Пас аз гирифтани омодагии мутобиқ, омӯзгороне, ки худшиносӣ ва ифтихори баланди миллӣ доранд, соҳиби ҷаҳонбинии кофии маънавӣ ва ахлоқи намунавӣ ҳастанд, аз фарҳангу маданияти халқи худ огаҳ мебошанд, дар масъалаи тарбияи маънавии насли ҷавон саҳми арзанда гузошта метавонанд, таҷрибаҳои пешқадами онҳо боиси дастгирӣ ва пайгирӣ мегардад. Дар заминаи ин тарбиядиҳандагон бояд, дар насли наврасу ҷавонон муҳимтарин сифатҳои инсониро фаъол гардонанд, арзишҳои бузурги инсонӣ ба вуҷуд оваранд, нерӯҳои инсонии насли наврасу чавононро ба бунёдкорӣ, ба ҳаёти осоишта, ба некӯкорӣ ва саховатмандӣ, бофазилативу бомаърифатӣ сафарбар намоянд, онҳоро ба пояҳои баланди инсонӣ расонанд. Онҳоро бо ҳам муттаҳид созанд, роҳи онҳоро ба сӯи одамият, ба сӯи арзишҳои башарӣ равона кунанд ва ба ҳамин восита бақои умри инсонии онҳоро таъмин намоянд.

Ҳамин тавр, омӯзишу таҳлилҳо дар таҳқиқи таҷрибаи халқии тарбия имкон фароҳам меоваранд, ки асосҳои назариявии педагогикаи этникӣ муаяйн карда шаванд, ки барои ифода намудани ғояҳои зерин дар ҷомеа аҳамияти муҳим доранд:

- ғояҳои педагогии халқ - ин натиҷаи ҳаёти маънавӣ мебошад, ки дар он зарфияти шароитҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, табиӣ-иқлимии ҳастӣ инъикос мешавад;
- шароитҳои объективие, ки дар он тақдири халқ таърихан ташаккул ёфтааст, хислатҳои миҷоз, эҳсоси олами атроф, доираи ҷаҳонбинӣ, тамоюлҳои арзиширо ташаккул медиҳанд, ки то дараҷае заминаи ғояҳои муҳими педагогии халқиро ташкил медиҳанд;
- раванди таълим оғози табиии ҳаёти воқеӣ мебошад ва дар ҷараёни он ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳим амалӣ мегардад;
- анъанаҳо, урфу одатҳо, ки дар шакли меъёрҳо, ормонҳо, қоидаҳо баромад карда, афкори ҷамъиятиро ташаккул медиҳанд, тартиби муайяни танзимкунандаи рафтори инсонро таҳия мекунанд;
- тарзи ҳаёт дар маҷмӯъ бо анъанаҳо, урфу одатҳо, эҷодиёти халқӣ идоракунии раванди таълимро таъмин менамояд;
- муносибати этнопедагогӣ дар раванди таълиму тарбия бахри ташаккули ҳисси эҳтироми насли наврас ба таърихи гузаштаи хеш мусоидат менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Волков Г.Н. Этнопедагогика / Г.Н. Волков. - Москва, 1999. -168с.

2. Консепсияи миллии тарбия (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №94)
3. Консепсияи таълими фарҳанги миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Рӯзномаи «Минбари халқ», 1998.
4. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. Душанбе, 1995. – 221 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе, 2010. – 31с.
6. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2001. – 336с.
7. Макаренко А.С. Педагогические сочинения в 8 томах. Т.1. / А.С. Макаренко. -Москва: Педагогика, 1983. С.136
8. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. -Душанбе: Ирфон, 2002.-128с.
9. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик / Б. Раҳимов, А.Нуров. -Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 295 с.
10. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитании. //Избр.пед.соч. В 2 т. / К.Д. Ушинский. - Москва, 1974. –Т.1 –с.51-123.
11. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо / М. Шакурӣ. -Душанбе: Оли Сомон, 1997.
12. Шарифзода Ф. Педагогикаи ҳамгиро / Ф. Шарифзода. - Душанбе: Ирфон, 2011.-411с.

## ЭТНОПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ПОДХОД К ПРОЦЕССУ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

*В статье рассматриваются проблемы этнопедагогического подхода в процессе обучения и воспитания подрастающего поколения. В этнопедагогических традициях народа, в его философии и этнокультурных ценностях заключен огромный образовательно-воспитательный потенциал. Отмечается, что ориентация на этнокультурную направленность образования является принципиальной, так как затрагивает один из существенных векторов, определяющих направление процесса совершенствования регионального образования. В целях совершенствования предметного обучения выбран этнопедагогический подход к учебно-воспитательному процессу, поскольку этнопедагогические традиции таджикского народа обладают значимым и разнообразным воспитательно-образовательным потенциалом и вполне согласуются с принципами современного образования.*

***Ключевые слова:*** *этнопедагогический подход, традиции и обычаи, воспитание, ценность, культура.*

## ETHNO-PEDAGOGICAL APPROACH TO THE PROCESS OF TEACHING AND EDUCATION OF THE GROWING GENERATION

*The article discusses the problems of ethno-pedagogical approach in the process of training and education of the younger generation. In the ethnopedagogical traditions of the people, in their philosophy and ethnocultural values, there is a huge educational potential. It is noted that the orientation toward the ethno-cultural orientation of education is fundamental, since it affects one of the essential vectors that determine the direction of the process of improving regional education. In order to improve subject teaching, an ethnopedagogical approach to the educational process was chosen, since the ethnopedagogical traditions of the Tajik people have a significant and diverse educational potential and are fully consistent with the principles of modern education.*

***Key words:*** *ethno-pedagogical approach, traditions and customs, upbringing, value, culture.*

***Сведения об автора:***

***Ахророва Гульчехра Усмоновна****, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского и русского языков института экономики и торговли таджикского государственного университета коммерции (республика таджикистан, город худжанд). ТЕЛЕФОН: 927422565*

***About the author:***

***Ahrorova Gulchehra Usmonovna****, Candidate of philological sciences, docent of the department of Tajik and Russian languages, Institute of Economy and Trade, Tajik State University of Commerce. (Republic of Tajikistan, Khujand city)., Tel: 927422565*

# ТАЪЛИФИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ТИБҚИ НИЗОМИ НАВИ ТАҲСИЛОТ

***Шарифхон А. Р.***

*Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб*

Тибқи талаботҳои замони муосир бояд низоми сифатан нави таҳсилот эҳё карда шавад, ки мазмуну мундариҷаи он ба беҳдошти ҳаёти инсон асос гузорад, тафаккур, заковати фикрӣ, шуур, маънавиёт ва ҳунари эҷодгариро ба ҳаракат оварад. Дар шароити муосири инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар зарурати ба тарзи нав фикр рондан ва кор бурдан, ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия тибқи низоми навӣ таҳсилот ва мутобикат намудани китобҳои дарсӣ ба миён омад. «Вазифаи асосии низоми маориф, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», - фароҳам овардани шароити мусоид ва зарурӣ барои ташаккул ва рушди шахсият дар заминаи арз0ишҳои миллии умумибашарӣ, дастовардҳои илмӣ ва амалӣ мебошад». [1]

Гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим амри саривақтӣ ва зарурӣ буда, татбиқи он аз ҳамаи ширкаткунандагони ҷараёни таълиму тарбия сохторҳои идораи соҳаи маориф ва мутахассисони он, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон, муаллифони китобҳои дарсӣ ва маводи таълимиву методӣ, хонандагон ва падару модарон масъулияти баланди коршиносӣ ва шавқу ҳаваси беандозаро дар роҳи таълиму тарбияи кӯдакон тақозо мекунад.Табиист, ки ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар таълим ҷараёни дарозмуддат буда, он таҷдиди назарро ба барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, аз як тараф ва баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгоронро, аз тарфи дигар, дар назар дорад. Бори дигар бояд таъкид намуд, ки гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим маънои тамоман аз байн бурдани таълими анъанавиро ифода намекунад, балки он муҳимтарин ҷиҳатҳои мусбати таълими анъанавиро бо роҳу усулҳои муассири рушди салоҳиятнокии донишҷӯён дар назар дорад. Китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумиву касбӣ дар асосии низоми нави таҳсилот яъне муносибати босалоҳият дар таълим таълиф шуда истодаанд, ки дар ташаккул ва рушди малакаву маҳорати истифодаи донишҳои азхудшуда мусоидат менамояд. Китобҳои дарсии мазкур натанҳо баҳри аз худ кардани донишҳои зарурӣ, балки ба ташаккули шахсияти мустақил, ки тавонад дар ҷомеа мавқеи шоистаи худро пайдо кунад, таҳия шудаистодаанд. [8]

Вазифаи китоби дарсӣ чун воситаи асосии таълим, ки фаъолияти омӯзгор ва донишҷӯёнро бо ҳам алоқаманд менамояд.Таъиноти китоби дарсӣ он аст, ки он на танҳо як нақшаи шахшудаи донишҳои тайёри барои тақсим омодашуда, на маҳфузгоҳи маводҳо бо забони хориҷӣ, ки умуман барои омӯзиш таъин шудааст, китоби дарсӣ бояд барномаи паҳнои фаъолияти таълимӣ бошад, ки бо назардошти принсипҳои умумии дидактикӣ ташкил шудааст ва барои азхудкунии фаъолият бо забони хориҷӣ (коммуникативӣ), тарбия ва таълимоти умумии донишҷӯён равона шудааст.

Барномаи таълими ҷорӣ дар муассисаҳо таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба сифати барномаи таълими ҳатмӣ эътироф шудааст, бинобар ин зарурат аст, ки зимни таҳияи барномаҳои таълими фанҳо дар муассисаҳо, ҳамчунин дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълим, методҳои самараноки таълим ба эътибор гирифта шавад. [3]

Китобҳои дарсии забони англисии мо асосан аз рӯйи барномаи таълими мамлакатҳои дигар таҳия карда мешаванд ва аксаран ба шароити иҷтимои ва иқтисодии мо инчунин муҳити зиндагии мо мутобиқат намекунанд ва омӯзгорони муассисаҳои оллӣ ва миёнаи касбӣ аз онҳо истифода мебаранд. Аммо, баъзе омӯзгорон шикоят ҳам мекунанд,ки китобҳои забони англисии мактабҳои миёна бисёр душворфаҳм ҳастанд мебояд китобҳои дарси муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касби ба замони муосир мутобиқат шуда тибқи низоми нави таҳсилот таҳия карда шаванд. Китобҳои дарсии мауассисаҳои миёнаи касби бояд барои донишомӯзон ва донишҷӯён баҳри рушди малакаҳои интерактивӣ ва коммуникативии онҳо содда ва мақсаднок бошанд. [6]

Китобҳои дарсӣ бояд тавре сохта ва таҳия карда шаванд,ки барои истифодаи донишҷӯён мусоидат кунанд барои ба мақсадҳои забонӣ ноил шудан мебояд методу усулҳои ба таври муассир ҷой дода шаванд. Муаллифон бояд ниёзҳои омӯзгорон донишҷӯёнро ҳамчун таҳқиқотчи ва донишомӯз ба назар гиранд ва бояд бо пешрафти илму техника ва фарҳанги миллии тоҷикистон мусоидат кунанд. Вақте ки дар китоби дарсӣ ҷанбаҳои инноватсионӣ, эҷодӣ ва интерактиви ҷой дода мешавад, омӯзгорон ва хонандагон аз он лаззат мебаранд ва сатҳи забондонӣ вусъат меёбад.[9]

***Хусусиятҳои муҳими китоби дарсии забони хориҷии муосир:***

Асосҳои сохтории китоби дарсӣ ҳамчун воситаи пешбарандаи таълими забони хориҷӣ бояд ба равиши ҳаёти воқеии донишҷу эҳтиёҷоти касбии ӯ, ниятҳо ва ҳадафҳои касбӣ нигаронидашуда бошад. [11]

Дар муқоиса бо муқаррарот ва ташаккули омилҳои дохилию зоҳирӣ , мо дар доираи умумӣ кӯшиш намудем китоби дарсии муосири забони хориҷиро тавсиф диҳем ва баъзе аз хусусиятҳои муҳими онро баррасӣ намоем:

1. Вазифаи китоби дарсӣ чун воситаи асосии таълим, ки фаъолияти омӯзгор ва хонандагонро бо ҳам алоқаманд менамояд.

2. Таъиноти китоби дарсӣ он аст, ки он на танҳо як нақшаи шахшудаи донишҳои тайёри барои тақсим омодашуда, на маҳфузгоҳи маводҳо бо забони хориҷӣ, ки умуман барои омӯзиш таъин шудааст, китоби дарсӣ бояд барномаи паҳнои фаъолияти таълимӣ бошад, ки бо назардошти принсипҳои умумии дидактикӣ ташкил шудааст ва барои азхудкунии фаъолият бо забони хориҷӣ (коммуникативӣ), тарбия ва таълимоти умумии донишҷӯён равона шудааст.

3. Қобилияти ба сифати қолаби тарҳдорӣ низоми таълими забони хориҷӣ дар се марҳилаи баррасӣ баромад кардани китоби дарсӣ: чун умумият ва инъикоси алоқаманди ҳамаи зуҳурот ва равандҳои соҳаи мазкури объектӣ-ашёӣ (макроусул); чун инъикоси (маҳсули) низоми методӣ (консептуалӣ)-ё, ки фаҳмиши инфиродии иҷтимоӣ-сабабии макронизом ҳамчун замима ба ягон забони хориҷии муайян мебошад; ва ниҳоят чун қолаби раванди педагогӣ, ки онро дар шакли рамзии он (соддакардашуда, дағалкардашуда, идеалгардонидашуда) барқарор менамояд ва робитаҳои нисбатан ҷиддии дохилӣ ва берунаи амалии онро инъикос мекунад.

Ин нуқтаи назари усули кори низомӣ-сохторӣ оиди китоби дарсӣ, зиёд шудани вазифаи методика ҳамчун илм дар маҷмӯъ, инчунин тақвият ёфтани робитаҳои байни назария ва амалияи таълими забонҳои хориҷӣ дар марҳилаи муосир вобаста мебошад.

4. Қобилияти китоби дарсӣ дар намуди мухтасар, умумикардашуда, ҳамгироишуда ва ҷавҳаршуда намоиш додани ҳамаи қисматҳои низом, ки дар категорияҳои асосии методӣ: мақсади таълим, мундариҷаи китоби дарсӣ (мундариҷа ва сохтори маводҳои таълимӣ бо забони хориҷӣ), раванди педагогӣ (равандаи ташаккули дониш бо забони хориҷӣ, маҳорату малака дар шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ), усулҳо (методҳо) (чун умумиятҳои тарзҳои гуногуни таълим) ва воситаҳои таълим (барнома, дастурҳои ёрирасони дидактикӣ, азҷумла воситаҳои техникии таълим) инъикос шудаанд.

5. Қобилияти китоби дарсӣ дар расонидани таъсири фаъол на танҳо ба раванди педагогӣ, балки мутобиқшавии он ба шароитҳои воқеии баргузории он, ки китоби дарсиро чун низоми мутобиқшаванда-мутобиққунанда тавсиф медиҳад.

6. Қобилияти китоби таълимӣ дар муттаҳидкунии ҳамаи воситаҳои боқимондаи таълим ва баромад чун маҷмӯи томи таълимӣ-методӣ, яъне ба сифати низоми татбиқи эҳтиёҷоти асосии раванди педагогии муосир: ташкил (банақшагирӣ) ва таъмини моддии дарс, амаликуниидонишҳои азхудшуда, дар фаъолият таҳти роҳбарии омӯзгор ва фаъолияти мустақилона, байни фаъолияти инфиродӣ ва коллективӣ ва ғайра ҳизмат мекунад.

7. Қобилияти китоби дарсӣ (тамоми маҷмӯи таълимӣ-методӣ) дар иҷрои вазифаи дастгоҳи идоравие, ки ҳам фаъолияти донишандузон, ҳам фаъолияти омӯзгоронро ташкил менамояд ва онҳоро ба таври мухталиф идора мекунад ва ҳамкории онҳоро таъмин менамояд.

8. Қобилияти китоби дарсӣ (тамоми маҷмӯи таълимӣ-методӣ) дар муттаҳидкунии маълумоти лингвистӣ ва экстралингвистӣ, ки азхудкунии тадриҷии маводи лингвистӣ (дар заминаи амалҳои воҳидҳои забони хориҷии бо тарзи муайян ташкил шуда)-ро дар ҳамкории доимӣ бо маводҳои экстралингвистӣ таъмин мекунад.

9. Қобилияти китоби дарсии забони хориҷӣ дар ҷалби маълумоти гуногун аз соҳаҳои мухталифи фаъолияти вобаста ба ҳаёти миллати худ ва ҳаёти миллатҳои дигар, инчунин маълумот аз соҳаҳои гуногуни илм ва санъат бо истифодаи онҳо ба сифати мундариҷаи ашёии раванди муошират бо забони хориҷӣ, ҳам бевосита ва ҳам тавассути китоб ва бо ин восита таъмини васеъшавии ҷаҳонбинии умумии таълимӣ ва мадании хонандагон, ташаккули ҷаҳонбинӣ, эътиқоди онҳо.

10. Қобилияти китоби дарсии забони хориҷӣ дар инкишофи на танҳо фаъолияти идрокии хонандагон ба маънои томи ин калима, балки фаъолияти нутқӣ-зеҳнии онҳо бо таъмини дарки хусусиятҳои хоси муошироти нутқӣ, ташаккули билингв (дузабонӣ – бигзор дар доираи маҳдуд бошад ҳам).

11. Қобилияти китоби дарсии забони хориҷӣ дар идоракунии вазифаҳои мазкур тавассути низоми зинабандишудаи машқҳо, ки ҳаддалимкон ба талаботҳои ба воҳиди асосии таълим (яъне, дар ҳар ҳолати алоҳида дар як вақт муқарраркунии самти амал, иҷрои он ва худназораткунӣ таъминкунанда) ва хусусиятҳои ҳар як намуди фаъолияти нутқӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ ҳастанд.

12. Қобилияти китоби дарсии забони хориҷӣ истифода на танҳо дар таълим бо маънои томи калимаи мазкур (чун фаъолияти идрокӣ) ҳангоми тарбияи ҳамаҷонибаи шахсият, балки воситаҳои дигар, ба монанди муошират, бозӣ; қобилияти китоби дарсӣ дар таъсир ҳам ба соҳаи идрокии равонӣ ва ҳам ба соҳаи ғайриравонии он.

13. Қобилияти китоби дарсии муосири забони хориҷӣ дар пурракунии муҳити мавҷуднабудаи забони хориҷӣ, ташкили муҳити муошират бо забони хориҷӣ, баромад дар вазифаи шарик бо водоркунии донишҷӯён ба рафтори мутобиқи забони хориҷӣ, бо ташкили асосноккунӣ, бедоркунии шавқ ва омодагӣ ба амаликунии муошират.

14. Имконияти инкишофи баробари ҳам қобилияти забонӣ ва ҳам қобилияти донишҷӯён дар соҳаҳои мухталифи ҷомеаи имрӯза (тавассути сухан рондан, баҳс кардан), инчунин имконияти амаликунии тарбияи эстетики хонандагон.

Агар маълумотҳои тавсифномаи китоби дарсии забони хориҷӣ бо қонуниятҳои асосӣ ва методии дар боло зикршудае, ки мо онҳоро ба сифати муқаррароти фанни таълимии худ қабул кардем, мутобиқати онҳоро мушоҳида кардан мушкилие надорад. Ин шоҳиди он аст, ки дар тавсифномаҳои мазкури китоби дарсӣ махсусияти фанни таълимии мо инъикос шудааст, ҳарчанде, ки ба китоби таълимии мо ҳамаи хусусиятҳои китоби дарсии дилхоҳ хос аст. Ба қатори онҳо, масалан тавсифҳои 1-5 ва қисман 6 ва 7 (барои фанҳои таълимии дорои китоби дарсии маҷмӯавӣ)-ро дохил кардан мумкин аст.

Дар хусуси хусусиятҳои боқимонда (8-14), дар қисматҳои алоҳидаи онҳо метавонанд ба инчунин хусусиятҳои китоби таълимии забони модарӣ дохил карда мешаванд, ҳарчанде, ки асосан хусусиятҳои забони ғайримодариро инъикос мекунанд, мисол: азхудкунии марҳилавии воситаҳои забонӣ – лексикӣ, грамматикӣ, фонетикӣ (8); ташаккули билингвҳо (10); истифодаи васеи шаклҳои тарбияи шахсият ба монанди муошират, баҳс, усулҳои нави таълимоти,бозӣ (12,13) ва ғайра.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои мазкур аз як тараф он умумияте, ки китоби муосири забони хориҷӣ бо китобҳои таълимии дигари мактабӣ дорад, аз тарафи дигар – хусусиятҳои онро (дар монандкунии якум) инъикос мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки хусусиятҳои зикршуда хусусиятҳои инвариантии китоби дарсӣ, ба монанди миқдор ва мундариҷаи мавзӯъҳо ва фаслҳо, таносуби маводҳои матнӣ ва тасвирӣ таносуби намудҳои фаъолияти нутқӣ, ки тибқи барнома, марҳилаҳои таълими донишҷӯён, инчунин хусусиятҳои субъективии муаллифон, ки ба китоби дарсӣ хусусиятҳои инфиродии худро ворид мекунанд (мисол, хушзеҳнӣ, шавқ, завқ ва ғ.), муайян карда мешаванд. [9]

Масъалаи воситаҳои таълими забони хориҷӣ басо муҳим аст, ки он дар асарҳои олимону методистони солҳои 70-90 садаи XX худ кор карда шудааст. Профессор С.Ф.Шатилов ба васоити таълим, пеш аз ҳама, китоби дарсӣ барои талабагон, китоби методӣ барои омӯзгорон, дастурамалҳои таълимию методӣ, маводҳои озмоиширо дохил мекунад. Васоити асосии таълим китоби дарсӣ маҳсуб мешавад, ки дар он тақсимоти маводи забонӣ ва нутқӣ, системаи машқҳо бахри комёб шудан ба малака ва маҳорати зарурӣ доир ба ҳарфзанӣ, шунида фаҳмидан, хондан ва навиштан дода шудаанд. Аз рӯи ин сарчашма омӯзгор ҳар як вазифаю супоришҳои таълимиро зина ба зина амалӣ мегардонад. [13]

Дар китобҳои дарсӣ бояд тақсимоти маводи забонӣ ва нутқӣ, системаи машқҳо баҳри комёб шудан ба малака ва маҳорати зарурӣ доир ба ҳарфзанӣ шунидан, фаҳмидан, хондан ва навиштан дар ҳаҷми кифоягӣ дода шаванд.

Моҳияти методологии самаранокии омӯзишро аз фанни забони англисӣ метавон ба чор усул (метод), чун гуш кардан, суханронӣ, хондан ва навиштан тасниф намуд, ки ҳар яки он дар мавриди худ бояд ба таври зайл истифода карда шаванд.

**Сӯҳбат:** - матнҳои машқӣ, амалҳои такрории муфид ва матнҳо барои пешниҳод намудани таркибҳои сохтории нав, муколамаҳо;

**Ҷавоб додан ва мухокима намудан:**- мубоҳисаи шунавандагон ва ба вуҷуд овардани ҳиссҳои шавқӣ, саволу ҷавобои эҷодкоронаи ин қисмат раванди тафаккуриро мустаҳкам ва таъмин менамояд;

**Ҳамкорӣ (муоширaт):** - суҳбати кутоҳ ивазшаванда, ки хонанда ҳолати навро бо ёрии калимаҳои ёрирасон адабтатсия (мутобикшавӣ) менамояд;

**Омӯзиш**- коидаҳои грамматикиро бо роҳи осон пешкаш медиҳад, ба хонанда барои тез ва ба таври визуалӣ хонда бо сохтори забони англисӣ шинос шудан имконият медиҳад.

**Машкҳо:** пас аз ҳар як мавзӯи грамматикӣ барои мустаҳкамкунии донишҳои хосилшуда оварда шудааст;

**Гуш кардан (шунида фахмидан):** ҳосил кардани малакаи гушкунӣ ва дар узвҳои ҳиссии худ татбиқ намудани маҳорат ва ба ин васила дарёфт кардани натиҷаи биологии мутобиқшавии вуҷуд (организм) ба талаботи ҳодисаҳои забонии забони нав (адабтатсия);

**Суханронӣ:** донишҷӯёнро барои интихоб ва истифодаи таркибҳои гуногуни матн хидоят намуда ба гап задан водор менамояд;

**Хондан:** донишҳои навро ҳосил, донишҳои хосилшударо аз нукс ислоҳ ва донишҳои навро ба вуҷуд оварда, раванди мустаҳкамшавии донишҳои маҷмуиро таъмин менамояд;

**Тафаккур:** ҳифзи доимии донишҳои ҳосилшударо таъмин намуда, раванди парешон ва нобудшавиии донишҳоро бозмедорад, қобилияти нав ва нисбатан васеи азбаркунии донишҳои назариявӣ ва амалиро ба вуҷуд меорад.[4]

Барои омода сохтани донишҷӯён ба ҷаҳони воқеи, усулҳои нави таълимӣ ва низоми нави таҳсилот дар ҷумҳури татбиқ шудааст. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба усулҳои нави таълимӣ, самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти оли миёнаи касбӣ ва умуми, инчунин талаботи касбии омӯзгорон дар асри XXI яке аз ҳадафҳои асоссии рушди маориф дар замони муосир мебошад.

Омӯзгорони муассисаҳои тахсилоти миёна ва олии касбӣ дар навбати аввал бояд методҳои омӯзиши навро донанд ва методология худро сайқайл диҳанд, инчунин истифодаи самараноки низоми нави тахсилотро дар раванди дарси худ татбиқ намоянд. Имрӯзҳо, муаллимони забони англисии мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ бояд дар бораи методҳои салоҳиятноки фаҳмиши бузург дошта бошанд эҳтимол аст, ки то ҳол омӯзгорон ва донишҷӯён ба ин низоми таҳсилот омода нестанд, инчунин омӯзгорон аз ин низом бахусус аз методҳои омӯзиши навин бохабар нестанд. Бояд қайд намуд, ки мушкилии асоси ин вуҷуд доштани шумораи зиёди донишҷӯён дар аудитория андозаи калони синфхонаҳо ва маҳдуд будани маводҳои таълими китобҳои дарсӣ тибқи низоми нави таҳсилот ва соатҳои зиёди омӯзгорон дар раванди таълим мебошад. [6]

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ толибилм бояд дониш илм ва маълумоти ҳам назариявӣ ва ҳам роҳи ҳалли татбиқи онро дар ҳаёт низ омӯзанд.

Таълим тибқи методҳои самараноки омӯзиш, бо истифодаи методу усулҳои мувофиқ дар раванди дарс вобастаги дорад. Таълими самарнок бо методу усулҳои муосир фаъолияти шахсро бедор намуда, ба мустақилияту эҷодкори ҳидоят мекунад.

Дар раванди ташакулёби ҷаҳони имрӯза ва тарақиёти илму маърифат ҷомеаи омӯзгоронро зарур аст, ки дар соҳаи илм ва маориф дигаргунии кулли ворид намояд.Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки баҳри баланд шудани савияи дониши хонандагон ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.[3]

Тибқи методҳои самараноки таълим омӯзгор масъулияти роҳбаладиро иҷро карда, бештар талош мекунад, ки қобилияти мустақилона андеша ва амал кардани хонандагонро рушд диҳад. Ин гуна методу усулҳои самараноки таълими ба табиати инсон ва қонунҳои инкишофи он мутобиқат карда, амалан ҳисси кунҷковӣ ва кӯшишҳои мустақилона амал кардани шогирдонро тадриҷан, рушд медиҳад. Албатта, дар татбиқи ин назария сатҳи дониш, таҷриба, маҳорат, ирода ва муҳаббати муаллим нисбати касби интихобкардааш таъсири муҳим дорад. Тибқи талаботҳои нави педагогӣ, дониши хуб доштани омӯзгор, бо маҳорати касбӣ мусалаҳ будани ӯ ва ба моҳияти технологияи навини педагогӣ шинос буданаш яке аз роҳҳои муваффақ шудан дар роҳи тадрис башумор меравад.

Омӯзгорони фанни забони анлисӣ низ, бояд уҳдадории худро аз рӯи барномаи таълими тибқи методу усулҳои самарабахши таълим иҷро карда, омӯзиши забони англисиро дар муҳити атрофи донишҷӯён созанд ва нутқи шифоҳии онҳоро сайқал диҳад. Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо истифодаи техника ва технологияи навин хело осон ва муфид мебошад.[4]

Истифодаи методу усулҳои навин, муносибат ба таҳсил, шакли тадрис бояд тибқи методҳои самараноки таълим сурат гирад, аз ин лиҳоз ба мо зарур аст,ки дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ дар баробари дигаргунсозии куллӣ дар низоми таҳсилот, истифодаи методҳо, навгониҳо шаклу усулҳои самараноки таълимро ба китобҳои дарсӣ ва маводҳои таълимии тадрисшаванда ворид намоем.

Агарчи дар китобҳои таълиф шудаи солҳои пешин низоми анъанавӣ рушд ёфта буд ки толибилмон донишҳои зиёд аз бар мекарданд, вале дар китоби дасрии муосир бояд роҳҳои дар зиндагии ҳаррӯза чигуна татбиқ кардани донишҳои азбаршударо нишон дод. Бинобар ин васоити таълим, пеш аз ҳама, китоби дарсӣ барои донишҷӯён, китоби методӣ барои омӯзгорон, дастурамалҳои таълимию методӣ, маводҳои озмоиширо ба замонӣ муосир ва тибқи низоми нави таълим бояд мутобиқ намуд. Дар китоби дарсии муосир мебояд хусусиятҳои методологӣ, интихоби метод, ва усулҳои таълим, самаранокӣ, татбиқи назария дар амалия, таиноти супоришҳо, интихоби супоришҳои мувофиқ ба ҳаёти имрӯза ба инобат гирифта шаванд.[8]

**АДАБИЁТ**


1. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо Лутфуллозода М., Душанбе – 2017
2. Артёмов В.А. – Психология обучения иностранным языкам. М., 1969
3. Бобизода,- Дастури методӣ – «муносибати босалоҳият дар таълим» - душанбе-2007
4. Грамматикаи забони англисӣ- Грамматикаи забони англисӣ Кулиева З.Ҳ Душанбе-2007
5. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2003
6. Методҳои самараноки таълим, Фахриддин Мирзоахмедов-Душанбе-2008
7. Педагогика Файзулло Шарифзода- Душанбе-2008
8. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ-Шарифзода Ф, Миралиев А.М
9. Пассов Е.И. – Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению. М. 1991.
10. Пассов Е.И. – Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению. М. 1991
11. Рогова Г.В., Верещагина И.Н. – Методика обучения английскому языку в общеобразовательных учреждениях М. 1998.
12. Рогова Г.В., Верещагина И.Н. – Методика обучения английскому языку в общеобразовательных учреждениях М. 1998
13. Современный учебник иностранного языка Для неязыкового вуза: проблемы и перспективы И. П. Павлова Вестник МГЛУ. Выпуск 12 (618) / 2011

14. Юньев В.И. - Теория и практика создания учебников иностранного языка. Жур. Иностранные языки в школе. 1974 №1
15. A modern foreign language textbook: personality development content and target users Elena M. 2021.
16. A foreign language textbook as a tool for professionalizing a future linguist's language training Indira R.2021

## РАЗРАБОТКА УЧЕБНИКОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В СООТВЕТСТВИИ С НОВОЙ СИСТЕМОЙ ОБРАЗОВАНИЯ

*В статье рассматриваются требования к разработке современного учебника иностранного языка для высших учебных заведении и неязыковых факультетов. Учебник является основным компонентом учебно-методического комплекса, а требования к нему и учебно-методическому комплексу в целом определяются основными положениями компетентностного подхода и прояснить цели, выбор содержания обучения и характер образовательных задач учащихся.*

*В этой статье мы перечисляем общие требования к учебникам иностранного языка для неспециализированных факультетов на основе результатов исследований, собственного опыта обучения, результатов анализа и рецензирования учебников по наблюдению коллег и студентов.*

*В статье отражены основные требования к разработке учебников на иностранном языке, устранение имеющихся недостатков, рекомендации по принципам написания английских книг в неязыковых высших учебных заведении.*

***Ключевые слова:*** *учебник, компетенция, студенты, методы, обучение, учебная программа, развитие, иностранный язык, образование.*

## DEVELOPMENT OF ENGLISH LANGUAGE TEXTBOOKS ACCORDING TO THE NEW EDUCATION SYSTEM

*The article discusses the requirements for the development of a modern textbook of a foreign language for universities, institutes and non-linguistic faculties. The textbook is the main component of the educational-methodical complex, and the requirements for it and the educational-methodical complex as a whole are determined by the main provisions of the competence-based approach. And to clarify the goals, the choice of learning content and the nature of the educational objectives of the students.*

*In this article, we list the general requirements for foreign language textbooks for non-specialized faculties based on research results, personal learning experience, textbook analysis and review results, and observations of colleagues and students.*

*The article reflects the basic requirements for the development of textbooks in a foreign language, elimination of existing shortcomings, recommendations on the principles of writing English books in non-linguistic universities and institutes.*

***Key words:*** *textbook, competence, students, methods, teaching, curriculum, development, foreign language, education.*

***Сведения об авторе:***

***Шарифхон Абдулманон Раджабзода-*** *преподаватель, ассистент кафедры иностранных языков и модели инновационной образования, Института технологий и инновационного менеджмента в город Кулябе.* ***Адрес:*** *г. Куляб, ул. Борбад,* ***Тел:*** *(992) 988829082*

***Information about the author:***

***Sharifkhon Abdulmanon Rajabzoda -*** *Teacher, Assistant of the chair of Foreign Languages and Models of Innovative Education, Institute of Technology and Innovation Management in Kulob City.* ***Address:*** *Kulob City, Borbad`s Street,* ***Phone:*** *(992) 988829082,* ***E-mail:*** *sharifkhonnosirov@gmail.com*

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроға ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть пристатейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

**ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**(Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ)**

**2021. № 5-6 (9-10)**

---

**Издательский центр**
**Таджикского педагогического университета им. С.Айни**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник педагогического университета»:**
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 30,12 усл. п.л. 17,67
Подписано в печать 22.11.2021 г. Заказ №2020/30-01
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.